# ШАҲРВАНДИ ВА ИШТИРОК
# ДАР ИДОРАКУНӢ

# ШАҲРВАНДИ ВА ИШТИРОК ДАР ИДОРАКУНӢ

## нақши шумо дар ҷомеаи шаҳрвандии асри XXI



Қисми I ✧ Синфи 10

# Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ -

## нақши шумо дар ҷомеаи шаҳрвандии асри 21

Қисми 1
Синфи 10

Кыргыз Республикасы
№ 1935

Бишкек-2006

УДК 372.8
ББК 74.263
Ш 31

Ш 31 Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ - нақши шумо дар ҷомеаи шаҳрвандии асри 21:
Қисми 1, Синфи 10, ФБСИ, 2006, 168 саҳифа
ISBN 9967-23-636-1

Ин китоби дарсӣ, ки аз ду қисм иборат аст, дорои маълумот барои мактабиён ва таҷрибаомӯзон буда, инчунин дастури методӣ барои омӯзгорон ба шумор меравад. Ин китоби дарсӣ ба забонҳои қиргизӣ, русӣ ва ӯзбекӣ чоп гардидааст.

ФБСИ бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои санҷишу озмоишҳо ва шарҳу тафсирҳои хонандагон ва омӯзгорон ба варианти озмоишии ин нашрия тағироти зиёд ворид намуд. Тағироти асосӣ ба соддатар намудани баъзе бобҳо ва дигаргунии амиқи се боби аввал вобаста мебошад. Ба ҷуз ин илловаҳои қисми дуввум ба қисми аввал ворид гардидаанд.

Дар вақти омода сохтани китоб натиҷаҳои раъйпурсии (референдуми) соли 2003 дар назар гирифта шуд. На танҳо матнҳо, балки машғулиятҳо низ тағир дода шуданд.

Ин китоби дарсӣ аз тарафи Вазорати маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон (фармони № 426/1 аз 23 маи соли 2003), Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон (фармони № 05-3/1274 аз 27 апрели соли 2004), тасдиқ гардида, аз тарафи Академияи маорифи Қирғизистон (хулосаи № 490 аз 21 маи соли 2004) таъйид ва тавсия шудааст.

Ин китоб барои фурӯш пешбинӣ нашуда, ба таври маҷҷонӣ (бепул) тақсим карда мешавад.

Китобро Саймон Дженкинс таҳрир намудааст.
Муҳаррири тарҷумаи тоҷикӣ – Рустам В.
Мутарҷим – Қосим Б.

**Муаллифон:**
Джулиана Пилон
Лестер Саламон
Тони Боуэр
Чедомир Флего
Ламар Крейвенс
Крис Щупп
Владислав Пототский
Юрий Подкуйко
Болот Малабаев
Алтинай Карасаева
Ирина Ячник
Анатолий Макаров
Акжол Бердиев
Канат Сидиков
Светлана Осауленко
Элеонора Проншина

**ФБСИ-Қирғизистон:**
Дэвид Микош
Дмитрий Шевкун
Кенешбек Сайназаров
Альфия Фаттахова
Данияр Ибрагимов
Гулжан Мамадиева
Чинара Куменова
Гулнура Абиталиева
Жамиля Абдинасирова
Екатерина Бугазова
Зарина Искакова
Евгений Гречко

Ш 4306010800
ISBN 9967-23-636-1

УДК 372.8
ББК 74.263
© IFES, 2006

## *Арзи сипос:*

***ФБСИ** аз Вазорати маориф ва Академияи маорифи Қирғизистон барои дастгирии доимиашон сипосгузорӣ менамояд.*

**ФБСИ аз афроди зер махсус ташаккур менамояд:**

1. Ишенгул Болджурова
2. Камила Шаршекеева
3. Мурат Иманкулов
4. Аманбек Нормирзоев
5. Галина Сергунина
6. Вера Виговская
7. Ишенбай Кадирбеков
8. Адахан Мадумаров
9. Алишер Собиров
10. Елена Виноградова
11. Ишенбек Жолбунов
12. Анатолий Ромашко
13. Елена Коренева
14. Наталя Авдеева
15. Людмила Синипостол
16. Феруза Амадалиева
17. Лариса Марченко
18. Лила Фалтина
19. Мирзо Каримов
20. Иттиҳодияи ҳуқуқшиносони Амрико – Барномаи Ташаббуси ҳуқуқӣ барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Евразия
21. АРД/Чекки - Тарҳи рушди ҳуқуқи тиҷорӣ
22. Институти Демократии Миллӣ

***Аз ҳамаи омӯзгорон, хонандагон ва таҷрибаомӯзоне, ки дар баргузории озмоишҳои марбут ба ин китоб иштирок намуданд.***

## МУНДАРИҶА

**Бобҳо ва супоришҳои он бо қайдҳо барои муаллимон**


Боби 1 Маълумоти шаҳрвандӣ, шаҳрвандон ва равандҳои иҷтимоӣ ..... 7
Боби 2 Оила ва ҷомеа ..... 20
Боби 3 Ҳуқуқ башар ва ҳуқуқҳои байнамилалӣ ..... 28
Боби 4 Назарияҳои иқтисодӣ: моликият ва рушди иқтисодӣ ..... 41
Боби 5 Муносибатҳои мутақобилаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ..... 53
Боби 6 Пайдоиши давлат ва миллатгароӣ ..... 63
Боби 7 Давлат ва ҳокимияти сиёсӣ ..... 73
Боби 8 Бартарии қонун ..... 85
Боби 9 Ташкили давлатдорӣ ва барқарории қонун дар Ҷумҳурии Қирғизистон ..... 96
Боби 10 Сохтори ҳокимияти давлатӣ ..... 105
Боби 11 Сохтори давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ..... 113
Боби 12 Ниҳодҳои қонунгузорӣ – таърих ва ташкили онҳо ..... 123


**Иловаҳо**


Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон ..... 135
Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ..... 138
Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ..... 162


**Қисми II аз мавзӯъҳои зерин иборат мебошад:**


Боби 13 Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар давлатҳои ҷаҳон
Боби 14 Системаҳои интихоботӣ ва демократия
Боби 15 Системаи интихоботии Ҷумҳурии Қирғизистон
Боби 16 Занон ва демократия
Боби 17 Афкори умум ва Воситаҳои ахбори омма – «ҳокимияти чорум» дар давлат
Боби 18 Ришвахӯрӣ (Коррупсия)
Боби 19 Дарки ҷомеаи шаҳрвандӣ
Боби 20 ТҒД дар Ҷумҳурии Қирғизистон
Боби 21 Шаҳрванди фаъол будан


**Иловаҳо**


Оинномаи ҷомеаи маҳаллӣ
Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ташкилотҳои ғайридавлатӣ
Ёрии амалӣ ба комиссияҳои интихоботии ҳавзаӣ

## *Ба хонандагон, волидон ва омӯзгорон*



Ба мехмонии китоби дарсии Маълумоти шаҳрвандӣ "Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ: нақши шумо дар ҷомеаи шаҳрвандии асри 21", ки аз ду қисм иборат буда, аз тарафи Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ (ФБСИ) (соли 2004) таҳия гардидааст, хуш омадед. Ин китоб бо иштироки ФБСИ, мактабиён ва омӯзгорони мактабҳои маҳаллие, ки мавриди озмоиш қарор гирифтаанд ва инчунин Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қиргизистон омода шудааст. Тасаввур кардан мумкин аст, ки амалӣ намудани тарҳе, ки мақсади таъмин намудани ҳар як мактаб бо миқдори лозими китобҳо ва омӯзиш додани муаллимонро дорад, чӣ қадар хароҷот метавонад дошта бошад. Бинобар ин Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ мехоҳад аз ЮСАИД (Оҷонсии рушди байналмилалии Америка) ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, инчунин аз созмонҳо ва кишварҳои зиёд ташаккур намояд. Нишонҳои (эмблемаи) ин созмонҳо дар саҳифаи охири китоб оварда шудаанд.

Сиҳии 65 дарсади аҳолӣ камтар аз 25 сол аст, ки ҳадди ақал нисфи умри худро дар Ҷумҳурии мустақили Қиргизистон гузаронидаанд. Хонандагоне, ки аз рӯи ин китоб машғулият мегузаронанд, бахше аз ин гурӯҳи аҳолиро ташкил медиҳанд. Онҳо афроди бисёр муҳим ҳастанд, ки Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Қиргизистон ба онҳо дар интихоби ҳукумат салоҳият медиҳад. Ин масъулияти бузург аст ва дарки чӣ тавр амал намудани демократия ва дар демократия ба шаҳрвандон чӣ нақш вогузор шуданро талаб менамояд.

Аз ҳисоботу гузоришҳое, ки ба Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ фиристода мешавад фаҳмидан мумкин аст, ки мактабиён, ҳатто онҳое, ки дар хурдтарин деҳаҳои Қиргизистон зиндагӣ мекунанд, мисли ҳамаи одамони гӯшаву канорҳои гуногуни ҷаҳон (агар на бештар аз онҳо) қобилияти муҳокима намудани рушди оянда ва ташкили ҷомеаи худро доранд. Ба ҳамин тартиб, маълум аст, ки хонандагони тамоми дунё, қатъи назар аз он, ки оё онҳо камбудии чизҳоеро аз қабили компютер, имконоти молӣ ҳис мекунанд ё не, бароишон ҳаққи баёни фикру ақидаи шахсӣ дар бораи идоракунӣ ва иштирок дар он арзишманд аст.

Юсуфи Баласағунӣ навишта буд: "Сабзаи тар намесӯзад, косид намемирад". Тавассути диққати зиёд ва ҷиддияти хонандагоне, ки аз рӯи ин китоб кор мекунанд, рушди демократия ва шаҳрвандиро идома медиҳанд ва саҳифаи наву дурахшонеро дар таърихи Ҷумҳурии Қиргизистон мекушоянд. Шумо нагузоред, ки васиятҳо маҳв гарданд. Ин аз шумо вобаста аст, ки нақши шаҳрвандиро интихоб намуда, кишвари худро беш аз ин ба сӯи шукуфоӣ, озодӣ ва адолат пеш баред.

Инчунин мехоҳам аз муаллимоне, ки саъю талош намуда, шаклҳои озмоишии ин китобро мавриди санҷиш қарор доданд, миннатдорӣ намоям. Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ қадри кӯшишҳои фидокоронаи шуморо, ки дар ин шароити мушкил анҷом медиҳед, медонад. Ба ҷуз ин Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ аз мушоҳидаи он хушҳол аст, ки шумо ба таври фаъолона усулҳои нави таълимро аз худ мекунед ва ҳамзамон бо он иҷрои вазифаҳои фавқулодда муҳим - таълиму тарбияи насли ояндаи роҳбарон (лидерҳо) дар арсаи идоракунии самарбахши кишвар ва иштирок дар онро оғоз намудаед. Мо аз шарҳу тафсирҳои бисёр хубе, ки аз тарафи мактабҳо дарёфт намудем, хушҳол гардидем ва бештари тавсияҳоро ҳангоми тайёр намудани ин китоб истифода бурдем.

Ҳамин тавр, Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ аз он, ки ин китоби дарсӣ мавриди муҳокимаи пурҷӯшу хурӯш ва пайдоиши идеяҳои нав дар байни шаҳрвандони фаъол ва роҳбарони ояндаи Ҷумҳурии Қиргизистон хоҳад шуд, ибрози ризоият менамояд.

Барои шумо хубиҳои рӯзгор ва дар бунёди демократия муваффақият таманно дорам.

Ричард Судриэтт
Раиси Фонди Байналмилалии Системаҳои Интихоботӣ
Вашингтон, минтақаи (округи) Колумбия

## *Муалимон ва хонандагони азиз!*



Бо камоли хурсандӣ дар робита бо китоби дарсии маълумоти шаҳрвандӣ ба шумо мурочиат менамоям. Мактабиёни имрӯзӣ умеди мо ва насли ояндаи шаҳрвандони комилхуқуқ ва интихобкунандагон мебошанд. Аз ин ки онҳо ба нақши худ дар бунёди ояндаи беҳтар бо чӣ масъулияте муносибат мекунанд ва то чӣ андоза дар рушди ҷомеа фаъолона иштирок менамоянд - тақдири кишвар, Қиргизистон вобаста аст. Бинобар ин ҳоло ошноӣ бо арзишҳои демократӣ, аз худ кардани ҳуқуқҳо ва вазифаҳои шаҳрвандиву сиёсии худ, омӯзиши асосҳои ташкили давлат ва ошноӣ бо таҷрибаи дигар кишварҳо хеле муҳим аст. Аллакай ба мактабиён лозим аст ба раванди идоракунии ҷомеаи худ ва умуман идоракунии давлат таваҷҷӯх зоҳир намоянд.

Комилан равшан аст, ки дарси маълумоти шаҳрвандӣ зарур аст. Ҳадафи он тарбияи шаҳрвандони воқеӣ, иштирокчиёни фаъоли ҷомеаи шаҳрвандист, на нозирони ғайрифаъол.

Фанни "Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ: нақши шумо дар ҷомеаи шаҳрвандии асри 21" чандин шароитро дар назар гирифтааст: он фаҳмо буда, маълумоти зиёди назариро (консептуалиро), ки ба андешаронӣ ва рушди қобилияти тафаккури интиқодӣ кӯмак менамояд, дар бар мегирад. Масъалаҳои дар ин китоб овардашуда бисёр муҳим буда, ба таҳлили ҷиддӣ ниёз доранд. Ба ҷуз ин машғулиятҳое пешниҳод мегарданд, ки ҳамкории интерактивии хонандагонро талаб менамоянд ва ин дар шароити мактабҳои муосир хеле муҳим мебошад. Ман борҳо шунидаам, ки ба шарофати ин фан хонандагони зиёде на танҳо дар мактаби худ, балки берун аз он ба иҷрои кори лозим ва муҳими иҷтимоӣ оғоз намудаанд.

Меҳоҳам ба таври махсус аз муаллимоне, ки ин фанро таълим медиҳанд, сипосгузорӣ намоям. Барои ҳеҷ кас пӯшида нест, ки таълими ин фан кори дорои аҳамияти хос мебошад. Тарбияи шаҳрванди кишвар муносибати махсус, маҳорати махсус ва сабру таҳаммули махсусро талаб менамояд. Барои саҳми пурқиммати шумо дар рушди ҷомеа ташаккур мегӯем.

Дар поён ҳам ба хонандагон ва ҳам ба муаллимон дар омӯзиши ин фан муваффақиятҳои бузург орзу менамоям. Интихоб намудани роҳи дуруст дар ҳаёт бисёр муҳим аст, роҳе, ки худи шахсро ва ба ҳамин тартиб ҳамаи ҷомеаро ба хушбахтию саодат мерасонад. Охир зиндагӣ дар кишвари пешрафта, мушоҳидаи чеҳраҳои шоду хуррам дар атрофи худ ва эхсоси қаноатмандӣ аз он, ки дар ин ҳама нақши ту низ ҳаст, саодати махсус мебошад.

Бо беҳтарин орзуҳо

Килибаев М.М.,
Вазири маорифи Ҷумҳурии Қиргизистон

# БОБИ 1

# Маълумоти шаҳрвандӣ, шаҳрвандон ва равандҳои иҷтимоӣ

**Машғулият то хондани матн:**

### Супориши 01. Муқоисаи калимаҳо ва таърифҳо

Дунафарӣ кор карда, барои истилоҳот таърифи лозимро пайдо намоед. Ҷиддан хоҳиш мешавад машқҳоро дар китоби дарсӣ не, балки дар дафтаратон анҷом бидиҳед. Китоб танҳо барои хондан аст.

| Таъриф | Мафҳум |
|---|---|
| 1. Демократия | а) Вазъияти иҷтимоӣ ва ё ҳолати як нафар дар ҷомеа нисбат ба дигарон. |
| 2. Эътибор (Статус) | б) Ризояте, ки тамоми гурӯҳ бе истифода аз зӯрӣ ҳосил намудааст. |
| 3. Ҷомеаи шахрвандӣ | в) Ҳокимияти мардум, ки бевосита ва ё аз тариқи вакилони интихобгардида, амалӣ мешавад. |
| 4. Ризоят (Консенсус) | г) Рақобати иктисодӣ |
| 5. Рақобат | д) Вуҷуд надоштани ғараз |
| 6. Бегаразӣ | е) Ҳар гуна бахши ҷомеа ба ғайр аз идораҳои давлатӣ |

### Супориши 02. Маълумот барои чӣ лозим аст?

Бо ҳаммизи (ҳампартаи) худ фикри одамонро бихонед, ки чаро мо ба мактаб меравем. Кадом ҷавобро шумо бештар дуруст меҳисобед?



**Фаришта:**

*Мо ба мактаб меравем то дониш ёд гирем. Муаллимон соҳиби донишанд ва дониш инчунин дар китобҳо вуҷуд дорад ва мо бояд ҳамаро ёд гирем.*



**Султон:**

*Ман дар ин бора ҳаргиз фикр накардаам. Ман барои он ба мактаб меравам, ки волидонам ба ман фармудаанд. Ва шояд мо барои он ба мактаб меравем, ки чизеро ёд бигирем. Вале ин умуман саволи хуб аст ва ман мехоҳам дар ин бора бештар фикр кунам.*



**Нурбек:**

*Мо барои он ба мактаб меравем, ки ин яке аз маконҳои таҳсил ба шумор меравад. Мо дониш ва малака ҳосил намуда, масалан, англеша рондан ва муҳокима кардани мавӯъҳоро ёд мегирем. Ман фикр мекунам, ки мактабҳо барои ҳамин кор бояд вуҷуд дошта бошанд.*



**Наргис:**

*Ман ба мактаб меравам то ки дониш ҳосил кунам, баъд имтиҳон супурда ва кори нағз пайдо намоям. Муаллим метавонад ба мо дониши амиқ ёд диҳад.*

## Супориши 03. Бо ҳам кор кардан

Бисёри машқҳои ин китоби дарсӣ кори дунафарӣ ва ё гурӯҳиро талаб менамоянд. Фаромӯш накунед, ки ҳангоми иҷрои супориш набояд дар китоби дарсӣ чизеро нависед намоед, зеро баъд аз шумо ин китобро дигар мактабиён низ мехонанд. Дар вакти кор кардан дар гурӯҳҳои се - чор нафарӣ рӯйхати фикрҳои баёншударо нигоҳ кунед ва ҷадвали зеринро истифода намуда, ба хулосае биёед, ки то чӣ андоза бо он розӣ ҳастед.

*"Дар ҳама кор машварат бояд,*
*Кори бемашварат накӯ ояд."*
*Саъдӣ*

| № | Фикру мулоҳизаҳо | Фикри ман |
|---|---|---|
| 1 | Аз рӯи ин машғул шуда, мо бисёр бо ҳам кор мекунем. | |
| 2 | Кори муштарак (якҷоя) мумкин аст барои муаллим мушкил бошад, вале бештар ҷолиб аст. | |
| 3 | Ба таври муштарак кор карда, мо мефаҳмем, ки хонандагон дар чӣ бора фикр мекунанд. | |
| 4 | Кори муштарак аз хонандагон интизоми бештарро металабад. | |
| 5 | Агар ҳаққи баёни фикру мулоҳизаи ҳар як нафарро эҳтиром накунем, кори муштарак мушкил мешавад. | |
| 6 | Дунафарӣ низ мо бояд бо он чидду ҷаҳде кор кунем, ки ба таври инфиродӣ (индивидуалӣ) кор мекунем. | |
| 7 | Кори муштарак ин маъноро дорад, ки мо ба таври баробар ақидаҳоямонро мубодила мекунем. | |
| 8 | Яке аз ҷиҳатҳои муҳими кори муштарак қобилияти гӯш кардани дигарон аст. | |
| 9 | Ба таври муштарак мо зудтар корҳоро анҷом медиҳем, зеро ду нафар аз як нафар беҳтар фикр мекунанд. | |
| 10 | Шаҳрванди шоиста будан маънои қобилияти якҷоя кор кардан ба таври баробар бо дигаронро дорад. | |

1 — Комилан розиям
2 — Розиям
3 — Намедонам
4 — Розӣ нестам
5 — Комилан норозиям

## Супориши 04. Кӣ ба ин ҷавоб медиҳад?

Дар ҷараёни кор бо ин китоб шумо масъалаҳои зиёдеро муҳокима намуда, фикру мулоҳизаи дигарон, аз ҷумла ҳамсинфонатонро мефаҳмед. Барои ҳамин ҳам муаллими шумо наметавонад танҳо худаш масъули ҳаҷми умумии маълумоте бошад, ки шумо дар ҷараёни ин фан ҳосил мекунед. Мақоле вуҷуд дорад: «Аспро метавон ба назди ҷӯйбор овард, вале вайро наметавон маҷбур кард, ки об хӯрад». Оё дар мавриди таълим низ ҳамин тавр нест?

Ҳангоми кори муштарак бо рафиқатон муайян намоед, ки дар мавриди иҷрои бомуваффақияти ин намудҳои фаъолият ҳиссаи масъулияти шумо чӣ гуна аст. Барои фаҳмондани тасмим ва хулосаи худатон тайёр бошед (барои мисол банди аввал ба ҷои шумо иҷро карда шудааст).

| № | Намуди фаъолият | % муаллим (М)<br>% хонанда (Х)<br>% волидон (В) |
|---|---|---|
| 1 | Иҷрои вазифаи хонагиро фаромӯш накардан | М - 10%, Х - 80%, В - 10%. |
| 2 | Дафтарҳоро тоза ва бо диққат пур кардан. | |
| 3 | Бо таҳаммул бо дигарон муносибат кардан. | |
| 4 | Мавод (материал) ва назарияҳои (теорияҳои) навро фаҳмидан. | |
| 5 | Фикри шахсии худро ҳосил намудан. | |
| 6 | Мантиқан фикр рондаиро ёд гирифтан. | |
| 7 | Баҳои хуб гирифтан. | |
| 8 | Донишҷӯ будан. | |
| 9 | Шаҳрванди хуби мамлакати худ будан | |

### Супориши 05. Муаллими хуб

Рӯйхати фикру ақидаҳои баёншударо нигоҳ кунед ва бо истифода аз нақшаи зер муайн намоед, ки то чӣ андоза бо онҳо розӣ ҳастед ва ё розӣ нестед. Барои ба тамоми синф баён намудани ҷавоби худ тайёр шавед.

Муаллими хуб:

а) Бояд дар мавриди фанни худ ба ҳар гуна савол ҷавоб дода тавонад.

б) Бояд ҳаргиз эътироф накунад, ки чизеро намедонад.

в) Барои пайдо кардани ҷавобҳо барои мо шароит фароҳам мекунад ва моро барои ҳалли масъалаҳо ҳидоят менамояд, вале ахёнан ҷавоби омода медиҳад.

г) Медонад, ки ба якдигар гӯш додан камаҳамияттар аз гӯш додан ба муаллим нест.




### Супориши 06. Ман кӣ ҳастам?

Пеш аз он, ки саволи ташкили давлат ва ҷомеаи худро шурӯъ намоем, мо бояд дарк кунем, ки мафҳуми шахсии «МАН» аз чӣ иборат аст. Барои ин лозим аст баррасӣ шавад, ки чӣ омилҳо ба ташаккули «МАН» таъсир мегузоранд, то чӣ дараҷа онҳо муҳим мебошанд ва бо якдигар чӣ гуна якҷоя амал мекунанд? Дар зер рӯйхати омилҳои тақрибӣ оварда мешавад (шояд шумо хоҳиши такмил надодани онро доред). Ба таври дунафарӣ кор карда, ин саволҳоро муҳокима намоед. Барои шарҳ додани ҷавобҳои худ омода бошед.

*1) Маҳалли зиндагӣ*

*2) Забон*

*3) Манфиатҳо*

*4)*

1. Шумо чӣ фикр мекунед, оё баъзе аз ин омилҳо аз баъзеи дигар метавонанд муҳимтар бошанд? Агар муҳимтаранд, пас кадомҳоянд?
2. Оё ин тартиби афзалиятҳо (приоритетҳо) аз рӯи аҳамият барои ҳама баробар аст? Агар не, пас барои чӣ?
3. Барои он, ки «МАН»-и шумо чӣ гуна хоҳад буд, кӣ масъул мебошад?

### Супориши 07. Мо, «мардуми» ин синф...

Бештари давлатҳо дорои Сарқонун буда, дар онҳо меъёрҳо (нормаҳо) ва арзишҳои асосии онҳо ҷой дода шудааст. Яке аз хонандагон боре гуфта буд, ки синф ба давлати хурдакак монанд аст ва агар қонуни асосии худро дошта бошад, бад нест. Ба гурӯҳҳои се-чор нафарӣ тақсим шуда, рӯйхати қоидаҳоеро тартиб диҳед, ки дар дарсҳои маълумоти шаҳрвандӣ бояд истифода шаванд. Вақте шумо ин корро иҷро кардед, барои ба тамоми синф баён кардани натиҷаи он омода бошед. Шумо бояд дар тайёр кардани санади умумӣ – ***«Қоидаҳои тиллоӣ»*** сифатои, ки дар кори дастаҷамъӣ ҳамеша ба он пайравӣ хоҳед намуд, ба розигии умумӣ ноил гардед.

### Супориши 08. Аз чӣ шурӯъ мекунем ва ба куҷо меравем?

Ба гурӯҳҳои се-чор нафарӣ тақсим шуда нависед, ки «шаҳрванди хуб будан» чӣ маъно дорад ва сипас саволҳоеро номбар кунед, ки ба назари шумо фанни «маълумоти шаҳрвандӣ» метавонад ҷавоб диҳад. То поёни ин фан навиштаҳои худро нигоҳ доред, сипас муқоиса кунед, ки он ба саволҳои гузоштаи шумо ҷавоб дод ва оё таърифи шумо дар бораи «шаҳрванди хуб» тағйир намуд.

---

## Матн барои хониш

### 1.0 Муқаддима

Фанни маълумоти шаҳрвандӣ бо чӣ тавр ташкил гардидани ҷомеа ва нақши аъзои он, ҳамчун шахсиятҳои алоҳида, ошно менамояд. Бинобар он, ки ҷомеа як падидаи мураккаб мебошад, дар чараёни фанни маълумоти шаҳрвандӣ лозим аст доираи васеи мавзӯъҳо, аз ҷумла иқтисод, ҷомеашиносӣ, таърих, сиёсат, фалсафа, ташкили муассисаҳои мудирияти давлатӣ дар сатҳи марказ ва маҳалҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ

васоили ахбори умум ва ғайра баррасӣ гардад. Зарурати маълумоти шаҳрвандӣ вақте афзоиш меёбад, ки дар мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба амал оянд. Дар Қирғизистон аз соли 1991 шурӯъ карда то ҳоли ҳозир ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ бо суръат анҷом дода мешавад. Ин фан, ки аз ду бахш иборат мебошад, барои дарки баъзе аз усулҳои мудирияти иҷтимоӣ ва давлатӣ ва инчунин тарбият намудани худ ва фаро гирифтани муносибатҳои муаян нисбат ба дигарон ба шумо кӯмак мерасонад.

**Ин чӣ маъно дорад?**

Баъзан шумо дар матн бо калимаҳои наве вомехӯред, ки маънои онҳо барои шумо маълум нест. Мо кӯшиш кардем ин гуна калимаҳоро пайдо намуда, онҳоро таъриф кунем. Зимнан хонандагони мактаби Чехови Қарокӯл гуфтанд, ки барои калимаҳои нав ва таърифи онҳо дафтарҳои махсус доранд. Ин идеяи бисёр хуб аст, зеро чизе, ки навишта мешавад ба осонӣ дар ёд мемонад. Илова бар ин, агар шумо бо калимаи мушкил вохӯрдед, метавонед дар луғати худ онро пайдо намоед.

Ҳам барои шумо ва ҳам барои дигар навчавонон ин хеле муҳим мебошад, зеро шумо ба зудӣ интихобкунанда ва роҳбарониояндаи мамлакат хоҳед шуд. Бинобар ин ҳадафи мо ин аст, ки шумо аъзоёни огоҳи ҷомеа шуда, дар мудирияти он фаъолона иштирок намоед. Муҳим нест, ки ин дар сатҳи маҳаллӣ ё ҷумҳурӣ мебошад ва шумо ба воситаи муассисаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ё дар чорчӯби созмонҳои ғайридавлатӣ дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданро афзал медонед. Муҳим он аст, ки шумо фаъол гардида, дигар ба таври ғайрифаъол мунтазир намемонед, ки масъалаҳо худ ба худ ҳал мешаванд. Ба ғайр аз ин шумо мефаҳмед, ки давлат барои шаҳрвандони худ хизмат мекунад, на баръакс.

Дар ҷараёни ин фан ба ҳуқуқҳо ва вазифаҳои ҳар шахс аҳамияти махсус зоҳир карда мешавад. Маъмулан онҳо ҳамчун ҳуқуқҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон шинохта мешаванд, ки бешак шумо низ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравед. Вале калимаи «шаҳрвандӣ» чӣ маъно дорад?

## 2.0 Шаҳрванд ва шаҳрвандӣ

Шаҳрванд шахсест, ки ӯҳдадор аст садоқаташро ба кишвари муаян ҳифз намояд ва ҳақ дорад ба далели таваллуди худ ва ё натурализатсия аз тарафи давлат (натурализатсия - раванди шаҳрванди дигар давлат шудан аст) ҳимоят гардад. Бинобар ин шаҳрвандӣ эътиборест (статусест), ки шаҳрванд соҳиб мешавад. Ин эътибор ӯҳдадорӣ эҷод карда, ҳуқуқҳо ва имтиёзот медиҳад. Маъмулан барои исботи шаҳрвандӣ асноде аз қабили шиноснома ва шаҳодатномаи таваллуд лозим мебошад. Шаҳрвандӣ аз тарафи ҳукумат ҳадя карда намешавад, зеро шахс аз замони таваллуд худ ба худ ин ҳақро ба даст меорад. Ҳукумат маъмулан танҳо дар ҳолатҳое ҳаққи шаҳрвандӣ медиҳад, ки шахс дар бораи ивaз намудани шаҳрвандии худ ариза медиҳад. Дар Сарқонуни кишвари мо, ки матни онро дар охири ин китоб хонда метавонед, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои шаҳрванд ба таври дақиқ муаян карда шудаанд ва ҳамчунин мушаххас гардидааст, ки кӣ ҳаққи шаҳрвандии Ҷумҳурии Қирғизистон шуданро дорад. Дар бештари кишварҳо ба шахс иҷозат дода мешавад, ки танҳо як шаҳрвандӣ дошта бошад.



*Турдуматова А., Орунбекова А., Мурзалиев А., ш. Ош, соли 2003**

Дар баъзе забонҳо калимаи «шаҳрванд» ҳангоми муроҷиат ба шахс истифода карда мешавад. Дар ин ҳолат асосан он дар мавриди оламони калонсол ба кор бурда мешавад. Дар ҷараёни ин фан ва ё дар Сарқонуни ба ин маъно истифода намешавад.

Шаҳрвандӣ бо миллияти шахс ҳеч умумияте надорад. Масалан, шахси аз назари миллият японӣ метавонад шаҳрванди Қирғизистон бишавад, ба шарте, ки аз шаҳрвандии Японияи даст кашида, имтиҳони забон диҳад, чанд соли муаян дар ин кишвар зиндагӣ кунад ва мақомоти муҳоҷиратӣ аризаи ӯро қабул намояд. Ҳар шахсе, ки дар Қирғизистон ба дунё омадааст ва ё яке аз волидонаш шаҳрванди ин кишвар мебошанд, худ ба худ шаҳрванди он мешавад. Дар бештари кишварҳо ба шахсе, ки дар он ҷо ба дунё меояд худ ба худ шаҳрвандӣ дода мешавад, ҳатто агар ҳеч кадом аз волидони вай

*Ин [illegible] соли [illegible]

шаҳрванди ин кишвар набошанд. Дар аксарияти давлатҳо агар яке аз волидон шаҳрванди он бошад навобаста аз маҳали таваллуди кӯдак ба вай шаҳрвандии ин давлатро медиҳанд.

Айнан ҳамин тавр шаҳрванди Қирғизистон метавонад шаҳрванди Австралия шавад, дар сурате, ки агар вай аз шаҳрвандии Қирғизистон даст кашида, ду сол дар ин кишвар зиндагӣ намояд ва аризаи вай аз тарафи мақомоти муҳоҷиратии Австралия қабул карда шавад.

Ҳамин тавр, дар чунин шароит шахс ҳамаи ӯҳдадориҳоро ба дӯш гирифта, тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандии ин кишварро ба даст меорад. Бо вуҷуди ин вай аз назари миллӣ ва фарҳангӣ асосан қирғиз боқӣ мемонад.

Ҳар як шаҳрванди кишвари худ, новобаста ба миллият, бояд монанди боқии шаҳрвандон аз ҳамин гуна ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳо бархӯрдор бошад. Маҳз ба ҳамин сабаб дар шиносномаҳои бештари кишварҳо миллияти соҳибони он нишон дода намешавад. Ба ҳамин тартиб ин эътиқод инъикос мегардад, ки нишонаи миллӣ барои назарияи (идеяи асосии) шаҳрвандӣ аҳамият надорад.

Набояд шаҳрвандиро бо ватандӯстӣ омехта кард. Ҳатто шахсе, ки барои ҷиноятҳои мудҳиш хабс шудааст ва ё кушиши сарнагун кардани ҳукуматро дорад, ба ҳар ҳол шаҳрванди ин кишвар боқӣ мемонад, ҳарчанд метавонад баъзе имтиёзот, аз ҷумла иштирок дар интихоботро аз даст диҳад. Ҳамин тавр агар шумо дар ин кишвар сафари саёҳатӣ анҷом намедиҳед ва паноҳанда ҳам нестед, пас бешубҳа шаҳрванди ин кишваред, ҳатто ҳарчанд ҳанӯз ба синне нарасидаед, ки ҳаққи овоздиҳиро ба даст оварда бошед.

Шаҳрвандон ҳақ доранд ва вазифадоранд, ки дар ташкили ҷомеа иштирок намоянд. Вале мо бешубҳа бо фикру ақидаҳои гуногуни одамон дучор мешавем ва ин чиз вақте маълум мегардад, ки мо онҳоро ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ ҷалб менамоем. Ин кор қобили пешбинӣ буда, дар бисёри маврилҳо натиҷаи мусбат медиҳад. Ба ибораи дигар, нуқтаи назар ва фикру ақидаҳои шаҳрвандии шумо бо нуқтаи назар ва фикру ақидаҳои дигар шаҳрвандон муҳолифат мекунанд. Ба таври умда ҳунари идоракунии давлат ба қобилияти ҳаллу фасли ин гуна ихтилофот ва анҷом додани дигаргуниҳо ба тарзе такя мекунад, ки ба фоидаи ҳамаи шаҳрвандон бошад. Бинобар ин пеш аз шурӯъи омӯзиши ин фан, мо бояд дуруст дарк намоем, ки низоъ ва ихтилофот ҳамчун яке аз равандҳои иҷтимоӣ чӣ тавр пайдо мешавад.

## 3.0 Хислати низоъ

Низоъро метавон ҳамчун вазъе таъриф кард, ки дар натиҷаи муҳолифати ашхоси алоҳида, гурӯҳҳо ва ҳатто кишварҳо ба амал омадааст. Масъалаҳо метавонанд хеле гуногун бошанд: аз ҳаққи моликият бар чизе, масалан замин, гирифта то мушкилоти мавҳум, аз қабили ягон дин ва ё расму одат. Аксаран низоъро нодуруст мефаҳманд, зеро шакли зуҳури низоъро ба ҷои сабаби он қабул мекунанд. Дар ҷомеаи демократӣ, ки бо афзоиши иштироки аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди ҷомеа нуқтаҳои назари муҳолиф озодонатар баён мегардад, дарки ин чиз муҳим аст. Барои он, ки ин фан вазифаи худро иҷро намояд ва шумо шаҳрвандони фаъол ва дорои фаъолияти созанда бошед, мо мехоҳем қобилияти шумо барои гӯш кардани фикрҳои комилан бо фикри шумо номувофиқ ва ба онҳо ҷавобҳои далелнок додани тараққӣ диҳем ва нуқтаҳои назари ихтилофомези эҳтимолиро дар бораи он, ки вӣ ба мо роҳбарӣ кунад, ба ҳам наздик намоем.

## 3.1 Низоъҳои нисбатан васеи иҷтимоӣ

Низоъ бо истифода аз қувва, махсусан дар миқёси бузург, метавонад фавқулода ҳаробиовар бошад ва маъмулан ба ҳеҷ кас ва аз ҷумла ба «ғолибон» манфиати дарозмуддат намеорад. Шояд танҳо чанде аз роҳбарони хеле ришвахор истисно ҳастанд (ки ғайриқонунӣ аз мавқеи худ истифода менамоянд) метавонанд дар шароити харҷу марҷи пеш омада ба таври боварнакарданӣ сарватманд шаванд. Бо ҳамин сабаб ва инчунин барои он, ки ин гуна амал боиси халалдор гардидани ҳуқуқи башар мегардад, бештари мамлакатҳо ва раҳбарони онҳо дар чунин ҳолатҳо ба таври бисёр фаврӣ аксуламал нишон дода, ҳар гуна истифодаи қувваро маҳкум менамоянд.

Мисолҳое вуҷуд дорад, ки мамлакат ё ташкилот эълон карда буданд, ки ҳама имкониятҳои ҳалли сулҳомези ихтилоф истифода шудаанд ва онҳо маҷбуранд ба хотири ҳимоят аз ҳуқуқҳои асосии башар дар ин мамлакат қувваро ба кор баранд. Ворид намудани нерӯҳои Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2000 ба Тимори Шарқӣ аз ин қабил ба шумор меравфт. Вале инро ҳамчун истисно бояд қабул кард, зеро воситаҳои зиёди тағйир додани раванди ҳалли низоъ вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи он ҳама иштирокчиён метавонанд ҳуқуқҳои асосии худро ҳифз намоянд.

Бештари низоъҳои мусаллаҳона, ки байни ҷомеаҳо ва мамлакатҳои мухталиф сурат гирифтаанд, натиҷаи ихтилоф дар мавриди тақсими ҳокимияти сиёсӣ ва захираҳои иқтисодӣ мебошанд. Ихтилоф дар ин масъалаҳо ба низоъҳои байни одамон монанд аст, аз он на сарфи назар карда мешавад ва на нодида гирифта мешавад.

## НИЗОЪ

- *Низоъ раванди табиист, ки ҳамарӯза дар ҳама шаклҳои ҷомеа ба амал меояд. Ин раванд метавонад барои баъзе ва ё ҳамаи иштирокчиёни низоъ ҳам оқибатҳои мусбат дошта бошад ва ҳам манфӣ. Чигунагии оқибатҳои низоъ ба танзими раванд ва қобилияти тарафҳои ба он кашидашуда вобаста аст.*
- *Низоъ одатан дар ҷое пайдо мешавад, ки зиддиятҳои ҷиддӣ дар мавриди тақсими ҳокимият, фикру ақидаҳо ва захираҳо вуҷуд дошта, метавонад шаклҳои мухталиф ба худ бигирад: аз нуқтаи назари ихтилофомези эҳтимолӣ то ҷанҷоли кӯдакона ва задухӯрди низомӣ. Ҳалли низоъ боиси он мешавад, ки яке аз тарафҳо ва ё ҳарду тараф аз баҳри баъзе аз ҳуқуқҳои худ мегузаранд. Мо бояд бикӯшем то низоъҳоро тарзе ҳал намоем, ки аз истифодаи зӯроварӣ худдорӣ карда, кӯре кунем, ки тарафҳои ба он кашидашуда ҳуқуқҳои худро беҳуда аз даст надиҳанд.*
- *Ҳолатҳое вуҷуд дорад, ки якбора пайдо кардани роҳи ҳалли дуруст имконпазир нест, вале ин он маъноро надорад, ки зӯроварӣ роҳи ягона ва ногузири ҳали масъала мебошад.*
- *Низоъ ҳатман аз нафаҳмидани якдигар сар намезанад. Ду кӯдак, ки барои бозича ҷанг мекунанд, якдигарро хеле хуб мефаҳманд. Мушкили онҳо дар он аст, ки қобилияти пайдо кардани роҳи созиши қобили қабулро надоранд (созиш бар асоси гузашт кардани ҳар ду тараф).*
- *Низоъ на ҳамеша ба тарзи озод зоҳир мегардад. Он аксаран ҳалнашуда ва баъзан барои нозири бетараф номаълум боқӣ мемонад. Ба ҳамин андоза гоҳе низоъҳо ба ҳадде сулҳомез ҳал мегарданд, ки дигарон метавонанд ҳатто вуҷуд доштани онро пайхас накунанд.*
- *Низоъҳо метавонанд осонтар ҳал гарданд, агар ҳамчун мубориза қабул карда нашаванд, ки бояд ё бурд дошта бошад ё бохт. Ба ибораи дигар «бурд» аксаран аз мушкилоти «воқеие», ки дар атрофи онҳо дар ҳақиқат низоъ сурат гирифтааст, муҳимтар мегардад. Ҳалли муваффақонаи низоъ бояд бо ғалабаи ҳар ду тараф анҷомад. Ин ҳамон ҳолатест, ки тасмим барои ҳама иштирокчиён қобили қабул мебошад.*
- *Низоъ аксаран дар натиҷаи норозигии одамон дар мавриди тарзи ба даст овардани салоҳияти баъзеҳо ва ё бе салоҳият аз ҳокимият истифода кардан, сар мезанад. Бинобар ин равандҳои демократӣ агар дуруст амалӣ карда шаванд, самарбахштарин тарзи ба ҳам наздик намудани нуқтаҳои назари ихтилофомези эҳтимолӣ дар бораи он, ки кӣ ба мо роҳбарӣ кунад, ба шумор меравад. Ҷомеаҳое, ки давраҳои низоъҳои мусаллаҳонаро аз сар гузаронидаанд, аксаран аз стратегияи канораҷӯӣ аз онҳо истифода менамоянд. Ин он маъноро дорад, ки онҳо намехоҳанд ба мушкилоти дар ҷомеа вуҷуд дошта ҷалб карда шаванд. Канораҷӯӣ аз низоъҳо хатар дорад. Зеро агар одамон дар ҳалли он иштирок накунанд, масъала метавонад ба ҳаде шиддат гирад, ки баъзеҳо иштибоҳан истифода аз қувваро ягона роҳи халосӣ аз ин вазъ ҳисоб кунанд. Ҳамчун шаҳрванди кишвари худ шумо вазифадоред масъалаҳоеро баррасӣ намоед, ки бамавқеъ ҳал нашудани онҳо метавонад боиси шаклҳои зӯроваронаи ихтилофот гардад.*

## 3.2 Кор дар мавриди низоъҳо

Эътирофи вуҷуд доштани низоъ ва эътирофи манфиатҳои тарафҳои иштироккунанда дар он қадами муҳиме дар роҳи ҳалли сулҳомези он ба шумор меравад. Вале ҳалли низоъи дорои ҳар гуна миқёс раванди йоқуръат ва осон намебошад, зеро аксаран барои ин зоҳим аст баъзеҳо аз имтиёзоте даст кашанд, ки пештар дар ихтиёри худ доштанд. Гузашта аз он, ин танҳо масъалаи муаян намудани «кӣ ҳақ ва кӣ гунаҳкор» нест, зеро маъмулан ҳама тарафҳо ё хатоҳое мекунанд ва ё комилан талаботҳои қонунӣ ба миён мегузоранд.

Мусобиқаи ба рақобати иқтисодӣ монанд, ки мо дар он ҳамарӯза иштирок мекунем ва ё интихобот дар давлати демократӣ яке аз воситаҳои ҳалли ихтилофот ба шумор меравад. Вале ин танҳо дар сурате натиҷа хоҳад дод, ки агар тарафҳои мусобиқакунанда ба одилона будани раванд дар мавриди ҳамаи иштирокчиён боавр дошта бошанд (яъне дар мавриди ҳама иштирокчиён ба таври баробар қоидаҳои якхела истифода карда мешаванд). Илова бар ин мо набояд мусобиқае баргузор намоем, ки ҳатто одилона ташкил шуда бошад, вале нисбат ба ҳуқуқҳои асосии ягон кас ва ё гурӯҳе беэътиноӣ сурат гирифта бошад. Масалан мо набояд одамонро маҷбур намоем то, ки барои ба даст овардани ҳуқуқи таълимоти асосӣ мусобиқа кунанд.

Ба воситаи ба даст овардани созиш метавон низоъҳоро ҳал кард ва ё онҳоро ба тарзи мусбат дигаргун намуд. Ин равандест, ки дар ҷараёни он одамон мушкилотро то замоне баррасӣ мекунанд, ки роҳи ҳалли барои ҳама тарафҳои иштироккунанда қобили қабул пайдо намоянд.

Баъзан низоъ аз ҳама беҳтар вақте ҳал мешавад, ки як нафар одами бегонаи беғараз вазъро таҳлил карда, дигаронро ба қабули қарори худ водор менамояд. Аммо камбудии ин усул аз он иборат аст, ки дар чунин ҳолат тарафҳои бо ҳам ихтилофдошта моил нестанд ба таври мураттаб қарори ба онҳо таҳмилшударо иҷро созанд. Ба ҷуз ин одами бегона иттилоои комил надошта, метавонад қароре қабул намояд, ки бо он ҳеҷ

кас розӣ нашавад.

Баъзан ҳаллу фасли низоъ дахолати миёнравро талаб менамояд. Вале вақте ба таври сулҳомез ва ба муддати тӯлонӣ низоъро метавон ҳал кард, ки ҳама иштирокчиёни он қабул намоянд, ки:

- тағйирот ногузир мебошад;
- ҳар гуна қарор бояд шароитеро фароҳам намояд, ки ҳамаи тарафҳо тавонанд ҳуқуқҳои башарӣ, ҳайсият ва шоистагии худро ҳифз намоянд.

Агар ин фикру ақида қабул карда шавад, хислати низоъ ба раванди сулҳомези иҷтимоӣ табдил мегардад.

**Миёнрав (медиатор) чӣ корро анҷом медиҳад?**

Миёнрав шахсест, ки ба он ҳамаи тарафҳои иштироккунанда дар низоъ эътимод доранд ва вай нисбат ба ҳеҷ тарафе моил намебошад. Албатта на ҳамеша, вале аксаран лозим аст, ки миёнрав бо ҳеҷ кадом аз тарафҳои бо ҳам низоъдошта ошно набошад.

Вай бояд ҳарду тарафро гӯш карда, сипас ба онҳо ёрӣ намояд, ки ҳадафҳои худро муаян намуда, дар кадом масъала розӣ будан ва ё розӣ набуданашонро маълум созанд. Ҳалли мавзӯи кӣ ҳақ аст ва кӣ ноҳақ, вазифаи миёнрав нест.

Баъд аз муаян гардидани ин, миёнрав кӯшиш мекунад маълум намояд, ки дар кадом масъалаҳо тарафҳо метавонанд созиш кунанд ва чӣ чиз бояд муҳокима нашавад. Миёнрави муваффақона ба ин усул такя мекунад, ки низоъ барои давраи тӯлонӣ ҳал гардад ва ҳамаи тарафҳо дар сурати ҳалли он бояд ҳуқуқҳои асосии башарии худро ҳифз намоянд.

Барои миёнравӣ маъмулан вақти зиёд зарур аст ва эҳтимолан ба миёнрав лозим мешавад то бо ҳар ду тараф алоҳида ва сипас якҷоя вохӯрад.

## 3.3 Низоъ ва демократия

Интихобот тарзи ба тaври мусобиқа ҳал кардани низоъ мебошад (моҳияти низоъ аз он иборат аст, ки кӣ бояд ҳокимияти сиёсӣ ва ҳаққи паҳн кардани идеологияи сиёсии худро ба даст орад). Дар ин ҳолат шаҳрвандон ба воситаи баргузории интихобот низоъи эҳтимолиро дар бораи он, ки аз (ҳадди ақал) ду нафар номзад кӣ бояд роҳбари онҳо шавад, пешгирӣ мекунанд. Мақсади интихоботи демократӣ он аст, ки масъалаи ба дасти дигарон гузаштани ҳокимият ва ё нигоҳдории он дар дасти ҳамон одамони қаблӣ ба тарзе, ки барои ҳама иштироккунандагон одилона бошад, ҳал гардад. Интиқоли (гузаштани) осоиштаи ҳокимият маҳз ба дараҷаи боварии иштироккунандагон ба бегаразӣ ва одилона будани ин раванд вобаста мебошад. Агар одамон эҳсос намоянд, ки он ноодилона буд, роҳҳои дигари ба даст овардани ҳадафҳои худро ҷустуҷӯ мекунанд.

Демократия як раванди мураккаб мебошад ва ҳамеша одамоне пайдо мешаванд, ки манфиатҳои худро ҳатто аз нигоҳ доштани ҳуқуқҳои асосии башарии дигарон боло мегузоранд. Бинобар ин ҷалби шаҳрвандон ба таъмини адолати равандҳои ҳалли ихтилофот аз қабили интихобот ё нодил шудан ба созиш фавқулода муҳим аст. Чӣ тавре, ки барои шумо аз ин фан маълум мегардад, равандҳои демократӣ ба одамон барои бо роҳи қонунӣ иштирок намудан дар ҳалли низоъҳо имконияти васеъ медиҳад. Ҳукумат бе дастгирии наметавонад адолати ин равандро таъмин намояд. Ин махсусан ба кишварҳое аз қабили ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки дар марҳалаи дигаргуниҳои фаврӣ қарор гирифта ва мушкилоти азими иқтисодиро аз сари худ мегузаронанд, таалуқ дорад.

## 4.0 Таҳаммул чӣ маъно дорад?

*"Гузашт кардан нишонаи олиҳимматӣ аст"*
*Мақоли халқӣ*

Ботаҳаммул (бомадоро) будан маънои мавқеи созанда (конструктивӣ) доштан (ки барои фаъолияти оянда замина месозад) дар мавриди рафтор ё фикру ақидаи дигар одамонро дорад, ки барои шумо ба тарзи муаян ташаннуҷ ҳосил менамояд. Ин ташаннуҷ (стресс) барои он ба вуҷуд меояд, ки шумо ва шахси (ё ашхоси) дигар дар мавриди чизе, ки қобили қабул ё ин, ки муқаррарӣ мебошад, фикру ақида ва ё урфу одатҳои мухталиф ва ё ба ҳам муқобил доред. Ин гуна муносибати созанда ва таҳаммулпазир нисбат ба ҳуқуқҳо, ақидаҳо, урфу одатҳо ва тарзи рафтори дигарон, ки дар муқоиса бо мо фарқ мекунад, ҳисси эҳтиром парварида, аксаран аз як тараф ё ҳарду тараф тақозои гузашт мекунад, то эҳтиром ба дигар тараф ҳифз гардад.

Дарки ин мавзӯъ муҳим аст, ки на ҳар рафтори дигар одамонро бояд таҳаммул кард. Агар рафтори комилан ғайри қобили таҳаммул мушоҳида карда шавад (масалан лат кардани кӯдак), мо бояд кӯшиш кунем, ки роҳи ғайризӯроварии ҳалли мушкилро пайдо намоем, то он, ки рафтори дигар одамон ба тарзи муносиб тағйир ёбад. Дар ҳолати ноилоҷӣ барои пешгирӣ кардани муносибати бераҳмона бо одамон, ҳатто истифодаи қувва талаб карда мешавад.

Набояд бо-таҳаммул буданро бо эҳтиром ва хушхизматӣ омехта намуд. Агар хонанда ба муҳим

Боби 1

пешниҳод кард, ки тахтаи синфро тоза намояд, ин мисоли таҳаммул доштан нест.

## 5.0 Масъулиятро ба дӯши худ бигир

Дар ҷараёни омӯзиши ин фан шумо мефаҳмед, ки барои чӣ ба шумо лозим аст дар идоракунии ҷомеа фаъолона иштирок намоед ва чӣ тавр ин корро амалӣ созед. Ниҳоятан ҳар кадоми шумо худаш ба ин савол бояд посух диҳад. Бо вуҷуди ин шумо ба ҳар коре машғул набошед, масъалаи асосӣ ин аст, ки дар ҷомеаи демократӣ шумо вазифадоред дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намоед. Баъзе одамон ҳанӯз одат накардаанд, ки мушкилоти худро мустақилона ҳал намоянд, бинобар ин интизор мешаванд, ки муассисаҳои ҳукуматӣ ва ё ягон қувваи беруна ба ҷои онҳо ин корро анҷом диҳад. Барои он, ки Қирғизистон дар ҳақиқат кишвари демократӣ бишавад, саъю талоши ҳар яки шумо лозим аст.

Дар ҷомеаи демократӣ ҳама чиз мураккаб ва рангоранг мебошад, зеро вай бар асоси фикру ақидаҳои мухталиф, ки онҳоро бояд гӯш кард ва эҳтиром намуд, ташкил мегардад. Баъзан мавҷудияти гуногунрангӣ аз бартарӣ доштани як ақида дида корро мураккабтар месозад. Вале ин ҷолибтар буда, метавонад боиси пайдо шудани муносибати эҷодкорона дар ҳаёт ва таҳсил гардад. Ин фан бояд ба хонандагон ба фикру ақидаи дигарон гӯш додан, қадри онро донистан ва эҳтиром карданро ёд диҳад. Вай бояд ба шакл гирифтани қобилияти баёни нуқтаи назар ва муносибати худ бе истифодаи зӯрӣ ва бовар кунондани дигарон барои чунин рафтор намудан, кӯмак месозад. Хулосаи калом, ҳадафи маълумоти шаҳрвандӣ мусоидат ба рушди фарҳанги таҳаммул ва сулҳ мебошад, ки моҳияти тамаддуни навинро ташкил медиҳад.

**Мисолҳои таҳаммул доштан**

а) Мизбоне, ки дар ҷашне дар хонааш меҳмонро қабул мекунад, гӯшти хӯк нахӯрдани меҳмонро дарк менамояд. Мизбон бо хусусиятҳои фарҳангии меҳмон созиш мекунад, агарчанде бо урфу одатҳои хонаводаи ӯ мутобиқ надошта бошанд. Дар ин ҳолат танҳо як тараф гузашт мекунад.

б) Ду нафар хонанда кӯшиш мекунанд, ки барои ишғол намудани ҷои беҳтаре дар пушти мизи дарсӣ аз якдигар пеш гузаранд. Як курсии ин миз шикаставу ноба мебошад. Ҳамин тавр рӯзҳои бисёр гузашта, ҷор ба тела додан, таҳқир ва эътироф накардани якдигар мерасад. Билохира, яке аз ҳамсинфон пешниҳод мекунад, ки онҳо бонавбат ба курсии сиҳат нишинанд. Ҳарду хонанда бо ин пешниҳод розӣ мешаванд. Дар ин сурат ҳарду тараф ба якдигар гузашт карда, созиш ҳосил менамоянд ва ҳар кадоми онҳо вақте дар курсии ноба менишинад, босабрӣ ва таҳаммул зоҳир мекунад.

**Молдо Ниёз**

Молдо Ниёз (1823-1896) яке аз аввалин шоирони қирғиз мебошад, ки аз худ мероси хаттӣ боқӣ гузоштааст. Вай дар маконе бо номи Қизил-Булоқ (ноҳияи Қадамҷой вилояти Боткен) ба дунё омадааст. Дар бунёди дастнатҳо асарҳои вай вуҷуд дорад. Молдо Ниёз фозил ва хирадманд буда, дар хонигарии Қуқанд шахсияти бонуфуз ба шумор мерафт. Бисёр сафар мекард ва бо хонҳои ҳоким бекҳо, бойҳо ва ботирҳо алоқа дошт. Дар эҷодиёти худ ба масъалаҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа таваҷҷӯҳ мекард ва мавзӯъҳои маълумоти шаҳрвандии асри 19-ро ба миён гузошта, аз зарурати ҳифзи ҳуқуқи башар ҳарф зада, ғулом кардани одамонро маҳкум менамуд.



### Машғулият баъд аз хондани матн:

**Супориши 09. Навбати шумо**

Ба таври дунафарӣ кор карда, масъалаҳои зеринро баррасӣ намоед ва барои баён кардани фикри худ дар назди аҳли синф тайёр шавед.

1. Мо чӣ тавр метавонем низоъеро, ки ба таҷовуз оварда мерасонад, пешгирӣ намоем?
2. Оё ҳама низоъҳо баданд? Чаро?
3. Кай низоъ барои ҳама натиҷаи мусбӣ медиҳад ва ба кӣ дахл дорад?
4. Чӣ чиз нишондиҳандаи он аст, ки идоракунии инкишофи низоъ барои ҳама иштирокчиёни он натиҷаи мусбат медиҳад?

## Супориши 10. Муҳокима ва эътибори (статуси) иштироккунандагони он

Ин матнро хонед:

**Нуқтаи назарҳои мухталиф**

Машғулиятҳои ин китоб мубоҳисаҳои зиёдеро талаб мекунад. Дар ҷое, ки мубоҳиса ҳаст, фикрҳои гуногун низ ҷой дорад. Инчунин ҷиҳатҳои фарҳангию маърифатӣ низ вуҷуд дорад, ки дар ҳар ҷомеа бояд ба назар гирифта шавад. Онҳо муаян мекунанд, ки ба чӣ шакл бояд сӯҳбат пеш бурда шавад. Дар фарҳангҳои зиёде одамон пеш аз он, ки ақидаи худро баён кунанд, дар бораи эътибори (статуси) худ ва эътибори дигар иштироккунандагони сӯҳбат фикр менамоянд. Дар вақти ба ҳисоб гирифтани эътибор (статус) омилҳои хоси он иборат аст аз: сину сол/ ҷинсият/ нажод/ статуси касбӣ/ муносибатҳои оилавӣ/ маълумот/ саломатии ҷисмонӣ/ тавоноии иқтисодӣ.

Бо шарикатон ин муколимаро бихонед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед.

**Муколамаи А:**

Пўлод: Ман шунидам, ки баъзе одамон мехоҳанд шумораи занонро, ки ба парламент интихоб мешаванд, зиёд кунанд.

Сафаргул: Дар баъзе мамлакатҳо саҳм (ҳиссаи муаяни намояндагӣ) вуҷуд дорад. Ҳадди ақал 35% номзадҳоро бояд занон ташкил диҳанд.

Пўлод: Ин гапи беҳуда аст! Дар натиҷаи интихоботи охир шумораи занон дар конгресс ду баробар афзуд, гарчанде саҳм (квота) надоштанд. Оё мо дар вақти интихоботи номзад бояд на дар бораи сифатҳои шахсии вай, балки саҳм (квота) фикр кунем? Бешубҳа занон низ бояд бо шароити бо дигарон баробар интихоб шаванд. Ин яке аз усулҳои демократия мебошад.

Сафаргул: Бале, ин рост аст, аммо то ҳанӯз имкониятҳои занон барои номзад интихоб шудан хеле кам аст.

Пўлод: Пас чӣ тавр дар охирин интихобот шумораи занон дар конгресс ду баробар зиёд шудааст?

Сафаргул: Ман намедонам. Мо бояд дар назар бигирем, ки онҳо чӣ вазифаҳоеро ишғол кардаанд. Ҳамаи онҳо вазифаҳои оддиро ишғол кардаанд.

Пўлод: Аммо дар кишвари ман Сарвазир ва сарвари оппозиция зан мебошанд.

Сафаргул: Бале, аммо аз ҷиҳати фоиз...

Пўлод: Бо ман баҳс накун.

**Муколамаи Б:**

Брэдли: Чӣ бояд кард то он, ки шумораи занон барои интихоб шудан ба маҷлис (парламент) зиёд гардад?

Мэгги: Ман фикр мекунам, ки бояд саҳме муаян карда шавад. Ҳадди ақал 35 % номзадҳоро бояд занон ташкил диҳанд.

Брэдли: Ин гапи беҳуда аст! Дар натиҷаи интихоботи охир шумораи занон дар конгресс ду баробар афзуд, гарчанде саҳм (квота) надоштанд. Оё мо дар вақти интихоботи номзад бояд на дар бораи сифатҳои шахсии вай, балки саҳм (квота) фикр кунем? Бешубҳа занон низ бояд бо шароити бо дигарон баробар интихоб шаванд. Ин яке аз усулҳои демократия мебошад. Охир ту демократӣ, ҳамин тавр не?

Мэгги: Магар кишвари шумо идеалист? Воқеъбин (реалист) бош, Брэдли. Охир ту медонӣ, ки имкониятҳои занон барои интихоб шудан ба маҷлис кам шуда истодааст, зеро бештари аъзоёни ҳизб мардонанд.

Брэдли: Пас чӣ тавр онҳо дар интихоботи охир шумораи занонро ду баробар зиёд намудаанд? (Овозашро баланд мекунад)

Мэгги: Хайр, онҳо шумораи занонро ду баробар зиёд карданд, аммо ба вазифаҳое, ки онҳо доранд нигоҳ кун. Ҳамаи ин вазифаҳо оддианд, ҳамин тавр не, Брэдли? (Аз ҷояш хеста, мегӯяд)

Брэдли: Аммо дар кишвари ман Сарвазир ва сарвари оппозиция зан мебошанд.

Мэгги: Бале, аммо аз ҷиҳати фоиз...

Боби 1

Саволҳо:

| | |
|---|---|
| **1** | **Аз ҳамсӯҳбатон эътибори каломаш баландтар аст?** |
| А | |
| Б | |
| **2** | **Дар ин ҳолат калом омилҳо эътиборро муаян мекунанд?** |
| А | |
| Б | |
| **3** | **Ҳамсӯҳбататон пеш аз гуфтугӯ, дар вақти гуфтугӯ ва баъд аз он нисбат ба якдигар чӣ хел муносибат карданд?** |
| А | |
| Б | |

**Супориши 11. Фикру ақидаи намояндаи фарҳанги дигар**

Як бори дигар ба ҷавобҳои худ дар супориши пештара нигоҳ кунед ва санҷас онҳоро бо ҷавобҳои Эрика а... Австрия муқоиса намоед.

| | |
|---|---|
| **1** | **Аз ҳамсӯҳбатон статуси каломаш баландтар аст?** |
| А | Ба фикри ман Пӯлод чунин ҳисоб мекунад, ки эътибори вай нисбат ба Сафаргул баландтар аст, зеро Сафаргул дар амал ягон бор нагуфт, ки Пӯлод ҳақ нест. |
| Б | Умуман мо намедонем. Ман эҳтимол медиҳам, ки ҳар дуи онҳо фаҳмиданд, ки ҳар гуна фарқи эътибор... вақти сӯҳбат фаромӯш шуда буд. |
| **2** | **Дар ин ҳолат калом омилҳо статусро муаян мекунанд?** |
| А | Ман фикр мекунам, ки Пӯлод мард асту Сафаргул зан. |
| Б | Ҳеҷ калом, зеро дар вақти сӯҳбат ҳарду статуси баробар доранд. |
| **3** | **Ҳамсӯҳбататон пеш аз гуфтугӯ, дар вақти гуфтугӯ ва баъд аз он нисбат ба якдигар чӣ хел муносибат карданд?** |
| А | Сафаргул эҳтимолан аз он ҳарос дорад, ки агар Пӯлод ҳис кунад, ки статус ва салоҳиятҳояш маврили шубҳа қарор гирифтаанд, аксуламал нишон медиҳад. Сафаргул ба таври муаян умедвор аст, ки Пӯлод билоҳира мефаҳмад, ки статус ва сатҳи дониш бо ҳам вобастаанд. |
| Б | Сӯҳбат ба онҳо маъқул шуд. Шояд онҳо каме эҳсоси норозигӣ доштанд, вале муносибати эҳтиромнокашон тағир наёфт. |

Эрик аз муколамаи Б фаҳмид, ки ин мавзӯи шахсӣ нест, ки муносибатро ба якдигар тағир диҳӣ. Озодон... ва беҳарос баён кардани фикру ақидаи одамон бисёр муҳим аст. Барои ба масъалаҳои шахсӣ нагузашта... ҳангоми баррасии мавзӯъ, ба ҳарду тараф лозим аст фаҳманд, ки дар ҷараёни сӯҳбат бояд ба якдигар ба тавр... баробар муносибат намоянд.

Қобилияти аз ҳам ҷудо карда тавонистани фикру ақида ва муносибат нисбат ба шахс вобаста аст аз:

а) маҳорати дурӣ ҷустан аз танқиди шахс ва ба мантиқӣ диққат кардан.
б) маҳорати ба тарзи созанда (конструктивӣ) танқид карда тавонистан.

Дар вақти танқиди созанда (конструктивӣ) лозим аст:

1. Кӯшиш намоӣ, ки шарҳу эзоҳи мутаъодил диҳӣ ва фаҳмонӣ, ки дар масъалаҳои муаян чӣ чиз ё... шумо маъқул аст ва чӣ чиз не.
2. Қарор ё ки созиш пешниҳод намоӣ.

> **Тасмим гирифтан дар вақти мавҷудияти фикру ақидаи мухталиф: созиш (консенсус)**
>
> ...заифтарин роҳ – ин созиш мебошад ва асоси онро ҷиҳатҳои зерин ташкил медиҳад:
> - Бе танқид гӯш кардани ҳама фикру мулоҳизаҳо.
> - Уҳдадор шудани ҳама тарафҳо барои пеш гирифтани роҳи созиш.
> - Ин раванд вақт талаб мекунад.
> - Қабул кардани қарор ҳатто дар сурати боқӣ мондани баъзе зиддиятҳо.

**Супориши 12. Тасмим гирифтан**

Мо метавонем усулҳои тасмим гирифтанро ба се навъ тақсим кунем. Ҳамаи ин усулҳо дар шароити демокра... дар ҳолатҳои мухталиф истифода мегарданд.

Овоздиҳӣ (вақте мо роҳбари худро интихоб мекунем)

Созиш (ба шарҳи дар чорчӯбаи болоӣ овардашуда нигоҳ кунед)

Тахмил (бор) кардан (вақте, ки шахсе бо истифодаи қудраташ тасмими худро ба дигарон бор мекунад) Дар зер рӯйхати ҳолатҳое оварда мешавад, ки дар онҳо чараёни тасмимгирӣ нишон дода мешавад. Бо шарикатон муҳокима намоед ва ба қароре биёед, ки дар ҳолати овардашуда чӣ чизро нишон медиҳад: чараёни овоздиҳӣ, созиш (консенсус) ё тахмили (бор кардани) тасмим.

| № | Ҳолатҳо | Овоздиҳӣ | Созиш | Тахмил |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳар як шахс ҳақи овоздиҳиро дорад. | | | |
| 2 | Як шахс ба ҷои дигарон овоз медиҳад. Маъмулан овози вай ҳалкунанда аст. | | | |
| 3 | Ҳама имконияти баён кардани фикру ақидаи худ ва таёр кардани тасмимеро доранд, ки барои ҳама қобили қабул аст, ҳарчанд шояд ин чизе нест, ки онҳо мехостанд. | | | |
| 4 | Шумо даст бардошта, фикри худро баён мекунед ё ки дар коғаз навишта ба қуттӣ меандозед то, ки он махфӣ монад. | | | |
| 5 | Мумкин аст, ки тасмим иродаи на ҳамаи мардум, балки танҳо хоҳиши раҳбарро баён кунад. Бо вуҷуди ин тасмим гирифта шудааст, зеро шахси ин тасмимро гирифта, дорои қудрати конунӣ мебошад. | | | |
| 6 | Тасмими қабул гардида фикри аксариятро ифода мекунад. Аққалият розӣ мешавад, зеро боварӣ дорад, ки чараёни гирифтани тасмим одилона буд. | | | |
| 7 | Яке аз шахсоне, ки дорои қудрат аст ба хулосае омад, ки қоида вайрон карда шудааст ва ҳамаи гурӯҳро ҷазо медиҳад. | | | |
| 8 | Одамон то замони ба даст овардани созише, ки ҳамаро розӣ карда тавонад, муҳокимаро давом медиҳанд. | | | |
| 9 | Ҳама масъаларо баррасӣ мекунанд, вале тасмими қатъиро аз ҳама калонсолтарин мегирад. | | | |
| 10 | Ширкат (компания) тасмим мегирад, ки вобаста ба талаботи истеъмолкунандагон истеҳсоли кадом маҳсулотро давом диҳад. | | | |
| 11 | Созмоне, ки ёрӣ медиҳад, тасмим мегирад, ки дар кадом кишвар кор кунад. | | | |

Кыргыз Республикасы
№

## Супориши 13. Афзалиятҳо ва камбудиҳо

Муколамаҳои дар зер овардашуда муносибатҳо ва рафтори гуногун нисбат ба мунокишаҳои истифода аз об дар деҳаро нишон медиҳад. Тоҳир - яке аз фермерҳоро ба он айбдор карданд, ки аз об хеле зиёд: дар як рӯз 6 соат истифода мекунад. Барои ҳалли ин мунокиша маҷлиси аҳли деҳа баргузор шуд. Муколамаҳои овардашударо хонед ва муайян намоед, ки се намуди қарори қабулшуда чӣ афзалиятҳо ва чӣ камбудиҳо доранд.

### Овоздиҳӣ



**Одил:** *Хуб, мо дар бораи об мушкил дорем. Об барои ҳама лозим аст, бинобар ин мо наметавонем ин мавзӯъро ҳамин тавр монем. Касе мехоҳад, ки фикру мулоҳизаашро ба тарафдорӣ ва ё муқобили ҳамин тариқ аз об истифода кардани Тоҳир баён намояд?*

**Карим:** *Ман фикр мекунам, ки ҳамсояи мо Тоҳир, ки аз барои вай ин масъала пайдо шудааст, бояд дигар навъи зироатҳоро кишт намояд. Агар ба сабаби нарасидани об чизе барҳам хӯрад, ин масъалаи худи вай аст. Охир вай парвои эҳтиёҷоти мо надорад. Обро бояд баробар тақсим кард. Яъне вай дар рӯз танҳо 2 соат аз об бояд истифода намояд.*

**Амина:** *Бале, вале баъзе аз зироатҳояш аз байн меравад. Гузашта аз ин пеш аз кишту кор касе ба Тоҳир нагуфт, ки чӣ қадар об истифода карда метавонад. Барои чӣ ба вай иҷозат надиҳем, ки дар рӯз танҳо 4 соат аз об истифода намояд?*

**Алима:** *Ман фикр мекунам мо бояд ба Тоҳир иҷозат диҳем, ки ҳар қадаре мехоҳад обро истифода кунад. Зеро вай баъзе аз аҳли деҳаро бо ҷои кор таъмин менамояд ва илова бар ин барои таъмири бинои мактаб ёрӣ расонд.*

***Одил:*** *Ҳамин тавр мо се пешниҳодро гӯш кардем. Якум - ба Тоҳир иҷозат додани ҳамон миқдори обе, ки ҳаққи вай аст. Ин он маъноро дорад, ки вай танҳо дар рӯз ду соат аз об истифода карда метавонад ва ҳамон тавре, ки худаш мегӯяд, ин боиси аз байн рафтани зироатҳояш мешавад. Дуюм - ба вай иҷозати дар як рӯз 4 соат аз об истифода кардан дода шавад. Ва сеюм - иҷозат дода шавад, ки мисли ҳозира дар як рӯз 6 соат аз об истифода намояд. Биёед овоз диҳем.*

*(Одамон дастҳояшонро боло мекунанд, то ба яке аз ин се пешниҳод овоз диҳанд)*

***Одил:*** *Дар натиҷа 17 нафар ба тарафдории пешниҳоди якум, 28 нафар ба тарафдории пешниҳоди дуюм ва 12 нафар ба тарафдории пешниҳоди сеюм овоз доданд. Аксарият ба тарафдории он овоз доданд, ки ба Тоҳир иҷозат дода шавад то дар рӯз 4 соат аз наҳр об гирад.*

**Созиш**

***Одил:*** *Ҳамин тавр барои мо масъалаи об пеш омадааст ва баъзеҳо аз ин норозианд. Ҳоло бояд қароре қабул кард, ки ҳамаро розӣ карда тавонад. Чӣ пешниҳод вуҷуд дорад?*

***Алима:*** *Чаро ин саволро ҳамин тавр ба соли оянда гузошта баъд ҳал накунем?*

***Нурчигит:*** *Не, ин хел намешавад, зеро дар ин ҳолат масъала то соли оянда боқӣ мемонад. Ман фикр мекунам, ки Тоҳир бояд бо ин розӣ шавад, ки вай метавонад танҳо ба андозаи ҳамон соати муайяншуда аз об истифода карда ва бо оқибатҳои он розӣ шавад. Ин саволро ҳамин тавр ба соли оянда гузошта баъд ҳал накунем?*

***Тоҳир:*** *Гуфтан осон аст, вале бо полизи ман чӣ хоҳад шуд? Агар ҳамааш хушк шавад, ман қудрати баргардондани қарзҳоямро надорам ва билохира оилаам гурусна мемонад. Қарор дар бораи истифода кардан аз об бояд пеш аз кишту кори ман қабул карда шуд.*

***Мурод:*** *Тоҳир ҳақ аст, вале Нурчигит низ рост мегӯяд. Бинед ман чӣ пешниҳод мекунам. Мо ба Тоҳир иҷозат медиҳем аз об истифода кунад, вале вай бояд бо ҳамсояҳои худаш вохӯрда, боварӣ ҳосил намояд, ки онҳо барои обёрӣ ва нӯшидан ба андозаи кофӣ об доранд. Шояд ин кор боиси он шавад, ки вай танҳо дар рӯз 4 соат тавонад обро истифода кунад. Дар соли оянда мо як бори дигар ҷамъ шуда тасмим мегирем, ки чӣ чиз корем ва барои он чӣ миқдор об лозим мешавад.*

***Одил:*** *Шумо бо ин пешниҳоди Мурод розӣ ҳастед?*

*(Ҳамо розӣ мешаванд)*

***Одил:*** *Хеле хуб, пас ҳамин тавр мекунем.*

**Таҳмил**

***Одил:*** *Ҳамин тавр барои мо масъалаи об пеш омадааст. Шояд шумо тасмими маро нодуруст ҳисобед, вале ман қарор кардам ба Тоҳир иҷозат дода шавад, ки дар рӯз 3 соат аз об истифода кунад. Ташаккур, ки ба ҷамъомад омадед.*

Акнун дар бораи афзалиятҳо ва камбудиҳои се намуди қабул кардани қарор фикр намуда, ин ҷадвалро пур кунед.

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| Овоздиҳӣ | Овоздиҳӣ |
| Созиш | Созиш |
| Таҳмил | Таҳмил |

### Супориши 13. Ин усулҳоро кай бояд истифода намуд?

Дар гурӯҳҳои 3-4 нафарӣ кор карда, ҳолатҳои навбатиро хонед ва ба хулосае биёед, ки кадом усул ё усулҳо барои қабул кардани қарор мувофиқтаранд. Барои фаҳмондани он тайёр шавед, ки чаро барои ҳар як ҳолат ин ва ё он усулро интихоб кардаед ва ба фикри шумо кӣ бояд қарор қабул намояд. (Мо сутуни «қарори шахсӣ»-ро илова кардаем, зеро шумо метавонед ба хулосае биёед, ки баъзе қарорҳо бояд фақат аз тарафи шахсе қабул карда шаванд, ки ба он бештар аз ҳама таъсир мегузорад).

| № | Вазъияте, ки қарор қабул карданро талаб менамояд | қарори шахсӣ | овоздиҳӣ | Таҳмил | Созиш |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ду нафар фикр мекунанд, ки аз дигарон беҳтаранд ва шоистаанд Раиси Ҷумҳур шаванд. | | | | |
| 2 | Писараки панҷсола мехоҳад телевизор тамошо кунад, вале модараш мехоҳад, ки вай хоб равад. | | | | |
| 3 | Сокинони ду маҳалла барои китъаи замин муноқиша мекунанд. | | | | |
| 4 | Шаҳрвандон тасмим мегиранд, ки кадомӣ аз се гурӯҳи дорои фикру ақидаҳои мухолиф оид ба идоракунии иқтисодиёт бояд ба ҳукумат ворид шаванд. | | | | |
| 5 | Додраси додгоҳи ноҳия муаян мекунад, ки шахс гунаҳгор аст ё не. | | | | |
| 6 | Духтур бояд муаян кунад, ки чӣ доруҳо бояд истеъмол шавад | | | | |
| 7 | Оила барои навзод ном интихоб мекунад. | | | | |
| 8 | Тасмим мегиранд, ки духтаратон ба кӣ бояд ба шавҳар барояд. | | | | |
| 9 | Тасмим мегиранд, ки девори дохилии хонаи шумо чӣ хел ранг карда шавад. | | | | |

### Супориши 15. Дар шаҳр, шаҳрак ва деҳаи шумо...

Ҳангоми кор кардан ба таври дунафарӣ дар бораи ҳолатҳое фикр кунед, ки байни гурӯҳҳои одамон дар шаҳр ё деҳаи шумо ба вуҷуд омада буд. Ин масъалаҳо чӣ тавр ҳал гардида буданд? Кадом усули қабул кардани қарор истифода шуда буд? Кӯшиш намоед барои ҳар як усули ҳалли масъала ду мисол фикр кунед. Як мисол барои шумо оварда шудааст.

| | Овоздиҳӣ | Созиш | Таҳмил |
|---|---|---|---|
| ҳолати 1 | Дар деҳаи мо одамон натавонистанд ба қароре биёянд, ки кӯчаи асосиро чӣ ном гузоранд. Чандин ном пешниҳод шуд ва аз роҳи овоздиҳӣ ба он номи Усенов дода шуд. | | |
| ҳолати 2 | | | |

### Супориши 16. Ман кӣ ҳастам?

Бо шарикатон кор карда ин ҳолатро муҳокима намоед ва кӯшиш кунед, ки ба саволи дар зер овардашуда ҷавоб диҳед.

> Зани миллаташ тоҷик, ки дар Қирғизистон таваллуд ёфтааст 35 ҳафта ҳомиладор дошта ва дорои шиносномаи қирғизӣ мебошад. Вай ба марде, ки миллаташ ироқӣ буда ва дар Миср ба дунё омадааст ва шаҳрвандии ирландӣ мебошад, ба шавҳар баромадааст. Онҳо аз Япония ба Австралия ба воситаи ҳавопаймои ширкати корейгӣ парвоз мекунанд. Ҳам шавҳар ва ҳам зан дар ҳақиқат дорои раводиди (виза) туристии Австралия мебошанд. Тақрибан баъд аз чор соат дарди таваллуд шурӯъ мегардад. Ҳавопаймо аз рӯи ҷазираҳои Соломон парвоз мекунад. Баъд аз 10 дақиқа зан писар таваллуд мекунад.

Ба ин писарак шаҳрвандии кадом кишвар дода хоҳад шуд?

> Вазифаи ҳокимият фароҳам намудани шароитест, ки одамон тавонанд кор кунанд, маоши беҳтар ба даст оранд ва беҳтар зиндагӣ намоянд.
>
> А. Авдеев

Боби 1

# БОБИ 2

# Оила ва ҷомеа

**Машғулият то хондани матн:**

### Супориши 01. Оила

Дар гурӯҳҳои се-чор нафарӣ кор карда, вазифаҳои оиларо номбар кунед ва нависед.

### Супориши 02. Муқобилгузории калимаҳо ва таърифҳо

Ба тарзи дунафарӣ кор карда ба ин истилоҳот таърифҳои мувофиқ диҳед:

| Мафҳумҳо | Таърифҳо |
|---|---|
| 1. Мерос | а) Муносибатҳои ҷинсӣ байни одамони аз назари хешовандӣ ба ҳадде наздик, ки издивоҷи онҳо аз рӯи урфу одат ва қонун манъ карда мешавад. |
| 2. Инцест | б) Амволе, ки баъд аз марги молик ба шахси дигар мегузарад. |
| 3. Иерархия | в) Оилае, ки танҳо аз волидон ва фарзандони онҳо иборат аст. |
| 4. Васеъ шудани оила | г) Тақсими амудии гурӯҳи одамон аз рӯи қобилият ва статусашон. |
| 5. Оилаи нуклеарӣ | д) Оилае, ки метавонад волидон, кӯдакон ва дигар хешонро дар бар гирад. |

**Матн барои хониш**

Дар ин фасл саволҳои зерин баррасӣ мегарданд:
- Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳо оилаҳо аз назари сохт аз якдигар чӣ фарқ доранд
- Вазифаҳои оила
- Фарқи оила аз давлат дар чист
- Чӣ гуна сохти оила ва урфу одатҳо ба моликияти шахсӣ таъсир мегузорад
- Чӣ гуна сохти оила ба иқтисодиёт таъсир мегузорад
- Чӣ гуна давлат ба ҳаёти оилавӣ таъсир мегузорад

## 1.0 Шакли оилаҳо

Оила – ин воҳиди ибтидоӣ, хишти сохтмонии ҳар як ҷомеа ба шумор меравад. Вай ҳамчун сохти доимӣ ташкил шуда, одамонро бо ҳам ба воситаи издивоҷ, муносибатҳои ҳамхунию хешовандӣ, ё ки писархондагӣ/духтархондагиро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин оилаҳо аз ҷиҳати сохти худ дар миёни як халқ ва ё халқҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, ҷамъият ба тарзи мухталиф зиндагии оилавиро ташкил менамояд: одамон метавонанд ба шакли аз ҳам ҷудо дар хонаҳои алоҳида ва инчунин ҳамаи авлод дар зери як бом зиндагӣ кунанд.

Оилаи нуклеарӣ, ки аз падару модар ва фарзандон иборат аст, дар дарки назарияи (консепсияи) оила бештар маълуму машҳур мебошад. Аммо на ҳама зану шавҳарон дорои фарзанд мебошанд ва дар натиҷа оилаҳо ба шаклҳои мухталиф ташкил меёбанд. Дар аксарияти кишварҳо қисми зиёдро хонаводаҳое ташкил медиҳанд, ки аз падару модаронашон як нафарашон мондааст, ҳарчанд дар баъзе ҷомеаҳо ба онҳо фишорҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оварда мешавад, то ба гурӯҳҳои васеътари оилавӣ муттаҳид гарданд. Бо вуҷуди ин дар аксарияти ҷомеаҳо чунин шуморида мешавад, ки оилаҳои дорои яке аз волидон сазовори ҳимояти маънавӣ ва иқтисодӣ буда, онҳо дар сурати доштани пул ҳақ доранд алоҳида зиндагӣ кунанд.

Дар кишварҳое ҳамчун Аморати Араб ба мардон ҳақ дода мешавад бо зиёда аз як зан издивоҷ намоянд - полигамия (дар Қирғизистон ин кор ғайриқонунист). Ҷомеаҳое, ки дар он зан ҳаққи зиёда аз

як шавҳар карданро дорад (полиандрия), чӣ тавре, ки дар баъзе қисматҳои Ҳиндустони ҷанубӣ ва Тибет ба назар мерасад, хеле нодир мебошад. Вале дар ҳамаи ин ҳолатҳо урфу одатҳои динӣ талаб мекунанд, ки ҳуқуқҳои занону шавҳарон ҳимоят гарданд.

Ба ғайр аз оилаи нуклиарӣ хонаводаҳои васеъе вуҷуд доранд, ки хешовандон, яъне фарзандони оиладор бо занону шавҳарҳояшон ва фарзандони онҳоро дар бар мегиранд. Оилаи васеъ махсусан барои халқҳое, ки муносибатҳои оилавиро нисбат ба дигар алоқаҳои иҷтимоӣ болотар мегузоранд, хеле муҳим аст. Гарчанде ин намуди оила дар кишварҳои ғарбӣ бисёр кам вомехӯрад, вале дар Осиёи Марказӣ хеле маъмул аст. Дар баъзе кишварҳои ғарбӣ, ки аксари фарзандон аз назари синну сол нисбатан барвақт аз ҷиҳати пулӣ аз падару модарҳояшон новобаста мешаванд ва ҷавонон ба даст овардани маълумот ва кор карданро дур аз маҳали зист афзал медонанд, алоқаи байни аъзоёни хонаводаи васеъ суст шудааст ё тамоман аз байн рафтааст.

Зиёдтари халқҳои аслии Осиёи Марказӣ оилаҳои васеъ ва аз назари иерархӣ (тартиби дараҷаи эътибору мартаба) муташаккилона доштанд ва то ҳадди муаян имрӯз ҳам доранд. Ба таври анъанавӣ сарвари оила (ки тақрибан ҳамеша мард мебошад) аз ҳама ҳуқуқҳои молӣ бархурдор буд ва ҳақ дошт боқии аъзои хонаводаро сарзаниш намудаву ҷазо диҳад. Дар сурати иҷро накардани дастури вай ва ҳатто мухолифат бо вай, бо хатари хориҷ гардидан аз оила рӯ ба рӯ мешуданд.

**Маълумот дар бораи ҳайати оила**

(Хусусиятҳои демографии хоҷагиҳои оилавӣ)

| Маҳал | Таркиби миқдории оила | Фарзандон | Калонсолон | Пиронсолон |
|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 4,34 | 1,56 | 2,39 | 0,38 |
| Ноҳияҳои баландкӯҳ | 5,27 | 2,32 | 2,48 | 0,47 |
| Ноҳияҳои миёнакӯҳ | 4,79 | 1,81 | 2,60 | 0,38 |
| Ноҳияҳои водӣ (пасткӯҳ) | 4,15 | 1,43 | 2,35 | 0,37 |

## 2.0 Муносибатҳои байни мардон ва занон дар ҷомеаҳои мухталиф

Гарчанде дар баъзе мамлакатҳо синни миёнаи издивоҷи аввалин 17 сол аст, аммо дар кишварҳои дигар, махсусан кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ одамон қабл аз 25 солагӣ не, ҳатто дертар аз он издивоҷ мекунанд. Ин асосан аз он сабаб рӯй медиҳад, ки пеш аз барпо кардани оила ҷавонон мехоҳанд маълумот ва кори хуб ба даст биёранд. Умуман ҳар қадаре, ки кишвар пешрафтатар шавад, одамон ҳамон қадар дертар зан мегиранд ва ба шавҳар мебароянд ва дар чунин хонаводаҳо шумораи фарзандон низ кам мебошад.

Дар миёни баъзе халқҳои алоҳида (масалан дар Ҳиндустон) издивоҷ тибқи шартнома сурат мегирад. Баъзан падару модарон дар бораи издивоҷи фарзандони худ чандин сол қабл аз ақди никоҳ аҳду паймон мекунанд. Бинобар ин зану шавҳари оянда амалан ҷораи дигаре надоранд, ҳарчанд тибқи қонун (аз ҷумла барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) розигии ихтиёрии домод ва арӯс пеш аз сабти расмии ақди никоҳ муҳим ба шумор меравад. Халқҳои дигар, махсусан дар ҷойҳое, ки фарзандон ба муддати тӯлонӣ аз волидонашон ҷудо зиндагӣ мекунанд, худашон зану шавҳар интихоб менамоянд. Онҳо ҳатто бе розигии падару модаронашон низ метавонанд издивоҷ кунанд.

Тақрибан ҳамаи халқҳо дар мавриди инцест қоидаи сахт доранд. Масалан дар бештари кишварҳо издивоҷ байни хешовандони нисбатан наздик (то насли сеюм) иҷозат дода намешавад.

Дар байни оилаҳои қирғизҳо дар қисматҳои ҷулогонаи кишвар никоҳи байни хешовандони модарӣ (насли дуюм) иҷозат дода мешавад, дар ҳоле, ки дар баъзе аз минтақаҳои Ҳиндустон издивоҷи байни хешовандони насли дуюми падарӣ ба назар мерасад.

Дар миёни баъзе халқҳо дар издивоҷ барои арӯс ҷиҳоз талаб карда мешавад, дар баъзеи дигар, баръакс, ба хонаводаи арӯс ҷуброн пардохт мешавад. Қирғизҳои бумӣ ҳардуи ин анъанаро доранд. Тибқи урфу одат баъд аз он, ки духтар розигӣ дод, хонаводаи домод қабл аз тӯй ба падару модари арӯс «калим» медиҳанд. Ҳангоми тӯй ва баъд аз он оилаи духтар ба зану шавҳари ҷавон бояд ҳадя (сеп) диҳад, ки асосан бо нархи «калим» баробар мебошад. Ба ҷуз ин баъд аз тӯй, вақте, ки фарзанд ба дуне меояд ё ин ки оилаи ҷавон соҳиби хонаи алоҳида мешавад, волидони онҳо барояшон тӯҳфа пешкаш мекунанд, ки «ичи» номида мешавад. Аммо бояд дар назар гирифт, ки дар минтақаҳои кишвар ин урфу одат аз ҳам фарқ мекунанд. Ду намуди дигари мубодила низ вуҷуд дорад: «кийит» - иваз намудани либос байни падару модари духтар ва писар ва «сут-акы» ҳадя-ҷуброн аз волидони домод ба модари арӯс.

Чизҳои дар гузашта камтар паҳнгардида ва ва ҳоло фавқулода нодир инҳо ба шумор мераванд:

- Издивоҷ ба шакли «мубодила» (вақте, ки оилаҳои бузург арӯсҳоро мубодила мекунанд)
- Издивоҷҳои шартномаӣ, ки ҳангоми кӯдак будани ҳамсарони оянда сурат мегиранд)

- Издивоҷҳое, ки ба ҷои маҳр (калим) бегорӣ анҷом дода мешавад.
- Издивоҷҳое, ки ба воситаи дуздидани арӯс сурат мегиранд

Дигар халқҳои бумии Қирғизистон низ урфу одатҳои ба ин монанд доранд, вале ҳар яки онҳо вобаста ба минтақаашон метавонанд фарқ кунанд.

Дар замони шӯравӣ занон ҳуқуқҳои бисёр ва ба андозаи зиёд баробарҳуқуқӣ бо мардонро соҳиб шуданд. Вале баъд аз он, ки кишвар истиқлол ба даст овард, тамоюли бозгашт ба урфу одатҳои қадимӣ зоҳир гардид. Ҳуқуқҳои занон солҳои охир аз роҳҳое маҳдуд карда мешаванд, ки на аз рӯи урфу одат ва на аз рӯи қонун қобили қабул нестанд. Афзоиши издивоҷҳои ба қайд нарасида, ки дар натиҷаи он ҳуқуқҳои занон ва фарзандони бе ақди никоҳ ба дунё омада метавонанд ба таври ҷиддӣ халалдор гарданд, мисол шуда метавонанд. Бинобар ин бисёрии занон ва мардон дар Ҷумҳурии Қирғизистон бар он таъкид мекунанд, ки ҳуқуқҳои занон бояд ҳимоят шаванд. Барои ин дарки тозаи вазъи занон ва карзи оилавӣ, инчунин тағири ақидаҳои мардон ва занони алоҳида даркор аст.

Ҳарчанд издивоҷ барои ташкили оилаи доимӣ сурат мегирад, дар баъзе халқҳо таҷрибаи талоқ ва пайдо кардани шарики нав маъмул мебошад. Халқҳо ва давлатҳои зиёде қоидаҳое доранд, ки ба воситаи қонун ё урфу одат (ё ҳарду) талоқгириро мушкил менамоянд, то ин ки кӯдаконеро, ки аз ин издивоҷҳо ба дунё меоянд, ҳимоят намоянд. Дар чунин қонунҳо аксаран ишора мешавад, ки моликияти оила дар сурати талоқ баробар тақсим мегардад ва ҳардуи волидон вазифаи ҳуқуқӣ доранд, ки баъд аз бекор намудани ақди никоҳ ҳамаи фарзандони худро таъмини молӣ намоянд.

## 3.0 Моликият ва оила

Моликият метавонад вақти зинда будани волидон ба шакли ҳадя ё ин, ки ба воситаи тартиби муайяни ворисӣ, ки маъмулан баъд аз марги онҳо эътибор пайдо мекунад, ба меросхӯр вогузор карда шавад.

Дар баъзе халқҳо моликият метавонад ба тарзи баробар байни ҳамаи фарзандон тақсим гардад, вале дар байни мардумони алоҳидаи европоӣ тибқи одат моликият танҳо байни писарон тақсим карда мешуд (патрилинейность). Дар дигар кишварҳо, масалан дар Британияи асрҳои миёна мерос фақат ба писари калонӣ (майорат) дода мешуд. Дар камтар ҷомеаҳое, аз қабили ҷазираҳои укёнуси Ором, замин аз тариқи зан ба мерос гузошта мешавад. Вогузории мерос ба фарзанди хурдӣ «минорат» номида мешавад.

Ҳоло дар бештари кишварҳои демократӣ ва дигар мамолик вогузории мерос як раванди комилан ҳуқуқист, ки соҳиби моликият санад (васиятнома) омода намуда, дар он таъкид мекунад, ки ҳамаи моликияти вай ё қисме аз он баъд аз маргаш чӣ тавр тақсим карда шаванд. Дар ин санад соҳиби моликият тибқи хоҳиши худ метавонад аъзои оилаашро зикр накунад, дар ин сурат санад дар додгоҳ мавриди эътироз қарор дода шавад. Амалан ҳамаи нафақагирон (фарзандон, зан ё шавҳар) ҳаққи муқаддам доранд то ҳамчун ворис талаби соҳиб гардидан ба моликиятро намоянд. Ин раванди ҳуқуқӣ ҳамчунин аксаран ба зиммаи аъзоёни боқимондаи оила гузоштани ҳар гуна қарзи одами аз ҳаёт рафтаро маҳдуд менамояд. Дар ҳоли ҳозир қисмати зиёди моликият аз падару модарон ба фарзандон дар вақти дар қайди ҳаёт будани онҳо мегузарад, ҳарчанд раванди ҳадя кардан ба таври кофӣ аз тарафи қонун танзим нагардидааст.

Ҳарчанд меросхӯрӣ дар кишварҳои сарватманди дорои иқтисоди бозорӣ нақши муҳим мебозад, вале боз ҳам он нисбат ба мамлакатҳое, ки фарзандон бо мерос гирифтани замин метавонанд давлатманд шаванд, камтар аст.

Дар оилаҳои Осиёи Марказӣ одатан қисми асосии мерос аз падар ба писарон мегузарад (вале духтарон низ метавонанд бахше аз моликиятро ба унвони ҳадя дарёфт намоянд). Лекин писар вазифадор аст, ки айёми пирӣ дар ҳаққи падару модар ғамхорӣ намояд. Дар бештари кишварҳо қонун ба таври нодир ҳимояти манфиатҳои хешовандони пирро танзим мекунад; ба ҷои ин маъмулан ингуна муносибатҳо тибқи урфу одатҳои динӣ ва китобҳои монанди Қуръон муайян карда мешаванд.

Дар ҷойҳое, ки моликият ба воситаи писарон мерос гузошта мешавад, аксаран эътибори (статуси) занон паст мебошад. Халқҳое вуҷуд доранд, ки занон худашон ба моликият табдил мегарданд ва пардохта шудани маблағи муайян шишон медиҳад, ки волидон дар ивази он духтарашонро ҳамчун моликияти шахсӣ ба шавҳараш вогузор мекунанд. Вале тибқи системаи қаблии шӯравӣ ва бар асоси суннатҳои демократияи ғарбӣ одамон ҳаргиз наметавонанд моликияти касе шуморида шаванд. Ҳарчанд имрӯз ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам Қирғизистон асосан «калим» дода мешавад, аммо бештари одамон ва албатта муассисаҳои ҳукумати ин ақидаро, ки гӯё зан ба моликияти шавҳар медарояд, рад мекунанд.

## 4.0 Вазифаҳои оила



Оила вазифаҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро иҷро мекунад. Вазифаи шахсии оила иборат аз он аст, ки ба воситаи ақди никоҳ муносибатҳои маҳрамонаи байни мард ва занро қонунӣ ва баркарор

менамояд.

Вазифаи асосии оиларо, ки то андозае метавон иқтисодӣ низ донист, аз сохтани хона ва сарпаноҳ барои аъзоёни он, ки дар онҷо худро аз назари ҷисмӣ ва рӯҳӣ бехатар ҳис мекунанд, иборат мебошад. Дар байни тамоми мавҷудоти ширхор кӯдаки инсон аз ҳама бештар нотавон ва ба нигоҳубин муҳтоҷ мебошад. Кӯдаконро на танҳо дар тӯли солҳои дароз хӯронидану пӯшондан лозим аст, балки муҳимтар аз ин ба онҳо додани маълумоти ҳамаҷониба мебошад. Баъзе халқҳо мустақилияти кӯдаконро ташвиқ мекунанд ва дар баъзе халқҳои дигар ин чиз ба назар намерасад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ҷиҳати иқтисодии мавзӯъ тасмими таркиби миқдории оила яке муҳимтарин тасмимҳое мебошад, ки дар хонавода бояд гирифта шавад.

Дар бештари ҷомеаҳои санатӣ, бахусус дар кишварҳои дар ҳоли тараққӣ дар оилаҳо кӯдакон бисёранд, зеро:

- фарзандон ҳимояти волидон дар пиронсолиро кафолат медиҳанд;
- фарзандон метавонанд қувваи корӣ бошанд;
- фарзандон тамоюл доранд ба муддати дуру дароз дар хона монанд ва ё дар ҳамсоягӣ зиндагӣ кунанд;
- чунин ҳисоб карда мешавад, ки харҷи тарбияти фарзандон калон нест;
- дараҷаи фавти кӯдакон нисбатан баланд мебошад;
- дар ҷомеа расм шудааст, ки дар оила бояд фарзандони зиёд бошанд.

Баръакси ин дар кишварҳои пешрафтаи дорои иқтисоди бозорӣ зану шавҳарон аксаран тасмим мегиранд, ки таркиби миқдории оиларо маҳдуд намоянд, зеро:

- зану шавҳар мехоҳанд дар пиронсолӣ аз назари моддӣ вобаста набошанд;
- барои фарзандонашон вақти зиёд лозим мешавад то маълумот ба даст оранд;
- маъмулан фарзандонашон дар ҷои дигар ва аксаран дур аз падару модаронашон кору зиндагӣ мекунанд;
- хароҷоти таъмину тарбияи кӯдакон хеле зиёд мебошад;
- дараҷаи фавти кӯдакон хеле поин мебошад;
- Волидони зану шавҳар чашмдоранд, ки оилаи онҳо чандон калон нахоҳад буд. (Волидон ба ин гуна масъалаҳо вокеитар нигоҳ мекунанд).

Дар чунин ҷомеаҳо тасмим дар бораи таркиби миқдории оила маъмулан аз тарафи зану шавҳар гирифта мешавад ва дар сурати розигии ҳардутараф метавонанд боз як фарзанди дигар дошта бошанд.

Дар оилаҳои Осиёи Марказӣ ба таври анъана ҳар мард мехоҳад фарзандони зиёде дошта бошад, зеро ба ин восита авлод ва нуфузи вай афзоиш меёбад. Бинобар ин маҳз вай дар бораи таркиби миқдории оила тасмим мегирифт. Кӯдакон ва махсусан писарон ҳамеша азизу дилхоҳ буданд. Одати писархонд кардан густариш ёфта буд ва бештар фарзандони хешовандони шавҳар ба писарӣ қабул карда мешуданд.

Дар инҷо дар замони шӯравӣ тағйирот ба вуқӯъ пайваст, зеро таълим ёфтан имконпазир гардид ва имкониятҳои васеъи дигар пайдо шуд. Дар солҳои охир бад шудани вазъи иқтисодӣ боиси маҳдуд гардидани шумораи фарзандон гардид.

Муҳимтарин вазифаи дигари оила иҷтимоӣ кардани кӯдак мебошад. Ин кор аз оила ҷидду ҷаҳди зиёд талаб мекунад ва ҳатто одамон дар чорчӯби як анъанаи фарҳангӣ ва як ҷомеа ин масъаларо ба таври мухталиф ҳал мекунанд. Таълим додани ҳамкорӣ бо дигар одамон бахши асосӣ ва меҳвари иҷтимоӣ карданро мебошад. Маъмулан он дар давроni кӯдакӣ ба воситаи муносибатҳои дохили оила, ки ҳар аъзои он бояд ҳуқуқҳо, талаботҳо ва манфиатҳои дигаронро дар назар бигирад, аз худ карда мешавад. Ба ин маъно оила вазифаи шаҳрвандӣ ва маданиро иҷро мекунад. Демократия яке аз шаклҳои ҳамкорист ва асосан кӯдакон бояд онро ёд гиранд.

## 5.0 Фарқ байни волидон ва роҳбарони сиёсӣ

Ҳарчанд дар тарзи фаъолияти давлат ва оила баъзе шабоҳатҳо вуҷуд дорад, вале ҳеҷ гоҳе набояд фикр кард, ки роҳбарони сиёсии мо ҳамон нақши падару модарони моро бозӣ мекунанд ё ин, ки шаҳрвандон ба «кӯдакон» монанд мебошанд. Шаҳрвандон - одамони калонсоли бофикр ва асосан дорои маълумоти хуб мебошанд, ки нисбат ба худ эҳтиром талаб мекунанд ва аз онҳо интизор доранд, ки ҳама вазифаҳои шаҳрвандии худро иҷро мекунанд. Дар давлати демократӣ ба он ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва қобилияти интихоб кардан ва иваз намудани роҳбарони-худ дохил мешавад.

## 6.0 Муносибатҳои байни оила ва давлат

Дар баъзе халқҳо давлат ё ба сабаби он, ки интихобкунандагон инро мехоҳанд ё ба он далел, ки имкониятҳои давлат маҳдуд мебошанд, ба оилаҳо чандон таъсире надорад. Вале дар бештари давлатҳо қонунҳое ҷорӣ ҳастанд, ки никоҳ, талоқ ва ҳаёти оилавиро танзим намуда, барои ҳимояти кӯдакон ва таълимоти онҳо маблағ ҷудо мекунад.

Ҳуқуқи оилавӣ маъмулан ба идеяи баробарҳуқуқии зану мард дар пеши қонун асос ёфтааст. Бинобар ин ба таври ногузир қонунҳо бо урфу одатҳои хонаҳои алоҳида дар мухолифат қарор мегиранд, зеро тайёр кардани қонунҳои ҷомеъ ва фарогир, ки барои ҳама қобили қабул бошанд, усулан имконнопазир мебошад.

Яке аз қонунҳои муҳими давлат, ки бояд аз оила ҳимоят намояд - қонуни қайди ҳуқуқӣ ва мувофиқи он эътирофи никоҳ мебошад. Баъд аз он, ки никоҳ ба сабт расид, давлат метавонад аз қувваи худ барои назорат ба иҷрои ӯҳдадориҳои издивоҷ истифода намояд. Ин кор масъулияти яксони зану шавҳар барои ҳимоят ва таъмини моддии ҳамаи кӯдакон ва дигар шонхӯронро ҳатто дар сурати барҳам хӯрдани издивоҷ пешбинӣ менамояд. Ба чуз ин агар издивоҷ ба кайд нарасида бошад, пас дар сурати талоқ ҳар гуна даъво дар бораи тақсими молу амволи оила байни зану шавҳар мушкил хоҳад буд.

Давлат дар ҳолати доштани захираву имконот дар корҳои оила дахолат мекунад, то ки дар сурати номуваффақ будани издивоҷ ва ё қобилият надоштани падару модар барои ниғоҳубини даркории кӯдакон манфиатҳои онҳоро ҳимоят кунад. Дар ин сурат давлат метавонад кӯдаконро ба фарзандхондагӣ диҳад ва ё ба муассисаҳои махсус супорад.

Давлат дар тамоми қаламрави(масоҳати) Иттиҳоди Шӯравии собиқ дар даврони баркарорин ҳукумати шӯравӣ бо ёрии танзими қонун ба ҳаёти оилавӣ таъсири ночиз мегузошт. Вале дар солҳои баъдӣ, махсусан вақте, ки муносибатҳои нави иқтисодӣ алоқа ва анъанаҳои қавму қабиларо заиф намуданд, қонунҳои ба идеологияи марксистӣ ва урфу одатҳои пештар вуҷуд доштаи европоӣ асос ёфта бештар самарбахштар гардиданд.

Баъзи ба даст овардани истиқлол бештари давлатҳои Осиёи Марказӣ қонунҳои Иттиҳоди Шӯравиро дар ин соҳа ҳифз карданд ё каме шакли онҳоро тағир доданд. Аммо бо гузашти замон ин қонунҳо метавонанд дигаргун шаванд, то ки меъёрҳои байналмилалӣ ва хусусиятҳои инфиродии ҳар як кишварро дар бар гиранд.

**Омори демографӣ аз гузориши Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар бораи рушди миллии башар (ҶҚ), дар соли 2002**

Аҳолии кишвар – 4,9 миллион нафар мебошад
Қирғизҳо – 66%, ӯзбекҳо – 14%, русҳо – 11%-ро ташкил медиҳанд
50,4% аҳолӣ занон ҳастанд
Рушди табиии аҳолӣ дар соли 2000 – 65500 нафар мебошад
Кӯдакон ва наврасон 36% аҳолиро ташкил медиҳанд
65,1% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад
Синни миёнаи аҳолӣ қариб 26 сол аст

### Машғулият баъд аз хондани матн:

### Супориши 03. Муррифии маълумот дар бораи ҷомеаи шумо ба воситаи нақша

<u>Дастурамал:</u>

1. Ҳадди ақал рӯйхати 10 оиларо тартиб диҳед, ки дар наздикиҳои шумо зиндагӣ мекунанд.
2. Онҳоро аз рӯи шаклашон тасниф намоед: оилаи нуклеарӣ, оилаи васеъ, оилаи номукаммал (танҳо модар вуҷуд дорад ё падар) ё шаклҳои дигар. (Барои ин шумо бояд аз оилаҳо боздид намоед. Пеш аз он, ки ягон хел савол диҳед, бояд мақсади омадани худро ба онҳо фаҳмонед. Агар шахсе танҳо зиндагӣ кунад, шумо онро наметавонед оила номед).

<u>Пурсед:</u>

Кӣ дар ин хона зиндагӣ мекунад? Чанд нафар фарзанд мавҷуд аст? Оё бобою бибӣ низ бо онҳо зиндагӣ мекунанд?

**Оилаҳо дар Зеландияи Нав**



3. Ҳамин, ки маълумотро ҷамъ овардед, вайро бо маълумоти ду хонандаи синфатон якҷоя намоед.
4. Тафтиш кунед, ки як оиларо ду бор нанавишта бошед.
5. Ҳиссаи дарсадии (%) ҳар шакли оиларо ҳисоб намоед.
6. Ҷадвали доирашакл кашед (ба монанди ҷадвале, ки дар бораи Зеландияи Нав нишон дода шудааст).
7. Се ҷумла навишта, оилаҳои Зеландияи Навро бо оилаҳое, ки дар маҳалли шумо зиндагӣ мекунанд, муқоиса намоед. Кӯшиш намоед, ки сабабҳои фарқияти онҳоро шарҳ диҳед.
8. Аз одамоне, ки дар маҳалли шумо зиндагӣ мекунанд пурсед, ки ба фикри онҳо чӣ гуна ва чаро дар 10 соли охир шакли оила тағйир кардааст ва шакли он дар замони шӯравӣ чӣ тавр буд.

**Оилаҳо дар Зеландияи Нав**

Синни миёнаи издивоҷи мардон - 33,5%, занон - 30,7%
Шумораи кӯдакон ба ҳисоби миёна дар оила - 1,95%

### Супориши 04. Фарқи урфу одатҳои оилавӣ

Дар кишвари мо намояндагони миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, ки урфу одат ва русуматашон аз ҳам фарқ доранд. Кӯшиш намоед, ки мувофиқи гурӯҳи нажодии (этникии) худ ва урфу одатҳои гурӯҳҳои дигар ба саволҳои дар зер овarda шуда ҷавоб диҳед.

1. Оё барои арӯс маҳр (ҷиҳоз) дода мешавад? Аз тарафи кӣ дода мешавад? Кӣ қабул мекунад? Вай аз чӣ иборат аст?
2. Чӣ қоида ва урфу одат дар мавриди издивоҷ мавҷуд аст? Масалан аз назари синну сол/хешовандӣ/ зан гирифтан (ва ё шавҳар кардан) аз намояндагони миллиятҳои дигар.
3. Дар бораи кай ва бо кӣ издивоҷ кардан (зан гирифтан ё шавҳар кардан) кӣ тасмим мегирад?
4. Кадом ӯҳдадориҳо зану шавҳарро бо алоқаманд менамояд?
5. Дар сурати хоҳиши яке ё ҳардуи зану шавҳар барои талоқ ё ҷудо шудан чӣ чиз пеш хоҳад омад?
6. Дар ҳолати талоқ ё ҷудо шудани онҳо бо молу мулк ва фарзандонашон чӣ кор сурат мегирад?
7. Моликият баъд аз марги соҳиби вай чӣ тавр тақсим мешавад?
8. Ин урфу одатҳо дар ҳаёти рӯзмара риоя мешаванд? Агар не, пас бигӯед, ки дар ҳақиқат чӣ тавр сурат мегиранд.

### Супориши 05. Мерос

Дар шаклҳои мухталифи мероси моликияти оилавӣ кадом бартарӣ ва камбудиҳо вуҷуд доранд? Ин ҷадвалро ба дафтарҳоятон навишта ва онро бо шарикатон пур кунед.

| Бартарӣ | Камбудӣ |
|---|---|
| а) Супурдани моликият ба писари хурдӣ ба мерос. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| б) Моликият ба писари калонӣ ба мерос гузошта мешавад. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| в) Ҳамаи фарзандон аз моликият ба таври баробар мерос мегиранд. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| г) Ҳамаи писарон аз моликият ба таври баробар мерос мегиранд. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| д) Супурдани моликият ба мерос ба духтари калонӣ ё хурдӣ. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| е) Ҳамаи моликият ба давлат супурда мешавад. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| ж) Моликият мерос нест, зеро ба ҳамаи оила тааллуқ дорад. | |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |

### Супориши 06. Бартариҳои мухталиф

Дар гурӯҳҳои се - чор нафарӣ кор карда, нависед, ки барои ашхоси зерин чӣ мушкилот ва бартариҳоро мебинед:

- зани бешавҳар дар ҷомеаи шумо;
- марди безан дар ҷомеаи шумо;
- марди оиладор дар ҷомеаи шумо;
- зани оиладор дар ҷомеаи шумо;
- занони бева ва талоқёфта дар ҷомаеи шумо.

### Супориши 07. Издивоҷи ба қайд нарасида

Дар Қирғизистон баъзе ҷавонон издивоҷ мекунанд, вале никоҳашонро ба сабт намерасонанд. Дар гурӯҳ ин масъалаҳоро баррасӣ намоед:

- Агар издивоҷ ба сабт нарасида бошад, духтар кадом ҳуқуқҳоро аз даст медиҳад?
- Агар издивоҷ ба сабт нарасида бошад, мард кадом ҳуқуқҳоро аз даст медиҳад?
- Қайд нагардидани шумораи зиёди издивоҷҳо дар ҷомеаи шумо чӣ натиҷа хоҳад дод?
- Барои ҳалли масъалаи издивоҷҳои ба қайд нарасида чӣ бояд кард?

Бартарӣ ва камбудиҳои издивоҷҳои қайд нагардида барои занон ва мардонро баррасӣ намоед.

| Бартарӣ | Камбудӣ |
|---|---|
| | |

### Супориши 08. Вазифаҳои шумо дар оила

Ба тарзи дунафарӣ кор карда, вазифаҳои худ нисбати хоҳар / бародар / модар / падар ва ғайраҳоро номбар намоед. Масалан дар ҷазираҳои Соломон, ки давлати начандон калони ҷазирай дар қисмати ҷанубии Уқёнуси ором мебошад, писари наврас бояд:

- обрӯи кишвари худашро ҳимоят намояд;
- барои таъмини оила бо хӯрокворӣ ёрӣ расонад;
- агар пул кор мекунад, бояд хароҷоти таълими бародарону хоҳарони хурдиашро таъмин намояд.

Духтари наврас бояд:

- ба модараш барои хӯрок тайёр кардан ёрӣ расонад;
- кӯдаконро нигоҳубин намояд.

### Супориши 09. Ҳаёти оилавӣ

Дар гурӯҳҳои 4-5 нафарӣ кор карда, бо фикрҳои зерин ошно шавед ва ба хулосае биёед, ки бо онҳо розӣ ҳастед ё не. Агар шумо бо баъзе мисолҳо бо шароити муаян розӣ ҳастед, пас омодаи фаҳмондани ин шароитҳо бошед.

1. Духтарон баъди шавҳар кардан бояд ақаллан дар тӯли як сол бо волидони шавҳарҳояшон якҷоя зиндагӣ кунанд.
2. Дар оила набояд бештар аз ду фарзанд бошад.
3. Шавҳар бояд тасмим бигирад, ки дар оила чанд нафар фарзанд бошад.
4. Кӯдакон бояд намоён бошанд, вале набояд ба онҳо гӯш дод.
5. Аъзоёни оила бояд дар як маҳалла зиндагӣ намоянд, то ки тавонанд аз ҳоли якдигарро зуд-зуд хабар гиранд.



6. Дар ҳаёти муосир нақши оила ночиз аст.
7. Духтарони хуб - итоаткор ва заҳматкаш ва писарони хуб - сахтгир, сермағз ва фаъол мебошанд.
8. Модарон ба андозаи писаронашон дар рафтору ахлоқи онҳо масъул мебошанд.
9. Ҷазои ҷисмонии фарзандон аз тарафи волидон бояд ғайриқонунӣ бошад.
10. Зан бояд буҷети оиларо назорат кунад.
11. Барои таълим бояд ба писарон имконияти бештар дод, зеро онҳо мисли духтарон доно нестанд.
12. Ҳама издивоҷҳо бояд бар асоси ишқу муҳаббат сурат гиранд.
13. Ҳам модарон ва ҳам падарон бояд бештар бо фарзандонашон муошират намоянд.
14. Эътибори (статуси) занон низ бояд мисли эътибори мардон бошад.



# БОБИ 3

# Ҳуқуқи башар ва ҳуқуқи байналмилалӣ

**Машғулият то хондани матн:**

### Супориши 01. Шумо аллакай чиро медонед?

Пеш аз хондани матн , кӯшиш намоед ба тарзи дунафарӣ ба ин саволҳо ҷавоб диҳед:

1. "Ҳуқуқи башар" чист?
2. Кӣ соҳиби ҳуқуқи башар аст?
3. Кӣ масъули ҳимоят аз ҳуқуқи башар аст?
4. Чӣ тавр ҳуқуқи башарро метавон ҳимоят кард?

### Супориши 02. Муқоисаи калимаҳо ва таърифҳо?

Дунафарӣ кор карда, ин истилоҳотро таъриф намоед:

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Ҳуқуқҳои қонунӣ<br>2. Ҳуқуқи башар<br>3. Ҳуқуқи байналмилалӣ | а) Қонунҳое, ки давлат қарор додааст риоя намоянд ва қонунҳое, ки амали онҳоро нисбат ба якдигар ва шаҳрвандони худ танзим менамоянд.<br>б) Ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳое, ки ҳама инсонҳо доранд.<br>в) Ҳуқуқҳое, ки тибқи қонун дода мешаванд. |

**Матн барои хониш**

## 1.0 Ҳуқуқ ва ҳуқуқи башар

Ҳар коре, ки шумо анҷом медиҳед, қатъи назар аз хоҳиши шумо ба тарзи мухталиф ба дигар одамон таъсир мегузорад. Доираи ин таъсир метавонад хеле васеъ бошад: аз амале, ки боиси марги дигаре мешавад, то амале, ки вайро асабонӣ мекунад. Бинобар ин дар ҷомеа қонун, тартиб ва анъанаҳое вуҷуд доранд, ки кай, дар куҷо ва то чӣ дараҷа ба дигарон таъсир гузоштани шумо ва ё таҳти таъсири онҳо қарор гирифтани шуморо нишон медиҳанд.

"Ҳуқуқ" муносибати байни одамонро инъикос мекунад: касе барои чизе ҳуқуқ дорад, каси дигар чун нисбат ба вай "ӯҳдадор" мебошад, чизеро ба ихтиёри вай мегузорад. (Ман ҳаққи зиндагӣ карданро дорам, бинобар ин шумо вазифадоред ин ҳуқуқро ҳимоя кунед.)

Ду навъи ҳуқуқ вуҷуд дорад:

- ҳуқуқе, ки мо нисбат ба ҳамаи одамон дорем ва мутаносибан мо дар назди ҳама одамон ӯҳдадор мебошем.
- ҳуқуқе, ки мо фақат аз одамоне дарёфт мекунем, ки бо онҳо созишномаҳои махсус бастаем (масалан созишномаи издивоҷ).

**Ҳуқуқҳои қонунӣ ва ҳуқуқи башар**

Қонунҳо бояд бо мақсади ба ҳуқуқи башар додани ҷанбаи қонунӣ тайёр карда шаванд ва ба хотири ҳимоят ва дастгирии он тағйир дода шаванд. Фарқи байни ҳуқуқҳои қонунӣ ва ҳуқуқи башар дар он аст, ки ҳуқуқи башар дахлнопазир буда, наметавонад мавзӯи гуфтушунид қарор гирад. Ҳамин тавр ҳамаи одамон қатъи назар аз кишварашон ба тарзи баробар аз ҳуқуқи башар бархӯрдоранд. Ин он маъноро дорад, ки маҳз ҳукуматҳо вазифадоранд қонунҳои давлатиро тарзе тағйир диҳанд, ки онҳо ба талаботи риояи ҳуқуқи башар мувофиқ бошанд.

Ҳуқуқҳое, ки бар асоси созишномаҳои махсус ҳосил мегарданд, аз ҳуқуқҳое, ки аз карордоди тиҷорӣ байни ду нафар имзошуда сар карда, то ҳуқуқҳое, ки аз тарафи ҳукумат барои ҳамаи аҳолӣ ваъда дода мешавад (масалан дастраси умум намудани хизмати босифати тандурустӣ), хеле гуногуншакл мебошанд. Дар чунин ҳолатҳо шумо барои чизе ҳаққи қонунӣ ба даст меоред ва баъзан дар ивази он вазифаҳоред кореро анҷом диҳед, яъне андоз пардохт намоед.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳи муносиби ваӣ ба мубодила монанд аст. Шумо аз баҳри баъзе аз ҳуқуқҳои худ дар ивази он, ки кадом кас низ аз ҳуқуқҳои худ даст хоҳад кашид, мегузаред, дар айни ҳол ҳар яки шумо ӯҳдадор мешавед, ки созиши дутарафаро, ки вазифаҳои мувофиқро дар бар гирифтааст, эҳтиром намоед. Масалан агар Асал аз Рустам хоҳиш намояд, ки дар ивази чанд дона себ гӯсфандҳои вайро нигоҳ кунад, пас дар сурати маслиҳат кардан мубодилаи ҳуқуқҳо ба вуқӯъ меанҷомад. Асал ҳақ дорад ба он умед бандад, ки Рустам гӯсфандҳои вайро нигоҳ мекунад ва Рустам ҳақ дорад мунтазир бошад, ки Асал ба вай себ медиҳад. Инро ивҷунин метавон ӯҳдадорӣ номид. Масалан мутобиқи маслиҳат Рустам дар назди Асал ӯҳдадор аст, ки гӯсфандони вайро нигоҳ кунад.

Вақте мо ба сатҳе мерасем, ки ҳуқуқи башар номида мешавад, инсон ҳаққи шуморо барои зиндагӣ кардан ва барои озод будан ба ҳамон дараҷае, ки худаш дорад, эътироф мекунад. Вале фарқи асосӣ байни ҳуқуқи башар ва ҳуқуқҳои дар натиҷаи созишномаи махсус ба даст омада дар он аст, ки мо инсонем ва дорои ҳуқуқи башар мебошем. Ин он маъноро дорад, ки инсон ҳар касе, ки набошад (зан ё мард), худ ба худ ба соҳиби ҳуқуқи башар мешавад, новобаста аз он, ки онҳо ба таври мутақобил риоя мешаванд ё не.



Тамошои ду кӯдакони яҳудӣ дар синф. Дар тахта навишта шудааст: "Яҳудиҳо-бадтарин душманони моанд, аз яҳудиҳо эҳтиёт шавед". Соли 1935

## 2.0 Ҳуқуқ ва вазифаҳо

Риояи оддии ҳуқуқ кофӣ нест, ҳарчанд ҳимояи ҳуқуқ вазифаи асосии давлат аст, мо ҳамчун шахси алоҳида вазифадорем ҳуқуқҳои якдигарро тарафдорӣ намоем, ҳатто агар он барои ҳаёти мо хатар дошта бошад. Гап дар сари он аст, ки як нафар наметавонад дар муқобили давлат ё оммаи мардум қарор гирад. Барои вай ҳимоя лозим аст. Ӯҳдадории ҳар шахс ҳимояи ҳуқуқи дигарон аст ва ин идеяи асосӣ дар фаҳмиши ҳуқуқи башар ба шумор меравад. Дар ғайри ин ҳарфи пуч хоҳад буд.

Аз сарнавишти инсонӣ дар Олмони гитлерӣ зиндагӣ карда, ки дар зер оварда мешавад, маълум мегардад, ки ҷаро ин тавр бояд амал кард:

> "Дар аввал онҳо (ҳукумат) барои яҳудиҳо омаданд, онҳоро burdand ва ба фикрам куштанд. Ман яҳудӣ набудам ва ба ҳеҷ кас ёрӣ надодам.
>
> Сипас онҳо барои католикҳо омаданд, burdand ва ба назарам қатл карданд. Ман католик набудам ва коре ҳам накардам.
>
> Баъд онҳо барои циганҳо омаданд, burdand ва куштанд. Ман циган набудам ва ба онҳо кӯмак накардам.
>
> Оқибат барои ман омаданд, ва ҳеҷ касе намонда буд, ки ба ман ёрӣ расонад..."

Мо метавонем ҳуқуқҳои башарро ба сиёсӣ, шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тақсим намоем. Дар бобҳои оянда мо фарқи байни ҳуқуқҳоеро баррасӣ мекунем, ки барои риояи қисме аз онҳо таъмини чизе (ба сурати вогузорӣ) лозим аст ва барои риояи қисми дигар чизе лозим нест (ба сурати асосӣ)

## 2.1 Ҳуқуқҳои асосӣ

Ҳуқуқҳои асосӣ дахолат накардан дар ҳаёти шуморо дар назар дорад, ки маънои он ҳимояи ҳуқуқҳои шумо барои озодии амал ва озод будани шумо аз амали дигар одамон мебошад.

а) Шумо метавонед ҳар кореро, ки хоҳед анҷом диҳед, то замоне, ки амали шумо бе зарурат дигаронро аз ҳуқуқҳояшон маҳрум насозад.

Дар ин ҷо ҳуқуқи шумо барои амал намудан собит мешавад. Ин ҳуқуқ барои шумо озодии амалро медиҳад. Масалан:

- ҳуқуқи сафар кардан ба ҳар куҷо, ки хоҳед;
- ҳуқуқи бо ҳам ҷамъ омадан;
- ҳуқуқи навиштан, гуфтан, хондан ва шунидани он чизеро, ки мехоҳед;

б) Ҳеҷ кас наметавонад шуморо аз ҳуқуқҳоятон маҳрум намояд, агар шумо беасос касеро аз ҳуқуқҳояш маҳрум насозед.

Ин ҳуқуқ муаян мекунад, ки дар чӣ мавридҳо дигарон метавонанд ба хаёти шумо дахолат намоянд. Дар амал ин фаъолияти онҳоро маҳдуд мекунад, бинобар ин шумо ҳақ доред аз таъсири дигарон озод бошед. Ҳуқуқҳои зеринро метавон ҳамчун мисол овард:

- ҳуқуқи озодӣ аз шиканча;
- ҳуқуқи озодӣ аз ғуломӣ.

Ҳар як шахс ин ҳуқуқҳоро бояд дошта бошад, зеро ҳар инсон бояд аз зўроварӣ озод бошад. Ин он маъноро дорад, ки ҳар кас бояд ҳуқуқи озодии дигарон аз зўровариро эҳтиром намояд. Барои ин одамон бояд аз расондани зиён ба дигарон худдорӣ кунанд. Ин ҳуқуқи асосист, зеро талаб мекунад, ки одамон кори дигаре накунанд. Ба замми ин дар амал аз онҳо талаб карда намешавад, ки ба таври илова иқдоме анҷом диханд, то ин шакли озодиро ҳимоят намоянд. Умуман ҳукумат барои ҳимояи ин ҳуқуқҳо ба ҷуз хароҷоти идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки ба хотири ҳимояи ин ҳуқуқҳо конун қабул мекунанд, чизи дигаре харҷ наменамояд.

> **Чон-Тош аз ҳаққи зиндагӣ ва ибрози ақидаҳои сиёсӣ**
>
> Дар соли 1991 дар наздикии деҳаи Чон-Тош (начандон дур аз Бишкек) қабрҳои дастҷамъии қурбониёни бедодгариҳои сталинӣ пайдо шуданд. Чӣ тавре, ки тафтишот нишон дод, дар охирҳои солҳои 30 дар ин ҷо ва ҷойҳои дигар одамонеро несту нобуд мекарданд, ки ба фаъолиятҳои зиддиҳукумат айбдор карда мешуданд. Баъзеи онҳо барои он ба қатл расонида шуданд, ки орзуи Қирғизистони Социалистии Соҳибистиқлолро доштанд.
>
> Сталин, ки он замон раҳбари Иттиҳоди Шўравӣ буд, ҳар касеро, ки барои ҳукумати вай хатар дошт, ҷазо медод.

## 2.1.1 Усули тартибии (иерархияи) ҳуқуқ

Агар шумо дар бораи тасдиқи ин, ки *«метавонед ҳар корро, ки хоҳед анҷом диҳед, то замоне, ки амали шумо бе доштани ичозаи лозим дигаронро аз ҳуқуқҳояшон маҳрум насозад»*, хуб фикр кунед, мебинед,

> **Тиҷорати инсон: "Ту ба ман тааллуқ дорӣ. Ту моликияти шахсии манӣ. Кўшиши гурехтанро накун".**
>
> Ба ҳамин наздикиҳо шакли нави фаъолиятҳои ҷиноӣ – тиҷорати инсон маълум гардид. Тиҷорати инсон вақте сар мезанад, ки одамонро базўр ё бо роҳи фиреб аз шаҳрашон ё кишварашон берун бурда, бархилофи майлашон онҳоро ба ҷойҳои мухталиф бе музди кор ва ё бе шартномаи меҳнатӣ ба кор мефиристанд. Баъзан одамонро барои он мехаранд, ки баъдан онҳо дигаронро барои ғуломӣ фурўшанд. Ҳеҷ кас миқдори дақиқи одамонеро, ки қурбонии чунин тиҷорат шудаанд намедонанд, аммо ҳамасола дар саросари ҷаҳон шумораи қурбониҳо аз 700.000 то 4.000.000 нафар дониста мешавад, ки 80% онҳоро занон ташкил медиҳанд ва 25% қурбониёни тиҷорати инсон аз Ҷомеаи Кишварҳои Муштаракулманофеъ мебошанд.
>
> Қурбониёни тиҷорати инсонро ба танфурўшӣ ва дигар намудҳои истисмори шаҳвонӣ, ба маҷбур додан бар хилофи хоҳиши онҳо, ба корҳои дорои музди ночиз ва ё корҳои маҷбурии бемузд, пайвандкунии (трансплантацияи) маҷбурии аъзои бадан, хизмати ғайриқонунии аскарӣ ва интиқоли моддаҳои мухаддир водор мекунанд. Сарфи назар аз он, ки беш аз 80% қурбониёни тиҷорати инсон дар тамоми дунё аз истисмори шаҳвонӣ ранҷ мебаранд, масъалаи тиҷорати инсон аз масъалаи танфурўшӣ фарқ мекунад. Занон, кўдакон ва мардон, ки қурбони тиҷорат қарор гирифтаанд, ҷиноятқор набуда, балки қурбониёни ҷиноятқорӣ ҳастанд.
>
> Тоҷирон – онҳоеанд, ки дар ҷараёни фурўши пинҳонии одамон миёнравӣ мекунанд ва он ҷиноятқоронеанд, ки баъзан ҳамзамон дар шабакаи танфурўшон амал менамоянд. Бештари онҳо одамони ошноеро ҷалб мекунанд, баъзеҳо бо роҳи зўрӣ ё фиреб хешовандон, аъзоёни оила ё дўстонашонро ғулом ё танфурўш менамоянд. Баъзан тоҷирон худро "созмондиҳандагони сайёҳатҳои ракс" муаррифӣ намуда, қурбониёнро ба доми худ мекашанд.
>
> Ин масъала амалан ҳама кишварҳои дунёро дар бар гирифтааст. Кишварҳо шартан ба се гурўҳ тақсим мешаванд: кишвари фиристанда (давлатҳое, ки гирифтори бўҳрони иқтисодӣ ё вазъияти сиёсии печида ва ноором мебошанд), кишварҳои транзит (давлатҳое, ки аз тариқи онҳо ба кишварҳои таъинот роҳ кушода мешавад) ва кишварҳои таъинот (давлатҳои дорои вазъи беҳтар оромии иқтисодӣ).
>
> Қирғизистон нуқтаи фиристанда, транзит ва камтар таъинот мебошад. Занҳои аз 18 то 35 сола барои танфурўшӣ ҷалб гардида ва ба Аморати Муттаҳидаи Араб, Туркия, Чин, Олмон ва Юнон фиристода мешаванд. Мардонро ба Қазоқистон ва Федерацияи Руссия барои меҳнати маҷбурии ҷисмонӣ равон мекунанд. Барои заноне, ки аз Тоҷикистон ва Ўзбекистон меоянд, Қирғизистон кишвари транзит ва таъинот мебошад.
>
> Қирғизистон протоколи байналмилалии пешгирӣ ва қатъи тиҷорати инсонро ба имзо расонидааст. Дар соли 2002 Созмони байналмилалии муҳоҷират ва Ҳукумат Барномаи чорабиниҳои мубориза бо тиҷорати инсон ва ба хориҷ бурдани одамонро тайёр намуданд ва Шўрои миллии мубориза бо тиҷорати инсон ва ба хориҷ бурдани одамон дар назди Раиси Ҷумҳури Қирғизистон ташкил шуд.

ки он худ ба худ ба шахс ҳеҷ навъ ҳуқуқи муаян намедиҳад. Охир мову шумо аллакай медонем, ки ҳар амал ба шакле ба ҳуқуқҳои дигар одамон таъсир мегузорад. Дар сурати таъйини тартиби (иерархияи) ҳуқуқҳо, ки бартарии як ҳуқуқ ба дигар ҳуқуқҳоро муаян менамояд, аз ин мушкил халос шудан мумкин аст.

Биёед як мисоли амалиро баррасӣ намоем. Гурӯҳи коргарон роҳи дохил шудан ба корхонаро бастаанд, зеро ба назари онҳо дар он ҷо аз технология ва истеҳсолоти барои ҳаёти коргарон хатарнок истифода бурда мешавад. Онҳо ин амали худро чунини шарҳ медиҳанд, ки аз ҳуқуқ барои ҳаёт ҳимоя мекунанд. Соҳиби корхона дар бораи онҳо ба додгоҳ шикоят мекунад, зеро онҳо вайро аз ҳуқуқи ба даст овардани даромад аз фаъолияташ маҳрум мекунанд. Маълум аст, ки ҳуқуқ барои ҳаёт нисбат ба даст овардани даромад муҳимтар аст ва агар коргарон тавонанд ҳақ будани худро исбот кунанд, онҳо ҳуқуқи қонунии давом додани муҳосираи корхонаро ба даст меоранд.

Ҳуқуқҳои эълоншудаи башар ва дар амал ҳар гуна қонун ва урфу одатҳо ё аз вазифаҳои асосӣ- сохтани ин гуна тартиби ҳуқуқҳоро иҷро менамоянд. Ин тартиб ба давлат имкон медиҳад то шаҳрвандони алоҳидаро аз ҳуқуқҳои муаян маҳрум созад (масалан, ба восита ба ҳабс гирифтан) ва ҳамин тавр, ҳуқуқҳои асосии дигар шаҳрвандонро, ки муҳимтар мебошад, ҳимоя кунад.

> **Муаллимон дар нақши ҳомиёни ҳуқуқ**
>
> Муҳимтарин нақши муаллим дар ин ва дигар машғулиятҳо аз ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи хонандагон барои ифодаи ақидаи худ иборат аст.
>
> Муаллимон ба воситаи ба хонандагон ёд додани ба навбат баромад кардан ва гапи якдигарро набуридан, ба чунин натиҷа расида метавонанд. Ҳамчун хонанда шумо метавонед барои ҳимояи ин ҳуқуқ ба муаллим ёрӣ расонед ва ба дигарон низ маслиҳат диҳед, чунин рафтор намоянд.

## 2.2 Ҳуқуқҳои вогузоршаванда

"Кӯдак ҳақ дорад, ки волидонаш вайро хӯронанд" - ин мисоли ҳуқуқҳоест, ки вогузор мешавад. Ин ҳуқуқ инчунин натиҷаи рафтори дигар ашхос дар бораи ягон касро пешбинӣ менамояд, вале ҳуқуқи вогузоршаванда бояд бо ягон чизе таъмин гардад (дар ин ҳолат кӯдак бояд бо хӯрок таъмин карда шавад). Барои ҳамин ҳам мо онро вогузоршаванда номидем. Фарқи байни ҳуқуқҳои асосӣ ва вогузоршаванда аз ин иборат аст: ҳуқуқҳои вогузоршаванда на ба воситаи он ҳимоя карда мешаванд, ки шахсро ором мегузоранд, балки ба воситаи таъмин намудан бо ягон чиз ё иҷро кардани чизе. Таъмин намудан бо ягон чиз маъмулан харочоти муаян талаб мекунад. Масалан барои таъмин намудан бо таҳсил пул лозим аст.

Оё танҳо кӯдакон дорои ҳуқуқҳои вогузоршаванда мебошанд? Ҳаргиз не: ҳуқуқҳои вогузоршаванда дар ҳама ҳолатҳо пайдо мешаванд -аз ҷумла вақте мо дар бораи таъмин намудани чизе дар ивази чизи дигар (ки он ҳатмӣ ба шумор меравад) мувофиқат мекунем. Дар ивази хӯрок кӯдак (шояд надониста) падару модаращро аз масъулияти хӯронидани вай то гурусна шуданаш озод мекунад. Ҳуқуқи вогузоршаванда ба ӯҳдадориҳои шахсе ва чизе вобаста аст, ки ин ҳуқуқҳоро таъмин менамояд. Рӯшан аст, ки волидон ӯҳдадориҳо акаллан то замоне фарзандонашон калон нашудаанд, онҳоро хӯронанд, зеро онҳо бо таваллуди фарзандонашон аллакай ин ӯҳдадориро ба дӯш гирифтаанд. Дар ин ҳолат тавофуқ ё шартномаи хаттӣ вуҷуд надорад, вале ба тарзи яқин ӯҳдадории ба кӯдакон кӯмак намудан, то замоне, ки акаллан калон шаванд, дар назар дошта шудааст.

Дар ҷомеаи демократӣ шаҳрвандон барои намояндагони худ овоз медиҳанд, то ки чӣ гуна маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳаҷми додани ҳукуматро муаян намоянд. Ҳамин тавр, аз назари қонунӣ (юридикӣ) ҳуқуқи вогузоршаванда пайдо мешавад.

Ба ибораи дигар дар қонун "ҳуқуқи" шаҳрвандон барои ин гуна маҳсулотҳо ва хизматрасонӣ (масалан тандурустӣ) пешбинӣ мешавад. Минбаъд ҳукумат аз андозҳои ба воситаи шаҳрвандон пардохташуда истифода бурда, барои таъмини ҳар шахсе, ки ба ин гуна маҳсулотҳо ва хизматрасонӣ ниёз дорад, масъул мебошад. (Ин гуна ҳуқуқҳо ба шартномае монанданд, ки байни аҳолӣ ва ташкилотҳои давлат баста мешаванд). Дар мавриди ин гуна ҳуқуқҳои вогузоршаванда ду масъала вуҷуд дорад:

> **Волидонам маро аз ҳуқуқи бозӣ кардан дар кӯча бо дӯстонам маҳрум намуданд**
>
> Муносибати байни волидон ва фарзандон аз муносибати байни шаҳрвандон ва ҳукумат фарқ мекунад. Бештари қонунҳои миллӣ ва байналмилалӣ онро дар назар мегиранд, ки падару модарон ба фикри пайравии фарзандонашон ҳастанд ва бо ҳамин сабаб онҳоро аз баъзе ҳуқуқҳо маҳрум мекунанд, то онҳоро беҳтар ҳимоя намоянд. Вале дар мавриди ин ҳуқуқ низ маҳдудият вуҷуд дорад, зеро падару модарон низ набояд ҳуқуқҳои фарзандони худро нағз [illegible] намоянд. Масалан дар кишварҳои [illegible] (агар [illegible] вуҷуд дошта бошад), қонунҳое ба назар мерасанд, ки ба волидон иҷозат медиҳанд бар хилофи иродаи фарзандони онҳоро ба кор кардан маҷбур намоянд ва ё ба зӯрӣ шавҳар ё зан диҳанд.
>
> Қонунҳои байналмилалӣ [illegible] мавриди иқдомоти ҳукумат нисбат ба шаҳрвандони худ чунин муносибатро [illegible].

- аввалан қонун метавонад нисбат ба имкониятҳои мавҷуди иқтисодӣ ва хизматрасонии бештар "кафолат" диҳад;
- сониян на ҳама метавонанд розӣ шаванд, ки аз андозҳо барои таъмин кардани ин маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо истифода гардад (махсусан он одамоне, ки барои ин қонун ва ё гурӯҳи сиёсие, ки ин қонунро пешниҳод кардааст, овоз надодаанд).

Ин он маъноро дорад, ки мо ӯҳдадориҳои худро ҳамон тавре, ки ҳуқуқҳои вогузоршаванда талаб менамоянд, иҷро карда, аксари вақт ҳуқуқҳои дигарро аз даст медиҳем. Масалан ҳукумат барои таъмин намудани маориф ба ҳама шаҳрвандон андоз мебандад, дар натиҷа ҳукумат шаҳрвандонро аз ҳуқуқи сарф кардани пул ба хоҳиши худашон маҳрум месозад. Дар кишвари демократӣ ба воситаи овоздиҳӣ мо метавонем ба он розигӣ диҳем, ки қисме аз ҳуқуқҳоямонро ба воситаи андозҳо аз мо гиранд, ба шарте, ки ин андозҳо ба шаҳрвандон ҳуқуқҳои мухталифи вогузоршаванда, аз қабили дастрасӣ ба тандурустӣ ва маълумоти умумиро кафолат дода тавонанд.

## 3.0 Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ

Ҳуқуқҳо ва ё озодиҳои шаҳрвандӣ амали шахс дар ҷомеаи шаҳрвандиро дар назар мегиранд. Ин метавонад аз озодии ифодаи ақидаи худ, озодии сухан ва муносибатҳои гуногун иборат бошад. Ҳуқуқҳои сиёсӣ фаъолияти шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҳукуматӣ ва ҳамкории онҳо (масалан ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ғайра) мадди назар доранд. Ҳар шахс бояд ҳаққи фаъолияти сиёсиро соҳиб бошад ва дар ин сурат бояд аз фишор ва таҳқир ҳимоя шавад.

Вақте мо соҳиби ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳастем, ин он маъноро дорад, ки мо ҳақ дорем моликияти худро тарзе идора кунем, ки худамон мехоҳем. Вале ин ҳуқуқ баъзе маҳдудиятҳо дорад, масалан агар моликияти шумо барои манфиатҳои ҷомеа лозим бошад (аз ҷумла дар сохтани роҳ. Аммо ба соҳиби замин, ки имкон дорад роҳи нав аз он ҷо гузарад, давлат метавонад ҳамчун ҷуброн маблағи муайян пардохт кунад).

## 4.0 Ҳимоя аз ҳуқуқи инсон

Баъзеҳо мегӯянд, ки одамони алоҳида аз афти кор дар муқоиса бо дигарон дорои ҳуқуқҳои бештари инсонӣ мебошанд. Дар асл ин тавр нест, харчанд шояд метавон гуфт, ки ҳуқуқҳои баъзе одамон нисбат ба дигарон беҳтар ҳимоя шудаанд. Дараҷаи ҳимояи ҳуқуқи башар ба таври асосӣ ба пайравии ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандон ба усули (принципи) риояи ҳуқуқи инсон вобаста аст.

Сабаби асосии ташкили ниҳодҳои (ташкилотҳои) интихоботии ҳокимият ҳимояи ҳуқуқҳои одамон мебошад, то онҳо халалдор карда нашаванд. Ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ қонунҳоеро таҳия мекунанд, ки бояд нисбат ба ҳама шаҳрвандон як хел истифода шаванд (ин идея ҳамчун бартарӣ ё худ бартарии қонун машҳур аст). Вале баъзан одамон тасмим мегиранд, ки худашон масъалаҳоро ҳал намоянд ва худашон халалдоркунандагони ҳуқуқҳояшонро ҷазо медиҳанд. Ин кори хатарнок буда, метавонад ба осонӣ боиси бетартибиҳо гардад.

Бешубҳа аз ҳуқуқҳо набояд ҳангоми ҳимоя аз ҳуқуқҳои дигарон сӯистифода шавад. Танҳо онҳое бояд ҷазо диҳанд, ки барои ин ҳаққи қонунӣ доранд.

> **Мо чӣ тавр метавонем ҳуқуқҳои дигаронро ҳимоя намоем?**
>
> ❶ Агар имконият доред. Бо каси дигар маслиҳат намоед.
>
> ❷ Дар бораи халалдор намудани ҳуқуқ ба ҳама бигӯед: бисёр вақт ин амал пеши роҳи вайронкорро мегирад.
>
> ❸ Миёнравӣ кунед: кӯшиш намоед масъаларо бо вайронкунанда муҳокима кунед, то вай фаҳмад, ки чӣ кор карда истодааст.
>
> ❹ Худро канор гиред: бо вайронкунанда муносибат нанамоед.
>
> ❺ Барои қарор додани вайронкунанда аз қувваи ҷисмонӣ истифода намоед.
>
> ❻ Дар ин бора ба ташкилотҳои болоии ҳукумат иттилоъ диҳед.
>
> ❼ Аз калонсолон ё волидони худ хоҳиш кунед, ки ба шумо ёрӣ расонанд.

Агар ҳуқуқҳои мо вайрон карда мешаванд, бисёр вақт маҳз атрофиёни мо метавонанд бо даҳолати худ натиҷаҳои муайян ба даст биёранд, ҳатто агар касоме аз аъзоёни ҷомеаи мо вайронкунанда бошад. Агар ин кор ёрӣ нарасонад, пас ба эҳтимоли зиёд ташкилотҳои давлатӣ манбаи нисбатан амалитари кӯмак хоҳанд буд.

Мутаассифона, ҳатто баъзан дар давлатҳои сарватманд ҳукуматҳо ҳуқуқҳои одамонро ба таври ҷиддӣ халалдор мекунанд. Одамонро танҳо барои он, ки бо амалҳои расмӣ ва сиёсӣ розӣ нестанд, метавонанд ҳабс кунанд, таъқиб намоянд ва ҳатто ба қатл расонанд. Дар амал ташкилотҳои давлатии ҷазодиҳанда (барои саркӯб кардан вуҷуд доранд) вайронкунандаи асосии ҳуқуқи инсон буда ва дар баъзе ҷиноятҳои ваҳшатноки зидди башарият айбдор дониста мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо бо истифода аз ҳуқуқҳои байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқҳои худ имконпазир мебошад.



*Роҳбарони кишварҳои ИДМ*

## 4.1 Ҳуқуқи байналмилалӣ

Созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқи башар фаъолият менамоянд, кӯшиш мекунанд аз ҳукуматҳо дар робита бо истифодаи усулҳои (принципҳои) ҳуқуқи башар нисбат ба тамоми аҳолии кишвар дастгирӣ ва ташвиқ намоянд. Танҳо дар мавридҳои бисёр кам онҳо масъалаи вайрон гардидани ҳуқуқи одамони алоҳидаро баррасӣ ва муҳокима менамоянд. Ин кор ба хотири он карда мешавад, ки ба давлат дарси ибрат дода шавад ва ба воситаи фишорҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ маҷбур карда шавад, ки сиёсати худро тағйир диҳад. Асосан созмонҳои байналмилалӣ ҳаққи қонунӣ надоранд, ки ба амалҳои давлати алоҳида дахолат намоянд. Ҳамин тавр, дар сурати ба тарзи ҷиддӣ халалдор гардидани ҳуқуқҳои шумо муносиб аст, ки шумо ба созмони байналмилалӣ муроҷиат намоед, агар муроҷиатҳои шумо ба муассисаҳои маҳаллӣ натиҷае надода бошанд. Бо вуҷуди ин созмонҳои байналмилалӣ дар инъикос ва пайгирии иттилои марбут ба иҷрои дақиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи инсон нақши муҳим бозӣ мекунанд. Тақрибан ҳамаи давлатҳо бо имзои чунин шартномаҳо розӣ мебошанд, вале кишварҳои алоҳида дар зиндагии рӯзмарраи худ онҳоро риоя намекунанд. Дар ин шартномаҳо, ки маъмулан дар муқоиса бо ҳар гуна қонунҳои миллӣ дорои эътибори баландтари ҳуқуқӣ мебошанд, ҳуқуқҳои шаҳрвандон дақиқ нишон дода шудаанд. Масалан дар соли 1995 кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил



Головной офис ООН в Женеве

### Судҳои байналмилалӣ

Дар поёни ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҷиноятқорони ҳарбии нацистӣ барои хиёнатҳои зидди сулҳ ва башарият содир кардаашон айбдор гардида, ҷазо дода шуданд.

Дар ҳоли ҳозир Суди байналмилалӣ дар шаҳри Гаага (Нидерланд) воқеъ мебошад. Суди байналмилалӣ аз 15 нафар доварс иборат буда, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ адолатро таъмин мекунанд ва парвандаҳои гуногун – аз баҳсҳои марзӣ сар карда, то парвандаҳои марбут ба ҳаракати киштиҳо ва воситаҳои нақлиёт ва ҷамъунин масъалаҳои ба поймолкунии ҳуқуқи башар ва ҷиноятҳои зидди инсоният, аз қабили ҷиноятҳои содиршуда дар Югославияи собиқро баррасӣ менамоянд.

Раҳбарони сиёсӣ ва ҳарбӣ, ки ҳуқуқҳои башарро дар замони ҷанги Балкон поймол кардаанд, ҳоло ба додгоҳ кашида шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо қувваҳои байналмилалӣ шахсони алоҳидаро айбдор дониста, дастгир намуданд ва силас ба суди байналмилалии Голландия супориданд.

Боби 3

шартномаеро ба имзо расониданд, ки Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон номида мешавад.

Дар ин санад ҳуқуқҳое номбар гардидаанд, ки риояи онҳоро ҳама давлатҳои ин Конвенсияро имзо намуда ӯҳдадор шудаанд. Ҳукумати Қиргизистон яке тарафҳое буд, ки ин Конвенсияро имзо кард. Маъмулан ҳукуматҳо метавонанд дар ин бора маслиҳат намоянд, ки онҳо чӣ корҳоро набояд анҷом диҳанд, вале аз ҳама мушкил тар ин масъала аст, ки агар онҳо қисми муаяни шартномаро вайрон намоянд, чӣ бояд кард.

Машҳуртарин феҳристи ҳуқуқҳо -"Эъломияи (декларатсияи) умумии ҳуқуқи башар" мебошад, ки дар ибтидо дар соли 1948 навишта ва аз тарафи бештари кишварҳо ба имзо расида буд.

Ҳуҷҷатҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки аз тарафи ҳукуматҳо ба тасвиб расидаанд ва дар онҳо ҳуқуқҳои муаян номбар гардидаанд. Аснод ё ҳуҷҷатҳои нисбатан маълум - "Конвенсияи аз байн бурдани ҳама намудҳои табъизи занон", "Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак", "Созишномаи байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ" ва "Муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ" ба шумор мераванд.

Бартарии ин аснод дар он аст, ки онҳо аз тарафи одамоне таҳия гардидаанд, ки намояндагони динҳо ва фарҳангҳои гуногуни миллӣ мебошанд. Бинобар ин ҳукуматҳо маъмулан метавонанд ба эҳсосот ва иззати нафси шаҳрвандони худ, ки ба фарҳангҳо ва динҳои мухталиф тааллуқ доранд, нарасида чунин ҳуҷҷатҳоро ба имзо расонанд.

## 4.2 Чӣ хел ин ҳуҷҷатҳо метавонанд ҳуқуқҳои инсонро ҳимоя намоянд?

Мавҷудияти ҳуҷҷатҳо ҳеҷ гоҳе барои ҳимояи ҳуқуқҳо кофӣ нест. Истифодаи ин ҳуҷҷатҳо чунин маъно дорад, ки шумо мазмуни онҳоро сарфаҳм равед ва донед, ки онҳо ба шумо чӣ гуна тааллуқ доранд ва инчунин аз онҳое, ки метавонанд ҳуқуқи инсонро халалдор намоянд, риояи онҳоро талаб намоед.

Дар Чехословакия ва Польша то фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ одамон ҷамъ меомаданд, то ҳуқуқи байналмилалиро ба роҳбарӣ гирифта, ба таҳаввулот ноил гарданд. Дар бисёр кишварҳо ҳукуматҳо ва созмонҳои маҳаллии ғайридавлатӣ ба мақсади дар ҳаёт татбиқ намудани шартномаҳои ҳуқуқи башар, ки ин кишварҳо ба имзо расонидаанд, бо ҳам ҳамкорӣ менамоянд.

Мутаассифона дар ҷаҳон халалдор намудани ҳуқуқи инсон бисёр густариш ёфтааст ва дар кишварҳои алоҳида ин кор доимӣ ва хеле даҳшатнок сурат мегирад. Ба унвони мисол метавон аз ба таври доимӣ поймол гардидани ҳуқуқҳои маҳбусон ба монанди шиканҷа ва ё куштори ғайриқонунӣ аз тарафи полиция ва артиш ёд кард.

Созмони Милали Муттаҳид (созмоне, ки ба он тақрибан ҳамаи давлатҳо дохиланд) ва дигар ташкилотҳо, аз ҷумла Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ба он хотир бунёд гардиданд, ки кӯшиш намоянд роҳи муаяни мониторинг (назорати доимӣ) ба муносибати давлатҳо нисбат ба шаҳрвандони худро таъмин намоянд ва, муҳимтар аз ҳама, ба ҳукуматҳо дар рушди кишварҳояшон ба сурате кӯмак намоянд, ки онҳо тавонанд ҳуқуқҳои башарро беҳтар ҳимоя кунанд.

Созмони Милали Муттаҳид ба сифати "полицияи байналмилалӣ" амал намекунад, аммо Шӯрои Амнияти он метавонад барои пешгирии вайронсозии васеъ ва доимии ҳуқуқи инсон ба фаъолияти ҳукуматҳо дахолат намояд. Ба ин манзур метавонад:

- барои инзивои (изолятсия) иқтисодии давлат муҷозоти (санксияҳои) иқтисодӣ ҷорӣ намояд. Масалан кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид мувофиқат намуданд, ки то замоне ҳукумати Африкои Ҷанубӣ ислоҳоти системаи сиёсии худро анҷом надиҳад, ки бар асоси он танҳо сафедпӯстон ҳаққи овоздиҳиро доранд, онҳо бо ин давлат тиҷоратро катъ мекунанд.
- қувваҳои низомии Созмони Милали Муттаҳид, ки аз қисмҳои маҳдуди ҳарбии кишварҳои узви СММ иборатанд, дахолат кунанд.
- қарор намояд, ки тавассути додгоҳи байналмилалӣ одамони ҷиноятҳои ҳарбӣ содир намуда, зиндонӣ карда шаванд.

Ҳамон тавре, ки таърих нишон медиҳад, барои кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид розӣ шудан ба мудохила, махсусан дар робита бо халалдор шудани ҳуқуқи инсон, хеле сахт аст. Масалан, мудохилаи низомии байналмилалӣ дар Балкан дар дар тӯли даҳаи охири асри 20 ба ҳимояи ҳуқуқи инсонии ақаллиятҳои миллии муқими он ҷо асос ёфта буд, вале вайронсозии ба ин монанди ҳуқуқи ақаллиятҳо дар дигар минтақаҳо мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор нагирифт.

## 5.0 Натиҷагирӣ



Дар поен мо метавонем бигӯем, ки дар ҳоле, ки ҳуқуқи башар мавзӯи баҳсҳои калон мебошад, ҳукуматҳо дар саросари ҷаҳон ҳадди ақал ибрози тамоюл намуданд шартномаҳоеро ба имзо расонанд, ки дар онҳо ӯҳдадориҳои ҳимоя аз ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҷой доранд. Амалӣ гардидани онҳо дар ҳаёт ба аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳукумат ва созмонҳои байналмилалӣ вобаста аст, ки метавонанд бо ҳам кор кунанд, то

ҳуқуқи инсон танҳо як ибораи холии сиёсӣ набошад. Бо вуҷуди ин, шумо ҳамчун шаҳрвандон бояд аввалин қадамро дар ин роҳ гузоред. Шумо бояд ҳуқуқҳои дигаронро эътироф кунед ва зарурати ҳимояи онҳоро эҳсос намоед. Танҳо аз ин тариқ ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии шумо метавонад кафолат дода шавад.

**Асноди асосии байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи башар**

- Эъломияи умумии ҳуқуқи башар
- Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуқҳо шаҳрвандӣ ва сиёсӣ
- Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ
- Конвенсияи ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосӣ
- Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон Эъломияи роҳбарони давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон
- Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи аз байн бурдани ҳамаи намудҳои табъизи (дискриминацияи) нажодӣ
- Эломия дар бораи ҳуқуқҳои ашхосе, ки ба ақаллиятҳои миллӣ, нажодӣ, мазҳабӣ ва забонӣ тааллуқ доранд
- Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳо ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ хаталдоркунандаи шаъну эътибор
- Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон
- Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак
- Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак
- Дар бораи чораҳои таъмини самараноки ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Қирғизистон (Фармони Раиси Ҷумҳури ҶҚ аз 14 январи соли 2001)
- Барномаи миллии "Ҳуқуқҳои башар" барои солҳои 2001-2010 (лоиҳаи самтҳои асосӣ)

---

**Машғулият баъд аз хондани матн:**

### Супориши 03. Эҳтиёҷот ва хоҳишҳо

- "Эҳтиёҷот" ва "хоҳишҳои" худро номбар кунед.
- Аз ин рӯйхат чиро харида метавонед?

| Эҳтиёҷоти ман | Фурӯхта мешавад? | Хоҳишҳои ман | Фурӯхта мешавад? |
|---|---|---|---|
| *Хӯрок* | *Ҳа* | *Телевизор* | *Ҳа* |

- Эҳтиёҷотро аз рӯи дараҷаи аҳамияташон барои шумо ҷо баҷо гузоред ва сипас монанди ҷадвали дар боло овардашуда ҷадвал созед.
  1. Аз чӣ сабаб як чизро нисбат ба чизи дигар бештар мехоҳед?
  2. Ба фикри шумо барои он, ки инсонед ба кадом аз эҳтиёҷоти номбаршуда ҳуқуқ доред?
  3. Инҳоро кӣ бояд ба шумо вогузор кунад?

### Супориши 04. Шумо – муаллиф

"Эъломияи ҳуқуқи башар" дар ҷаласаҳои намояндагони ҳамаи кишварҳо дар соли 1948 таҳия гардидааст. Тасаввур намоед, ки шумо дар ин ҷаласаҳо аз тарафи давлататон иштирок мекунед. Ба таври дунафарӣ кор карда, рӯйхати ҳуқуқҳои барои инсон нисбатан муҳимро тайёр намоед, сипас онҳоро аз рӯи тартиб аз муҳимтарин то камаҳамияттарин муайян кунед.

## Супориши 05. Ҳуқуқҳои вогузоршаванда ва асосӣ

Дунафарӣ кор карда, муаян намоед, ки дар ҳар як изҳорот ҳуқуқи вогузоршаванда ё асосӣ оварда шудааст.

| № | Изҳорот | Ҳуқуқи вогузоршаванда ё асосӣ |
|---|---|---|
| 1. | Шумо ҳақ доред ҳар вақте хоҳед ба ҷойҳои ҷамъиятӣ равед. | |
| 2. | Шаҳрвандон ҳақ доранд молҳои истеҳсоли ҳар кишварро харанд. | |
| 3. | Ҳамаи шаҳрвандон барои соҳиб шудан ба манзили муносиб ҳақ доранд. | |
| 4. | Шумо ҳуқуқи ҳаёт бе тарс аз зӯровариро доред. | |
| 5. | Шумо ҳақ доред аз ҳар дине, ки хоҳед пайравӣ кунед. | |
| 6. | Шаҳрвандон метавонанд дар бораи ҳар чизе, ки хоҳанд гап зананд ё нависанд ва аз ҷазо натарсанд, ба шарте, ки иттилоъи онҳо дуруст бошад. | |
| 7. | Ҳар як шаҳрванд барои хизматрасонии бепули тиббӣ ҳақ дорад. | |
| 8. | Шаҳрвандон ҳақ доранд бо ҳар касе, ки хоҳанд, издивоҷ намоянд. | |

## Супориши 06. Оё мо ваъдаҳои худро иҷро мекунем?

Дунафарӣ кор карда, муаян намоед, ки дар ҳар як изҳорот ҳуқуқи вогузоршаванда ё асосӣ оварда шудааст.

| № | Ҳуқуқҳо | Воқеӣ ё не? |
|---|---|---|
| 1 | Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки ба вай ҷарҳболи бепул дода шавад. | Не |
| 2 | Ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки бо забони модарии худ сухан гӯянд. | |
| 3 | Ҳамаи шаҳрвандон барои ройгон гирифтани либос ҳуқуқ доранд. | |
| 4 | Ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки нисфи маблағи барқи онҳоро давлат пардохт намояд. | |
| 5 | Ҳамаи шаҳрвандон барои ба моликият соҳиб шудан ҳуқуқ доранд. | |
| 6 | Ҳамаи шаҳрвандон барои бепул гирифтани хизмати тиббӣ ҳуқуқ доранд. | |
| 7 | Ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи бепул гирифтани таҳсилоти олиро дар таълимгоҳҳо доранд. | |
| 8 | Ҳар як шахс бояд ба таври озод бо шахсе, ки мехоҳад, издивоҷ намояд. | |
| 9 | Ҳамаи шаҳрвандон бояд кафолати ҷои кор дошта бошанд. | |
| 10 | Ҳамаи шаҳрвандон ба истифодаи гармии бепул ҳуқуқ доранд. | |

## Супориши 07. Оё назорат аз ҳад зиёд аст?

Дунафарӣ кор кунед ва муаян намоед, ки дар ҳар дархосте назорати шадид вуҷуд дорад ва оё ҳуқуқҳо ва озодиҳо таҳдид шудаанд?

| № | Дархост | Назорат шадид аст? |
|---|---|---|
| 1 | Ҳукумат муаян мекунад, ки шумо чӣ ранг либос бояд пӯшед. | ҳа |
| 2 | Волидон иҷозат намедиҳанд, ки кӯдакон то бевақтии шаб дар берун гарданд. | |
| 3 | Муаллим муқаррар мекунад, ки кадом вақт шумо бояд вазифаи хонагиро иҷро кунед. | |
| 4 | Бо кӣ дӯстӣ кардани шуморо падаратон муаян мекунад. | |
| 5 | Милиса аз шумо талаб мекунад, ки кӯчаро аз ҷойҳои муаяншуда гузаред. | |
| 6 | Мактаб аз талабагон талаб мекунад, ки ҳар сол барои бемории сил озмоиш шаванд. | |

## Супориши 08. Озодиҳо? 15 дақиқа.

Дунафарӣ кор карда, нақли зеринро хонед ва ба саволҳои дар поён буда ҷавоб диҳед

**«Ҳар коре, ки хоҳам, мекунам!!!»**

Моҳи феврали соли гузашта тағои ман Темур қарор дод, ки дар хонааш ба муносибати рӯзи таваллуди духтари худ шабнишинӣ барпо кунад. Бисёр рафиқонашро даъват намуд ва дар рӯи миз хӯроквориҳои зиёд густурд. Пас аз чанд лаҳза яке аз рафиқонаш хоҳиши рақс намуд. Темур наворро ба магнитофон гузошт ва овози онро мӯътадил намуд. Баъд аз даҳ дақиқа касе садо кард, ки овози магнитафонро баланд кунад. Темур овозро то охир баланд кард. Онҳо рақсиданро то ба даҳлез омадани ҳамсоя ва шикоят кардани ӯ давом доданд. Ҳамсоя ба Темур гуфт, ки овози магнитофонро пасттар кунад. Мо хоб кардан мехоҳем. Темур ӯро даъват намуд, ки ба шабнишинӣ ҳамроҳ шавад. Лекин ӯ рад кард ва Темур овозро камтар паст намуд ва шабнишиниро давом доданд. Дере нагузашта касе боз аз нав овозро баланд кард. Баъд аз 20 дақиқа дар даҳлез овози баланд шунида шуд. Ҳамсоя бо муомилаи на он қадар хуб ба Темур гуфт, ки овозро паст кунад ё бехтараш шабнишиниро қатъ намоянд, вагарна нохуше мешавад. Темур ранҷида, ба ҳамсояаш дод зада, гуфт: ман ҳуқуқ дорам, ки шабнишинӣ гузаронам ва метавонам мусиқиро, тавре ман мехоҳам, баланд кунам. Баргашта ба ҷойгаҳи хобат рав ва саратро бо болишт пӯшон. Ин ҳуқуқи инсонии ман аст, ки анъанаҳои фарҳангиамро риоя намоям ва бо ғалоғула гузаштани шабнишиниҳо хоси маданияти мо аст. Онҳо базмашонро ҳамин тавр идома доданд ва дигчанд дақиқа пас ҳамаи ҳамсояҳо барои тамошо ба берун баромаданд. Ногаҳон барқ хомӯш шуд. Баъд ҳамаи онҳо рафта, хоб карданд.

1. Оё баъд аз қатъ шудани барқ масъала ҳал шуд?
2. Оё мо ҳар коре, ки хоҳем метавонем кунем, агар не, пас барои чӣ?
3. Дар ин ҳолатҳо чӣ гуна маҳдудиятҳо бояд вуҷуд дошта бошад?
4. Вазифаи Темур аз чӣ иборат буд?

### Супориши 09. Ин ҳуқуқи ман аст! Додрас чӣ мегӯяд?

Дунафарӣ кор карда, нақли зеринро хонед ва сипас ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Барои додани ҷавобҳо дар назди аҳли синф тайёр шавед.

Марде ба толори кино, ки пур аз одам буд, медарояд ва "Сӯхтор" гуфта, дод мезанад. Дар асл дар он ҷо ҳеҷ гуна сӯхтор вуҷуд надошт. Ҳама тамошобинон ба таҳлука афтода, ҳангоми кӯшиши баромадан аз толор чанд нафар ба ҳалокат мерасад. Мардеро, ки ин кайҳуро барпо карда буд, ба ҳабс мегиранд. Вале дар суд ӯ мегӯяд, ки шӯхӣ кардааст. Ва инчунин мегӯяд, ки ӯ ҳуқуқи озод сухан гуфтанро дорад.

- Агар шумо додрас мебудед, ба ин чӣ ҷавоб медодед?

Тартиби ҳуқуқҳо имконият медиҳад, ки ҳангоми халалдор гардидани ҳуқуқҳои мухталиф роҳи ҳал пайдо карда шавад. Вале агар ду нафар бо ишора ба як ҳуқуқ, ҳар қадом аз худ ҳимоя намуда, ҳуқуқҳои дигаронро поймол кунанд, чӣ бояд кард? Ин воқеа метавонад ҳамчун мисоли амалӣ оварда шавад: ду нафар дар ин ҷазираи беодам гирифтори як хел бемори шуданд. Онҳо ҳамагӣ як дона курс (таблетка) доштанд ва дар сурати тақсим кардани он, ҳеҷ қадоми онҳо наҷот ёфта наметавонистанд. Агар ин курсро яке аз онҳо хӯрад, дигаре аз ҳуқуқи зиндагӣ кардан маҳрум мешавад.

- Агар баъдан одами зиндамондаро дар ин ҷазира ёфта, наҷот диҳанд, вай барои ин кораш бояд ҷазо дода шавад?

### Супориши 10. Ҳуқуқҳо ва вазифаҳо

Дунафарӣ кор карда, вазифаҳоро ба ҳар як ҳуқуқ алоқаманд намоед. Ҳуқуқҳои номбаршуда ҷамъбасти моддаҳои Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) оид ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон мебошанд. (Мисоли 1-ум иҷро карда шудааст).



| № | Ҳуқуқҳои инсон | Вазифаҳое, ки бо ин ҳуқуқҳо мувофиқат мекунанд |
|---|---|---|
| 1 | Моддаи 11. Ҳуқуқ барои ибрози озоди нуқтаи назар. | а). Мо бояд ба фикрҳои дигарон гӯш диҳем.б). Мо бояд ҳақиқатро дар бораи дигарон кушоду равшан гӯем.в). Мо бояд ба дигарон имконият диҳем, ки бе тарс аз ҷазо нависанд ва гап зананд. |
| 2 | Моддаи 12. Ҳуқуқ ба озодӣ барои гузаронидани ҷамъомадҳои осоишта. | |
| 3 | Моддаи 24. Ҳуқуқ эътироф шудан ҳамчун шаҳрванд. | |
| 4 | Моддаи 29. Ҳуқуқи иштирок намудан дар идоракунии давлат. | |
| 5 | Моддаи 2. Ҳуқуқ ҳаёт. | |
| 6 | Моддаи 10. Ҳуқуқи озодии виҷдон ва дин. | |
| 7 | Моддаи 20. Ҳама дар назди қонун баробаранд. | |

### Супориши 11. Чӣ бояд кард то ҳуқуқҳои башар риоя гардад?

Саволҳои зеринро дунафарӣ муҳокима намоед ва барои мубодилаи афкор бо хонандагони дигар тайёр шавед.

1. Шумо барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсонии талабагони синфҳои дигар, ҳамсинфон ва ҷамъияти худ чӣ кор карда метавонед?
2. Агар ҳуқуқҳои як ҷомеа мухолифи ҳуқуқҳои ҷомеаи дигар бошанд, он гоҳ мо чӣ кор карда метавонем?
3. Барои чӣ ҳам масъулият ва ҳам ҳуқуқ доштан зарур аст?
4. Дар ҷомеаи шумо роҳбарон ва ташкилотҳо чӣ тавр бояд масъалаҳои душвори ҳуқуқи инсонро таъмин намоянд? Амалӣ намудани ҳуқуқи дигарон вазифаи кист?
5. Чӣ тавр мо ба роҳбарон ва созмонҳои ҷомеаи худ метавонем дар масъалаҳои огоҳӣ аз ҳуқуқи инсон кӯмак намоем?

### Супориши 12. Ҳуқуқи башар дар синфи мо

Дунафарӣ кор карда, ҳолатҳои зеринро баррасӣ намоед ва хулоса бароред:

а) Оё инро мисоли поймолкунии ҳуқуқи башар номидан мумкин аст?
б) Кадом ҳуқуқ поймол гардидааст?
в) Ҳуқуқи кӣ халалдор шудааст?
г) Хонандагон бояд чӣ кор кунанд, то ки дигар ин чиз такрор нашавад?
д) Ин корро бояд кӣ анҷом диҳад?

Шояд лозим шавад, ки шумо ба Конвенсияи ҳуқуқи башар, ки дар охири ин китоб оварда шудааст, нигоҳ кунед.

1. Яке аз хонандагон китоби хонандаи дигареро дуздид.
2. Хонанда ҳеҷ гоҳе вазифаи хонагиашро иҷро намекунад ва ба ҳамин сабаб баҳои паст мегирад.
3. Хонанда ҳангоме, ки яке аз ҳамсинфонаш фикри худро баён мекунад, бо рафиқаш гап мезанад.
4. Барои ба дарс дер омадан, муаллим яке аз талабаҳоро зад.
5. Муаллим ба талабае, ки пештар огоҳӣ дода буд, вале боз ҳам бекор менишаст, фарёд зад.
6. Хонандагон вазифаҳояшонро иҷро накарданд, бинобар ин муаллим онҳоро баъд аз дарс манъ намуд то вазифаҳояшонро тамом намоянд.
7. Баъзе хонандагон ба талабае писханд зада, мегӯянд, ки ҳамаи ҳаммилатҳои вай ҷавобҳои аблаҳона медиҳанд.
8. Яке аз хонандагон мавриди писанди муаллим буда, новобаста ба ҷавобҳои дигарон ҳамеша баҳои аъло мегирад.
9. Яке аз хонандагон баромад мекунад ва талабаи дигар эътироз намуда, мехоҳад бо овози баланд риштаи каломи вайро бурад.
10. Муаллим ба хонандагон иҷозат медиҳад, ки барои гурӯҳи худ аъзо интихоб намоянд, вале як нафар хонандаро ба гурӯҳ қабул намекунанд.
11. Яке аз хонандагон вазифаро аз рӯи дафтари дигаре рӯбардор карда, онро ҳамчун кори худ пешниҳод менамояд.
12. Танҳо хонандагоне ба урдугоҳ (лагерь) мераванд, ки хуб таҳсил мекунанд.

## Супориши 13. Ҳуқуқи башар дар ҷомеаи ман

**(Бахши А)**

Дар ҷомеаи қирғиз ҳанӯз ҳам дуздии духтарон вуҷуд дорад ва дар миёни халқҳои дигар издивоҷҳои маҷбурӣ ба назар мерасад. Дунафарӣ кор карда, фикру ақидаҳои хонандагон дар ин мавзӯъро хонед ва назари шахсии худро баён намоед. Дар назар бигиред, ки мо дар бораи ҳолатҳое сӯҳбат мекунем, ки байни ҷавонон тавофуқи пешакӣ сурат нагирифтааст, ё ин ки дуздии ба нақша гирифташуда маълум нест.

***Айнура: (Бишкек)*** *Дуздии духтарон - ин як одати кӯҳнашуда буда, аз он танҳо одамони камбағал истифода менамоянд. Ман фикр мекунам, ки ин кор танҳо дар миёни одамоне рӯй медиҳад, ки вазъияти иҷтимоии мушкил ва моддӣ доранд. Ба ибораи дигар, ҷавони камдониш аз хонаводаи камбағал ҳеҷ гоҳе духтари таҳсилкардаро намедуздад. Ман шахсан ҳеҷ гоҳе бо ин розӣ намешудам, агар он танҳо ба ман тааллуқ дошт. Мо бояд эътироф намоем, ки ин яке аз урфу одатҳои мост ва нисбат ба онҳое, ки ин амалро дастгирӣ мекунанд, таҳаммул нишон диҳем. Бинобар ин ман фикр намекунам, ки он дар кишвари мо бояд ғайриқонунӣ эълон гардад.*

***Манас: (ноҳияи Ак-Талин)*** *Ту чиро дар назар дорӣ? Ин амал тибқи қонунгузории давлати мо ғайриқонунӣ дониста мешавад. Ба ғайр аз ин, кишвари мо конвенсияҳои байналмилалӣ дар мавриди ҳуқуқи башарро ба имзо расонидааст. Ва комилан рӯшан аст, ки дуздии духтар бар хилофи хоҳиши ӯ поймолкунии ҷиддии ҳуқуқи вай мебошад. Шахсан ман чунин ҳисоб мекунам, ки агар ҷавон духтарро медуздад, ин беэҳтиромии вайро нисбат ба духтар нишон медиҳад ва онро мефаҳмонад, ки ин лаёқатро надорад, ки духтар бо хоҳиши худаш ба вай ба шавҳар баровад. Ман бо ту дар ин мавридҳо, ки гӯё чунин амал байни оилаҳои дорои вазъияти иҷтимоии якхела рӯй медиҳад, розӣ нестам. Ман мавридеро медонам, ки ҷавони деҳотӣ духтари соҳибмаълумотро дуздида буд. Оилаи вай низ ин амалашро ҷонибдорӣ карда буд.*

***Нурбек: (Ҷалолобод)*** *Шумо дар бораи қонунҳо ва мантиқӣ сӯҳбат мекунед, аммо ин ҳаёти воқеии ҷомеаи мо мебошад. Духтарон бо дӯстии худашон бо ҷавонон медонанд, ки ин гуна хавф вуҷуд дорад. Ба ғайр аз ин, ба фикри ман шумо фаромӯш мекунед, ки ҷавон ва оилаи вай бо ин роҳ барои духтар ва оилаи вай шарафу ифтихор медиҳанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки қадри вайро медонанд. Ман низ чунин ҳисоб мекунам, ки муваффақтарин издивоҷҳо он издивоҷҳоеанд, ки бо маслиҳати падару модарон ва розигии худи ҷавонон сурат мегиранд. Қаҳрамони бузург - Манас, ҳамноми ту, метавонад намуна ба шумор равад.*

***Бакай: (Кербен)*** *Ба назари ман чунин мерасад, ки ту масъалаҳои мухталифро бо ҳам омехта мекунӣ. Ҳеҷ кас бо издивоҷ аз рӯи маслиҳати пешакӣ сурат гирифта муқобил нест, ба шарте, ки ҷавон ё духтар бе ҳар гуна фишор худашон таклифашонро ҳал кунанд. Ба ёд биёред, ки ҳамномӣ ман Каникейро барои Манас надуздида буд, балки Бакай аз тарафи вай бо оилаи Каникей барои маслиҳат кардан вохӯрда буд. Эҳтимолан хоҳиши духтар низ дар назар гирифта шуда буд. Ман инчунин фикр мекунам, ки масъалаи шарафу ифтихор, ки ту гуфтӣ, чандон мафҳум нест. Бешубҳа духтар бояд муайян намояд, ки ба вай шарафу обрӯ медиҳанд ё не.*

***Алтын: (Қаракӯл)*** *Ман бо ин масъала розиам, ки ҳангоми издивоҷҳои маслиҳатӣ бояд фикри духтар ба назар гирифта шавад. Манас ва Каникей бо ҳам хушбахтона зиндагӣ карданд. Ман бо он муқобилам, ки баъзеҳо кӯшиш мекунанд, ки ин анъанаро ҳамчун кори одилона нишон диҳанд, зеро агар духтар хоҳад, метавонад равад. Дар шароити муайян метавонад ҳамин тавр ҳам бошад, вале дар бештари ҳолатҳо ҷомеа ба духтар фишор меорад, то бо вазъияти худ розӣ шавад. Агар вай розӣ нашавад, дигар оилаҳо дар бораи вай ғайбатгӯӣ намуда, ба обрӯи хонаводаи вай зиён мерасонанд. Ба ғайри ин, холаҳову аммаҳо ва тағоҳову амакҳо (ки дар сурати розӣ шудани духтар бо ин шароит, чизеро аз даст намедиҳанд) аз вай талаб мекунанд, ки қабул кунад ва ё ҳатто худашон ба ҷои духтар тасмим мегиранд. Агар аз анъанаҳои мавҷуд пайравӣ намоем, писар то розигии духтарро ба даст наорад, наметавонад издивоҷ намояд.*

***Кенеш: (Баткен)*** *Шумо мехоҳед ҳама анъанаҳои моро дур партоед! Кишвари мо ба куҷо мерасад, агар мо ҳамаамон кока-кола хӯрему шими ҷинс пӯшем? Набояд фаромӯш кард, ки то ҳамин қарибиҳо дар бештари кишварҳои аврупоӣ издивоҷҳои маслиҳатии бе розигии худи ҷавонон як чизи расмишуда буд. Ман фикр мекунам бояд роҳҳое пайдо кунем, ки ҷомеа барои он, ки духтар писарро написандидааст, вайро маҳкум накунад. Ба назари ман дар масъалаи даст кашидан аз ин анъана бояд эҳтиёт намуд.*

Боби 3

**_Алымбек: (Чон-Алай)_**

*Ман бо шумо розиам, вале бояд дар бораи зиддиятҳои векеии анъанаҳоямон дар ин бора фикр кунем. Ҳарчанд аз рӯи одат дуздии духтар метавонист ҳамчун шараф ва обрӯ барои вай ва хонаводааш ҳисоб гардад, вале имрӯз барои ҷавоне, ки медуздад, мушкил ба миён меояд. Инчунин бар асоси анъанаҳои мо издивоҷҳо бояд пойдор бошанд. Агар издивоҷ аз он сар шавад, ки як тараф нисбат ба ҳуқуқҳои тарафи дигар беэҳтиромӣ зоҳир кунад, пас чӣ гуна мо метавонем умедвор бошем, ки он пойдор мемонад, албатта агар шавҳар ё зан бо он розӣ нашаванд, ки ҳуқуқҳои асосии яке аз онҳо маҳдуд гарданд. Ба фикри ман мо бояд андеша кунем, ки ҷаро издивоҷҳои маслиҳатӣ, ки бе розигии худи ҷавонон сурат мегиранд, ҳоло ба як падидаи нодир дар кишварҳои аврупоӣ мубаддал гардидааст.*

**_Анара: (Чуй)_**

*Ҳарчанд ин масъала омили асосӣ нест, вале мо бояд фикр кунем, ки вакте мо дар бораи ин анъана ба хориҷиҳо нақл менамоем ва дар ҷавоб онҳо комилан ба сукут мекунанд, он ба обрӯи кишвари мо чӣ гуна таъсир гузошта метавонад. Ин ҷои ифтихор надорад: ин вайрон кардани яке аз суннатҳои қобили эҳтиром аст, ки аввал розигии духтар гирифта мешавад. Ман инчунин фикр мекунам, ки дар бораи ҳуқуқҳои ҷавон низ бояд фикр кард. Вайро бештари вақт маҷбур мекунанд, ки зудтар издивоҷ намояд. Волидони мо дар ин маврид набояд на ба духтар ва на ба писар фишор биёранд. Агар дуздӣ бо розигии духтар сурат бигирад, пас дар ин масъала ман мушкилеро намебинам ва амалан ин чизи баде нест.*

**(Бахши Б)**

Сарконуни мутолиа карда, муаян намоед, ки кадом моддаҳо дуздии одамонро манъ мекунад.

**(Бахши В)**

Дунафарӣ кор карда, ин саволро муҳокима кунед:

***"Набудани ҳуқуқи интихоби шахсӣ дар мавриди дуздии духтарон масъалаи асосӣ ба шумор меравад. Ин мавзӯъ ба демократия ва озодиҳӣ дар интихобот чӣ вобастагӣ дорад?"***

# БОБИ 4

# Назарияҳои иқтисодӣ: моликият ва рушди иқтисодӣ



**Машғулият то хондани матн:**

### Супориши 01. Таърифи мувофиқ

Дунафарӣ машғулият анҷом диҳед ва истилоҳҳои пешниҳодшударо ба таври муносиб таъриф кунед.

| Истилоҳ | Таъриф |
|---|---|
| 1. Пул | а) Ивази бевоситаи (бе пули) як мол (ё хизматрасонӣ) ба дигараш. |
| 2. Бозори озод | б) Маблағи пулӣ, ки харидор дар ивази мол ё хизмати худ мехоҳад. |
| 3. Бартер | в) Бозоре, ки мол барои он мувофиқи талабот ва ё пешниҳодот ба таври номаҳдуд ва бо шароити рақобати озод истеҳсол карда мешавад. |
| 4. Нарх | г) Моле, ки барои фурӯш дар бозор истеҳсол карда шудааст. |
| 5. Сармоя | д) Моле монанди тило, пули коғазӣ ва ё тангаи оҳанӣ бо нархҳои муқарраршуда, ки ҳар навъ мол ва ё хизматрасониро бо он иваз кардан мумкин мебошад. |
| 6. Арзиш (қиммат) | е) Сармоягузорӣ барои сохту соз ва ё васеъ кардани ягон муассисаи тиҷоратӣ. |
| 7. Даромад | ж) Даромаде, ки дар натиҷаи муомилаи тиҷоратӣ пас аз ҳисобӣ кардани ҳамаи хароҷотҳо боқӣ мемонад. |
| 8. Хизматрасонӣ | з) Арзише, ки ба воситаи пул ва ё чизи дигаре ифода шудааст. |
| 9. Мол | и) Баъзе фаъолиятҳое, ки истеъмолкунандагон бо додани маблағи муайян онро мехоҳанд. |

**Матн барои хондан**

Вақте, ки шумо калимаи «иқтисод»-ро мешунавед, шояд чунин мешуморед, ки ин чизе вобаста ба сохтори давлатӣ мебошад, вале иқтисод - маҷмӯъаи робитаҳои байни мардум дар соҳаи истеҳсолот, истеъмолот ва тақсими маҳсулоти кор аст. Ба ғайр аз ин, он як маҷмӯъаи хоҷагидорӣ аст, ки соҳаҳо ва навъҳои истеҳсолот ва соҳаи ғайриистеҳсолиро дар бар мегирад. Иқтисодиёт кӯшиш мекунад ба мо бифаҳмонад, ки барои чӣ мо ягон корро ба таври махсус иҷро мекунем ва аз ҷумла онро, ки мо маҳсулотро чи тавр истифода ва истеҳсол мекунем. Аз чунин амал кардан маълум мегардад, ки: вақте ки мо сабзавотро парвариш мекунем ва ё гӯсфандро мекушем, то ин ки хӯрок тайёр намоем (масалан, палав) пас он вақт тасмими иқтисодӣ мегирем. Мардуми деҳаҳо одатан таҷрибаи хуби барномасозии иқтисодӣ доранд, агарчи ба ин чиз худашон ҳам пай набаранд. Онҳо медонанд ки зиёдтар аз он миқдоре, ки метавонанд истеъмол намоянд ва ё бифурӯшанд бояд маҳсулотро истеҳсол накунанд. Онҳо медонанд ки чӣ тавр истеҳсолотро бо камтарин сарфи қувват ва хароҷот ба роҳ монанд ва одатан медонанд, ки чӣ тавр арзонтар ва фоиданоктар истеҳсол кунанд. Муҳимтар аз ҳама барои онҳо ин аст, ки захираҳои техникӣ (фаннӣ) бароиашон дастрас бошад.

### 1.0 Махсусгардонӣ, таъовунӣ (кооператсия) ва табодул (иваз)

Мардум медонанд ки, кадом нафар метавонад чизи муайянеро бисозад ва ё кадом нафар ҳунари хос дорад, ки дигарон онро надоранд. Масалан, Карими нонвой ҳунари нонпазиро дорад ва барои ин кор таҷҳизот ва асбоби лозимиро дорад, вале Андрейи деҳқон ҳунари парвариши гандум ва таҷҳизоту олоти

зарурӣ барои ин корро дорад. Карим агар ҳунар ва дониши нонпазии худро дар кори нонпазӣ истифода намояд ва парвариши гандумро ба дигарон битузорад, он вақт ин кори вай барои ҷамъият фоида меорад. Пас аз ин нонпаз метавонад нонеро ки аз худаш зиёдӣ мондааст бифурӯшад ва ё бо он гандуме, ки аз Андрей зиёдӣ мондааст, иваз кунад. Ин мисол баъзе аз ҷиҳатҳои муҳими иқтисодиётро шарҳ медиҳад: махсусгардонӣ, таъовунӣ ва иваз. Ва агар шумо чунин фикр мекунед, ки зиндагӣ дар деҳот бисёр содда ва оддӣ аст, пас иштибоҳ мекунед: шумо дар ин ҷо ҳунарҳо ва қобилиятҳои зиёди махсусгардонидашударо мебинед ва дар минтақаи ноҳия ин чиз боз ҳам бештар ба назар мерасад. Шумо ҳамчунин метавонед мушоҳида кунед, ки баъзе аз навъҳои махсусгардонӣ «ихтисос» ҳисоб намешавад. Масалан одамҳое ҳастанд, ки метавонанд говҳояшонро хуб парвариш ва фарбеҳ кунанд, вале онҳо духтури ҳайвонот (домпизишк) нестанд.

Вақте, ки чизҳо (мол)-ро иваз кардан мумкин бошад, он вақт онҳо арзиш ва ё нарх доранд. Агар ноне, ки Карим мепазад, бисёр болаззат бошад, ва ё агар Карим - танҳо як нафаре дар деҳа бошад, ки метавонад нон бипазад, он гоҳ мардум шояд розӣ шаванд, ки барои нон пули зиёдтар бидиҳанд. Агар Элмира пухтани ҳамин навъ нонро сар кунад, он гоҳ нархи нон паст мешавад. Агар талабот зиёд бошад, он вақт нарх зиёд мешавад. Ин ҳолат бисёр вақт сабаби он мегардад, ки одамони бисёре ҳамон навъи молро ба фурӯш мебароранд. Агар талабот кам бошад, нарх бисёри вақтҳо кам мешавад ва ин боиси кам шудани шумораи фурӯшандагони ин навъи мол мегардад. Асоси назарияи «пешниҳодот ва талабот» ҳамин аст.

## 2.0 Сабаби ташвиқ (ангеза) ва рақобат

Ҳеҷ кас намехоҳад кореро анҷом бидиҳад, ки он кор ба навъе фоидаовар нaбошад. Идеяи ташвиқ (ангезаҳо) дар ҳамин аст. Карим то он замоне шавқи (ангезаи) пухтани нонро дорад, ки вай аз фурӯши нон пули зиёд ба даст биёрад. Агар Элмира эҳсос кунад, ки ин кор дар ҳақиқат фоиданок аст ӯ бо Карим рақобат намуда, ба нонпазӣ машғул мешавад. Шояд пас аз ин дар охири ҳар рӯз дар дасти Карим ва Элмира нони зиёдӣ боқӣ монад. Карим шояд ба хулосае биёяд, ки барои ӯ таксиронӣ фоидаи бештар дорад ва ё шояд нархи нони худро камтар кунад. Дар чунин ҳол шояд ду вазъият пеш биёяд. Мумкин аст баъзе аз муштариёни (харидорони) Элмира ба Карим муроҷиат намоянд ва шояд касе пас аз ин нони бисёртар бихарад (яъне талабот бештар мешавад), барои ин, ки қимати мол камтар шудааст.

Вақте, ки Карим қарор мекунад, ки қимати нони худро бештар кунад, он гоҳ ангеза (ташвиқ) дар кори ӯ зиёдтар мешавад, барои ин ки ё даромади вай бештар мегардад, ва ё ҳаҷми кори ӯ камтар мешавад. Барои он чунин вазъият рӯй медиҳад, ки агар талабот ба ҳамон миқдор боқӣ монад, миқдори муштариёни (харидорони) ӯ ҳамон қадар боқӣ мемонад, ва аз ҳар навбати фурӯш ӯ суди (фоидаи) зиёд мегирад. Вале баъзе аз одамон шояд нахоҳанд ва ё натавонанд, ки бо ин қимат нон бихаранд ва ин маънии кам шудани талаботро дорад. Он вақт Карим нони камтар мепазад, то ки ҳаҷми даромадаш мисли пештара бошад. Дар ин мисол мебинем, ки талаботи харидорон ташвиқи (ангезаи) Каримро дар пухтани нон ва таъйини нархи он ба миён меорад.

Аз ин мисол маълум мегардад, ки харидорон (касоне, ки аз маҳсулот истифода мекунанд) дар натиҷаи вуҷуд доштани рақобат (конкуренсия) бурд мекунанд: рақобат барои кам шудани нархи молҳо ёрӣ мерасонад. Дар натиҷа миқдори зиёди истеъмолкунандагон пайдо мешаванд, ки ин маънои талаботи зиёдро дорад, барои ин истеҳсолкунандагон ҳам бурд мекунанд. Ин ҳолат барои истеҳсолкунандагон ҳам фоидаовар аст, барои ин, ки чуноне ки аз ин мисол маълум мегардад, талабот ба нон талабот ба ордро ба миён меорад. Талабот ба орд барои одамоне, ки дар соҳаи таъмини корхонаҳои нонпазӣ бо орди арзонтарин бо ҳам рақобат мекунанд, ташвиқ (ангеза) - ро ба вуҷуд меорад.



Одамон худпараст, ҳарис ва ё кӯтоҳбин нестанд, балки онҳо танҳо дар асоси ташвиқ кор мекунанд. Навъҳои зиёди ташвиқ вуҷуд дорад. Баъзан одамон корҳоеро, ки музди кам дода мешавад, интихоб мекунанд, ба хотири он, ки он кор барояшон аҷиб ва шавқовар мебошад. Одамон ҳамчунин аз он ки ба касони дигар ёрӣ мерасонанд ва ё аз зебоии асарҳои санъат (мисли расомӣ) қаноатманд мешаванд. Ҳар чизеро ки мо бихоҳем - ҳамаи ин аз рӯйи таъинот танҳо яке аз навъҳои ангеза (ташвиқ) мебошад.

1) Лутфан, се мисоли робитаи иқтисодӣ байни шумо ва боз ягон каси дигарро биёред.
2) Чӣ тавр рақобат, талабот ва пешниҳодот метавонад ба нархи мол таъсир расонад? Мисолҳои амалӣ биёред.

## 3.0 Моликият

Дар вақти ивази мол амалан ивази ҳаққи моликият анҷом мешавад. Пеш аз он ки Карим нони худро бо орди Андрей бифурӯшад ва ё иваз намояд, вай бояд боварӣ дошта бошад, ки ӯ соҳиби нон аст ва Андрей - соҳиби орд. Карим ҳамчунин бояд боварӣ дошта бошад, ки вақте ки иваз амалӣ мегардад, Андрей бо тағири моликият розӣ мегардад. Ҳаққи соҳибият ба ягон чиз - ҳаққи моликият мебошад. Агар аз ин ҳақ ҳимоят нашавад, системаҳои иқтисодӣ наметавонанд фаъол гарданд. Масалан, Карим он вақт кӯшиш намекунад, ки нон бипазад, онро иваз намояд ва бифурӯшад, агар Андрей ва одамони дигар баъди иваз ба назди вай биёянд ва он молеро, ки ба нон иваз карда буданд, аз вай бигиранд.

Маълум аст ки Карим на танҳо бояд соҳиби нон бошад, балки вай бояд ҳамчунин бовар дошта бошад, ки вай ҳаққи соҳибиро ба абзору олот ва сохтмони корхона ва заминеро, ки сохтмон дар он воқеъ аст, дорад. Вале Карим шояд чунин фикр кунад, ки агарчи сохтмон моликияти вай мебошад, вале соҳиби замин будани ӯ шарт нест. Дар ҳар ҳоле агар ӯ бовар дошта бошад, ки ҳаққи вай ҳимоят мешавад, метавонад ин навъ ивазро амалӣ намояд.

## 4.0 Рушди (тараққии) иқтисодӣ

Он чиз ки зиндагиро имконпазир ва қаноатбахш месозад (навъҳои гуногуни ғизо (хӯрока), транспорт (воситаҳои ҳамлу нақл), хона, пӯшок ва машғулиятҳои хушҳолкунанда) - маҳсули фаъолияти инсонҳо мебошад. Маҳсулоти хуб ҳамеша ба фурӯш меравад, агар харидор аз мавҷудияти онҳо бохабар бошад ва нархи ин маҳсулот қобили қабул бошад. Маҳсулоти бад, одатан, ба фурӯш намеравад, ҳатто агар корхона кӯшиш кунад, ки ба воситаи таблиғ (реклама) диққати одамонро барои харидани ин маҳсулот ҷалб намояд. Рушди иқтисодӣ натиҷаи меҳнати зиёду бодиққат ва арзёбии (баҳодиҳии) дурусти алоқамандӣ ва таваҷҷӯҳи одамон ба маҳсулот мебошад.

Мо метавонем миқёси рушди иқтисодиро ба воситаи андозагирии рушду тараққии дараҷаи (сатҳи) зиндагӣ муайян кунем. Сарчашмаҳои асосии рушду тараққии истеҳсолот ва даромад вобаста ба афзоиш додани ҳунари коргарон, доштани асбоб ва таҷҳизоти хуб, такмил ва беҳбуди технологӣ (фановарӣ) ва ташкили хуби кор мебошад. Агар ҳамаи ин чизҳо такмил дода нашавад, иқтисод метавонад дар сатҳи (дараҷаи) пешина боқӣ монад ва ё натиҷаҳои он кам гардад.

Ҳаққи соҳибӣ ба ин навъи моликият, монанди замин (заминдорӣ), одатан ба воситаи харид, ҳадя (тӯҳфа) кардан ва ё ба мерос гузоштан ба даст оварда мешавад. Яке аз сабабҳои боигарии (сарватмандии) баъзе аз мамлакатҳо дар он мебошад, ки ки шаҳрвандони ин мамлакатҳо ҳаққи муайян ва мушаххас ба моликияти хусусиро доранд ва ҳеҷ кас ҳам ба ин шубҳа надорад барои ин ки ҳаққи онҳоро қонун ҳимоят мекунад. Дар системаҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ камтар рушд (тараққӣ) кардаанд, надоштани имконоти ҳаққи моликияти хусусӣ ва ҳуқуқҳои дигари монанди ҳамин, чунин натиҷа медиҳад, ки одамоне, ки дар ин заминҳо зиндагӣ мекунанд, намехоҳанд, ки вақт ва ё пулҳои худро барои рушду тараққии воҳидҳои истеҳсолотӣ дар ин замин (монанди сохтмонсозӣ ва ё хариди мошинолот) сарф кунанд, барои он ки онҳо метавонанд дар чунин вазъият пулҳои худро аз даст биднҳанд ва аз он маҳрум гарданд. Гузашта аз ин дар чунин мамлакатҳо барои мардум қарз гирифтан кори душвор аст ва сабабҳои ин ба таври зерин мебошад.

- Муассисаҳое, ки пул қарз биднҳанд кам ҳастанд.
- Бонкҳо ва муассисаҳои дигари қарздиҳанда (вомдиҳанда) онро беҳтар мешуморанд, ки қарзро ба шарту шароити баргардонидани он бо пули нақдӣ биднҳанд ва ин дар ҳоле аст, ки дар баъзе аз ҷойҳо мардум пули нақдӣ надоранд ва танҳо мол ва маҳсулот доранд (масалан, гӯсфанд ва ё гандум), ки шояд «пул кардани» онҳо кори душвор бошад.
- Бонкҳо ва муассисаҳои дигари эътиборӣ (кредитӣ) намехоҳанд ба касоне қарз биднҳанд, ки моликият ва ё ба он ҳаққи комил надоранд, то ин ки дар сурати барнагардонидани қарз барои гирифтани моликияти онҳо ба додгоҳ муроҷиат намоянд.
- Аз ҳамаи омилҳои ёдовяршуда фоизҳои (дарсадиҳои) қарз он қадар зиёд мебошад, ки мумкин аст гирандагони қарз натавонанд қарзи худро баргардонанд ва суд (даромад) бигиранд.

Коргарони дорои ихтисос ва малакаи бештар нисбат ба коргароне, ки ихтисос ва малакаи камтар доранд, кори пурмаҳсултар анҷом медиҳанд. Омӯзиш, таҷриба ва дониш ба мардум ёрӣ мерасонад, ки малакаҳои худро бештар ва ҳунарашонро беҳтар намоянд. Коргароне, ки бо дастгоҳҳои такмилдодашуда кор мекунанд, зиёдтар истеҳсол менамоянд. Сармоягузорӣ дар беҳбуди асбобу абзори кор ва кирo кардани коргарони дорои ихтисоси хуб шояд дар аввали кор хароҷоти зиёдро талаб намояд, валe дар ниҳоят ин натиҷа медиҳад - вақте ки мол (маҳсулот) дорои кайфияти (сифати) беҳтар мегардад, зиёдтар истеҳсол мешавад ва бо хароҷоти камтари захираҳо (маводи хом ва энергия вақт ва ғайра) тайёр мешавад. Вақте ки имкони истеҳсоли мол (маҳсулот) бо сарфи камтари захираҳо - яъне масалан, вақт, энергия ва маводи хом муяссар мегардад, мо мегӯем ки маҳсулнокӣ зиёдтар шудааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимтари рушди иқтисодӣ технологияҳои (фановарии) нав ва навовари мебошад.

Навовариҳо метавонад боиси истифодаи роҳҳои бештар таъсирноки истеҳсоли молҳо гардад ва ё барои сохтани моли (маҳсулоти) тамоман навёрӣ расонад. Масалан, агар Карим ба воситаи истифодаи сӯзишвории камтар роҳи пухтани нонро пайдо намояд, харочоти вай камтар ва даромадаш зиёдтар мегардад. Ҳамин тавр кори нонпаз даромадноктар мегардад.

Агар корхонаҳои алоҳида танҳо бо идеяҳои нав ва даромадҳои худ умедвор гардад, рушду тараққии он бисёр мушкил мешавад. Агар Карим бихоҳад, ки танӯри барқӣ (электрикӣ) насб кунад, ё бихоҳад, ки ба воситаи ҷалб кардани харидорони нав аз деҳаҳои дигар, талаботро бештар кунад, барои вай пул зарур аст, то ки танӯри дигар дуруст кунад ва мошини боркаш бихарад. Маблағҳое, ки қарз (вом) гирифта мешаванд ва ё дар муассисаи тиҷорӣ сармоягузорӣ мешаванд, капитал (сармоя) номида мешаванд. Яке аз асосҳои рушди иқтисодӣ мавҷудияти сармоя бо мизони қобили қабули дарсадиҳо (фоизҳо) мебошад. Агар мизони дарсадиҳо хеле боло бошад, он гоҳ муассиса пул қарз намегирад ва фаъолиятҳои иқтисодии худро васеъ намекунад. Масалан, фарз кунед, ки Карим аз Анвар хоҳиш кард, ки ба вай 26 ҳазор сӯмро ба муҳлати як сол қарз диҳад, то ки ӯ мошини боркаш бихарад. Анвар ҷавоб дод, ки дар ин сурат Карим бояд ба изофаи 26 ҳазор (пас аз як сол) ба ӯ боз се ҳазор сӯм ҳамчун фоиз (дарсадӣ) диҳад (ин маблағро Карим метавонад ба тарзи дигар, ба сурати мол ва ё саҳҳомии корхонаи худ ҳам ҷуброн кунад). Дар ин ҳол бояд Карим фикр кунад, ки корхонаи васеъшудаи ӯ бо мошини борбар бояд суд ва даромади кофӣ биёрад, то ки ӯ битавонад, ҳам қарзи мошини боркашро диҳад ва ҳам харочоти дигари худро бипӯшонад. Агар кори Карим омад кунад, он вақт ӯ метавонад қарздиҳандаҳои дигарро пайдо кунад, то ки барои ба ӯ қарз додан байни якдигар рақобат намоянд. Пас аз ин Карим метавонад қарздиҳандаеро интихоб кунад, ки барои он 26 ҳазор сӯм дарсади аз ҳама камтар мегирад. Одатан қарз бо дарсадии камтаринро бонкҳо дода метавонанд, барои ин ки бонкҳо пули зиёд доранд ва агар касе қарзро нагардонад, зиёни он аз ҳисоби дарсадии шумораи зиёди қарзҳои додаи он бонк пӯшонида мешавад.

Дар ниҳоят беҳбуди ташкилоти иқтисодии корхона метавонад боиси рушду тараққии иқтисодии он гардад. Дар корхона одамоне машғул ҳастанд, ки бояд бо ҳам кор кунанд. Барои онҳо муҳим аст бидонанд, ки ҳадафҳои онҳо чист, онҳо ба кӣ бояд ҳисобот диҳанд ва чи тавр ҳамроҳи якдигар коре кунанд, ки маҳсули бештар дошта бошад. Барои ин ки одамон аз мошинҳо ва дастгоҳҳо мураккабтар ҳастанд, баъзан ин чизро таъин кардан мушкил аст, ки чӣ чиз барои кори пурмаҳсултар ёрӣ мерасонад. Барои мудир зарур аст, ки захираҳои мавҷуда дар корхонаро ба тавре аз ҳама самараноктар истифода кунад. Кормандон одатан захираи аз ҳама муҳимтар ҳастанд. Яке аз калидҳои муваффақият таъмини шавқу дилбастагии онҳо ба кор, эҳсоси қаноатмандии онҳо аз кори худ ва эҳсоси он аст, ки соҳиби корхона қадри онҳоро мешиносад.

## 5.0 Иқтисоди калон (макроэкономика)

Робитаҳои иқтисодӣ (дар байни онҳое, ки ягон навъи мол ва маҳсулотро истеҳсол мекунанду мефурӯшанд ва касоне ки ин мол ва маҳсулотро мехаранду истифода мебаранд), бисёр мураккаб аст, ҳатто дар деҳот, ва ба хусус агар ивази мол бе истифодаи пулро дар назар бигирем. Агар шумо хоҳед, ки таъсир ва натиҷаи ҳамаи ивазҳо (табодулҳо)- ро дар мамлакат номбар ва ҳисоб кунед, ин кор барои шумо хеле мушкил мешавад. Иқтисоди калон ҳамин корро мекунад.




*Даромадҳо аз андози умумии мамлакат дар буҷетҳои сатҳи гуногуни ҶҚ, аз «Роҳнамо дар бораи буҷет барои шаҳрвандон» соли 2002*

Омӯзиши масъалаҳои зерин ба иқтисоди калон дохил мегардад:

- арзиш ва қимати он чизе ки мамлакат истеҳсол мекунад (шояд шумо дар бораи маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) мамлакат шунида бошед. Ба ММД на танҳо маҳсулот, балки ҳамчунин хадамот (хизматрасониҳо), монанди ҳамлу нақл (транспорт) ва тандурустӣ (беҳдошт) ҳам дохил мегардад);
- мизони маҳсулнокӣ (андозаи захираҳо - мардум, вақт, масолеҳи зарурӣ барои истеҳсоли мол ва ё хизматрасонӣ. Вақте ки мо битавонем захираҳои харҷи камтарро барои истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасонӣ сарф кунем он вақт метавонем бигӯем ки маҳсулнокии кори мо боло рафтааст);
- мизони машғулият ба кор ва бекорӣ (фоизи аҳолии машғул аз ҳисоби ҳамаи одамони дорои қобилияти кор);
- мизони тағйирёбии нархҳо дар саросари мамлакат. (Шумо шояд дар бораи инфлятсия (таваррум, яъне бекурбшавии пул) маълумот дошта бошед: ин боло рафтани нархи миёнаи ҳамаи навъҳои маҳсулот мебошад. Таваррум (инфлятсия)- як рӯйдоди ноҳуб мебошад, барои ин ки пул бекурб

мешавад. Масъала дар баъзе аз кишварҳо ба таври баракс аст. Масалан дар Япония баръакс дефлятсия, яъне зиёд шудани қурби пул мушоҳида мешавад ва нархҳо кам мешаванд. Агарчи тааҷҷубовар бошад ҳам, вале дефлятсия, яъне вақте ки нархҳо поин мешаванд ва арзиши пулҳо боло меравад, ҳамон қадар барои иқтисод зарарнок мебошад, барои ин ки мардум бо дили нохоҳам пулҳои худро харҷ мекунанд ва ё сармоягузорӣ мекунанд, ба ин сабаб, ки арзиши ҳар чизе, ки имрӯз онро мехаранд пас аз чанд рӯзи дигар кам мешавад);

- мизони дарсадиҳо ва (фоизҳо);
- мувозинат (баланс) байни нархи он чизе, ки мамлакат аз мамлакатҳои дигар мехарад (воридот - импорт) ва он чизе, ки он ба мамлакатҳои дигар мефурӯшад (содирот - экспорт).

Ҳукумат ба воситаи анҷоми ҳамин навъ таҳлилҳо ва таҳқиқот метавонад маълум созад, ки оё иқтисод тараққӣ мекунад ва оё он роҳу тариқае, ки вай мамлакатро идора мекунад, барои тараққии иқтисодиёт ёрӣ мерасонад. Дар баъзе аз кишварҳо ин чизро маълум гардонидан кори бисёр душвор мебошад. Масалан, агар шумо розӣ шавед, ки барои дӯсти худ як миқдор ҳезум бибурред ва дар ивази он дӯстатон барои шумо аз шири гови худаш бидиҳад, ҳукумат наметавонад дар бораи ин ивази байни шумо маълумот бигирад.

Одатан ҳукумат кӯшиш мекунад, ки барои маҳсулнокии зиёд, машғулияти комил, таварруми (беқурбии) кам, дарсадиҳои (фоизҳои) кам, содироти (экспорти) бештар аз воридот (импорт) ёрӣ расонад ва ин боиси тараққии иқтисодӣ мегардад.

Давлат ҳамчунин кӯшиш мекунад, ки ҳуқуқи иқтисодии ҳар як инсонро бо ҳуқуқи иқтисодии гурӯҳи оламон баробар кунад. Масалан, он кӯшиш мекунад, ки ба пайдоиши монополияҳо (ширкатҳои инҳисоркунанда) роҳ надиҳад, яъне нагузорад, ки як ширкат истеҳсолот, бозори маҳсулот ва хадамотро идора кунад ва бо истифода аз надоштани рақиб нархҳоро боло бибарад. Вале баъзан худи давлат бо далелҳои гуногун дар баъзе аз бахшҳо худаш дорои монополия (инҳисор) мешавад.

## 6.0 Иқтисоди Қирғизистон дар давраи Шӯравӣ



ГЭСи Токтогул

Дар давраи шӯравӣ иқтисоди Қирғизистон табдил ба як қисми иқтисоди Иттиҳоди Шӯравӣ гардид. Дар ин замон дар иқтисоди мамлакат рушду тараққии назаррас мушоҳида мешуд. Аз ҷумла бахшҳои гуногуни саноеъ ташкил ва хизматрасонии иҷтимоъӣ таъмин гардид (масалан, системаи омӯзиши умумӣ). Қирғизистон, асосан, маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамчунин ашёи хом ва неруи барқ (электрикӣ) истеҳсол мекард. Қисми бисёртари таболули туҷҷорӣ дар дохили Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) амалӣ мешуд, ва ҳамаи захираҳои пулӣ бояд аз буҷет умумии Иттиҳоди Шуравӣ таъмин мегардид.

Иқтисоди Иттиҳоди Шуравии собиқ мисли як корхонаи ягона идора мешуд ва ҳамаи воситаҳои истеҳсолот дар ихтиёри давлат буд. Коргарон ва ходимон ҳеҷ вақт наметавонистанд соҳиби ин воситаҳои истеҳсолот шаванд ва барои ҳамин даромади корхонаҳо танҳо ба буҷети давлат ворид мегардид. Корхонаҳо ҳақ надоштанд, ки ба таври озодона бо якдигар савдо кунанд.

Танҳо Идораи барномарезии давлатӣ (Госплан) дар Маскав ин масъаларо ҳал мекард, ки чӣ навъи мол, ба чӣ шакл, ба чӣ миқдор, ба чӣ қимат истеҳсол шавад ва он дар куҷо истеҳсол шавад ва дар куҷоҳо тақсим карда шавад. Дар иқтисоди озоди бозорӣ соҳибони ширкатҳо ва корхонаҳои алоҳида худашон чунин қарорҳоро қабул мекунанд. Идораи барномарезии давлатӣ (Госплан) ҳамчунин ба ҳаҷми музди кори кормандон назорат мекард. Ин тасмимгириҳо ба асоси талабот ва ниёз ба хидмати кормандон ва сифати кори онҳо вобаста набуд. На ин ки истеъмолкунандагон ва шаҳрвандони оддӣ, балки ташкилотҳои барномарезӣ (планкашӣ) ин масъаларо ҳал мекарданд, ки шаҳрвандони мамлакат ба чи чиз ниёз (эҳтиёҷ) доранд ва аз чи бояд таъмин шаванд.

Камбудиҳои асосии ин система ба таври зерин буд:

- Корхонаҳо ангезаи (стимул) камтар барои истеҳсоли беҳтарини мол ва коргарон ташвиқи камтар барои беҳтар кардани сифати кори худро доштанд.
- Чунин ҳисоб мекарданд ки беҳтарин қарор ( ки метавонад боиси истифода-и бокорфатар ва пурмаҳсултари захираҳо гардад) танҳо аз тарафи ташкилоте метавонад қабул карда шавад, ки ҳамаи захираҳо дар дасти он мебошад, на аз тарафи корхонаҳо ва истеъмолкунандагони алоҳида.

Мутаассифона, ин фикр ҳамеша дуруст нест. Қарори беҳтарин ҳамеша аз тарафи касоне қабул карда мешавад, ки ин қарори қабулшуда бештар аз ҳама ба онҳо таъсир мерасонад ва чунин касон (дар ин мисол) истеъмолкунандагони мол ва маҳсулот мебошанд.

Дар давраи бозсозӣ солҳои 1987 - 1990 баъзе аз қонунҳое қабул карда шуданд, ки ба соҳибони корхонаҳо иҷозати фаъолияти мустақилонатарро медоданд.

## 6.1 Иқтисоди кишвар пас аз соли 1991

Пас аз мустақил гардидани мамлакат, фурӯпошии иқтисоди ягонаи Иттиҳоди Шӯравӣ боиси он гардид, ки бештари робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ гусаста (канда) шуданд ва ё бисёр заиф гардиданд. Ин боиси таварруми зиёд гардид, мардум бисёре аз пасандозҳои худро аз даст доданд, саноат аз кор монд ва сатҳи бекорӣ ба таври босуръат зиёд шуд. Ин чиз дар навбати худ боиси он гардид, ки давлат бисёре аз даромадҳои худро аз даст дод ва барои ҳамин натавонист хизматрасониҳои иҷтимоиро дар сатҳи пештара нигоҳ дорад. Иқтисоде, ки ба ҳоли худ гузошта шуда буд, дигар ба таври ҷиддӣ хароб шуда буд. Давлат аз он замон шурӯъ ба гузаштан ба бозори озоди иқтисодӣ кард, то ки иқтисодиётро аз сар эҳё кунад.

**Ҳукумат:**

- Системаи гузариши моликияти давлатӣ ба моликияти хусусии шаҳрвандонро (хусусисозиро) ташкил кард.
- Қонунро тағир дод, то ки моликияти хусусиро ҳимоя ва савдои озодтари онро таъмин созад.
- Системаи нави андозро ташкил кард, барои ин ки бисёре аз манбаъҳои пештараи даромади давлатӣ ё аз кор монданд ва ё чун моликияти хусусӣ фурӯхта шуданд.
- Корхонаҳои фаъол ва ширкатҳои навташкилшударо ёрӣ кард, ки робитаҳои худро бо шарикони нави тиҷоратӣ дар саросари ҷаҳон тараққӣ диҳанд.
- Созмонҳои нави давлатиро барои иҷрои вазифаҳое, ки пеш аз ин ташкилоти воқеъ дар Маскав иҷро мекарданд, ташкил кард.
- Баровардани пулро шурӯъ намуд, барои он, ки мамлакат пули худашро надошт.
- Ба шаҳрвандон дар бораи тағироти руйдиҳанда маълумот дод, барои он, ки ба бисёр чизҳое, ки дар шароити пешина ғайриқонунӣ буд, иҷозат дода шуд.

**Мудирон ва соҳибони муассисаҳо:**

- Бо шарикони пешинаи тиҷоратӣ алоқа барқарор мекунанд ва шарикони нав меёбанд.
- Муассисаҳои худро бозсозӣ мекунанд ва дар

**Банки Ҷаҳонӣ, Сандуқи Ҷаҳонии Арз, Банки рушди осиёӣ... Оё ман қарзи худро мегардонам?**

«Маҷлиси вакилони мардуми (ММ) масъалаи қарзи хориҷии Қирғизистонро муҳокима кард, муовини вазири дороӣ ба намояндагон хабар дод, ки Қирғизистон дар 12 соли охир 115 мувофиқатномаи эътиборро ба маблағи 2 миллиарду 456 миллион доллар имзо кард.

Ин чунин маъно дорад, ки имрӯз ба ҳар сари аҳолӣ 420.2 доллари Америка қарз рост меояд. Толомирзоев ҳамчунин гуфт, ки клуби Париж, шояд, ин қарзро кам кунад, ба шарте, ки Қирғизистон аз роҳи бештар кардани миқдори андоз ба тавсияҳои Сандуқи Ҷаҳонии Арз, собит кардани тарозу (балансе) ҳисобҳо ва ислоҳоти сохторҳои иқтисодӣ пайравӣ кунад. Агар мамлакати мо ба тавсияҳои СҶА пайравӣ кунад, метавонад то охири соли 2009 қарзҳои худро пардохт кунад».

(Ж.Зарлыбеков, Агым, 10 окт., соли 2003, саҳ.2)

Шояд шумо савол диҳед, ки кадом к... бояд вазифаҳои пардохти қарзро иҷро кун..., ва барои чӣ бонкҳо ҳанӯз ҳам ба мо пул қарз медиҳанд. Пеш аз ҳама бояд бидонем, ки қарзи бонкӣ аз тариқи созмонҳои номбаршуда аз ҳисоби шаҳрвандони мамлакатҳои сарватманд таъмин мегардад. Дар ниҳоят ин пулҳоро бояд мардуми Қирғизистон баргардонад, барои ин ки онҳоро давлат аз номи шумо мегирад. Агар ин пулҳо баргардонида шаванд, бонкҳо метавонанд онҳоро ба кишварҳои дигар бидиҳанд. Мутаассифона қарз ҳамеша сари вақт гардонида намешавад, баръакс тарафҳо пули зиёд мегиранд ва қарз ҳам зиёд мешавад.

Ин ҳолат мушкилотро ба вуҷуд меорад, барои он ки андозе, ки давлат аз шаҳрвандони худ мегирад фақат барои гардонидани қарзҳои пешинаи вай сарф мешавад.

Дар ҳақиқат бонкҳои номбаршуда на танҳо қарз медиҳанд, балки пули зиёдеро ба унвони эътибори бебозгашт (грант) вогузор мекунанд. Эътибори бебозгашт (грант) қарз нест, онро гардонидан лозим нест ва ба ғайр аз ин гоҳо чунин мешавад, ки кишварҳои сарватманд бо ҳисси ризоят аз он, ки кишвари ёришаванда кӯшиш мекунад, ки пулҳоро беҳуда харҷ накунад, метавонанд ин кишварро аз пардохти қарз озод кунанд.

Ин бонкҳо мақсади тиҷорӣ надоранд ва барои ҳамин аст, ки бо фоизи хеле кам қарз медиҳанд. Пас онҳо аз ин кор чӣ фоида мегиранд? Кори онҳо ёрдам ба мамлакатҳои дорои иқтисодиёти заиф мебошад ва ба ин восита шаҳрвандони худро ҳимоят мекунанд ва иқтисодиёти худро пеш мебаранд. Бисёре аз қарзҳо барои иҷрои тарҳҳои махсус дода мешаванд ва ҳукумат бояд ин тарҳҳоро пеш аз гирифтани қарз пешниҳод кунанд.

**Бозори бурс (фондовая биржа) чӣ тавр кор мекунад?**

Барои он ки сармоя барои тараққии тиҷорат зиёд карда шавад, ширкатҳои калон одатан ҳақи моликият медиҳанд. Табиист, ки ҳеҷ кас чунин имконро надорад, ки бештари ин ҳақро харидорӣ намояд, барои ҳамин саҳмҳои хурд харида мешаванд, ки он саҳҳомӣ ном дорад. (Ҳдоварӣ кунед, дар ин маврид худи муассиса ва ё ширкат тақсим карда намешавад).

Ин саҳҳомиҳо дар бозоре фурӯхта мешавад, ки бозори бурс ном дорад. Дар ин ҷо ширкатҳо бурсияҳои худро барои фурӯш ба сабт мерасонанд, вале наметавонанд нархи онҳоро муқаррар кунанд, барои он ки нархи саҳҳомиҳо вобаста ба талабот ва пешниҳодоти ҷамъият таин мегардад. Ҳамин тавр, арзиши саҳҳомиҳои як ширкат вобаста ба он гарон ва ё арзон мешавад, ки мардум дар бораи идораи ин ширкат чӣ фикр доранд. Агар мудирияти ширкат бад бошад, нархи саҳомиҳо кам мешавад ва табиист, ки соҳибони саҳомиҳо талаб мекунанд, ки мудирияти ширкат беҳтар карда шавад. Агар нархи саҳомиҳо бештар шавад, соҳибони саҳҳомиҳо метавонанд саҳмияҳои худро фурӯшанд ва даромад бигиранд.

Баъзан ширкатҳо барои соҳибони саҳҳомиҳо як қисми даромадҳои худро медиҳанд, ки он дивиденд (фоидаи саҳҳом) ном дорад.

Роҳбарияти ширкат мизони дивидендро вобаста ба ҳар саҳҳомӣ ба асоси даромади ширкати таин мекунад.

зимни ин кор таъмини талаботи истеъмолкунанда-гонро дар назар мегиранд, ки бисёри вақтҳо ин кор ба воситаи тағири намуди зоҳирӣ ва навъи моли онҳо, амалӣ мегардад.

- Воситаҳои пулиро барои пӯшондани хароҷоти бозсозии муассисаҳо пайдо мекунанд.
- Қонунҳои нави вобаста ба кори муассисаҳоро меомӯзанд.

**Шаҳрвандони оддӣ:**

- Қонуни навро меомӯзанд.
- Муассисаҳои хусусии тиҷориро ташкил менамоянд.
- Барои худ кори нав пайдо мекунанд.

Барои рафти бомуваффақияти хусусисозӣ лозим буд, ки як силсила қонунҳои нав мураттаб ва қабул карда шавад, то ки тақсими одилонаи моликият ва натиҷаҳои бомуваффақият таъмин гардад.

Барои ёрӣ расондан ба ин чараён як системае вуҷуд дорад, ки имкон медиҳад саҳҳомиҳои муассисаҳо ва корхонаҳо хариду фурӯш шавад. Дар натиҷа вобаста ба он, ки одамон ба шеваи раҳбарии ҳар муассиса чӣ тавр баҳо медиҳанд, нархи ин муассисаҳо (корхонаҳо) кам ӯ зиёд мешавад.

Барои ин ки шаҳрвандон имкони хариди саҳҳомиро пайдо намоянд, давлат ваучерҳоро (чеки хусусисозӣ, санаде, ки ҳуқуқи иштирок дар хусусисозиро ба воситаи ивази он ба саҳҳомиҳои муассисаи хусусишаванда медиҳад) мебароранд. Ин чекҳоро ба ҷои пул дар вақти хариди саҳми корхонаҳои фурӯшӣ истифода кардан мумкин аст.

Дар Қирғизистон барои бисёре аз одамон хусусигардонии замин аҳамияти зиёд дорад. Қисми бештари замин ҳамчун моликияти хусусӣ ба одамон дода шудааст, вале танҳо дар ҳамин вақтҳои охир ба баррасии қонунҳо дар бораи хариду фурӯши озоди замин шурӯъ карданд.

## 6.2 Аҳамияти тиҷорати хурд

Бисёре аз корхонаҳое, ки имрӯз вуҷуд доранд, дар замони системаи Шӯравӣ тамоман мавҷуд набуданд. Бештари онҳо аз назари ҳаҷм хурд ҳастанд ва соҳибони онҳо хонаводаҳои алоҳида мебошанд. Дар ёд дошта бошед, ки агар хонаводаи шумо нон бифурӯшад, он мисли калонтарин ширкатҳои дунё асосан бо ҳамон асли (принсипи) асосии тиҷорӣ кор мекунад. Ин тиҷорати хурд барои иқтисодиёт бисёр муҳим мебошад, зеро ки:

- он барои чандин ҳазор одамон даромад ва шуғл (ҷои кор) медиҳад;
- он дар саросари кишвар барои мардум хизматрасонӣ ва моли матлубро таъмин месозад;
- он, вобаста ба тағири талаботи одамон ба моли ва ё хадамоти худ, ба суръат метавонад кори худро дигаргун созад;
- он ба кишвар даромади андозӣ медиҳад;
- он ба тоҷирон усули корро ёд медиҳад;
- он метавонад табдил ба тиҷорати калон шавад;



Бонки «Бонки»

- он ба гардиши пул дар иқтисоди кишвар ёрӣ мерасонад (ва ин имкон медиҳад, ки пул ба самте равона гардад ки беҳтарин суд аз он ҳосил шавад ва сарвати зиёд ба даст оварда шавад);
- корхонаҳои хурд ба сабаби рақобат бояд, ки хароҷоти истеҳсолии худро дар поинтарин сатҳ нигоҳ оранд ва ин имкон медиҳад, ки нархҳо ва таваррум дар поёнтарин сатҳ нигоҳ дошта шаванд.

Дар ҳоли ҳозир бисёре аз корхонаҳои хурд аз мамлакатҳои хориҷӣ мол меоранд. Агарчи аз ин роҳ бозорҳо бо моли нав мувофиқ ба талаботи мардум пур мешаванд, вале пеш аз ҳама ширкатҳо ва корхонаҳои хурде, ки мардумро бо моли истеҳсоли дохилии кишвар таъмин мекунанд ва он ширкатҳое, ки моли худро дар кишварҳои дигар мефурӯшанд, ба иқтисоди кишвари худ беш аз ҳама ёрӣ мерасонанд.

Давлат метавонад аз тариқи зерин ба муассисаҳои нави тиҷоратӣ ёрӣ расонад:

- қабули қонунҳое, ки ширкатҳо ва корхонаҳоро водор ба иҷрои шароити карордодҳо намояд;
- ёрӣ ба ширкатҳо барои пайдо кардани истеъмолкунандагони хориҷӣ ба воситаи сафоратхонаҳои худ;
- расонидани ёриҳои фаннӣ (техникӣ) ба воситаи муассисаҳои илмии давлатӣ;
- андози кам;
- омӯзиш додани донишҳо ва малакаҳои барои ин ширкатҳо ва корхонаҳо зарурӣ ба ҷавонон;
- ташвиқ кардани шаҳрвандон барои харидани саҳҳомиҳои ин ширкатҳо ва корхонаҳо.

## 6.3 Системаи бонкӣ

Бонкҳо саҳми муҳими ҳар иқтисодро ташкил медиҳанд. Яке аз вазифаҳои Бонки миллии Қирғизистон назорат бар ҳаҷми пули дар ҳоли гардиш дар мамлакат мебошад, ки он ба арзиши пулҳои мо таъсир мерасонад. (Агар мамлакатҳо ба ҳаҷми номаҳдуд пул баровардан мегирифтанд, пул арзиши худро гум мекард). Вале ин бонк муштариёни худро надорад.

Бонкҳои муҳимтар барои ширкатҳои хусусӣ бонкҳои тиҷорӣ мебошанд, барои он ки ин бонкҳо пул худро дар ҷойҳое мегузоранд, ки ҳали аксари даромадро биёранд ва аз роҳҳои зерин сарватҳои навро ҳосил мекунанд:

- нигоҳ доштани пулҳои озод барои муштариёни худ (муштариён одатан аз саҳми бонкӣ дарсади каме мегиранд),
- истифодаи ин пулҳо барои қарз додан ба одамон ва ё ширкатҳо (касе, ки аз бонк пул қарз мегирад ба ин бонк дарсади муаянро медиҳад).

Одатан бонкҳо мисли ширкатҳо фаъолият мекунанд ва байни якдигар барои додани қарзҳои б[о] дарсади камтар ва додани дарсади бештар ба муштариёни худ рақобат менамоянд.

## МАШҒУЛИЯТ ПАС АЗ ХОНДАНИ МАТН

### Супориши 02. Махсусгардонӣ

Дунафарӣ машғул шавед ва рӯйхати ҳамаи ҳунарҳои махсусеро, ки одамони ҷомеаи шумо доро мебошан[д] (масалан, механик) тартиб диҳед. Пас аз тартиби рӯйхат ишора кунед, ки оё ин мутахассисон барои истифода[и] донишҳо ва малакаҳои худ музд мегиранд ва ҳамчунин нишон диҳед, ки ин ҳунарҳоро онҳо дар куҷо [ё]д гирифтаанд. (Агар шумо дар шаҳр ва ё шаҳрак (посёлка) зиндагӣ мекунед, бояд танҳо дар асоси маҳалла[и] худатон ин рӯйхатро тартиб диҳед).

| Қобилиятҳои ихтисосӣ | Пул мегиранд? | Онҳо чӣ тавр ин ҳунарро ёд гирифтанд? |
|---|---|---|
| *1. Идора кардани ҳавопаймо (самолёт)*<br>*2. Нимадӯзӣ (сохтани гилеми пашмини дастӣ)* | *Бале*<br>*Не* | *Дар омӯзишгоҳи ҳавопаймоӣ*<br>*Аз модаркалон* |

### Супориши 03. Мубодила (бартер)

1. Дар гурӯҳҳои чорнафарӣ машғул шавед ва ба якдигар дар бораи охирин бори мубодила (бартери) як мол ба моли дигар, ки шумо шоҳид будед, нақл кунед! Одамон кадом навъи мол мубодила карданд? Барои чӣ онҳо мубодиларо интихоб карданд ва аз пул истифода накарданд?

2. Ин ҷадвалро дар дафтаратон рӯбардор ва онро пур кунед. Дар дохили хоначаҳо имтиёз ва камбудии ҳар яке аз системаҳоро бинависед.

| Пул | Мубодила (бартер) |
|---|---|
| **Имтиёз**<br><br>**Камбудӣ**<br>Пул метавонад бекурб шавад | **Имтиёз**<br><br>**Камбудӣ** |

## Супориши 04. Талабот ва пешниҳодот

Дунафарӣ машғул шавед ва дар бораи се навъи моле, ки барои мардуми маҳалли шумо дастрас мебошанд ва пешниҳодоту талабот нисбат ба онҳо тағир меёбад, фикр кунед (ин чизҳо метавонанд, масалан, сигор, телевизор, себ бошад). Пас аз он ҷадвали зеринро дар дафтаратон рӯбардор кунед ва ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб диҳед. (Фаромӯш накунед ки:

- Тағиротдарпешниҳодотметавонадвобастабатағиришумораисодиркунандагон(фурӯшандагон) ва ё ҳаҷми моли содиршавандаи онҳо бошад.
- Тағирот дар талабот метавонад вобаста ба тағири шумораи одамони моил ба хариди ин мол ва ё ҳаҷми хариди он бошад).

| Мол | Кадом омилҳо (сабабҳо) метавонанд талабот ба ин молро тағир диҳад). | Кадом омилҳо метавонанд пешниҳоди ин молро тағир диҳад. |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |

## Супориши 05. Моликияти мо

Фикр кунед ки хонаводаи шумо чӣ навъ моликият дорад. 10 чиз, аз он ҷумла чизҳои калон, монанди хона, ва хурд, монанди пӯшок. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Алмос дар як деҳаи хурд мағоза (дӯкон) дорад. Вай дар ин ҷо танҳо касе ҳаст, ки навор (кассета) мефурӯшад, вай наворҳои навъи «SONY» MX 345.ро бо нархи 35 сӯмӣ мефурӯшад. Ин 30% гаронтар (қимматтар) аз Бишкек мебошад. Вале қиммати ҳақиқии зиёдии онҳо нисбат ба Бишкек танҳо 5% мебошад. 5%-ин харочоти наклиётӣ аз Бишкек ба деҳа мебошад. Нурия қарор дод, ки ба Бишкек равад ва ҳамин навъ наворҳоро барои дӯкони худ бихарад. Вай мехоҳад ин наворҳоро дар мағозаи худ бо нархи 30 сӯмӣ фурӯшад.

1. Шумо чӣ тавр метавонед исбот кунед, кӣ молики (соҳиби) ин чизҳо ҳастед?
2. Чи тавр мо метавонем ҳаққи конунии соҳибӣ ба ин чизҳоро бигирем?

Гулнора дар деҳа як нонвоии хурд дорад ва дар он нон мепазад. Дар ин ҷо боз як нонвоии дигар ҳаст, ки ба ҳамин нарх нон мефурӯшад. Гулнора дар давоми як ҳафта 50 кило орд (1 халта) барои 1000 нон сарф мекунад. Вай ордро бо нархи 550 сӯм (барои як халта) мехарад. Пас аз ҳамаи хароҷот, ҳар рӯз ваи 150 сӯм даромад мекунад. Агар вай ордро ба таври умда (яклухт) якбора 5 халта бихарад, нархи ҳар халта 500 сӯм мешавад. Бидуни таваҷҷӯҳ ба он ки ду нонвой фаъол мебошад, нон ба ҳадди кофӣ пухта намешавад.

## Супориши 06. Даромад: Кӣ суд (фоида) мекунад?

Ҳамроҳи шарикатон матни зеринро хонед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Аз ин кори Нурия кӣ суд мебарад?
2. Алмос чӣ кор метавонад кунад?

1. Гулнора бо даромадаш чӣ кор бояд кунад?
2. Кӣ аз ин барнома суд мебарад?
3. Ба нархҳо чӣ ҳолат рӯй медиҳад?
4. Чӣ омилҳои дигар метавонад ба иҷрои барнома халал расонад?

## Супориши 07. Тиҷорати маҳаллӣ

Ҳамроҳи шарикатон ба муассисаи (мағоза ва ё ягон корхонаи истеҳсолӣ) равед ва ба соҳибони он саволҳои зеринро бидиҳед. Дар бораи ин муассиса хисобот (гузориш) бинависед. Ин гузоришро ба ҳамаи хонандагони синф нишон диҳед.

1. Шумо чӣ навъи молҳо, маҳсулот, ва хадамторо?
2. Тиҷорати шумо чӣ тавр номида мешавад? (Баъзе аз муассисаҳои хурд ном надоранд).
3. Шумо аз кадом вакт то ин ҷониб машғул ба тиҷорат ҳастед?
4. Муштариёни шумо киҳо мебошанд?
5. Хароҷоти тиҷоратии шумо чанд аст?
6. Шумо моли худро чӣ тавр мегиред?
7. Шумо аз куҷо медонед, ки чӣ кадар мол бояд истеҳсол кунед ва ё бихаред?
8. Шумо чӣ тавр ба моли фурӯшии худ нарх мемонед?
9. Охирин бори тағир додани нархҳо чӣ омилҳоро дар назар гирифтед?
10. Дар вакти машғул шудан ба тиҷорат ба кадом мушкилот дучор мешавед?
11. Машғулият ба тиҷорат чӣ хубиҳо дорад?

## Супориши 08. Чӣ тавр миллионер шудан мумкин аст

Ин супоришро ду хел иҷро кардан мумкин аст:

1. ё дар бораи моле фикр кунед, ки барои шумо метавонад лозим бошад ва супориши зеринро иҷро кунед;
2. ва ё барои иҷрои супориш молҳои пешниҳодии зеринро истифода кунед.

__Моли пешниҳодӣ:__ Шумо як дастгоҳи оддиро ихтироъ кардед, ки ба таври дастӣ кор мекунад ва биринҷро (шолиро) пок мекунад.

Шумо мехоҳед, ки бо истеҳсол ва фурӯши ин навъ мол тиҷорати худро шурӯъ кунед. Ҳамроҳи шарикатон саволҳоро хонед ва пас аз он барномаи тиҷоратӣ (бизнес-плани) худро тартиб диҳед. Онро барои хонандагони синфатон пешниҳод кунед.

1. Киҳо моли шуморо мехаранд?
2. Мардум чӣ тавр дар бораи мол ва ширкати шумо маълумот пайдо мекунанд?
3. Шумо нархи моли (маҳсулоти) худро чӣ тавр таъин мекунед?
4. Барои ба роҳ мондани тиҷорат шумо кадом хароҷотро ӯҳдадор мешавед?
5. Барои таъин кардани ҳаҷми моли истеҳсолшаванда дар вакти шурӯъи тиҷорат шумо чӣ чизро пеш аз ҳама ба назар мегиред?
6. Шумо бо даромади худ чӣ кор мекунед?
7. Чӣ сабабҳо метавонад боиси он гардад, ки шумо нархи моли худро тағир диҳед?
8. Чӣ тавр тиҷорати шумо метавонад суди бештар биёрад?

## Супориши 09. Занон дар тиҷорат

Бо ягон зане, ки машғул ба ягон навъи тиҷорат аст сӯҳбат кунед (ин зан метавонад хеши шумо бошад, ки дар бозор тиҷорат мекунад). Ба вай саволҳои зеринро диҳед ва ҷавобҳои вайро дар синф муҳокима кунед:

1. Фарқи занҳо ва мардҳое, ки мехоҳанд ба тиҷорат машғул шаванд дар чист?
2. Занони машғул ба тиҷорат чӣ афзалият (бартарӣ) доранд?
3. Занони машғул ба тиҷорат чӣ тавр ба мардон ёри мерасонанд?

## Супориши 10. Қондан аҷиб. 40 дақиқа

Чунин вазъиятро тасаввур кунед: ҳукумат қонунеро мебарорад, ки барои шумо иҷрои ҳар навъ кори пулакӣ ва ё тиҷоратро манъ мекунад, агар шумо баҳор ва ё тобистон таваллуд шуда бошед. Ба ҷои ин шумо бояд тамоми умр хона бишинед.

Ду нафарӣ ҳамроҳи шарикатон, фикр кунед ки агар чунин қонун қабул карда шавад, он барои иқтисоди мамлакат чӣ натиҷа меорад (чи қадар зиён мекунад) ва дар натиҷа нисфи аҳолӣ наметавонад кор кунад?

(Дар мактабҳо, корхонаҳо, беморхонаҳо, кишлокҳо ташкилоти давлатӣ чӣ ҳолат рӯй медиҳад? Масалан ин қонун чунин маъно медиҳад, ки профессоре, ки баҳор ва ё тобистон таваллуд шудааст танҳо дар боғчаи худаш метавонад кор кунад. Иншоеро ба ҳаҷми 150 калима нависед ва дар он ба ин саволҳо ҷавоб диҳед. Дар охири иншо метавонед нишон диҳед, ки оё чунин ҳодиса метавонад дар ҷомеаи шумо рӯй диҳад. Ва ё дар ҷомеаи шумо анъанаҳое вуҷуд дорад, ки ҳамин навъ натиҷа дорад, барои он ки баъзе аз одамон дар як даврaи муайян наметавонанд ба фаъолияти иқтисодӣ машғул шаванд.

## Супориши 11. Шумо тамоми рӯз чӣ кор мекунед?

Як гуфтугӯи кутоҳ. Иштирокчиёни гуфтугӯ:

Зан (соҳибхона) – З
Мард – М
Писар – П
Корманди агентии омор (статистика) – КА

Пас аз гӯш кардани (ё хондани) гуфтугӯ ҳамроҳи шарикатон ба саволҳо ҷавоб диҳед ва барои муҳокимаи онҳо дар синф тайёр шавед.

1. Ба назари шумо фикри мард дар бораи вазифаҳои ҳаррӯзаи ҳамсараш чист?
2. Ба назари шумо чунин фикрҳо барои баҳо додан ба кори одамоне, ки ба онҳо музд намедиҳанд чӣ таъсир мерасонад?
3. Кадом корҳои бемузд дар маҳалли шумо иҷро мешавад?
4. Оё ин корҳо боаҳамият ҳастанд?
5. Агар мо кори хонаро кам баҳо диҳем (муҳим нашуморем), ҳоли заноне, ки ба ғайр аз кори хона боз кори дигарро ҳам иҷро мекунанд, чӣ мешавад? Ҳамаи корҳои хонаро кӣ иҷро мекунад?
6. Мо чӣ тавр метавонем нишон диҳем, ки кори ҳамаи аъзои хонаводаро муҳим мешуморем?

Вазъият: аҳли хонавода пас аз хӯроки шом нишаста сӯҳбат мекунанд. Касе дарро мезанад. Писар мехезад ва дарро боз мекунад.

**П:** *Ассалому алайкум*
**КА:** *Ва алайкум ассалом, номи ман Бахтиёр аст, ман дар агентии давлатии омор кор мекунам. Ман дар хонаводаҳо назарпурсӣ анҷом медиҳам. Мехоҳам ба аъзои хонаводаи шумо чанд савол диҳам. Оё шумо метавонед ба ин саволҳо ҷавоб диҳед?*
**М:** *Албата, марҳамат дароед. Номи ман Баҳром аст, ин зани ман Салтанат аст ва ин писари ман – Далер марҳамат кунед,шинед. Чой мехоҳед?*
**КА:** *Бале, марҳамат кунед, ман саволҳои хусусӣ ва ё маҳрамона намедиҳам.*
**М:** *Хуб саволҳои худро диҳед.*
**КА:** *Барои ман ҷолиб аст бидонам, ки шумо ва зани шумо дар рӯзҳои одӣ чӣ кор мекунед?*
**М:** *Ҳамсари ман – вай тамоми рӯз дар хона менишинад, ин кирои гуфтан ҳам намекунад. Вай субҳ аз хоб мехезад, нонушта тайёр мекунад, писарро нигоҳу бин мекунад, хонаро покиза нигоҳ медорад, хӯроки наҳор тайёр мекунад ва бо занони ҳамсоя чақ – чақ мекунад.*
**КА:** *Умуман бояд ман баъзе ҷузъиётро бидонам. Шумо муқобил нестед, агар ман баъзе чизҳоро аз ҳамсари шумо пурсам.*
**М:** *Не, ҳеҷ масъала нест. Салтанат, ин ҷо биё Бахтиёр мехоҳад баъзе чизҳоро аз ту пурсад.*
**КА:** *Хуб, шумо метавонед дар бораи як рӯзи муқаррарии худатон ба ман нақл кунед, аз он ки шумо аз аввали субҳ то вақти хоб чӣ кор мекунед?*
**З:** *Бале. Рӯзи ман аз соати 5 субҳ сар мешавад, ман аз хоб мехезам, алав мекунам, то ки об гарм шавад. Баъд ман ба тайёр кардани нонушта сар мекунам ва писарамро барои мактаб рафтан омода мекунам. Мо ҳамроҳ соати 6 нонушта мекунем ва шавҳарам ба кор меравад. Ман ошпазхонаро рӯбу чин мекунам ва дар соати ҳафт ба либосшӯӣ, тоза кардани хона сар мекунам. Одатан барои ин як соат вақт сарф мешавад, барои ин ки либосҳоро дастӣ мешӯям, мошинаи либосшӯӣ надорем.*

*Пас аз либосшӯӣ чанд вақт дар боғча кор мекунам ва баъд аз он ба бозор меравам. Одатан 8 соат дар бозор мешинам ва соати 5 бегоҳ ба хона мегардам. Пас аз ба хона омадан хӯроки шом тайёр мекунам, баъд ба боғча меравам ва чанд соат дар он ҷо кор мекунам. Вақте ки ҳаво торик шуд ба хона медароям, дар ин ҷо ҳамеша ягон кор ҳаст, масалан, дӯзандагӣ ва ғайра.*

**КА:** *Хуб, шумо боз чӣ машғулияти дигар доред?*
**З:** *Зоҳиран ҳамаи корҳои ман ҳамин аст.*
**П:** *Ту фаромӯш кардӣ бигӯӣ, ки боз аз ҷӯйбор об меорӣ, говро мечӯшӣ, барои алов ҳезум ҷамъ мекунӣ ва ғайра.*
**З:** *Ҳа бале инҳо ҳам ҳаст.*

Боби 4

**П:** *Ва ба ғайр аз ин ту ба ман ёрӣ мерасонӣ, ки дарсҳоямро тайёр кунам ва боз барои бибиям хӯрок мебарӣ.*
**З:** *Инҳо ҳисоб намешавад.*
**КА:** *Шояд ҳисоб шавад ва шояд ҳисоб нашавад, вале ин корҳо вақти шуморо мегиранд.*
**З:** *Бале, ҳамеша вақти ман кам аст.*
**КА:** *Шумо машғулияти дӯстдошта доред?*
**Ж:** *Ман хонданро дӯст медорам. Вале фикр мекунам, ки машғулияти дӯстдоштаи ман хонаводаам аст.*
**КА:** *Ташаккур. Акнун, Баҳром, шумо бигӯед, ки рӯзро чӣ тавр мегузаронед.*
**М:** *Ман аз он сар мекунам, ки...*

### Супориши 12. Тиҷорат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Ҷавоби ин суолро бинависед ва онро бо ҳамроҳии ҳамаи синфатон муҳокима кунед.

***Нақши тиҷорати хусусӣ дар тараққии ҷомеа метавонад ба нақши ҳукумат баробар шавад, балки аз он ҳам муҳимтар гардад.***

### Супориши 13. Ислоҳоти иқтисодӣ дар марҳалаи гузариш дар ноҳияи шумо

Барои ҷамъоми машғулият гурӯҳҳои 3-4 нафарӣ ташкил диҳед ва ба корхонаҳое равед, ки то замони фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд доштанд, ва ба кормандони он ин саволҳоро бидиҳед:

- Дар корхонаи шумо пас аз хусусисозӣ чӣ тағирот ба амал омад?
- Кадом иқдомоте, ки шумо пеш аз ин амалӣ кардед, аз ҳама мушкилтар буд?
- Агар корхонаи шумо хусусӣ намешуд, ба чӣ ҳолат дучор мегардидед?




Арзи (пули) миллӣ Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2005

# БОБИ 5

# Муносибатҳои мутақобилаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ

**Машғулият пеш аз хондани матн:**

### Супориши 01. Ҳуқуқҳо ва озодиҳо

1. Дар гурӯҳҳои се ё чорнафарӣ кор карда муҳокима намоед, ки агар шахс аз ҷиҳати сиёсӣ озод бошад, пас ӯ чӣ гуна ҳуқуқҳо ва озодиҳои сиёсиро соҳиб аст?
2. Дар гурӯҳҳои се ё чорнафарӣ кор карда, муҳокима намоед, ки агар шахс аз ҷиҳати иқтисодӣ озод бошад, пас ӯ чӣ гуна озодиҳои иқтисодиро соҳиб аст?

### Супориши 02. Мутобиқати мафҳумҳо

Дунафарӣ кор карда, таърифи мафҳумҳоро муайян намоед.

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Ришвахорӣ | а) Қобилияти таъсир расонидан ба рафтор ва фаъолияти одамон барои ноил гардидан ба мақсадҳои муайян. |
| 2. Ҳокимият | б) Одатан, муносибатҳои ҳуқуқҳои дахлнопазири байни шахс ва давлат, ки дар қонун ва ӯҳдадориҳои муносибати байниякдигарии онҳо ифода мёебанд. |
| 3. Андозҳо | в) Фаъолияти иқтисодӣ, ки барои ба даст овардани фоида равона карда шудааст. |
| 4. Ҳуқуқҳои сиёсӣ | д) Сӯиистеъмол аз мансаб бо мақсади ба даст даровардани ҳама гуна фоидаҳои ғайриқонунӣ |
| 5. Тиҷорат (Соҳибкорӣ) | е) Пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ. |
| 6. Ҳуқуқҳои иқтисодӣ | ж) Ҳаққи моликият, соҳибкорӣ ва озодона истифода бурдани қувваи кории худ. |
| 7. Шаҳрвандӣ | |

**Матн барои хониш**

### 1.0 Ҳуқуқҳои иқтисодӣ чист?

Ба шаҳрвандон воґузор намудани ҳуқуқҳои иқтисодӣ қадами муҳим ба самти беҳбуди иқтисодӣ мебошад, зеро вай ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки аз тавону қобилияти эҷодкорӣ ва алоқамандии худ барои фаровонии иқтисодӣ истифода намоянд.

Ҳуқуқҳои иқтисодӣ иборатанд аз:

- Ҳуқуқи харид, соҳиб будан ва фурӯхтани ҳама намудҳои моликият
- Ҳуқуқи истеҳсол кардан, истифода намудан, харидан ва фурӯхтани маҳсулот
- Ҳуқуқи хариду фурӯш ва истифода аз хизматрасонӣ
- Ҳуқуқи интихоб намудани кор
- Ҳуқуқи иваз кардани ҷои кор
- Ҳуқуқи дохил шудан ба иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба
- Ҳуқуқи ташкил кардани тиҷорати худ
- Ҳуқуқи бастани қарордодҳо

Баъзеҳо фикр мекунанд, ки бо беҳбуд пайдо кардани вазъи иқтисодии одамон аҳамияти ҳуқуқҳои

сиёсӣ коҳиш меёбад. Ҳадафи ин боб нишон додани нодурустии ин тасаввур мебошад.

- Ҳуқуқҳои сиёсӣ чист?
- Зарурияти ҳуқуқҳои сиёсӣ.
- Оё ду намуди ҳуқуқҳо якбора ба мо лозиманд?

## 2.0 Ҳуқуқҳои сиёсӣ чист?



*Ҳаққи баёни озоди ақида*

Ҳуқуқҳои сиёсӣ аз системаи ҳуқуқҳое иборатанд, ки асосан муносибатҳои байни мо ва роҳбарони моро дар бар гирифтааст. Мо бо дар миён гузоштани як силсила саволҳо метавонем муаян намоем, ки ин ҳуқуқҳо аз чӣ иборатанд ва мо то чӣ андоза аз онҳо бархурдорем. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ бо ҳам вобастаанд, бинобар ин мо инчунин саволҳои марбут ба ҳуқуқҳои шаҳрвандиро дохил намудем.

**Ҳуқуқҳои сиёсӣ:**

1. Оё роҳбари ҳукумат ё дигар мансабдорони воломақом озодона ва одилона интихоб карда мешаванд?
2. Оё вакилони парлумон озоду одилона интихоб мешаванд?
3. Оё қонунҳои одилона дар бораи интихобот мавҷуданд? Имкониятҳои баробар дар маъракаи интихоботӣ таъмин карда мешаванд? Имконияти озодонаи овоздиҳӣ мавҷуд аст? Овозҳо аз рӯи адолат ба шумор гирифта мешаванд?
4. Оё интихобкунандагон ба роҳбарони интихоб-кардаи худ дар асл қудрати воқеӣ дода метавонанд? (Агар вакилони интихобшуда ваколати тасмим гирифтанро надошта бошанд, шумо дар раванди сиёсӣ иштирок карда наметавонед)
5. Оё одамон ҳуқуқи дар ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ муттаҳид шуданро доранд?
6. Оё миқдори овозҳо ба тарафдории мухолифин зиёд аст ва мухолифин имконияти воқеии зиёд намудани тарафдоронашро ба воситаи интихобот дорад?
7. Оё одамон аз назорати низомиён, неруҳои хориҷӣ, гурӯҳҳои динӣ ва ё гурӯҳҳои бонуфузи дигар озоданд?
8. Оё гурӯҳҳои динӣ, нажодӣ ва ғайра, ки ақаллиятро ташкил медиҳанд, барои худташаккулкунӣ (ҳуқуқи ташкили ҷомеа ба ҳамон шакле, ки ба арзишҳои фарҳангии онҳо муносиб бошад), худидоракунӣ ҳуқуқҳои кофӣ доранд ва онҳо дар раванди қабул намудани қарор иштирок карда метавонанд?

**Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ:**

1. Оё манбаъҳои иттилоотӣ, нуқтаҳои назар (васоити ахбори умум) ва дигар шаклҳои ибрози фарҳангӣ, ки аз назорати ҳукуматӣ озод бошанд, мавҷуданд?
2. Оё мусоҳибаҳои озоди оммавӣ ва муҳокимаҳои хусусӣ вуҷуд доранд?
3. Оё шумо метавонед озодона сафар кунед, бо якдигар вохӯрӣ намуда кушоду равшан ва оромона бар зидди сиёсати ҳукумат намоиш барпо намоед?
4. Оё шаҳрвандон дар назди қонун баробаранд, онҳо имконияти ба додгоҳҳои мустақил ва адолатнок муроҷиат карданро доранд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низоми ҳуқуқиро риоя мекунанд?
5. Оё ҳимоя аз террори сиёсӣ, ноодилона аз озодӣ маҳрум кардан, бадарға ё шиканҷаи гурӯҳҳое, ки низоми давлатиро дастгирӣ мекунанд ва ё зидди чунин низоманд, таъмин карда мешаванд?
6. Оё иттифоқи касаба ва ташкилотҳои кишоварзон ё ба инҳо монанд усулҳои самараноке, ки коргарон тавассути онҳо шароитҳои ба кор қабул карданашонро дар шакли гурӯх ҳимоя намоянд, мавҷуданд?
7. Оё ташкилотҳои касбӣ ва ё хусусие, ки дар зери назорати ҳукумат нестанд, вуҷуд доранд?
8. Оё соҳибкории хусусӣ ва ё кооперативӣ мавҷуд аст?

> **«Интихоботи озод ва одилона» чӣ маъний дорад?**
>
> Интихобот вақте озодона аст, ки одамон битавонанд номзадии ҳар шахро пешбарӣ намоянд, ки ҳақи қонунии пешбарӣ шуданро дошта бошад ва аз он натарсанд, ки барои вай овоз медиҳанд ва ҷазо мебинанд.
>
> Мо интихоботро озод гуфта онро дар назар дорем, ки дар маврида ҳама номзадҳо ва интихобкунандагон муносибати якхела сурат мегирад. Бояд имконияти иштибоҳ дар ҳисоб кардани овозҳо, ришва додан ва фиреб намудан вуҷуд надошта бошад.

9. Оё одамон барои дохил шудан ё нашудан ба созмонҳои динӣ озоданд ва оиҳо ҳуқуқи озодона ва мустақилона тоату ибодат карданро доранд?
10. Озодиҳои шахсии иҷтимоӣ вуҷуд доранд? Ба ин гуна озодиҳо баробарии ҳуқуқи занҳо, озодона бо забони модарӣ сӯҳбат кардан, интихоби озодонаи ҳамсар ва муаян намудани шумораи фарзандони оила дохил мешаванд?
11. Оё имкониятҳои баробарӣ вуҷуд доранд? Масалан, ҳар як шахс имконияти маълумот гирифтан, одилона пардохт намудани ҳаққи меҳнат, интихоби сарф кардани пули худро дорад?
12. Оё пешгирии ришвахӯрӣ имконпазир аст?
13. Оё ҳукумат дар бораи шароити зисту зиндагии халқи худ ғамхорӣ мекунад?


Озоди дин

## 3.0 Зарурияти ҳуқуқҳои сиёсӣ

Давлат метавонад ба зиндагии шаҳрвандон таъсири калон расонад. Ба ду саргузашти зерини дар деҳоти Амрикои марказӣ рух дода шинос шавед ва мебинед, ки агар одамон бе ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳуқуқҳои иқтисодӣ дошта бошанд, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

Ҳолати 1. Нӯҳ оила дар хоҷагии кооперативӣ зиндагӣ доранд. Ҳамаи онҳо соҳиби хоҷагии кооперативӣ мебошанд. Мансабдори ҳукуматӣ яке аз фермерҳо - Микаро раиси кумитаи идоракунии хоҷагӣ интихоб менамояд. Ҳарчанд ки онҳо ҳамаи масъалаҳоро дар маҷлиси кумита муҳокима мекунанд, лекин Мика ҳамаи қарорҳоро худаш қабул менамояд. Ӯ дар соли аввали кораш идоракунии хоҷагиро хуб ба роҳ мемонад ва хоҷагӣ фоидаи муаяне ба даст меорад. Бо вуҷуди ин, Мика дар соли дуюм ба яке аз фермерҳо - Кита иҷозат намедиҳад, ки ӯ саҳмияҳояшро фурӯшад, зеро Мика медонист, ки Кита дар байни фермерҳо устои беҳтарини мошинаҳои хоҷагии деҳот ба шумор меравад. Илова бар ин, хоҷагӣ дар он сол фоида ба даст намеорад. Қисми дигари фермерҳо мегӯянд, ки Мика ба хатогиҳо роҳ дода истодааст, бинобар ин онҳо пешниҳод менамоянд: маҷлиси навбатӣ бояд имконияти раиси хоҷагӣ шудани шахси дигарро санҷад. Мика, ки маълумотнок буд, мегӯяд: дигар касро шумо интихоб карда наметавонед, зеро танҳо ман шахси аз ҳама арзанда ба ин вазифа мебошам. Қисми дигари фермерҳо дарк мекунанд, ки то Мика розӣ набошад, онҳо наметавонанд роҳбарашонро иваз намоянд. Дар натиҷа шавқу рағбати аксарияти онҳо нисбат ба корашон дар хоҷагӣ коста мегардад ва ҳамзамон боварӣ доранд, ки усулҳои роҳбарикунандаи Мика қайҳо боз мавриди истифода нестанд. Даромади хоҷагӣ ба сабаби набудани манфиати фермерҳо рӯ ба пастравӣ овард.

Ҳолати 2. Доминго бо оилааш дар хоҷагии фермерӣ зиндагонӣ мекунад ва ҳуҷҷате доранд, ки соҳиби замини хоҷагӣ будани онҳоро тасдиқ мекунад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣи хоҷагӣ аз ҳаҷми маҳсулоте, ки барои зиндагии оилаи Доминго зарур аст, зиёд мебошад. Якчанд соли аввал ҳама корҳо хуб аст. Доминго метавонад маҳсулоти зиёдатиашро фурӯшад ва ба ивазаш гов харад. Ҳар сол намояндаи бозрасии андоз ба назди Доминго омада, мегӯяд, ки ӯ бояд 20% маблағи аз фурӯши маҳсулоти иловагӣ ба даст овардаашро ба давлат супорад. Доминго ба ин розӣ мешавад. Ӯ мехоҳад, ки аз ҳисоби маблағи супоридааш мактаб сохта шавад, то духтараш дар он таҳсил намояд. Ҳарчанд ки интихобот гузаронида намешавад, лекин барои Доминго ягон фарқият надорад. Ба фикри ӯ давлат кори дуруст карда истодааст. Бо вуҷуди ин, баъд аз панҷ сол шахси низомипӯш омада, ба Доминго мегӯянд, ки ӯ бояд 70% даромадашро ба давлат супорад. Доминго ба чунин сурат гирифтани кор розӣ намешавад, лекин одамони ҳукуматӣ силоҳдоранд. Доминго тамоман рӯҳафтода мешавад ва чун хабардор мешавад, ки аз ҳисоби пули ҷамъшуда барои мансабдорони ҳукуматӣ хона месозанд, ба рӯзномаи ягонаи давлатии дар он минтақа буда мактуб менависад. Вақте ки мактуби ӯ чоп намешавад, Доминго афсӯс мехӯрад, ки мансабдорон ба ҳукумат тавассути интихобот намеоянд.

Дар саргузашти якум мебинем, ки фермерҳо ҳуқуқҳои иқтисодӣ доранд, вале ҳуқуқи сиёсӣ (ҳуқуқи интихоби роҳбарон) надоранд. Мика кӯшиш мекунад то кӯмак расонад, вале дигар фермерҳо рӯҳафтода мешаванд, зеро имконияти интихоб намудан надоранд ва аз ин хотир фаъолияташонро кать мекунанд.

Боби 5

Фермерҳо шояд, агар чунин имконият медоштанд ба тарафдории раиси нав овоз медоданд. Фикру ақидаҳои раиси нав мумкин аст хуб набошанд, лекин ӯро худи фермерҳо интихоб мекарданд, бинобар ин шавқу рағбати онҳо дар хочагӣ барои кор кардан боқӣ мемонд. Мика, агар интихобот доир мешуд, шояд боз голиб меомад.

Дар ҳикояи дуюм фермер Доминго ҳуқуқҳои иқтисодӣ дорад, лекин аз сабаби надоштани ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳуқуқҳои иқтисодиашро асосан аз даст медиҳад.

Мушкилӣ ин ҷо дар он аст, ки баъд аз якчанд сол давлат нисбат ба одамон яғон таваҷҷӯҳ надорад ва ба кашида гирифтани моликияти Мика шурӯъ мекунад.

## 4.0 Оё ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар як вақт барои мо заруранд?

Ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва озодиҳо бо ҳам зич алоқамананданд. Ҳангоме ки шаҳрвандон қувваи сиёсӣ надоранд, давлат метавонад ба осонӣ ҳуқуқҳои ба моликият доштан онҳоро очиз гардонад. Агар давлат шаҳрвандонро андозбандӣ намояд, моликиятионҳоро гирадёистифодаашонро бе розигии онҳо бо яғон роҳ маҳдуд намояд, пас наметавон гуфт, ки онҳо озоданд. Вақте давлат даъво мекунад, ки ин гуна чорабинӣ барои фоидаи ҳамагон андешида шудааст, чунин вазъият қобили қабул нест. Дар баъзе мамлакатҳо агар давлат моликияти касеро ба хотири «барои истифодаи умумӣ» гирифтанӣ шавад, дар он сурат ҷуброни моликият ба соҳибаш дода мешавад. Ҳарчанд ки маблағи ҷуброн мумкин аст бахснок бошад.

Дар мамлакатҳои демократӣ, агар ҳукумат истифодаи моликияти шаҳрвандонро маҳдуд кунад ва ҳатто агар шаҳрвандон ба ҳар як ҳодиса розӣ набошанд ҳам, онҳоро озод ҳисобидан мумкин аст. Онҳо метавонанд ҳуқуқҳои сиёсии худро истифода бурда, дар интихобот зидди ҳукумат овоз дода, кӯшиши иваз кардани ҳукуматро намоянд. Ин маънои зарурияти ба шаҳрвандон додани ҳам ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқҳои иқтисодиро дорад.

Вақте шаҳрвандон ҳуқуқҳои сиёсиро пурра соҳибанд ва онҳоро ба пуррагӣ истифода мебаранд, дар он сурат онҳо метавонанд сиёсати иқтисодӣ ва қудрати иқтисодии мамлакатро, ки дар он зиндагӣ доранд, муайян намоянд. Ин собит мекунад, ки чаро баъзе мамлакатҳо ба шаҳрвандҳояшон бештар ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ фароҳам оварда, дар бисёр ҳолатҳо кишварҳои сарватманд мебошанд. Махз дар ҳамин гуна кишварҳо ришвахӯрӣ камтар ба назар мерасад. Бо вуҷуди сарватманд будан, баъзе кишварҳо, масалан, Сингапур ва музофоти Ҳонг Конг мамлакатҳои демократии пурқувват нестанд. Ин кишварҳо ба шаҳрвандони худ ҳуқуқҳои сиёсии зиёд надода бошанд ҳам, ба онҳо ҳуқуқҳои васеи иқтисодӣ додаанд ва ҳуқуқҳои конунии шаҳрвандон хеле хуб ҳимоя карда мешаванд.

Баъзе мамлакатҳо кӯшиш намудаанд, ки ҳуқуқҳои сиёсиро назар ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ тезтар ҷорӣ намоянд ва ё баръакс. Барои он ки

**Нишондиҳандаи озодиҳои иқтисодии кишварҳо дар соли 2003**

Рӯзномаи The Wall Street Journal ва ташкилоти таҳқиқотии Heritage Foundation нишондиҳандаи навбатии озодии иқтисодиро чоп кард. Гонконг, Сингапур, Зеландияи Нав, Люксембург, Ирландия, Эстония, Великобритания, Дания, Швецария ва ШМА дар кишвари дорои иқтисоди нисбатан озод ба шумор мераванд. Инҳо ва ҳафт давлати дигар ба гурӯҳи кишварҳои аз назари "иқтисодӣ озод" нисбат дода шудаанд.

Ба гурӯҳи "ба таври умумӣ озод" Литва дохил гардидааст, ки дар рейтинги асосӣ ҷои 22 (ба ҳамроҳи Белгия) ва Латвия (ҷои 29 ба ҳамроҳ бо Исроил) ишғол намудааст. Ба гурӯҳи "ба таври умумӣ ноозод" иқтисоди Арманистон (ҷои 44 ба ҳамроҳи Франсия), Гурҷистон (ҷои 91), Қирғизистон (ҷои 103 ба ҳамроҳи Руанда), Озарбойҷон (ҷои 106), Руссия (ҷои 114), Украина (ҷои 117) ва Қазоқистон (ҷои 131 ба ҳамроҳи Яман ва Бангладеш) дохил гардидаанд. Иқтисоди Белорус (ҷои145), Тоҷикистон (ҷои 146) ва Ӯзбекистон (ҷои 149) "саркӯбгарона" дониста шудаанд. Куба, Кореяи Шимолӣ, Лубнон, Бирма, Зимбабве, Лаос, Ирон ва Венесуэла низ ба ин гурӯҳ дохил мегарданд. Барои муқоиса: Германия дар ҷои 18, Испания дар ҷои 27, Чехия дар ҷои 32, Япония дар ҷои 38, Полша дар ҷои 56 ва Хитой дар ҷои 128 қарор доранд.

Мавзеи бештари кишварҳои собиқи шӯравӣ дар рейтингҳо беҳбуд пайдо кардааст. Масалан, дар рейтинги соли 2002 Эстония ҷои 6- умро ишғол намуд, Литва – 29, Латвия – 33, Арманистон – 44, Молдова – 92, Гурҷистон – 113, Украина – 131, Руссия – 135, Белорус – 151. Қирғизистон ва Озарбойҷон бо ҳам ҷои 104, Қазоқистон – 119, Тоҷикистон – 143, Туркманистон – 146, Ӯзбекистон – 149 – умро ишғол намуданд. ШМА дар муқоиса бо рейтинги соли 2002 аз ҷои 6 ба 9 поин омад.

**Истифодаи ҳуқуқҳои сиёсӣ барои тағир додани вазъияти Қирғизистон**

Дар соли 2001 мардуми кишвари мо роҳбарони ҳукуматҳои деҳотро (айыл окмоту) интихоб намуданд.

Дар натиҷа бештари роҳбарони қаблан таъиншуда номзадии худро аз нав гузоштанд, вале аз курсиҳои худ маҳрум гардиданд, зеро мардум намояндагони дигарро интихоб намуданд.

роҳбарони нав интихобшаванда қонунҳо ва ҳуқуқҳои нави иқтисодӣ озодро ҷорӣ намоянд, аввалан бояд интихобот баргузор гардад, баъд сохтори иқтисодӣ ба вуҷуд омада, иқтисодиётро ба куллӣ тағир дихад ва он сохторро ҳифз намояд. Роҳи пурсамари амалӣ намудани он ба одамон ҳуқуқҳои сиёсӣ додан аст. Роҳбаронеро, ки онҳо интихоб менамоянд, бояд кушоду равшан фаъолият намоянд ва донанд, ки дар ҳолати зарурӣ онҳоро иваз кардан мумкин аст.

## 5.0 Чунин ба назар мерасад, ки ҳуқуқҳои сиёсӣ ба ман кӯмак намерасонанд!

Вақте аз шаҳрвандони давлатҳои тозабу-нёли мустақил оид ба нуқтаи назарашон дар бораи демократия, бозори озод ва хусусигардонӣ пурсон мешаванд, ин шаҳрвандон дидаю дониста аз он чизе, ки мебинанд, ҳайрон мешаванд. Онҳо одатан роҳгум мезананд, чунки оид ба иқтисодиёти дар асоси низоми капиталистӣ бунёдшуда ва навъҳои ҳуқуқҳои сиёсии он фаҳмиши дуруст надоранд. Доир ба муваффақияти капитализм ва бозори озод танҳо аз рӯи он чизе, ки дар кишвари худ мебинанд, баҳо медиҳанд. Дар низоми онҳо танҳо баъзе ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳастанд, вале ҳуқуқҳои сиёсӣ хеле маҳдуд шудаанд. Масалан, ба шаҳрвандон фароҳам овардани танҳо ҳуқуқи овоздиҳӣ мамлакатро ба давлати демократии пуриқтидор табдил намедиҳад. Яке аз камфаҳмиҳо оид ба низоми давлатии ба шаҳрвандонаш ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дода чунин аст, ки созмонҳои мусоидаткунандаи ин гуна ҳуқуқҳо (ба мисли Созмони Милали Муттаҳид ё ФБСИ) раванди идоракунии давлати демократиро ҳамвор ва осон меҳисобанд. Демократия низоми комил нест, лекин он низоми ягонаест, ки метавонад манфиатҳои рақобатноки одамонро дар мувозинат нигоҳ дорад. Ба одамон додани ҳамаи ҳуқуқҳои иқтисодию сиёсӣ, ҳанӯз кафолати самаранок истифода бурда тавонистани чунин ҳуқуқҳо нест, зеро ин кор ба монанди омӯхтани дугарҳаронӣ ва ё аспсаворӣ, танҳо бо машқ кардан омӯхта мешавад. Бинобар ин роҳи ягонае, ки шаҳрвандон метавонанд тавассути он ҳуқуқҳоро самаранок истифода баранд, ин аст, ки одамон бояд ҳуқуқҳояшонро дар зинаҳои гуногун, яъне аз шӯрои деҳот сар карда, то дастгоҳи Раиси Ҷумҳур мавриди истифода қарор диҳанд.

### Системаи комил?

Ҳеҷ кадом аз кормандони ФБСИ чунин ақида надоранд, ки кадом як системаи комили сиёсӣ вуҷуд дорад. Уинстон Черчил – Сарвазири машҳури Англия гуфта буд: "Демократия – системаи ваҳшатнок ва дорои камбудиҳост,.. вале беҳтар аз он системаеро намебинам!" Яке аз идеяҳои ҳайратангезеро, ки шумо ҳангоми омӯзиши демократия азхуд мекунед, аз он иборат аст, ки мо НА ҳамеша метавонем ба роҳбаронамон эътимод намоем.

Ба ибораи дигар, дар системаи демократӣ, ки ҳама кор аз рӯи қоида анҷом мешавад, шумо ҳамчун шаҳрванд метавонед бигӯед, ки "Ин кори шумо ба ман маъқул нест, бинобар ин намехоҳам, ки шумо ба ман роҳбарӣ кунед". Агар шумораи кофии шаҳрвандон бо ақидаи шумо розианд, ки роҳбар бояд аз вазифааш равад.

### Қиргизҳое, ки бо пойҳояшон овоз доданд!



Бештари оилаҳо бояд аз инқилоби Октябр вақте фаҳмиданд, ки ҳуқуқи моликият дар баробари дигар ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ [illegible] ватанашонро тарк намуданд. Мисоли равшан Раҳмонқулбек (1913–1990) — охирин хони қирғизҳо, ки сарзамини Помирро [illegible] тарафдоронаш аз [illegible] падруд гуфт. Онҳо дар соли 1947 ба хотири аз таъқиб наҷот ёфтан, [illegible], ки моликияти хусусии [illegible] буданд, [illegible] ба вилояти Синзяни Хитой рафтанд.

Ҳукумати дигар роҳбарони қирғизро [illegible], онҳо кадом ҳуқуқҳои [illegible], шахсӣ ва [illegible]ро мехостанд ҳимоя намоянд?

А. Муратов: Раҳмонқулбек, [illegible] Бишкек, Уйкун, 2004

## 6.0 Оё ҳамаи мамлакатҳо бояд якхела бошанд?

Албатта не. Давлатҳои низомҳои гуногундошта, ки ба шаҳрвандонашон ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ пешниҳод менамоянд, бисёранд. Баъзе аз онҳо, ба монанди мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ, воситаҳое доранд, ки ба ҳаёти шаҳрвандонашон таъсири зиёд мерасонанд. Дар дигар мамлакатҳо, ба монанди Ҷопон ё Штатҳои Муттаҳидаи Амрико давлат ба шаҳрвандон таъсири кам дорад ва воситаҳои таъсиррасониашон ҳам чандон зиёд нест. Новобаста ба ин, дар ин гуна кишварҳо шаҳрвандон ҳукуматро ҳамеша мувофиқи хости худ интихоб мекунанд. Ҳарчанд баъзе роҳбарони кишварҳои Осиё қайд карданд, ки мувофиқи усули кории осиёгӣ қарорро бе розигии шаҳрвандони худ қабул мекунанд, лекин чунин нуқтаи назар дар ҳолате дуруст аст, ки агар

одамон бо хоҳиши худ аз ҳуқуқҳояшон даст кашанд. Ҳодисаҳои солҳои охир дар қисми ҷанубу шарқии Осиё (Индонезия) ва пурсиши оммавӣ дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки одамон новобаста аз гуфтаҳои роҳбаронашон аз ҳуқуқи интихобот даст кашиданӣ нестанд.

## 7.0 Оё давлат медонад, ки барои мо чӣ беҳтар аст?

Баъзе одамон мегӯянд, ки додани ҳамаи ҳуқуқҳои сиёсӣ ба шаҳрвандон дар ҷомеаи нави демократӣ ё дар мамлакате, ки одамон асосан бе маълумотанд, ба бесарусомонӣ ва беинизомӣ оварда мерасонад. Дар баъзе мамлакатҳо артиш ва ё гурӯҳҳои таъсирашон зиёд ҳукумати ба таври демократӣ интихобшударо (соли 2000 дар Покистон ва Фиҷи) аз сари ҳокимият дур сохтаанд. Ин гурӯҳҳо амалашонро, одатан, чунин асоснок мекунанд: гӯё сиёсатмадорони интихобшуда овозҳои интихобкунандагонро харидаанд. Дар ҳақиқат, баъзан чунин ҳолатҳо рух медиҳанд. Ҳатто дар Штатҳои Муттаҳида, ки дар ҷаҳон кишвари аз ҳама демократияи баланд дошта ба ҳисоб меравад, бесалоҳият ва ё бевиҷдон будани баъзе шахсони интихобшуда баъдтар маълум мегардад. Бинобар ин мавҷуд будани дигар ҳуқуқҳои сиёсӣ, ба монанди воситаҳои ахбори умуми озод ва низоми ҳуқуқии адолатнок боиси аз мансабҳояшон озод гаштани роҳбарони нолоиқ мегардад. Давлатҳои Филиппин ва Албания мисоли хуби ин гуфтаҳо шуда метавонанд. Дар ин мамлакатҳо ба сабаби ҳуқуқҳои сиёсӣ доштан шаҳрвандон тавонистанд Раиси Ҷумҳурҳояшонро интихоб намоянд ва чун огоҳ гаштанд, ки онҳо ришвахӯранд, ба воситаи намоишҳои эътирозӣ ва воситаҳои ҳуқуқӣ онҳоро аз сари қудрат дур карданд. Дар амал, аксари одамон баҳс мекунанд, ки гӯё маҳз нокифоя будани ҳуқуқҳои сиёсӣ ба чунин ҳолат оварда мерасонанд. Барои ҳамин барҳам додани ҳуқуқҳои сиёсӣ метавонад ба номуътадилӣ, нодуруст идора кардани иқтисодиёт ва ришвахорӣ оварда расонад ва ҳамин гуна ҳолатҳо метавонанд дар сурати набудани ҳуқуқҳои сиёсӣ низ рух диҳанд, зеро давлатро маҷбур карда намешавад, ки барои амалҳояш ҷавоб диҳад.

Ҳар шахс медонад, ки аксарияти одамон хоҳиши онро доранд, ки худашон интихоб шаванд. Маҳдуд намудани озодии шахс ҳангоми интихоб кардан, хоҳ дар назди қуттии овоздиҳӣ бошад, хоҳ дар назди оинаи ҷилгун ва ё дар бозор маънои маҳрум кардани одам аз «сиришти инсонӣ» аст.

| Хароҷот | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | Нақшаи 2002 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хадамоти умумии давлатӣ | 12,2 | 13,7 | 14,7 | 14,7 | 16,5 | 15,7 |
| Дифоъ ва тартиботи ҷамъиятӣ | 16,4 | 14,4 | 15,9 | 18,9 | 16,1 | 16,2 |
| Маориф | 9,2 | 9,5 | 8,0 | 7,6 | 8,9 | 7,3 |
| Тандурустӣ | 6,8 | 4,9 | 4,4 | 4,4 | 4,1 | 4,8 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | 17,4 | 15,0 | 14,1 | 10,5 | 12,3 | 15,9 |
| Хоҷагии манзилӣ ва маишӣ (коммуналӣ) | 2,8 | 3,0 | 3,5 | 4,2 | 4,6 | 2,9 |
| Истироҳат ва фаъолиятҳои фарҳангию динӣ | 1,5 | 2,0 | 2,8 | 2,2 | 1,7 | 1,6 |
| Мучтамаи (комплекси) сӯзишворӣ ва энергия | 0,1 | 2,4 | 1,0 | 0,2 | 2,2 | 0,2 |
| Хоҷагии кишлок, об, ҷангал, моҳидорӣ ва шикор | 3,3 | 5,1 | 4,3 | 4,4 | 5,5 | 5,0 |
| Саноати маъданҳои кӯҳистонӣ ва захираҳои маъданӣ | 1,1 | 1,1 | 1,0 | 3,3 | 1,0 | 0,5 |
| Нақлиёт ва алоқа | 2,0 | 3,6 | 6,5 | 4,8 | 3,7 | 4,1 |
| Дигар хадамоти дорои хислати иқтисодӣ | 3,4 | 0,8 | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,4 |
| Хароҷоте, ки ба гурӯҳҳои асосӣ дахл надоранд | 23,2 | 24,5 | 23,5 | 24,5 | 23,0 | 24,5 |
| Хароҷоти умумӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

*Гурӯҳбандии истифода аз банди хароҷоти буҷети давлат (Манбаъ: «Роҳнамой ба шаҳрвандон дар мавриди буҷет», Бунёди Сорос-Қирғизистон ва Урбан Институт, Бишкек, 2002)*

### Машғулият баъд аз хониши матн

#### Супориши 03. Чӣ чӣ ҳаст?

Бо шарикатон муайян намоед, ки кадоме аз ин ҳуқуқҳо сиёсианд ва кадомашон иқтисодиву шаҳрвандӣ. Ба назар гиред, ки баъзеи онҳо метавонанд ҳам сиёсӣ бошанд ва ҳам иқтисодиву шаҳрвандӣ. Дар ин сурат ҳуқуқро ба гурӯҳе дохил намоед, ки ба фикри шумо бештар мувофиқ аст.

| | Ҳуқуқҳо ва озодиҳо | Сиёсӣ, шаҳрвандӣ ё иқтисодӣ? |
|---|---|---|
| 1. | Ҳуқуқи соҳиби манзил будан.. | |
| 2. | Ҳуқуқи дар интихобот овоз додан. | |
| 3. | Ҳуқуқи фурӯхтани замини худ. | |
| 4. | Ҳуқуқи гуфтугӯ кардан бо ҳар забон. | |
| 5. | Ҳуқуқи дар радио иброз намудани нуқтаи назари худ. | |
| 6. | Ҳуқуқи ташвиқ намудани маҳсулоти истеҳсолкарда. | |
| 7. | Ҳуқуқи созмон додани ташкилоте, ки мақсади ба сари давлат омадан дорад. | |
| 8. | Ҳуқуқи оғоз кардан ба соҳибкории худ. | |
| 9. | Ҳуқуқи нигаҳ доштани асъори хориҷӣ. | |
| 10. | Ҳуқуқи вохӯрдан бо шахсоне, ки дар бораи давлат бо шумо ҳамфикранд. | |
| 11. | Ҳуқуқи рондани мошин. | |
| 12. | Ҳуқуқи бо ақидаҳои роҳбаратон розӣ нашудан. | |

### Супориши 04. Арзиши озодӣ

Дунафарӣ кор карда дар ҳаҷми 100 калима иншое нависед, ки дар он сабабҳои «Барои чӣ мо ҳуқуқи ичозати вайрон кардани қонунҳоро дар ҷомеа надорем?» шарҳ дода шаванд.

### Супориши 05. Чӣ аз ҳама муҳим аст?

1. Дар поён мисолҳо аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва намудҳои хизматрасонӣ оварда шудааст. Ягон намуди соҳибкориро дар маҳалли зистатон интихоб намоед. Ба рӯйхат нигаред ва онҳоро аз рӯйи аҳамияташон мувофиқи машғулияти интихобкардаи худ ҷойгир намоед.

| | Ҳуқуқҳо ва озодиҳо | То чӣ андоза муҳиманд? |
|---|---|---|
| 1. | Ҳуқуқи соҳиб будан ба моликият ва маҳсулот. | |
| 2. | Ҳуқуқи фурӯхтани моликият ва маҳсулот. | |
| 3. | Хизматрасониҳои боэътимоди нақлиёт. | |
| 4. | Ҳуқуқи ташвиқ намудани моликият ва маҳсулоти истеҳсолкардаи худ. | |
| 5. | Ҳуқуқи ворид намудани мол. | |
| 6. | Хизматрасониҳои боэътимоди бонкӣ. | |
| 7. | Ҳуқуқи содир намудани мол. | |
| 8. | Мавҷудияти ташкилотҳои боэътимоди ҳифзи ҳуқуқ ва додгоҳӣ. | |
| 9. | Ҳуқуқи бо нақлиёт кашонидани бор. | |
| 10. | Озод будан аз ришвахорӣ. | |
| 11. | Ҳуқуқи истифода намудан аз хизматрасониҳои дигарон. | |
| 12. | Таҷҳизоти боэътимоди обтаъминкунӣ. | |
| 13. | Ҳуқуқи фурӯши мол дар ҷойҳои ҷамъиятӣ. | |
| 14. | Ҳуқуқи истифода намудани ҳама гуна арз. | |
| 15. | Таҷҳизоти боэътимоди барқӣ. | |

2. Се намуди муҳимтарин ҳуқуқҳо ва хизматҳоро муқаррар намуда, сабабҳои интихоб намудани чунин машғулиятҳоро фаҳмонед.

### Супориши 06. Иқтисод ва Сарқонун

Моддаҳои 4, 5, 16 ва 19 Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистонро хонед. Иншои кӯтоҳе нависед, ки ба ин ду савол ҷавоб диҳад:

1. Шумо дорои кадом ҳаққи моликият мебошед?
2. Шумо агар ба соҳибкорӣ машғул бошед, дорои кадом ҳуқуқҳо ва вазифаҳо хоҳед буд?

### Супориши 07. Созиши гурӯҳӣ

Ин ҳуқуқ дар ҷараёни гуфтушуниди байни фурӯшанда ва харидор, коргар ва корфармо амалӣ мегардад.

Ҳуқуқи созиши гурӯҳӣ барои коргарон чунин маъно дорад, ки мувофиқи он ба ҷои як коргар ҳамаи коргарони корхона муташаккилона талаб мекунанд, ки маошашон зиёд ва шароитҳои корашон беҳтар карда шавад. Бо ин восита қудрати онҳо бештар мешавад. Агар кироякунанда талабашонро рад намояд, онҳо метавонанд корпартоӣ кунанд ё суръати истеҳсолотро паст намоянд. Ин аст, ки созиши гурӯҳӣ ба таври ҷиддӣ дар бисёр кишварҳои демократӣ ҳимоя карда шавад ҳам, лекин баъзе гурӯҳи одамон чунин фикр доранд, ки ин гуна ҳуқуқ набояд ҷо дошта бошад ва ё онро маҳдуд бояд намуд. Шумо чӣ фикр доред?

Бо ҳамсинфатон якҷоя фикрҳои дар поён овардашударо дида бароед ва муайян намоед, ки кадоме аз онҳо ба нуқтаи назари шумо мувофиқтар аст.




***Ойнура:*** *Ман фикр намекунам, ки ин ҳуқуқ бисёр муҳим аст. Роҳбарон доимо медонанд, ки барои одамон чӣ хубтар аст ва ҳуқуқҳои одамони оддӣ бе доштани онҳо ҳам маҳдуд аст. Ин ҳаёт аст.*

***Чинора:*** *Ман розӣ шуда наметавонам. Чунин созиши гурӯҳӣ ба монанди фермерҳо барои одамон низ дахл дорад. Агар онҳо якҷоя талаб намоянд, метавонанд нархҳои маҳсулоташонро баландтар кунанд ва ин маънои онро дорад, ки тамоми мамлакат аз ин фоида мебинад, чунки фермерҳо маблағи ба даст овардаи худро барои харидани молҳо сарф мекунанд. Аз ин кор соҳибони мағозаҳо фоидаи бештар мебинанд ва ба давлат андози бештар месупоранд.*

***Галина:*** *Ин дуруст аст, лекин мушкилии бисёр ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқи мазкур низ дар он аст, ки одамон ин ҳуқуқи додашударо сӯиистеъмол мекунанд. Ман розиям, ки ба коргарон ва истеҳсолкунандагон ин гуна ҳуқуқ дода шавад, лекин дар навбати худ бояд баъзе маҳдудиятҳо низ мавҷуд бошанд. Масалан, ба духтурон агар шаш ҳафта пештар огоҳинома пешниҳод накарда бошанд, набояд иҷозат дод, ки корпартоӣ кунанд. Ҳамдигарфаҳмӣ бояд дар байни ҳамаи тарафҳо мавҷуд бошад.*

***Саша:*** *Мушкилии созиши гурӯҳӣ ба фаҳмиши ман дар он аст, ки коргарон соҳибкориро дуруст намефаҳманд ва агар маоши баландро талаб намоянд, онҳо бо ин иқдоми худ корхонаро ба шикаст оварда мерасонанд. Чунин ҳолат бо фермерҳо низ рух доданаш мумкин. Агар мо нархи маҳсулоташонро надиҳем, онҳо метавонанд аз таъмини бозор бо хӯроквории даст кашанду ҳамаи молҳояшонро ба содирот бароранд.*

## Супориши 08. Ҳаққи моликият бар замин

Дар соли 2001 ҳукумат қонунеро ба тасвиб расонд, ки он ба баъзе одамон ҳаққи харид ва фурӯши заминро медиҳад. Ин ҳуқуқи муҳими иқтисодист, ки дар бештари кишварҳои демократӣ ҳама шаҳрвандон ба он соҳибанд.

Бо шарикатон фикрҳои зерин дар бораи тағйироти қонуни заминро хонед ва муайян намоед, ки кадоми онҳо бо нуқтаи назари шумо мутобиқат доранд.




***Темур:*** *Мақсади ин қонун сарватмандтар намудани сарватмандон аст. Ман бо ин мухолифам. Ман фикр мекунам, ки замин бояд моликияти давлат бошад ва ба хоҳишмандон ба сурати иҷора вогузор шавад. Одамони сарватманд заминро харида, онро ба камбағалон иҷора медиҳанд ва мо ба деҳқонони иҷоракор табдил мешавем. Бо он чиз моро ба ташвиш овардааст, ки хориҷиҳо метавонанд тамоми заминҳои моро харанд ва мо дар натиҷа сарзаминамонро аз даст диҳем. Мардуме, ки насл ба насл аз ин замин рӯзиашонро мёёфтанд ва ногаҳон ҳуқуқи соҳиб будан ба онро аз даст медиҳанд, чӣ хоҳанд кард?*

***Ойгул:*** *Ман розӣ нестам. Ба фикри ман ин тағйирот хуб аст, зеро он ин маъноро дорад, ки фермерҳо ва деҳқонон метавонанд заминро харанд. Онҳо ин заминро нигоҳубин карда ва ё дар он бино сохта, эҳсос мекунанд, ки ин моликияти онҳост. Агар одамон ба ин бовар надошта бошанд, пас умуман дар бораи кор кардан дар ин замин шакку шубҳа хоҳанд кард. Ба ғайр аз ин бонкҳо низ барои қарз додан майл нахоҳанд дошт, зеро дар сурати барнагардонидани пул онҳо аз*

*қарзгиранда наметавонанд молу амволеро ҳамчун гарав ба даст оранд. Ин тағйироти қонун он маъноро дорад, ки ба замин онҳое метавонанд соҳиб шаванд, ки аз вай метавонанд беҳтар истифода баранд. Ин кор метавонад ба рушду тараққии бештари кишварамон ёрӣ расонад.*

***Гулнора:*** *Мушкили хариду фурӯши замин аз он иборат аст, ки баъзеҳо дар мавриди нархи он ҳаннотӣ намуда, ба ин восита нархи заминро беш аз ҳад боло мебаранд. Дар натиҷа одамони камбағал наметавонанд соҳиби замин шаванд ва дар он зироатҳои даркориашонро парвариш намоянд. Аз рӯи инсоф тақсим нашудани замин маро низ ба ташвиш андохтааст. Мушкили дигар ин аст, ки одамон метавонанд аҳамияти заминро дарк накунанд ва барои ба даст овардани пули нақд онро бо нархи арзон фурӯшанд. Дар натиҷа барои онҳо чизе боқӣ нахоҳад монд. Ман фикр мекунам, ки агар чунин қонун барои кишвари мо лозим аст, пас бигузор барои онҳое, ки дар ин заминҳо зиндагӣ мекунанд, арзонтар бошад ва ё барои даҳ соли аввал аз андози замин озод карда шаванд*

***Салим:*** *Ман фикр мекунам, ки ин гуна тағйирот зарур аст, ҳарчанд дар ин маврид баъзе мушкилиҳоро мушоҳида мекунам. Ба назари ман ба одамон бояд он заминҳоеро, ки дар атрофашон вуҷуд дорад, дода шавад. Дар натиҷа ҳар шахс дар назди хонааш соҳиби замин мешавад ва метавонад дар он ҷо зироатҳои заруриашро парвариш кунад. Бо вуҷуди ин ман фикр мекунам, ки ҳаққи соҳиб будан ба замин дар сарзамине, ки асосан кишоварзист, омили асосии тараққӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд мумкин аст заминро ба сурати дарозмуддат, масалан 100 сол ба иҷора дод. Дар ҳоли ҳозир барои мардум боварӣ доштан муҳим аст, бинобар ин мо бояд имконияти хариду фурӯши заминро дошта бошем.*

## Супориши 09. Қонунҳо оид ба соҳибкорӣ

Ҳамроҳи ҳамсинфатон ба ягон ширкати маҳаллӣ рафта пурсед, ки оё онҳо қонунҳои ба наздикӣ қабулшуда ва аз қонунҳои даврати шӯравӣ фарққунандаеро медонанд, ки шуғли соҳибкориашонро осон мекунанд. Доир ба натиҷаҳои вохӯриатон ба хонандагон нақл кунед. Шумо бояд фаҳмонед, ки кадом қонунҳои нав қабул карда шудаанд ва онҳо барои тараққиёти соҳибкорӣ чӣ хел аҳамият доранд?

## Супориши 10. Андозҳо барои чӣ лозиманд?

Шумо метавонед бигӯед, ки ҳама гуна андозҳо одамонро аз ҳуқуқи мувофиқи хоҳиш сарф кардани пулашон маҳрум мегардонанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳамаи давлатҳо ягон намуди андоз мавҷуд аст.

1) Бо шарикатон муайян намоед, ки кадом намуди андозҳо зарурият надоранд ва дар кадом ҳолатҳо гуфта метавонем, ки заруранд. Барои шарҳ додани ҷавобатон омода бошед.
2) Бо шарикатон якҷоя муҳокима намоед, ки давлат кадом соҳаҳои аз ҳама муҳимтаринро бояд худаш пардохт намояд. Барои шарҳ додани ҷавобатон омода бошед.
3) Тасаввур кунед, ки шумо Вазири молия ҳастед ва се миллиард сом доред. Дунафарӣ кор карда, муайян намоед, ки аз ин миқдор маблағ чанд фоизашро барои соҳаҳои дар ҷадвал номбаршуда ҷудо менамоед.

| | Соҳаҳо | Чанд фоиз? |
|---|---|---|
| 1. | Дифоъ | |
| 2. | Тандурустӣ | |
| 3. | Ҳифзи иҷтимоӣ | |
| 4. | Гумрук | |
| 5. | Маориф | |
| 6. | Муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ | |
| 7. | Нақлиёт | |
| 8. | Муносибатҳои байналмилалӣ | |




4) Аз аҳли оилаатон пурсед, ки онҳо оид ба буҷети шумо чӣ фикрҳо доранд?

Боби 5

## Супориши 11. Фарқ дар чист?

Дунафарӣ кор карда, ҷадвали зеринро, ки барои муқоисаи иктисоди мутамарказии барномавӣ бо иктисоди озоди бозорӣ кӯмак хоҳад намуд, пур кунед. Ба он диккат намоед, ки онҳо на ҳамеша фарқ мекунанд.

| Иқтисоди мутамаркази барномавӣ | Иқтисоди озоди бозорӣ |
|---|---|
| *1. Ҳама қарорҳои иктисодӣ дар Ташкилоти барномарезии давлатӣ - Госплан (яъне дар марказ) кабул карда мешуданд.* | *1.* |
| *2.* | *2. Моликияти хусусӣ иҷозат дода мешавад.* |
| *3. Андоз гирифта мешавад.* | *3.* |
| *4.* | *4. Соҳибкорӣ ташвиқ карда мешавад.* |
| *5. Воситаҳои озоди ахбори умум вуҷуд надорад.* | *5.* |
| *6.* | *6. Маъмулан ҳукумат ба таври озод танқид карда мешавад.* |
| *7. Бонкҳои байналмилалӣ вуҷуд надоранд.* | *7.* |
| *8.* | *8. Бештари корхонаҳо хусусӣ ҳастанд.* |
| *9. Сатҳи истеҳсолот аз тарафи барномарезон муаян мегардад.* | *9.* |
| *10.* | *10. Ҳар одам метавонад асъори хориҷӣ харад.* |
| *11. Нархи асъор дар сатҳи марказӣ аз тарафи барномарезон муаян мегардад.* | *11.* |
| *12.* | *12. Ҳар корхона метавонад маҳсулотеро истеҳсол намояд, ки мехоҳад (ба шарте, ки фаъолияти он ғайриқонунӣ набошад)* |

## Супориши 12. Ҷаҳони мо

Бо шарикатон саволҳои зеринро баррасӣ намоед, сипас ба ҳамсинфонатон ҷавобҳои худро шарҳ диҳед ва ё иншо нависед (на бештар аз 200 калима).

1. Барои чӣ одамон мехоҳанд, ки ҳамзамон ҳам соҳиби озодиҳои иктисодӣ ва ҳам сиёсӣ бошанд?
2. Барои чӣ баъзе одамон хоҳиш доранд, ки як навъи озодиро нисбат ба дигараш бештар дошта бошанд ва ё як навъи озодиро нисбат ба навъи дигар зудтар ба даст оранд?

# БОБИ 6

# Пайдоиши давлат ва миллатгароӣ

**Машғулият пеш аз хондани матн:**

## Супориши 01. Мувофиқати таърифҳо

Дунафарӣ кор карда, ба истилоҳот таърифҳои мувофиқ пайдо намоед.

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Истиқлолият | а) Хусусиятҳое, ки аз назари ирсият ба кадом гурӯҳи аҳолӣ мансуб будани шуморо нишон медиҳад. |
| 2. Миллат | б) Эътибори кишваре, ки дорои истиқлолияти комил ва худидоракунӣ мебошад. |
| 3. Халқият | в) Назариест, ки доираи васеи эҳсосот ва тасаввуротро аз ифтихор барои нақши ҳама аъзои ҷомеа сар карда, то ифтихор барои як гурӯҳро, ки бар мансубияти нажодӣ ё чизи дигар асос ёфтааст, дар бар мегирад. |
| 4. Нухбагон (элита) | г) Қонуният, яъне ҳаққоният. |
| 5. Миллатгароӣ | д) Гурӯҳ ё табақаи одамоне, ки дорои эътибори болои фикрӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд. |
| 6. Мансубияти нажодӣ (миллият) | е) Халқе, ки ҳудуди муайянеро соҳиб буда, дорои умумияти сиёсӣ мебошад. |
| 7. Қонунӣ будан | ж) Гурӯҳи собити одамоне, ки аз ҷиҳати пайдоиш (аз рӯи хун), таърих, забон ва фарҳанг дорои умумият мебошад. |

## Супориши 02. Дар оғоз

Пеш аз он ки мо чӣ гуна тарҳрезӣ намудани ҳуқуқҳо, қонунҳо ва ё тарзи бунёди ҷомеаро муҳокима намоем, дар ҷамъияти номутамаккин дорои кадом ҳуқуқҳо буданамонро бояд донем. Ҳанӯз файласуфи машҳур Ҷон Лок ин масъаларо дида баромада буд.

Акнун навбати шумост. Тасаввур кунед, ки бо ҳамроҳии хонандагони синфатон ба маконе меравед, ки дар он ҷо ба ғайр аз шумо дигар касе набошад ҳам, вале захираҳои кофӣ барои зиндагӣ кардан вуҷуд доранд. Чун ба он макон мерасед, пай мебаред, ки бо одамони дунё имконияти муошират карданро надоред. Ба гурӯҳҳои се ё чор нафарӣ тақсим шуда, муҳокима намоед, ки «Дар он макон шароити дар поён оварда шуда лозиманд ё не?»

1. Оё мавҷуд будани ягон давлат ё қонунҳое, ки тарзи зиндагонии шуморо ба назорат мегиранд, зарур аст? Дар ин давлат шумо кадом ҳуқуқу озодиҳо ва ҳуқуқ ба моликиятро соҳиб мешудед?
2. Касе ҳуқуқи идора кардани шуморо дорад?
3. Шумо метавонед дорои ҳуқуқ бошед? Онҳо кадоманд?
4. Одамони пурқудраттар барои иҷрои кадом корҳо саъю кӯшиш бояд кунанд? Барои чӣ?
5. Одамони аз нигоҳи ҷисмонӣ ва ақлонӣ заиф аз иҷрои кадом корҳо баромада метавонанд? Барои чӣ?
6. Ҳаёт барои ҳама бояд чӣ гуна бошад?

**Матн барои хониш**

Дар ин боб мо мавзӯъҳои зеринро дида мебароем:

- Маънои калимаи «давлат»
- Мафҳуми давлат чӣ гуна пайдо шуд
- Давлатҳо чӣ гуна ташкил ёфтанд ва қонунӣ гаштанд
- Миллатгароӣ ва муносибатҳои миллияту шаҳрвандӣ

## 1.0 Назарияи давлат

Калимаҳое, ки дар назари аввал аз рӯи маъно бо ҳам яке мебошанд, барои одамони гуногун дорои мафҳумҳои мухталиф ва бештар муштарак ҳастанд. Ҳангоми истеъмоли калимаи "кишвар" асосан қаламрав ва ҳудуди муаяни ҷуғрофӣ дар назар гирифта мешавад, "миллат" бошад хислати идеяи умумии сокинонро дар бар мегирад. Ба ҷуз ин калимаҳое метавонанд аз қабили "ватан", "сарзамин", "салтанат" ё "ҷумҳурӣ" истифода шаванд.

Мафҳуми "давлат" низ метавонад тамоми халқеро дар назар дошта бошад, ки дар қаламрав ва ҳудуди муаян зиндагӣ карда, ташкилоти сиёсӣ ба ҳисоб равад ва ё ба маънои маҳдудтар метавонад сохтори сиёсӣ - яъне ҳукуматеро дар бар гирад, ки дар ин ҳудуд фаъолият менамояд. Дар кишварҳои демократӣ ин калима бештар ба маънои аввалӣ истифода мешавад, зеро мардум қисми ҷудонопазири сохтори давлатӣ мебошанд, ки ба ҳукумат таъсир дошта ва ба ихтиёроти иштирок дар идоракунӣ соҳиб мебошад.

Фаромӯш накунед, ки дар таркиби бисёр кишварҳо, ки худро миллат ё халқ меноманд, дар асл одамони ба миллатҳои мухталиф дахл дошта вуҷуд доранд. Дар бештари мамлакатҳои Аврупо ҳамин тавр аст. Вале чунин гурӯҳи одамон, аз қабили лӯлиҳо ё курдҳо, ки худро миллат ё халқ мехонанд, соҳиби давлатҳои худашон нестанд. Бе доштани давлати худ чунин гурӯҳи одамон наметавонанд аъзои Созмони Миллали Муттаҳид шаванд. Таърих ба мо нишон медиҳад, ки "миллатгароӣ" ҳамеша қувваи азиме буд, ки боиси ташкил, тақсим ва барҳам хӯрдани давлатҳо мешуд, бинобар ин мо дар поён назарияи миллатгароиро ба таври муфассал баррасӣ хоҳем кард.

Дар матни ин китоб маънои «давлат» ба гурӯҳи одамоне дахл дорад, ки дар ҳудуди муаян зиндагӣ карда, низоми сиёсии он аз тарафи дигар давлатҳо ба таври қонунӣ эътироф шудааст. Давлат вақте ба таври қонунӣ таъсисёфта шуморида мешавад, ки он дар асоси низоми қабулшуда бунёд гардида бошад ва ё қудрати худро дар ҳамин асос ба даст овардааст. Одатан, ин раванд ба воситаи истифодаи маҷмӯи қонунҳо сурат мегирад. Дар поён мо мебинем, ки чӣ тавр давлат қонунӣ мешавад.

## 2.0 Қонуният

«Шаҳр-давлатҳо»-и Рими қадим баъд аз ду ҳазору панҷсад сол ба пайдоиши «давлатҳои миллӣ» замина гузоштанд. Шаҳр-давлат (полис)-и Рим як ташкилоти хеле хурди сиёсӣ буд ва баъзе хусусиятҳоеро дошт, ки имрӯз мо онро давлат меномем. Онҳо соҳибистиқлол буданд, ҳудуди муаянро ишғол мекарданд ва салоҳиятҳоашонро мардум эътироф менамуд. Бо вуҷуди ин, шаҳр-давлат на танҳо ташкилоти сиёсӣ буд, балки ҳаёти фарҳангӣ ва динии шаҳрвандонро низ назорат менамуд ва ба амалӣ шудани онҳо мусоидат мекард. Дар он замон байни давлат ва дин ҳеҷ гуна ҷудоӣ набуд ва ин мавзӯъ баъдтар ниҳоят муҳим гашт. Шаҳр-давлатҳо чунон хурд буданд, ки дар замони ҳозира онҳоро давлат номидан мушкил аст. Файласуфи итолиёвӣ Никколо Макиавелли аввалин шуда дар асри XVI мафҳуми давлатро дар маданияти Аврупо пешниҳод кард. Макиавелли давлатро ташкилоти худмухтор номид, ки ба он бояд ашхоси оқилу хирадманд роҳбарӣ кунад. Роҳбарони давлат бояд ҳуқуқҳои шаҳрвандонашонро ҳимоя намуда, ояндиҳои онҳоро таъмин кунанд. Яке аз сабабҳои маъмул шудани ин ақида эҳтимол ҳамин буд, ки вай ҳифзи шаҳрвандонро яке аз вазифаҳои асосии давлат мешуморид.



*Никколо Макиавелли (1469-1527)*

Бо вуҷуди ин, одамон ҳамеша барои он ки давлат қудрати ҳукмрониро истифода бурда метавонад, асоснок будани мавҷудияти онро эҳсос менамуданд. Дар Аврупо то даврai Макиавелли чунин мепиндоштанд, ки гӯё худи Худои масеҳиён шоҳон ва шоҳзодагонро соҳибқудрат мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳокимияти онҳо маҳдуд буда, дар зери назорати калисо қарор доштанд. Чунки калисо ба Худо хеле наздик ҳисобида мешуд.

Аз даврҳои қадим то имрӯз оид ба мавҷудияти давлат далелҳои гуногун пешниҳод мекарданд. Танҳо Ҷон Лок (1632-1704) барои бунёди давлат далели ахлоқӣ пешниҳод намуд. Ӯ боварии қатъӣ дошт, ки ҷомеаи сиёсӣ бо ахлоқи хуб дар он ҳолат таъмин мегардад, ки ҷамъият дар асоси усулҳои асосии ахлоқӣ ва хирад бунёд ёфта бошад.



*Жон Локк (1632-1704)*

Ғояи асосии назарияи Лок оид ба идораи давлатӣ дар он аст, ки ҳамаи одамон дар дунё баробар офарида шудаанд ва ҳар як фард ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва моликият дорад. Ӯ ҳуқуқ ба моликиятро ҳамчун васеъ гардидани ҳуқуқ ба ҳаёт ва озодӣ шарҳ медод, зеро бе молу мулки хусусӣ зиндагӣ ғайримумкин буд. Ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва моликият дар асл як мафкураро ифода мекунанд ва дар маҷмӯъ онҳо ҳуқуқ ба озодиро мефаҳмонанд.

Агар воситаҳои ҷазодиҳии он ашхосе, ки ҳуқуқҳои дигаронро поймол мекунанд, мавҷуд набошад, ин ҳуқуқҳо лозим намешаванд.

Бинобар ин, бо назардошти хусусиятҳои инсонӣ одамон бояд муттаҳид шаванд ва аз як қисми хурди озодиҳои аввала ба хотири ҳимояи худ даст кашанд. Лок чунин мешуморид, ки агар давлат вуҷуд намедошт, одамон ихтиёран онро барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ташкил мекарданд.

Лок харҷу марҷ ва ҷӣ таврe ки худаш мегӯяд "ҳолати табииро" дар назар надошт. Баръакс Лок озодии баробарро дар назар дорад, ки дар ҳолати зарурӣ ҳуқуқҳои ба ҳаёти шахсии якдигар дахолат накардану оромона зиндагӣ карданро барои ҳама якхела танзим намудааст. Озодии ҳар як кас андоза дорад ва ҷӣ хеле ки мегӯянд, вай дар пеши чашми каси дигар ба охир мерасад. Агар ин ҳуқуқи баробар эҳтиром карда нашавад, хаёлот дар бораи «озодӣ ба ҳама» абадӣ шуда наметавонад ва он ба бесарусомонӣ оварда мерасонад.

Лок дар бораи бартарии давлатҳои подшоҳӣ, аристократӣ ва демократӣ нуқтаи назари махсус иброз накардааст. Ин масъалаи алоҳида аст. Ӯ чунин ҳис мекард, ки ҳар яке аз ин низомҳо, агар ба таври дуруст идора карда шаванд, метавонанд пурра фаъолият намоянд. Лок далели ахлоқии ҷиддие барои вуҷуд доштани давлат пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ дар қонунҳои давлат бояд ҳолатҳое шарҳ дода шаванд, ки боварии халқ сӯиистифода нагардад. Магар қудрат ва салоҳияти онҳое, ки худро намояндагони мардум мешуморанду дар амал ба ҳуқуқҳои одамон таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд, оё қонунист? Ин тоифа шахсон бояд аз вазифаҳояшон сабукдӯш карда шаванд. Лок исбот мекард, ки заминаи қонунияти давлат розигии мардум ба идора кардан мебошад. Халқ онҳое мебошанд, ки соҳиби ҳуқуқ ба озодианд ва ҳамзамон барои озодии худ аз баъзе ҳуқуқҳояшон даст мекашанд. Бинобар ин, ба гуфтаи Лок ҳама гуна қонуният аз худи одамон сарчашма мегирад.

Бисёр файласуфҳои сиёсӣ барои исбот намудани мавҷудияти давлат ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд. Баъзе мутафаккирон боварӣ доранд, ки давлат манбаи интизом аст ва он бояд меъёрҳои ахлоқиро дар байни аҳолӣ ҷорӣ намояд. Дигарон бошанд чунин андеша доранд, ки давлат ба одамон ҳуқуқҳоро медиҳад, зеро онҳо ба истиснои шаҳрванд буданашон дигар ҳеҷ гуна ҳуқуқ надоранд. Қонунӣ будани мансабдорони давлатии ба таври демократӣ интихоб шударо онҳое шаҳодат медиҳанд, ки ба тарафдориашон овоз додаанд. Бешубҳа, давлатҳо метавонанд боқудрат бошанд, лекин маҳз давлат бояд қодир бошад, ки баъзе қонуниятҳоро барои гавоҳонаш истифода барад.

К. Маркс, Ф. Энгелс ва баъдтар В. И. Ленин боварӣ доштанд, ки давлат дар зинаи олӣ ва дар зинаи охирини давраи тараққиёти таърихиаш, яъне коммунизм, аз байн меравад. Онҳо фикр мекарданд, ки давлат фишоровар аст ва бо ба охир расидани моликияти хусусӣ, давлат низ аз байн меравад.

Новобаста ба ин, дар низоми сиёсии сотсиалистӣ давлат ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаётро зери назорат гирифт. Ин тааҷҷубовар набуд, зеро коммунизм дар ҷустуҷӯи роҳҳои барҳам додани моликияти хусусӣ буд, вале бар ивази он ягон шакли ташкилоти марказӣ оид ба идора кардани фаъолияти иқтисодиро пешниҳод накард. Дар охир низоми коммунистӣ на танҳо бесамар, балки ба озодии шахсии одамон зараровар буданашро низ собит намуд.

**Ироқ ва Афғонистон**

Ҳар шахс дар бораи он чӣ, ки гузаштааст ва мегузарад, фикру ақидаи худро дорад. Гуфтани он, ки ҳақ бо кист, кори саъбаст, вале саволи асосӣ ин аст, ки оё ҳукуматҳои нав қонунӣ ҳастанд?

Шаклҳои нави идоракунӣ барқарор шуда, марҳилаи навишта шудааст.

Дар чанд соли оянда қонунӣ будани ин ҳукуматҳои нав аз тарафи Халқ муайян карда мешавад.

### 3.0 Тағйир ёфтани шакли давлат: Инқилоб

Дар тӯли таърихи гузашта аксарияти давлатҳои миллӣ шаклҳои гуногуни давлатдориро аз сар гузаронидаанд. Баъзе тағйиротҳо асосан безарар ва бо тартиб гузаронида шудаанд. Аз тарафи дигар, тағйиротҳо дар баъзе давлатҳо хунин ва ниҳоят харобиовар буд. Баъзе тағйиротҳои куллӣ ҳамчун «тағйиротҳои инқилобӣ» баррасӣ шудаанд. Вале он чӣ маъно дорад? Оё инқилоб бояд зӯроварона бошад? Оё инқилоб бояд тамоми низоми давлатиро дигаргун созад? Оё халқ инқилобро бояд дастгирӣ намояд? Агар не, пас қонунӣ номидани инқилоб мумкин аст?

Ба ин саволҳо ҷавоб додан мушкил аст, ҳатто агар ҷавоби якхела додан имконпазир ҳам бошад. Барҳамхӯрии собиқ Иттиҳоди

Шӯравӣ ба таври осоишта сурат гирифт. Бо вуҷуди ин, инқилоб тағйироти куллии низоми сиёсиро талаб мекунад.

Муаян намудани тағйироти куллӣ ниҳоят мушкил аст. Баъзе инқилобҳо танҳо бо иваз намудани роҳбарони сиёсӣ ба поён мерасанд, вале низоми сиёсӣ, чӣ тавре ки буд, боқӣ мемонад. Дар баъзеи дигарашон ҳам роҳбарон ва ҳам низоми давлатӣ дигаргун карда мешаванд.

Инқилоби хунини Фаронса (1789-1794) бояд шакли давлатдории шоҳиро барҳам дода, ба ҷойи он роҳбарии республикавиро ҷорӣ мекард. Ин озмоиш шикаст хурд, зеро шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ то ба охир маълум набуд. Барои ҷорӣ кардани заминаҳои шакли республикавии ҳозиразамон якчанд даҳсолаҳо лозим буданд.

Аз ҷониби дигар, инқилоби Амрико (1775-1794) баъди шикаст додани тартиботи мустамликадории Англия ба бунёди давлати нави мӯътадили тозанизом мусоидат намуд. Аммо аҷоиботаш дар он аст, ки сабаби ин инқилоб норозигии мустамликони амрикоӣ нисбат ба мутлақияти Британиё набуда, баръакс, конститутсияро вайрон карда, аз мансаб ниҳоят зиёд сӯиистеъмол намудани шоҳ Георги II буд. Мустамликони амрикоӣ даъво мекарданд, ки андозҳои аз сӯи онҳо пардохтшаванда аз тарафи давлат муайян нашудаанд ва онҳо дар парлумони Британиё намояндагӣ надоранд. Мустамликон мегуфтанд, ки «андозҳоро шоҳ ба таври зӯрӣ ҷорӣ мекунад». Мустамликони амрикоӣ ақидаи Ҷон Локро оид ба он ки қонуният ҳуқуқӣ дар асоси розигии идоракунандагон сурат мегирад, амалӣ намуданд. Идоракунандагон, яъне мустамликон дар ин маврид даъво доштанд, ки онҳо ҳеҷ гуна розигии худро надодаанд. Хулосаи мустамликон чунин буд, ки мебоист барои ба таври дуруст ва қонунӣ идора намудан давлати нав бунёд шавад ва он тавассути интихоботи озод имконияти намояндагӣ карданро диҳад.

"Ҷойнӯшии Бостонӣ". Аз нимаи дуюми асри 18 дар мустамликаҳои шимоли Амрико ҷунбиши зидди ҳокимияти Британия оғоз ёфт. Дар соли1767 ҳукумати Британия барои шиша, сурб, ранг, коғаз ва чой андоз ҷорӣ намуд. Муҳоҷирон аз пардохти он сарфи назар карданд, дар натиҷа ба ҷуз андози чой дигар ҳама андозҳо бекор карда шуданд. Дар моҳи май соли 1773 парламенти Англия қонуни "чойро" қабул намуд, ки бар асоси он инҳисори (монополияи) фурӯши чой аз мустамликаҳо ба ширкати Ост-Ҳинд Англия вогузор карда шуд. Муҳоҷирон инро ҳамчун собиқаи хатарнок барои озодии тиҷорат қабул карданд... Созмонҳои ватанпараст тасмим гирифтанд, ки ба холи кардани чой иҷозат надиҳанд. Як гурӯҳи шамон ба киштие, ки бо чой ширкати Ост-Ҳинд Англия ба бандари Бостон омада буд, баромада, ҳамаи чойро ба баҳр партофтанд. Ин хабар рӯҳияи ватанпарастии оммаро тақвият кард. Ҳукумати Британияи Кабир дар бораи бастани бандари Бостон то замони ҷубронии комили хисорат қарор қабул кард ва ба Англия нав киштиҳои ҳарбӣ фиристод. Ин чорабиниҳо боиси муқовимати сарсахти мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ гардид, ки ниҳоятан ба ташкили ИМА анҷом ёфт.



Инқилоби соли 1917 дар Россия ба вуқӯъомада, дар ҳақиқат табаддулоти қатъӣ буд. Он таври тарҳрезӣ шуда буд, ки бояд моликияти хусусӣ аз байн мерафт ва ҳокимият пурра ба дасти мардуми камбизоат, ки (хукмравони коргару деҳқон) қудрати на чандон зиёди иқтисодӣ доштанд, мегузашт. Инқилоби Октябр дигаргуниҳо ва беҳбудиҳоро дар иқтисодиёт ба вуҷуд овард, вале ин намуди ҳокимияти ташкилёфта устувор набуд (дар натиҷаи карори қабулгардида оид ба гузаронидани интихоботи нав дар асоси системаи бисерҳизбӣ низом ба шикаст дучор гардид).

Вакте ки низоми Шӯравӣ дар соли 1991 барҳам хӯрд, бисёриҳо он ҳодисаро ҳамчун «таркиши дохилӣ барои дигаргунӣ» маънидод намуданд, зеро он дар худ баъзе хусусиятҳои умумии инқилобиро надошт, аз ҷумла:

- Нухбагони (элитаҳои) масъул барои ворид намудани дигаргунӣ;
- Барномаи муаян барои дигаргунсозӣ;
- Бархостани оммаи халқ барои тақвияти дигаргунсозӣ;
- Табаддулоти мусаллаҳона.

Барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам инқилоб буд, лекин он аз ибтидояш ба куллӣ фарқ мекард. Ба назар чунин менамуд: ҳеҷ гуна гурӯҳи махсуси масъул барои ташкил намудани табаддулот вуҷуд надошт; ягон хел нақшаи дақиқ набуд; гурӯҳи одамоне мавҷуд набуданд, ки тарафдори дигаргуниҳо бошанд; дар амал ҳеҷ гуна зӯроварӣ ҳам вуҷуд надошт. Дигаргуниҳо дар ҷумҳуриҳои тозабунёд бо роҳҳои гуногун ба вуқӯъ пайвастанд ва ҳоло ҳам идома доранд. Дар аксар ҳолатҳо, тағйиротҳои ҷиддӣ, аз ҷумла, таҳияи

Сарқонуни нав баъд аз чанд сол сурат гирифт. Масалан, ҷумҳурии Украина истиқлолияташиро дар соли 1991 ба даст оварда бошад ҳам, вале Сарқонунаширо соли 1995 қабул намуд. Баъзеҳо чунин арзёбӣ кардаанд, ки сохти сотсиалистӣ ба таври табиӣ фано ёфт, яъне ба монанди олами мавҷудот, ки дар натиҷаи эволютсия баъзе организмҳо мемиранду ба ҷои онҳо дигар организмҳо пайдо мешаванд.

Инкишофи сиёсӣ қисми муҳими ҳама гуна тағиротҳо аст. Инсоният дар таърихи худ пайроҳаҳои гуногунро тай менамояд. Агар дар эҳоди дигаргуниҳо зӯроварии мусаллаҳона ҷой дошта бошад ҳам, маънои онро надорад, ки низоми нав мӯътадил аст ва умри дароз дорад. Баръакс, баъзе вақтҳо тағиротҳои дар мӯҳлати дароз ва оҳиста-оҳиста ба вуқӯъ омада, аз тағиротҳои ба таври фаврӣ рухдода дарозтар давом меёбанд. Қисми мушкилтарини ҳама гуна дигаргуниҳо хоҳ «инқилобӣ» бошад ва хоҳ не, бунёди тартиботи нав ва ҷомеаи шаҳрвандист.

## 4.0 Миллатҳо, миллат ва миллатгароӣ

*"Миллат аз якранги дилҳости"*
*Иқбол*



Мафҳуми «давлат», тавре дар боло зикр гардид, бешубҳа ҳаммаънои «миллат» шуда наметавонад. Давлатҳои бунёдгардида метавонанд сермиллат бошанд. Мо метавонем гӯем, ки «миллат» гурӯҳи аҳолие мебошад, ки онҳоро забон ё умумияти таърихии гузаштаашон бо якдигар муттаҳид гардонидааст. Ин сифати умумӣ дар баъзе ҳолатҳо воқеӣ бошад ҳам дар дигар мавридҳо тасаввур карда мешавад ва ё аз тарафи нафарҳое бо мақсадҳои сиёсӣ эҷод мегардад, ки «хувияти миллии» мустақилеро барои гурӯҳи одамон бунёд намоянд. Ба ибораи дигар, миллат иттиҳоди иҷтимоиест, ки омилҳои муттаҳидкунандаи онро муаян кардан кори осон нест. Бо вуҷуди ин, муттаҳидӣ мавҷудияти миллат аст. Дар миллат, одатан, сохтори сиёсие ба вуҷуд меояд, ки ба шаҳрвандон барои бо роҳбарони сиёсиашон робита доштан имконият фароҳам меоварад.

Миллат баъзан аз рӯи забон муаян мегардад. Масалан, олмониҳо худро миллати ба забони олмонӣ сухангӯ ҳисоб мекунанд. Бо вуҷуди ин, баъзе мардумони ғайри олмонӣ (ба монанди австриягиҳо) асосан бо забони олмонӣ гап зананд ҳам, вале ба миллати дигар мансубанд. Ба ин монанд баъзе мардумони фаронсавизабон ба мисли аксарияти мардумони кишвари Африқо ба миллатҳои дигар мансубанд. Баъзе олмониҳое, ки дар Осиёи Марказӣ таваллуд шуда, ба воя расидаанд, забони олмониро намедонанд, вале чун волидонашон олмонӣ ҳастанд, аз ин хотир худро олмонӣ муаррифӣ мекунанд.

Яҳудиёнро баъзан ҳамчун миллат мешиносанд, вале он чизе, ки онҳоро муттаҳид мегардонад на забон, балки дин аст. Яҳудиён бо забони давлате, ки дар он ҷо таваллуд шудаанд, гуфтугӯ мекунанд. Бо вуҷуди ин, яҳудиёни ба дин эътиқоднадоштаро низ ба миллати яҳудӣ мансуб медонанд. Дар ин гуна ҳолатҳо омили муттаҳидкунанда гузаштаи таърихии онҳо мебошад.

Дар Осиёи Марказӣ мафҳуми «миллат» барои баъзе гурӯҳҳои нажодӣ то андозае бо алоқаҳои қавмӣ пайваста аст, ки дар навбати худ онҳо ниҳоят печ дар печанд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ сарҳадҳояшонро дар асоси қарорҳои сиёсии давраи Шӯравӣ ба даст овардаанд. Дар баъзе ҳолатҳо, гурӯҳҳои миллӣ ба мисли қирғизҳо дар кишварҳои дигар пароканда шудаанд ва ҳоло шумораи зиёди онҳо дар Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва ғайра истиқомат мекунанд.

Миллатгароӣ аз бисёр ҷиҳат тавассути эътиқоди миллат ба идеяи умумӣ ифода меёбад. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар робита ба муаян намудани ин ақидаҳо ва хусусияти миллиашон ба масъалаҳои душвор дучор мегарданд.

Масъалаҳои худшиносии миллӣ ва нажодӣ барои ҳамаи кишварҳое, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадаанд, аҳамияти калоне дорад, зеро аксари ин кишварҳо мамлакатҳои бисёрнажоданд ва дар онҳо гурӯҳҳои калони одамоне, ки забон, маданият ва дар баъзе ҳолатҳо динҳои гуногун доштанд зиндагӣ мекунанд.

Миллатгароӣ метавонад воситае бошад, ки онро мансабдорон барои ҷанг андохтани одамон истифода баранд. Миллатгароӣ метавонад муҳите эҷод намояд, ки дар он ҳуқуқҳои ақаллият (онҳое, ки чун қувваҳои ҳукмфармои давлатӣ аз як гурӯҳанд) поймол мегарданд ва ё онҳоро қашида мегиранд. Ин намуди миллатгароӣ асосан дар ҷое вуҷуд дорад, ки он ҷо байни халқиятҳо мухолифати дурударози таърихӣ мавҷуд буду гурӯҳи дар айни замон ба сари қудрат омада бисёр зулм медид. Дар навбати худ, ақаллиятҳои миллӣ барои ҳимояи маданият ва забонашон зарур мешуморанд, ки анъанаҳои худро нигоҳ доранд.

Бо вуҷуди ин, ба миллатгароӣ набояд ҳамчун ба омили манфӣ нигоҳ кард. Барои кишваре, ки аз пешрафти шаҳрвандонаш ифтихор мекунад, миллатгароӣ ҳодисаи ғайримуқаррарӣ ё нодурусте нест.

Дар муқоиса бо аҳамияти таҷрибаи умумии нажодӣ ё фарҳангӣ миллатгароӣ метавонад омили

муқобилро иброз намояд. Он метавонад ақидаеро баён намояд, ки ҳамаи одамони як миллат мехоҳанд дар давлате зиндагӣ кунанд, ки он ҳуқуқҳо ва арзишҳои рангорангии фарҳангии тамоми аҳолиро ҳимоя намояд.

Мисоли равшани чунин кишварҳо Сингапур ва Канада мебошанд. Дар ин кишварҳо аҳолии фарҳангу нажодҳои ақидаҳои гуногундошта якчоя зиндагӣ мекунанд. Ғайр аз ин, чунин кишварҳо иқтисодиёти пурқувват доранд ва қодиранд, ки муҳоҷиронро аз тамоми кишварҳои дунё қабул намоянд. Муҳоҷирон хуб медонанд, ки ин гуна кишварҳо новобаста ба маданияташон онҳоро қабул мекунанд.

Ҳамин тавр, миллатгарой на хуб асту на бад. Вай танҳо қувваест, ки онро метавон барои мақсади ҳам хуб ва ҳам бад истифода бурд. Мушкилоти дигар, ин тағир додани ҳуввияти миллӣ аст ва онро тавре анҷом додан лозим, ки боиси эҳтиром шудани тафовутҳои нави ба вуҷуд омада гардад.

---

## Машғулият баъд аз хониши матн

## ФАСЛИ I. ПАЙДОИШИ ДАВЛАТ

### Супориши 03. Барои чӣ бояд давлат ташкил кард?

Ба гурӯҳҳои се ё чорнафарӣ тақсим шуда, ба рӯйхати сабабҳо нигаред, ки онҳо бо кадом мақсад аз тарафи гурӯҳи одамон созмон дода шудани давлатро шарҳ медиҳанд?

Шуморо зарур аст, ки се амалиётро иҷро кунед:

1. Ба рӯйхат нигариста муаян намоед, ки кадом сабабҳо ба эътибор гирифта нашудаанд?
2. Сабабҳои дигареро, ки ба фикри шумо заруранд, илова намоед.
3. 4 сабаби асосиро номбар кунед.
4. Вобаста ба аҳамияташон онҳоро ҷо ба ҷо гузоред.

| | Сабабҳо барои бунёди давлат | Дараҷаҳои зарурат |
|---|---|---|
| 1 | Нафаре метавонад ба сифати ҳоким амал кунад. | |
| 2 | Қобилияти махсусгардонии меҳнат. | |
| 3 | Ҳимоя аз душманон. | |
| 4 | Мо метавонем парчами миллӣ дошта бошем. | |
| 5 | Мо мутамаддинтар мешавем. | |
| 6 | Мумкин аст, ки барои хизматҳо намудҳои андоз муқаррар карда шаванд. | |
| 7 | Метавонем бигӯем, ки мо кистем. | |
| 8 | Ҳуқуқҳои моро касе ҳимоя мекунад. | |
| 9 | Мубориза бар зидди ҷинояткорӣ. | |
| 10 | | |
| 11 | | |

### Супориши 04. Фикри шумо

Дунафарӣ кор карда, саволҳои зеринро муҳокима намуда, баъд ба ҳар яки он хаттӣ ҷавоб нависед (ҷавобҳо ба ҳар як савол аз 100 калима зиёд набошанд).

1. Фарқияти байни давлат ва миллат аз чӣ иборат аст?
2. Оё дар як давлат зиёда аз як миллат вуҷуд дошта метавонад?
3. Оё ҷамъият метавонад бе идеяи асосие, ки миллат ва кишварро муттаҳид, месозад пеш равад?
4. Давлатҳо конунӣ буданашонро чӣ тавр ба даст меоранд?

### Супориши 05. Шумо чӣ фикр доред?

Дунафарӣ саволҳои додашударо муҳокима намуда, ба ҳар як савол ҷавобе нависед, ки аз 150 калима зиёд набошад.

1. Мустамликони Амрико инқилобашонро чӣ гуна асоснок намуданд?
2. Сабабҳои асосии инқилоби соли 1917 кадоманд?

## ФАСЛИ 2. МИЛЛАТҲО ВА МИЛЛАТГАРОӢ

### Супориши 06. Шахсиятҳои бузург



*Курмонҷон-Додхоҳ (1810-1907)*

Ҳамаи мамлакатҳо шахсиятҳои бузурги худро доранд. Масалан, дар Тоҷикистон Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигарон; дар Қирғизистон Курмонҷон-Додхоҳ; дар Қазоқистон Абилей Хан; дар Ӯзбекистон Улугбек; дар Россия Пётри I; дар Ҳиндустон Махатма Ганди, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Абрахам Линколн; дар Фаронса Жанна Д'Арк ва ғайра.

Дар гурӯҳҳои хурди се ё чорнафарӣ саволҳои зеринро муҳокима намоед. Барои ақидаҳоятонро ба хонандагони синф пешниҳод намудан омода шавед.

1. Ба ҳамаи қаҳрамонҳои миллӣ кадом сифатҳои умумӣ хосанд?
2. Ба фикри шумо, қаҳрамонҳои миллӣ барои чӣ лозиманд?
3. Мо аз қаҳрамонҳои миллӣ чиҳоро омӯхта метавонем?
4. Кӣ дар ҷомеаи шумо қаҳрамони маҳаллатон ҳисоб шуда метавонад?
5. Шумо маҳз ҳамин одамонро барои чӣ интихоб намудед?

### Супориши 07. Онҳо чӣ кор карданд?

Дунафарӣ яке аз қаҳрамонҳои миллиро интихоб намуда, саҳми ӯро номбар кунед. Сифатҳои қаҳрамонро муайян намоед.

### Супориши 08. Занони машҳур

Асосан дар ҳар як кишвар шумораи занҳои машҳур дар муқоиса бо мардҳои қаҳрамон камтаранд. Намунаи чунин занҳои қаҳрамон Жанна Д'Арк, Клеопатра, Индира Ганди, Мария Кюри, Курмонҷон-Додхоҳ мебошанд. Ба фикри шумо, барои чӣ шумораи занони қаҳрамон камтаранд? (Дунафарӣ саволҳои додашударо муҳокима намоед.)

### Супориши 09. Хусусиятҳои мансубияти миллӣ

Бо шарикатон рӯйхати зеринро аз назар гузаронида хусусиятҳои фарққунандаи як миллатро аз миллати дигар муайян намоед.

- Хусусияти ҷой (макон)
- Тарзи ҳаёт
- Макони зист
- Ҳодисаҳои таърихӣ
- Муносибати дигарон нисбат ба мо

Акнун ба ин рӯйхат хусусиятҳои навро илова карда, ба саволи зерин ҷавоб гардонед:

***«Оё гуфтан мумкин аст, ки як хусусият аз дигараш муҳимтар аст?»***

### Супориши 10. Мо кистем?

Бо шарикатон ба ҷадвали зерин нигаред ва баъд:

1. Онро ба дафтаратон рӯйбардор намуда, ҳамагуна хусусиятеро, ки ба фикри шумо, муҳим аст, илова намоед;
2. Хусусиятҳоеро барои ҳар як меъёр нависед, ки хоси миллати тоҷик мебошанд (мисол дар поён оварда шудааст);
3. Як давлати дигарро интихоб намоед (давлати Осиёи Марказӣ набошад) ва кӯшиш намуда, ҷадвалро пур кунед.

| Хусусият | Ҷопон | Қирғизистон | Кишвари дигар |
|---|---|---|---|
| Макон | *Дар шимоли уқёнуси Ором* | | |
| Ҳодисаҳои асосии таърихӣ | *Таркиши бомбаҳои ядрой дар шаҳрҳои Хиросима ва Нагасаки дар соли 1945* | | |
| Забон | *Ҷопонӣ* | | |
| Сохтори идоракунӣ | *Салтанати демократӣ* | | |
| Хусусияти ҷойгиршавӣ | *Ҷазираҳои кӯҳӣ* | | |
| Санъат ва адабиёт | *Овозхонҳои хуб* | | |
| Ғизо | *Моҳӣ ва биринҷ* | | |
| Либос | *Аз рӯи ҳоҳиш* | | |
| Маҳсулот | *Мошинҳо, техника* | | |
| Ақаллияти фарҳангӣ | *Кореягиҳо* | | |
| Иқлим | *Субтропикӣ* | | |
| Аломати миллӣ | *Офтоб* | | |

## Супориши 11. Зебой аз нигоҳи аҳолии маҳаллӣ

Агар шумо аз мардуми кишварҳои гуногун оид ба худшиносии миллиашон пурсед, онҳо ба шумо аз кадом оила, деҳа, вилоят ва кишвар буданашонро мегӯянд. Агар шумо баъд дар бораи хусусиятҳои хоси он миллат ва минтақа пурсед, онҳо мумкин аст фикрҳои зеринро баён намоянд:

- *Халқи мо беҳад меҳнатдӯстанд ва бисёр заҳмат мекашанд*
- *Мо одамони аз ҳама сахӣ ҳастем*
- *Хӯроки мо бомазатарин аст*
- *Мо дар дунё кӯҳҳои аз ҳама зеботарин дорем*
- *Мардуми мо сазовори боварист, зеро мо дар қиёс бо .... боинҷдонтар ҳастем*
- *Фарзандони мо аз ҳама зеботаранд.*
- *Чизҳои хуби кишварамон аз маданияти мо гирифта шудаанд.*
- *Забони мо забони аз ҳама дақиқ ва мураккаб аст.*

Тасаввур кунед, ки шумо дар қатора бо ду шахси ношинос нишастаед. Шумо аз музофоти мамлакате ҳастед, ки Рифф ном дорад. Шумо дар қатора дар паҳлӯи шахси аз мамлакати ҳамсоя, ки Фирр ном дорад, нишастаед. Дар он минтақа забон ва маданият ба куллӣ фарқ мекунад. Он шахс ба сайёҳе аз кишвари Фирр дар бораи минтақаи мамлакаташ гап зада истодааст. Ҳамаи шумо забони ягонаи умумиро ҳамчун забони дуюм истифода мекунед.

Бо шарикатон ба ин саволҳо ҷавоб гардонед:

1. Шумо, вақте ки суханҳои онҳоро мешунавед, чиро ҳис мекунед?
2. Шахси дигар чӣ гуна метавонад ин фикрҳоро ба таври дигар ифода намояд, то таъсираш зиёд бошаду ба иззати нафси миллатҳои дигар нарасад.

Бо шарикатон фикрҳои зеринро хонда ба савол ҷавоб диҳед:

1. *Деҳаи ман беҳтарин аст.*
2. *Вай аз деҳаи ҳамсоя беҳтар аст.*
3. *Мо сахитарем, зоҳиран зебоем ва бештар заҳмат мекашем.*
4. *Одамони кишвари мо бештар сазовори бовариянд.*
5. *Шумо ба он одамон дигар бовар карда наметавонед.*
6. *Пули шуморо дуздиданд, пас касе аз деҳа ба он даст задааст.*
7. *Забони мо аз забони онҳо зеботар аст*
8. *Тарзи гапзании онҳо хандаовар аст. Шумо латифаеро дар ин бора шунидаед?*
9. *Ман бисёр мехостам, ки онҳо дар дигар ҷой зиндагӣ кунанд.*
10. *Онҳо сабабгори ҳамаи мушкилиҳои мо мебошанд.*
11. *Ман онҳоро чашми дидан надорам. Биёед, оид ба ин масала ягон кор кунем.*

Чӣ тавр хусусияти кавии миллатгароӣ метавонад боиси табъизи нажодӣ, тассавуроти ақибмонда ва бадбинии дигарон шавад ва билохира ба бесуботии кишвар анҷомад?

### Супориши 12. Ин чӣ маъно дорад?

Мо бояд аз кишварамон ифтихор кунем ва ба одамон чунин суханхоро гӯем: «Ба назари ман кӯҳҳои мо бисёр зебоянд». Бо рафиқатон дар бораи чӣ маъно доштани ин панд: «Хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳ аст», андеша намоед.

### Супориши 13. Халқҳои зиёд – кишвар якто

Қирғизистон мамлакати сермиллат ба шумор меравад. Бо ҳамсинфатон камбудиҳои зиндагӣ кардан дар мамлакати сермиллат ва афзалиятҳои зиндагӣ дар кишвари каммиллатро, тавре ки дар ҷадвал нишон дода шудааст, номбар кунед. Барои ҷавобатонро ба дигар хонандагони синф гуфтан омода шавед.

| Афзалиятҳои мамлакатҳои сермиллат | Камбудиҳои мамлакатҳои каммиллат |
| --- | --- |
| *Шумо ба осонӣ метавонед бисёр забонҳоро омӯзед.* | *Кам будани жанрҳои мусиқӣ* |

Се кишвареро номбар кунед, ки зиёда аз як нажоди асосӣ доранд ва одамон дар онҳо дӯстона ва аҳлона зиндагӣ мекунанд. Кӯшиш карда рӯйхати халқиятҳои ҳар яки ин кишварҳоро тартиб диҳед. Ин ҷадвалро ба дафтаратон кашед. Барои шумо як мисол овард шудааст.

| Мамлакатҳо | Халқиятҳои асосӣ |
| --- | --- |
| Россия | *Русҳо, тоторҳо, қирғизҳо, украинҳо, тоҷикҳо…* |
| | |
| | |

### Супориши 14. Миллатгароӣ барои шумо чӣ маъно дорад?

Ақидаҳои зеринро оид ба миллатгароӣ дида бароед:

1. Хулоса бароред, ки кадом ақидаҳо бо ҳамдигар ихтилоф доранд;
2. Хулоса бароред, ки кадоме аз як ё ду нуқтаи назар, ба фикри шумо, мувофиқтар аст.

**Хонанда 1:** *Барои ман ин маънои ифтихор намудан ва боқувват буданро дорад. Ин маънои баробарии мо, оилаи мо ва ҳамкунии моро дорад. Ин маънои аз дигар мамлакатҳо фарқ доштанро дорад ва ҳамаи мо мероси умумии фарҳангӣ дорем, ки ба фикри мо, он яке аз беҳтаринҳо аст. Миллатгаро хоҳиши барои ватан қурбон гаштан дорад, зеро барои ӯ кишвараш аз ҳуқуқҳои шахсиаш муҳимтар аст.*

**Хонанда 2:** *Ба фикри ман, идеяи миллатгароӣ озодӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд бо вуҷуди халқиятҳои гуногун буданамон барои ҳимояи озодиҳоямон аз дахолатҳои берунӣ якҷоя бошем. Агар ҳамчун мамлакат мо соҳиби озодиҳо набошем ва урфу одати фарҳангии ҳамаи халқиятҳоро бе дахолат ба ҳуқуқҳои дигарон риоя накунем, пас мо мақсади умумӣ надорем ва ҳатто миллат ҳам нестем.*

**Хонанда 3:** *Ба фикри ман, миллатгароӣ мафҳуми кӯҳнашуда аст. Дар вақти ҳозира бо имкониятҳои интернет, бозори озод ва паҳншавии демократия масъалаҳои миллатгароӣ муҳим нестанд. Барои ман хуб аст, ки ҷаҳон муттаҳид шуда истодааст. Тақсимшавии ҷаҳон фақат нафратро ба вуҷуд меовард.*

**Хонанда 4:** *Бояд ҳаминро эътироф намоем, ки мо забонҳо, расму оин ва динҳои гуногун дорем. Бинобар ин бояд барои ҳимояи онҳо худамонро ба чунин гурӯҳҳое тақсим кунем, ки дар ҳолати зарурӣ бо ҳам омада тавонем. Ҳамин тавр, як миллат як забон ва як маданият дошта метавонад. Дар он ҷойҳое, ки ақаллиятҳо вуҷуд доранд, бояд розӣ бошанд, ки қарори қабул намудани аксарият бояд ҳамеша татбиқ шавад, ҳатто агар он боиси аз даст додани ҳуқуқҳо гардад.*

### Супориши 15. Чӣ метавон кард?

Бо ҳамсинфатон ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Барои ҷавобатонро ба хонандагони синф гуфтан омода шавед.

1. Бо назардошти он ки одамон захираи асосии мамлакатанд, дар хусуси аз ҷониби давлат ба онҳо додани имкониятҳои баробар фикр кунед. Давлат бояд чораҳое андешад, ки одамон мувофиқи қобилиятащон барои пешравии мамлакат ҳисса гузоранд.
2. Барои он ки дар ҷомеа ҳама барои истифодаи тавоноиашон имкониятҳои баробар дошта бошанд, шумо чӣ кор карда метавонед? Бо ҳамсинфатон рӯйхати чорабиниҳоро тартиб диҳед.

### Супориши 16. Шумо чӣ фикр доред?

Чӣ кор бояд кард, ки одамон аз миллаташон ифтихор кунанд ва ҳамзамон ҳамаи шаҳрвандони мамлакат баробарҳуқуқ бошанд?

### Супориши 17. Миллатгарой ё ватандӯстӣ?

Дар мавзӯъи зерин иншое нависед, ки аз 150 калима зиёд набошад:

***«Фарқият ва умумиятҳои миллатгарой ва ватандӯстӣ кадомҳоянд?»***

# БОБИ 7

# Давлат ва ҳокимияти сиёсӣ

**Машғулият пеш аз хониши матн:**

### Супориши 01. Мутобиқати мафҳумҳо

Бо шарикатон кор карда, таърифи мафҳумҳоро ёбед.

| Мафҳум | Таъриф |
| --- | --- |
| 1. Ҳукмравоӣ | а) Шакли идоракунии давлат, ки ба он ҳокимияти олӣ ба рӯҳониён тааллуқ дорад. |
| 2. Теократия | б) Ҳокимияти давлатӣ, ки аз сатҳи ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ё федералӣ поёнтар меистад. |
| 3. Мақомоти минтақавии ҳокимияти иҷроия | в) Режими сиёсӣ, ки дар он як шахс ва ё як гурӯҳе ҳокимияти номаҳдудро истифода мебаранд. |

### Супориши 02. Усулҳо (принсипҳо)

Дар гурӯҳҳо кор карда, хусусиятҳои асосии демократияро, ки ба ақидаи шумо муҳиманд, нависед.

---

**Матн барои хониш**

Дар боби гузашта мо роҳҳои гуногуни бунёдшавии давлатҳо ва миллатҳоро дида баромадем. Дар ин боб мо чӣ хел ба сари қудрат омадани одамон, чӣ тавр сохта шудани дастгоҳи давлатӣ, ки ба ёрии он муносибати байни шаҳрвандон ва ҳокимият танзим карда мешавад, дида мебароем. Азбаски мо ҳамаи шаклҳои ҳамкории сиёсиро дар ин боб дида баромада наметавонем, бинобар ин дар ин ҷо танҳо ба масъалаҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ таваққуф намуда, ба масъалаҳои зерин эътибор медиҳем:

- Системаҳои сиёсӣ то пайдоиши миллатҳо
- Системаҳои давлатҳои миллӣ
- Шаклҳои ҳокимияти сиёсӣ
- Шаклҳои демократирӣ?
- Ташкилотҳои байналмилалӣ

**Барсбег хоқон**



Барсбег пешвои қабилавии қирғизҳо мебошад, ки дар асри 7 дар соҳили дарёи Енисей аввалин давлати қирғизҳоро барпо намуда буд. Решаҳои давлати имрӯзаи мо ба он замонҳо мерасад, ҳарчанд он аз тасаввури ҳозираи мо дар бораи давлат фарқ мекунад. Ба воситаи муваффақиятҳои Барсбег ҳамаи халқҳои Қирғизистон дорои мероси муштарак мебошанд, ки онҳоро ҳамчун шаҳрвандони ин кишвар муаййн менамояд.

### 1.0 Низоми сиёсӣ то пайдоиши миллатҳо

Яке аз қадимтарин низомҳои сиёсӣ иттиҳоди қабилавӣ мебошад. Дар бисёр қисмати дунё, аз он ҷумла дар Осиёи Марказӣ, имрӯз ҳам қабилаҳое мавҷуданд, ки таъсири гуногуни сиёсӣ доранд.

Иттиҳоди қабилавӣ аз рӯйи хешутаборӣ бунёд шуда, маҷмӯи оилаҳои калонро дарбар мегирад. Ба қабилаҳо, одатан, гурӯҳи мардон ё нафароне, ки

кобилияти махсуси роҳбарӣ доранд (масалан, шаманҳо) сарварӣ мекунанд. Қабилаҳо аз рӯйи анъанаҳои ҳуқуқии нонавишта, ки дар асоси таҷриба бунёд ёфтаанд, амал мекунанд. Нигаҳбони ҳуқуқи суннатӣ доҳии қабила ба ҳисоб меравад. Анъанаҳои конунӣ, ки онҳо дар тӯли солҳо метавонанд тағйир ёбанд, одатан дар расму оини динӣ инъикос мегарданд.

Шаклҳои дигари ташкилотҳои сиёсии поёнӣ ҷамоатҳои деҳот мебошанд. Дар тамоми ҷаҳон, махсусан, дар мамлакатҳое, ки кишоварзӣ қисми муҳими иқтисодиёти он кишвар аст, маркази иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва ҳаёти сиёсиро ҷамоатҳои деҳот ташкил мекунанд.

Таҳаввулоти низоми сиёсӣ, ки дар хешутабории қабилавӣ асос ёфтааст, бештар ба воситаи тағйирот ва зиёд шудани масоҳати ҷамоатҳои деҳот ба давлати миллӣ табдил меёбад.

Умуман, фаъолияти сиёсии деҳот нисбатан ғайрирасмӣ буд ва дар шакли мусоҳибаҳо дар шӯрои деҳот ҷараён мегирифту дар он, одатан, раиси шӯро ва шахсони обрӯманд ширкат меварзиданд.

Вобаста ба манфиатҳои умумии худ дар натиҷаи муттаҳид шудани якчанд ҷамоатҳои деҳот шаҳрҳо бунёд меёфтанд. Шаҳрҳо бо низоми сиёсии худ ҳатто ҳазор сол пеш аз ин низ ташкилотҳои сиёсии мураккаб буданд ва онҳо давра ба давра низоми давлатиро, ки дар асоси хешутаборӣ бунёд ёфта буд, шикаст медоданд. Ба ҷойи онҳо сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии нав ташкил меёфтанд, ки ба хусусиятҳои синфӣ ва касбӣ асос ёфта буданд.

Дар баъзе шаҳрҳои Юнони қадим аҳолии мард (ё қисме аз он), ба истиснои ғуломон, ки «шаҳрвандон» номида мешуданд, намоянда барои идора кардани шаҳр интихоб мекарданд. Чунин ҳокимиятҳои шаҳрии Юнони қадим намунаи худидоракунии демократии муосир гардиданд.

## 2.0 Давлатҳои миллӣ – низоми муттаҳида ва федеративӣ

Аксарияти миллатҳои дунё дар давлатҳои муттаҳида зиндагӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар тафовут байни онҳо аломати фарққунанда вуҷуд дорад. Низоми муттаҳида чунин низоми ташкили ҳукуматест, ки дар он роҳбарӣ аз тарафи ҳокимияти марказӣ ба сохторҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ дода мешавад. Давлати муттаҳидаро ба се навъ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Давлати марказонидашуда дар амал ниҳоят тез ба амал меояд, ҳарчанд ки он на ҳама вақт қонунӣ аст. Масалан, Британияи Кабир, ки дар он Ирландияи шимолӣ, Уэлс ва Шотландия нисбатан мустақиланд, низоми интихоби ҳукумати маҳаллӣ мустақилона амал мекунад. Мувофиқи қонун ҳукуматҳои маҳаллӣ ба парламенти миллӣ тобеъ бошанд ҳам, дар амал онҳо ваколати зиёд доранд.
2. Дар давлате, ки ҳудудҳои марказонидашуда камтаранд, қоидаҳои сахти назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои маҳаллӣ амал мекунанд. Масалан, дар Фаронса ҳарчанд баъзе мансабдорон аз тарафи халқ интихоб карда шаванд ҳам, ҳукумати марказӣ мақомоти асосии иҷроияи маҳаллиро худаш таъин мекунад.
3. Давлате, ки дар он тамоми қудрат дар дасти ҳукумати марказӣ аст. Дар даврани Шӯравӣ, масалан, мансабдорони маҳаллиро асосан ҳизби коммунистӣ таъин мекард ва онҳо бояд ба ҳокимияти марказии воқеъ дар Маскав итоат мекарданд.

Дар низоми федералӣ ҳокимияти сиёсӣ байни ду рукни давлат тақсим мешавад: якум, ҳокимияти умумимиллӣ ва дуюм, субъектҳои федеративӣ. Ҳукумати марказӣ ваколатҳои субъектҳои федеративиро ба осонӣ баргардонида наметавонад. Дар амал, ҳокимияти марказӣ мумкин аст аз ҳокимияти маҳаллӣ вобаста бошад. Чунин вазъият дар Иёлоти Муттаҳида, Бразилия, Канада, Ҳиндустон, Федератсияи Русия, Австрия, Камерун, Либия, Малайзия, Мексико, Нигерия, Швейтсария, Танзания, Венесуела, Олмон вуҷуд дорад. Давлатҳои зикршуда дар низоми давлатдории федералӣ амал мекунанд. Ду низоми федералӣ ба якдигар ҳеҷ гуна монандӣ надоранд. Дар баъзе ҳолатҳо субъектҳои федералӣ дар асоси нишонаҳои нажодӣ ва забонӣ ташкил меёбанд (масалан, дар Швейтсария). Дар дигар ҳолатҳо марзҳои фарҳангӣ муайян нестанд (масалан, Федератсияи Русия).

## 3.0 Шаклҳои ҳокимияти сиёсӣ

Ҳокимияти сиёсӣ метавонад ба таври зайл идора шавад:

- аз ҷониби бисёриҳо (демократия)
- аз ҷониби якчанд сарватмандон (олигархия), ки аз гурӯҳҳои динӣ (теократия) ё табақаи ашрофон (аристократия) иборат шуда метавонанд
- аз ҷониби як нафар (монархия, монократия ё диктатура)

**Ҳокимияти мутлақ дар Осиёи Марказӣ**

Хонигарии Бухоро аз тарафи хон, ки аз ҳокимияти мутлақ бархӯрдор буд, идора мегардид. Дар он замон парламент вуҷуд надошт, то қонунҳое қабул намояд, ки ҳокимияти Ӯро маҳдуд созад.

Аз таърихи Осиёи Марказӣ боз чӣ мисолҳоеро оварда метавонед?

- аз ҷониби ҳеҷ кас (анархия)

Ба истисноИ анархия (беҳокимиятӣ) ҳам дар давлатҳои муттаҳида ва ҳам федералӣ яке аз шаклҳои низомҳои зикршуда ҷой дошта метавонанд.

## 3.1 Ҳокимияти мутлақ ва яккаҳокимиятӣ

Ҳокимияти мутлақ яке аз шаклҳои кӯҳнаи ташкилоти сиёсӣ буда, одатан аз тарафи як шахс, ки ҳукмронии ӯ гӯё худодод аст, ба амал меояд. Ҳокимони мутлақро халқ интихоб намекунад. Онҳоро ё табақаи боло интихоб мекунад ва ё худашон зӯран ба тахт меоянд. Ҳокимият мувофиқи қоидаҳои меросӣ ба ворисон мегузарад. Ҳоло ҳокимони мутлақ ҳокимияти сиёсӣ надошта бошанд ҳам, вале бештар нақши дар тантанаҳо ширкат карданро иҷро мекунанд. Ба ин Британияи Кабир мисол шуда метавонад. Дар давлатҳое, ки ҳокимият мутобиқи Конститутсия маҳдуд карда мешавад, онро ҳокимияти мутлақи конститутсионӣ меноманд. Дар бисёр ҳолатҳо, бо вуҷуди ин, шоҳ мумкин аст дар мамлакаташ таъсири шахсӣ дошта бошад, вале аз рӯйи эҳтиром, масалан, чун дар Тайланд ва Британияи Кабир давлатҳои монархӣ ва ҳамзамон демократӣ низ мебошанд.

Роҳбарони интихобшуда, ҳатто агар онҳо дорои қувваю қудрати шоҳӣ бошанд ҳам, шоҳ ҳисоб намешаванд. Бисёре аз Раиси Ҷумҳурон, ҳамчунин қисман сарвазирони интихобшуда мумкин аст қудрати зиёд доранд ва он қудратро ба таври васеъ метавонанд истифода намоянд. Масалан, барои ислоҳоти ҷиддӣ дар Украина ва Русия Раиси Ҷумҳурон метавонанд чунин шакли идоракуниро, яъне қабули қарорҳоро, бе ризоияти парламент истифода намоянд. Азбаски ҳар яке аз ин Раиси Ҷумҳурҳо мувофиқи конститутсия ба воситаи овоздиҳии умумӣ интихоб шудаанду ба таври демократӣ ва аз рӯйи қонун амал мекунанд, бинобар ин онҳоро наметавон ҳокими мутлақ номид. Ҳокимони мутлақро интихоб намекунанд. Ҳодисаи дигар - яккаҳокимиятӣ аст, ки дар он мамлакатро як шахс идора мекунад ва он шахс дар асоси интихобот ба сари қудрат омада бошад ҳам (мумкин ба таври қалбакӣ), вале дар амал ҳамчун ҳукмфармо фаъолият мекунад. Масалан, ба ин собиқ Раиси Ҷумҳури Индонезия Сухарто ва бисёр ҳокимони мамлакатҳои Африқо, ба монанди собиқ Раиси Ҷумҳури Заир (ҳозира Конго) Мобуту мисол шуда метавонанд.



*Сухарто*

## 3.2 Нухбагон (олигархия)

Олигархия сохти давлатиест, ки онро гурӯҳи ашхоси имтиёздор идора мекунад. Чунин шакли давлатдорӣ дар ҷаҳон то даврай тараққиёти саноат низоми паҳн шуда буд, ҳарчанд имрӯз низ онро дар бисёр мамлакатҳои Осиё мушоҳида кардан мумкин аст. Мансабдорони ҳукмронро аз байни табақаҳои болоӣ интихоб мекарданд.

## 3.3 Демократия



Ақидаи асосии демократия худидоракунӣ аст. Бо вуҷуди ин, баъзан баргалат чунин меҳисобанд, ки идора кардан аз номи нафарони зиёд ва ё овози зиёд гирифтани қарорҳои қабулкардаи ҷамъияти демократиро қонунӣ мегардонад. Вале дар асл ин тавр нест. Дар бисёр мамлакатҳои демократӣ ба масъалаи дар интихоб бо усули овоздиҳӣ ба дигарон чӣ хел муносибат карда тавонистани оламон маҳдудиятҳо муқаррар карда шудааст, ки тавассути онҳо ҳуқуқҳои фардҳои алоҳида ҳимоя мегардад. Масалан, аҳолии як қавми бузургҳаҷм барои аз озодии сухан маҳрум кардани қавми камшумор овоз дода наметавонад.

Яке аз мушкилоти асосии демократия барои оламон муайянсозӣ ва дарк намудани моҳияти он аст, ки «идоракунии халқ» чист? Моро зарур аст, ки ҳолатҳои зеринро дида бароем:

- Мафҳуми халқ чиро мефаҳмонад?
- Оё ба ин мафҳум ҳар як шахс дохил мешавад?
- Оё баъзе ашхос мефаҳманд, ки барои мамлакат чӣ беҳтар аст (обеҳбудии умумӣ)?
- Оё ин аҳамият дошта метавонад?
- Дар ҳоле, ки фақат як қисми оламон дар овоздиҳӣ ширкат меварзанд, худидоракунӣ ин баъ

дорад? Дар чунин ҳолат оё мо гуфта метавонем, ки дигарон низ худро идора мекунанд?

- Агар шумо овоз диҳед ва номзадҳоятон дар интихобот ғолиб наоянд, дар ин сурат худро чӣ хел идора карда метавонед (яъне, дар идоракунӣ намояндаи худро доред)?

Ин саволҳои муҳим буда, дар таърих ба онҳо ҷавобҳои гуногун дода шудаанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки дар аксари низомҳои худро демократӣ нишондиҳанда амалан демократия ба маънои томи худ истифода намешавад. Ҳол он ки дар чунин демократия бояд ҳар як шахс конунҳо ва қарорҳоеро, ки ба ӯ таъсир хоҳанд расонд, ҳал намояд. Сабаб он аст, ки аҳолӣ ниҳоят зиёд ва бар замми ин, миқдори қарорҳое, ки бароварда мешаванд, бисёранд. Аз ин рӯ, дар аксарияти мамлакатҳои демократӣ намояндагони босалоҳияте истифода бурда мешаванд, ки нуқтаи назари овоздиҳандагонро ифода карда тавонанд.

## 4.0 Навъҳои давлатҳои демократӣ



Чӣ хел муайян карда метавонем, ки давлат демократӣ аст ё не? Ғайр аз ин, чӣ хел бояд донист, ки як давлат аз давлати дигар демократитар аст?

Сатҳи демократияи давлатро дар он сурат муайян кардан мумкин аст, ки агар шумо омилҳои дохилии онро донед ва дарк намоед, ки ин омилҳо то андозае меъёрҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсонро таъмин менамоянду ба шаҳрвандон имконияти озодона пеш бурдани кори худ ва аз болои сохторҳои давлатӣ назорат карданро фароҳам меоваранд.

Бо вуҷуди дар давлатҳои гуногун амал кардани низомҳои ҳархелаи демократӣ барои омӯхтани онҳо хусусиятҳо ва меъёрҳои махсус мавҷуданд, ки иҷрояшон ҳатмист. Ба онҳо дохил мешаванд:

- Истиқлолияти халқ. Халқ дар давлати ҳақиқии демократӣ ягона соҳиби асосии ҳокимият ба шумор меравад ва қудрати худро тавассути намояндагоне, ки давра ба давра интихоб мешаванд, амалӣ месозад.
- Мунтазам гузаронидани интихобот. Одамон ҳокимияти худро тавассути интихоботи даврии намояндагони худ дар асоси конститутсия амалӣ месозанд.
- Мувофиқати идораи аксарият барои ҳимояи ақалият. Агар нисбат ба ақалият қарорҳои поймолкунии ҳуқуқҳояшон қабул карда шавад, пас чунин низом ғайридемократӣ мебошад. Ҳарчанд интихобот мувофиқи қонун тез-тез доир мегардад ва ҳукумати интихобӣ иваз карда мешавад.
- Баробарии шаҳрвандон ҳангоми иштироки онҳо дар корҳои идоракунии давлат. Ин низом бо мақсади иброз доштани хоҳиши мардум аз қабили дастрас намудани иттилооти расмӣ, ва иштирок дар озмуни рақобатнок барои ишғоли вазифаҳои баланди давлатӣ ва ба таври озод созмон додани ҳизбҳои сиёсиву муассисаҳои ҷамъиятиро дар назар дорад.
- Бо усули ба вуҷудории назорат ва мувозинат вазифаҳоро тақсим намуда, тавассути он ба ҳамдигар тобеъ набудани онҳоро таъмин карда, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки ин низом дар асоси қонун кор кунад.
- Садоқат ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки дар он омадааст: «Давлат барои инсон аст, на инсон барои давлат».
- Хусусиятҳои баробарӣ. Баробарӣ метавонад ду хел бошад: баробарӣ дар назди қонун ва баробарӣ дар назди низоми додгоҳӣ. Дар баъзе кишварҳо шаҳрвандон аз рӯйи қонун баробаранд, вале дар додгоҳ ба онҳо баробар муносибат намекунанд.
- Баробарии ҳуқуқҳо мақоми сиёсӣ ва иқтисодии шуморо тағир медиҳад.

Агар хоҳем, ки демократитар будани як мамлакатро нисбат ба дигараш муқоиса намоем, бояд рӯйхати нишондодҳое, ки дар боби «муносибатҳои мутақобилаи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ» оварда шудааст, истифода барем.

## 5.0 Барои чӣ мо низоми демократиро интихоб мекунем?

Дар асри XX се давре буд, ки давлатҳо сохтори сиёсиашонро тағйир дода, ба давлатҳои демократӣ табдил ёфтанд. Давраи якум дар аввалҳои асри XX ба амал омадааст. Дар он давра 29 давлати демократӣ пайдо шуд. Фашизм ва ҷанги дуюми ҷаҳон шумораи чунин давлатҳоро ба 12 расонид. Давраи дуюм, солҳои 1950 ва 1970-ро фаро гирифтааст, ки шумораи онҳо ба 36 кишвар афзуд. Давраи сеюм, солҳои 1980 ва 90-ум ба ҳисоб меравад, ки шумораи чунин давлатҳо ду маротиба афзуданд. То соли 1993 шумораи давлатҳои демократии мустақил 99 ададро ташкил кардааст. Ҳарчанд ки шумораи давлатҳои демократии



**Ҳокимияти халқ**

Дуввумин Раиси Ҷумҳурии (Президенти) ИМА Ҷон Адамс (1797-1801), бо овоз-зи аксарият интихоб гардид, ки ҳамагӣ аз ҳарифи худ як овоз бештар ба даст овард.

устувор ва демократие, ки ҳуқуқҳои инсонро сахт ҳимоя мекунад, кам аст, вале чараёни умумии ҷаҳонӣ имкон медиҳад бигӯем, ки шумораи давлатҳои нисбатан устувори демократии ба ҳимояи ҳуқуқи инсон бештар таваҷҷӯҳдошта зиёд шуда истодааст.

Низомҳои демократӣ аз рӯйи табиати худ устувортаранд, зеро қабули қарор дар асоси ба вуҷуд омадани маданияти ҳамдигарфаҳмӣ ва гузашт кардан бунёд ёфтааст. Дар вазъиятҳои бӯҳронӣ интихоботҳои пеш аз мӯҳлат ва овоздиҳии умумихалқӣ оид ба масъалаҳои рӯзмарра ва баҳсиок метавонанд ба дигаргуниҳои қобили қабул оварда расонанд.

Демократия ба одамон рӯҳи тоза мебахшад, зеро он ба манфиати мамлакат нигаронида шудааст ва одамон барои меҳнати ҷиддӣ ва пурмаҳсули худ кӯшиш менамоянд. Бинобар ин, бесабаб нест, ки 25 кишвари сарватмандтарин давлатҳои демократӣ ба ҳисоб мераванд.

## 6.0 Сохтори давлатҳои демократӣ чӣ хусусият дорад?

Воситаҳои гуногуне мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо ҳукуматҳои мамлакатҳои демократӣ шаҳрвандони худро ба идора кардани давлат ҷалб менамоянд. Ба ин давлатҳое дохил мешаванд, ки худро мамлакати демократӣ меҳисобанду дар асл бошад ҳуқуқҳои асосии инсонро риоя намекунанд. Демократияи сотсиалистӣ, либералӣ, халқӣ ва демократияи инқилобӣ вуҷуд доранд, ки идоракунии давлатро тавассути воситаҳои гуногун ба амал мебароранд.

Биёед, ба саволи «Кӣ идора мекунад?» (ё «Кӣ дар идоракунӣ иштирок мекунад?») таваққуф намоем. Дар низоми демократӣ қонуният ҳаматарафа дастгирӣ намудани одамонро талаб мекунад. Одамон манбаъи қудратанду мансабдорони давлатӣ намояндагони онҳо мебошанд. Дуруст аст, ки одамон дар ягон давлати бузург мустақиман дар идоракунӣ иштирок намекунанд. Аммо давлатҳое ҳастанд, ки дар онҳо одамон дар идоракунӣ бештар ҷалб карда мешаванд. Чунин мамлакатҳо бештар давлатҳои демократӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳар қадар ки одамон дар идоракунӣ бештар ширкат варзанд, давлат ба ҳамон андоза демократитар мегардад. Баъзеҳо иштибоҳан чунин фикр мекунанд, ки дар мавриди давлати сусткудрат ё давлати ғайрифаъол, ки ягон кореро ба анҷом намерасонад, вале аз шаҳрвандони худ фаъолнокӣ тақозо мекунад, гӯё мамлакати сусту бефоида ва дар ҳифзи шаҳрвандони худ бекудрат бошад.



*Гарнева З., Базарбаева А., Нагойбаева Б. ...ои 3, ш. Бишкек, с. 2002*

Одамони дар замони шӯравӣ зиндагикарда, хуб медонанд, ки давлат ҳамаи соҳаҳоро назорат мекард, озодона ибroз доштани ақидаи сиёсӣ ва фаъолияти мухолифинро ниҳоят маҳдуд сохта буд. Онҳо инчунин медонанд, ки дар ташкили низоми иқтисодии давлат ва дар самаранок идоракунии захираҳои давлатӣ камбудиҳои ҷиддӣ ҷой дошта бошанд ҳам, вале ҳеҷ кас ба таври оммавӣ танқид намекард. Дарк карда натавонистани чунин камбудиҳо маҳз яке аз сабабҳои барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Давраи баъди коммунистӣ низ мушкилоти худро дорад ва онҳо, махсусан, ба бартарии қонун ва татбиқи он дахл доранд. Дар баъзе кишварҳо гурӯҳҳои ҷиноятқори маҳаллӣ дар идоракунӣ боиси ришвахӯрӣ ва халалдории амният гардидаанд. Давлати демократӣ ҳуқуқҳои ашхоси алоҳидаро ҳимоя мекунад ва қодир аст, ки иҷрои қонунҳои ба ҳуқуқҳои инсон тааллуқдоштаро таъмин намояд.

Демократия ба як қатор натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад:

- Демократия зулм ё бар зидди шахси дигар ғайриқонунӣ истифода шудани қувваро пешгирӣ мекунад.
- Ҳуқуқҳои асосӣ озодиҳои сиёсӣ, шаҳрвандӣ ва ҳуқуқ ба моликияти шахсиро ҳимоя мекунад.
- Барои ҳама озодии умумии рафту омад, ки ба дигарон зарар намерасонад, амал мекунад.
- Низоми худмуайянкунӣ амал мекунад: шаҳрвандон соҳиби худ ҳастанд.
- Худмухтории ахлоқӣ амал мекунад, яъне одамон барои амали худ ҷавобгаранд.
- Демократия барои инкишофи инсон ва худфаъолиятӣ имконият медиҳад.
- Демократия баробарии сиёсиро эҳтиром мекунад.

Хулоса, давлатҳои демократӣ ҳоло ҳам метавонанд низомҳои гуногуни идоракуниро истифода бурда, дар навбати худ онҳоро бо роҳи демократӣ ва конститутсионӣ иваз намоянд. Илова бар ин, ҷиҳати аз ҳама хуби демократия ҳамин аст, ки он ба гуногунфикрӣ ва дар муҳити ором мубоҳиса кардан имконият медиҳад. Шиори демократия - «Интихобот на тирпаронӣ».

## 7.0 Созмонҳои байналмилалӣ

Созмонҳои байналмилалӣ ҳам баъзан дорои қудрати назаррас мебошанд. Онҳо метавонанд аз намояндагони давлатҳои гуногун созмон ёбанд. Вале ин маънои онро надорад, ки ин давлатҳо хоҳу нохоҳ бояд дархосту талаботҳои ин ташкилотҳоро риоя ва иҷро намоянд. Шояд Созмони Милали Муттаҳид яке аз ташкилотҳои маъмули сиёсӣ бошад. Ин ташкилот яке аз институтҳои демократист ва қариб ҳамаи кишварҳои дунё шомили ин созмон ҳастанд. Созмони Милали Муттаҳидро дар аксар ҳолатҳо зери тозиёнаи танқид мегиранд, зеро барои пешгирӣ намудани амалҳои кишварҳои узв, созмони мазкур қудрати маҳдуд дорад. Ҳамин тариқ Созмони Милали Муттаҳид пеши роҳи ҳеҷ кишвареро аз ҷанг гирифта наметавонад, ҳарчанд ки кӯшиш ба харҷ медиҳад то садди роҳи чунин омилҳо гардад.

Яке аз вазифаҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид ин барои намояндагони давлатҳои узв барпо кардани муҳокимаи масъалаи умумӣ аст. Дар баъзе ҳолатҳо чунин муҳокимаҳо мунокишаро шиддатнок мегардонанд. Қисми зиёди фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар қабули қарордод ифода меёбад, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ нестанд. Созмони Милали Муттаҳидро дар саросари ҷаҳон тавассути корҳои ба анҷом расонидаи ташкилотҳои махсуси он - Созмони байналмилалии тандурустӣ, Созмони байналмилалии меҳнат, Барномаи умумиҷаҳонии озуқа ва ғайра мешиносанд.

Мамлакатҳо инчунин метавонанд иттиҳоди махсусеро оид ба масъалаҳои алоҳида, ба монанди иттиҳоди тиҷоратӣ ё амният созмон диҳанд. Мисоли чунин иттиҳод Ҷомеаи Давлатҳои Мустақил шуда метавонад, ки ба он ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ дохил мешаванд.

---

## Машғулият баъд аз хониши матн

## Фасли I. Ҳокимияти сиёсӣ

### Супориши 03. Шаклҳои мухталифи ҳокимият

1. Бо шарикатон нишондодҳои зеринро оид ба муносибатҳои ҳокимият дида бароед ва онҳоро аз рӯйи қудраташон, яъне аз ҳокимияти пурқувват ба ҳокимияти аз ҳама заиф ҷо ба ҷо гузоред.

| | Мисолҳо | Дараҷаи аҳамият |
|---|---|---|
| 1. | Ба касе фармон додан барои иҷрои коре. Агар ӯ ин корро иҷро накунад, ӯро ҷазо додан бо истифодаи зӯр. Масалан, шумо касеро фармон медиҳед, ки93 котрево иҷро кунад. Ӯ медонад, ки агар аз иҷрои фармон саркашӣ кунад шумо ӯро ҷазо медиҳед. | |
| 2. | Ба касе фармон додан, ки ӯ кореро иҷро кунад. Дар ҳолати иҷро накардан ҳеҷ чора андешида намешавад. Шумо касеро кор мефармоед, ӯ суханҳои шуморо рад мекунад, зеро медонад, ки шумо ба ӯ ҷазо намедиҳед. | |
| 3. | Ба касе иҷрои кореро супоридан ва агар иҷро накунад аз ҳамкорӣ бо ӯ даст кашидан. Шумо аз касе тақозо мекунед, ки қарзашро ба шумо баргардонад, вагарна шумо ба ӯ дигар ҳеҷ чиз намефурӯшед. | |
| 4. | Ба касе иҷрои кореро супоридан ва агар тавсияҳо рад шаванд аз узвият дар гурӯҳ маҳрум кардан. Шумо ба касе мегӯед, ки қоидаҳои бозиро риоя кунад, вагарна аз дастаи футбол хориҷ мешавад. | |
| 5 | Ба касе иҷрои кореро супоридан ва агар кор иҷро нашуд, ӯро ба додгоҳ кашидан. Шумо касеро ба иҷрои шартҳои дар қарордод имзошуда водор месозед ва ба ӯ мегӯед, ки агар шартҳо риоя нашаванд, шумо ӯро ба додгоҳ мекашед. | |
| 6. | Ба касе иҷрои кореро супоридан ва дар ҳолати иҷро нашудан ӯро аз имтиёзҳо маҳрум кардан. Шумо ба касе мегӯед , ки дер накунад, вагарна шумо ба ӯ иҷозат намедиҳед, ки бо дӯстонаш ба сайругашт равад. | |
| 7. | Ба касе иҷрои кореро супоридан ва агар иҷро накунад аз ӯ ҷарима ситонидан. Соҳиби дукони видео аз шумо барои сариваќт барнагардонидани навор ҷарима меситонад. | |

2. Пас аз супоришро иҷро кардани хонандагон шумо метавонед аз онҳо пурсед: «Чӣ хел ҳокимият бояд афзалиятнок бошад?»
   а) афзалияти як хонанда аз хонандаи дигар (дақиқаш оё хонандагон бояд имкон дошта бошанд, ки якдигарро барои иҷрои кори дилхоҳашонро маҷбур кунанд?);
   б) афзалияти волидон нисбат ба фарзандон;
   в) афзалияти ҳукуматҳои маҳаллӣ нисбат ба одамони он маҳал;
   г) афзалияти ҳукумати марказӣ нисбат ба шаҳрвандони мамлакат;
   д) афзалияти созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба ҳукуматҳои миллӣ.

## Супориши 04. Таъсири ҳокимияти давлатӣ ба ҳаёти шумо

Маълумоти ҷадвалро хонед:

**Ваколат**

Ҳар рӯз мо дар бораи масъалаҳои муҳими ҳаётӣ қароре қабул мекунем. Бо вуҷуди ин, ба чараёни қабули қарори мо низоми ҳокимият таъсири худро мерасонад. Мисолҳои низоми ҳокимият инҳоянд: хусусиятҳои ахлоқӣ, қонунҳои маҳаллӣ ва давлатӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, динӣ ва расму оини оилавӣ.

Саволҳои муҳим оид ба ҳокимият:

1. Ҳокимият аз кучо сарчашма мегирад (мисол, дар мамлакати шумо қонунҳоро кӣ қабул мекунад? Дар аксарияти кишварҳо одамон ба намояндагоне овоз медиҳанд, ки қонунҳоро қабул ва ё рад мекунанд).

2. Кӣ барои татбиқ намудани талаботи ҳокимият масъулият ва салоҳият дорад? Бо ибораи дигар, намояндаи ҳокимият кист? (Масалан, падари шумо дар оила расму оини оилавиро амалӣ мекунад?).

3. Намояндаи ҳокимият чӣ гуна ваколатҳо дорад? (Агар дуздӣ кунед, милиса метавонад шуморо дастгир кунад?).

Ҷомеа бе низоми ҳокимияти давлатӣ фаъолият намекунад. Бо вуҷуди ин, агар одамон ба мавҷудияти низом ва қудрат розигӣ диҳанд, низоми ҳокимияти давлатӣ хуб кор мекунад.

1. Дар бораи корҳое, ки шумо дирӯзу имрӯз анҷом додед, андеша кунед.
2. Барои чӣ шумо ин ё он амалро маҳз ҳамин тавр иҷро кардед? Сабаби ин магар хусусиятҳои ахлоқӣ, қонун, анъанаи фарҳангӣ, динӣ, расму оини оилавӣ ва ё интихоби шахсиатон аст?
3. Нақшаи зеринро дар дафтаратон кашида, онро пур кунед. Амали худро дар он қисмати ҷадвал нависед, ки ба фаъолияти ҳукумат тааллуқ дорад. Барои шумо аллакай якчанд мисол пешниҳод шудаанд. Дар хотир гиред, ки баъзе амалҳо дар чанд сутунча оварда шудаанд.

| Хусусиятҳои ахлоқӣ | Қонун | Интихоби шахсӣ | Оини оилавӣ | Анъанаи фарҳангӣ |
|---|---|---|---|---|
| Китобҳоро мувофиқи хоҳиши падар гузоштан. | Роҳро аз ҷойи муқарраршуда гузаштан лозим аст. | Гӯш кардани мусиқӣ | Хӯроки шомро соати 7 хӯрдан. | Кашидани пойафзол пеш аз ба хона даромадан. |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

4. Дунафарӣ кор карда, саволҳои зеринро муҳокима намоед:
- Фаҳмонед, ки ҳар як амали дар фасли «Хусусиятҳои ахлоқӣ» овардашуда чиро ифода мекунад. Масалан: «Ту бояд падаратро гӯш кунӣ».
- Аз тарафи кӣ ҳал карда шудани ҳар як фикри дар сутунчаҳо овардашударо фаҳмонед. Онро кӣ ҳал мекунад? Кадомаш қобили қабул аст ва кадомаш не?

## Супориши 05. Ҳокимият ва қонуният аз куҷо пайдо шудаанд?

Дунафарӣ кор карда, ба номгӯи навъҳои ҳокимият нигаред. Навъҳои қонуният ё усули ба даст овардани ҳокимиятро ба шакли идоракунии он мутобиқ намоед. (Дар баъзе ҳолатҳо навъи ҳокимият қудрат дорад ва қонуният не.)

| Шакли идоракунӣ | Қонуният чӣ хел ба даст меояд? |
|---|---|
| 1. Ҷумҳурии демократии Президентӣ | а) Роҳбари дорои унвони меросӣ, расму оинеро тарафдорӣ мекунад, ки мувофики онҳо сардори оянда бояд писари охиринаш бошад. Одатан чунин ҳокимият аз тарафи қонун маҳдуд карда нашудааст. |
| 2. Яккаҳокимиятии мутлақ | б) Танҳо розигии одамони сарватманд ё одамони табақаи алоҳида, ки мувофики қонунҳои қабулшуда ҳуқуқҳои сиёсӣ доранд (моликият, табақа, вақт). |
| 3. Теократия | в) Ба даст овардан ва амалӣ кунонидани ҳокимият аз тарафи шахс ё гурӯҳи одамон ба воситаи қувва ва зӯрӣ. |
| 4. Ҳукмравоӣ (диктатура) | г) Ҳокимиятро тавассути маҷмӯи қоидаҳо, ки намояндаи худро бо овоздиҳӣ интихоб мекунанд, қонунӣ мегардонанд ва он салоҳияти роҳбарро маҳдуд мекунад. Роҳбарро одамон интихоб намекунанд, ин вазифа меросӣ аст. |
| 5. Ҷумҳурии олигархӣ | д) Розигии одамон. Одамон розӣ мешаванд, ки ба роҳбари интихобшуда ҳокимиятро супоранд. Онҳо тарафдории худро ба воситаи овоздиҳӣ изҳор мекунанд. |
| 6. Монархияи конститутсионӣ | е) Ҳокимияти пешвои динӣ ё ташкилоти динӣ, ки мавҷудияташро ба воситаи анъанаҳои динӣ ва боварии одамон ба худолод будани он ифода мекунад. |

## Супориши 06. Ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ

Бартарӣ ва камбудиҳои ҳар як низом кадомҳоянд? Дар бораи чӣ хел амал кардани низомҳои қонунӣ фикр кунед. Ин корро ду нафарӣ иҷро кунед. Якчанд мисол барои шумо оварда шудаанд.

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| Демократия: | Демократия: |
| Монархия: | Монархия:<br>*1. Роҳбар бо хоҳиши худ метавонад қонунҳоро тағир диҳад* |
| Теократия: | Теократия: |
| Ҳукмравоӣ: | Ҳукмравоӣ:<br>*1. Роҳбари бадро аз вазифа сабукдӯш кардан мушкил аст* |

## Супориши 07. Неруҳои байналмилалӣ

Бо шарикатон низоми созмонҳои байналмилалӣ ва вазифаҳои онҳоро муаян намоед.

| Ташкилотҳои байналмилалӣ | Фаъолияти ташкилот |
|---|---|
| 1. Созмони Милали Муттаҳид | а) Гурӯҳи мамлакатҳое, ки дар гузашта ба собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дохил буданд. |
| 2. Коммисариати олии Созмони Милал оид ба гурезаҳо | б) Ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ба ин ташкилот дохиланд ва ҳар як давлат овози худро дорад. |
| 3. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо | в) Ин ташкилот кӯшиш мекунад, ки кӯдакону модаронро ҳимоя намояд ва ба онҳо кӯмаки худро расонад. |
| 4. Хазинаи кӯдакони СММ | г) Номи ин ташкилот ба давлатҳои Аврупо тааллуқ дорад, то ки барои рушди тиҷорати озод ва алоқа байни аъзояш мусоидат намояд. |
| 5. Созмони байналмилалии кӯмакҳои иқтисодӣ ба кишварҳои Осиё | д) Ин ташкилот ба мамлакатҳо барои тараққиёташон бо фоизи кам пул қарз медиҳад. |
| 6. Иттиҳоди Аврупо | е) Ин ташкилот ба одамоне кӯмак мерасонад, ки маҷбуран мамлакати худро тарк кардаанд, зеро дар сурати он ҷо будан шояд ба ҳалокат мерасиданд. |
| 7. Бонки ҷаҳонӣ | ж) Ин ташкилот кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар мамлакатҳои Аврупо ва ба он наздик вазъи мӯътадили сиёсӣ ва демократия нигоҳ дошта шавад. |
| 8. Созмони ҷаҳонии тиҷорат | з) Ин ташкилоти иқтисодии мамлакатҳои Ҷопон, Таиланд, Малайзия ва Ветнам мебошад. |
| 9. Ҷомеаи давлатҳои мустақил | и) Ин ташкилот мусоидат мекунад, ки мамлакатҳо озодона байни якдигар харидуфурӯш кунанд. |

### Супориши 08. Ҳокимияти созмонҳои байналмилалӣ

Созмонҳои байналмилалӣ имконият доранд, ки ба ҳукуматҳо фишор оранд, то онҳо тарзи идоракунии кишвари худро тағир диҳанд. Ба ин гуфтаҳо карори кишвари узви Созмони Милал мисол шуда метавонанд: бо Африкои Ҷанубӣ то замоне, ки вай ба ҳамаи одамон ҳуқуқи овоздиҳиро иҷозат надиҳад, аз хариду фурӯш даст мекашанд.

1. Бо шарикатон ду мисол нависед: «Кай созмонҳои байналмилалӣ ҳукуматеро маҷбур кардаанд, ки сиёсаташро тағир диҳад?»
2. Бо шарикатон вазъиятеро тасвир намоед: «Ба фикри шумо, дар кадом ҳолат созмонҳои байналмилалӣ метавонанд ба ҳукуматҳо фишор оранд, ки сиёсати худро тағир диҳанд?»

## Фасли II. Демократия

### Супориши 09. Демократия чист?

Ба рӯйхати дар поён овардашуда нигаред. Дунафарӣ муҳокима кунед ва қайд намоед, ки низомҳи демократӣ чӣ тавр бояд фаъолият намояд? (Баъзеи онҳо ғайридемократӣ мебошанд). Баъд дар гурӯҳи се-чорнафарӣ шаш усули (принсипи) муҳими демократияро интихоб кунед.

| Усулҳои демократия | Ҳа ё Не | Оё муҳиманд? |
|---|---|---|
| 1. Одамон метавонанд мунтазам овоз диҳанд. | | |
| 2. Одамон метавонанд намояндаашонро иваз намоянд. | | |
| 3. Одамон метавонанд оид ба роҳбаронашон дар давраҳои муайян қарор қабул кунанд. | | |
| 4. Синну сол ва шаҳрвандӣ ягона меъёрест барои овоздиҳӣ. | | |
| 5. Интихобот бояд танҳо дар рӯзҳои офтобӣ баргузор гардад. | | |
| 6. Дар интихобот бояд номзадии занҳо пешбарӣ карда шавад. | | |
| 7. Ҳамаи номзадҳо бояд қобилияти хондан дошта бошанд. | | |
| 8. Ҷараёни овоздиҳии интихобот бояд аз тарафи ашхоси манфиатдор мушоҳида карда шавад. | | |
| 9. Парламент бояд аз ду палата иборат бошад. | | |
| 10. Интихобот бояд ба таври овоздиҳии махфӣ гузарад. | | |
| 11. Ҳамаи онхое, ки манфиатдоранд, метавонанд дар вақти шуморидани овоз ва ҳисоботдиҳии натиҷаҳои он шоҳид бошанд. | | |
| 12. Агар шаҳрвандон оид ба қарорҳо овоз дода бошанд, онҳо демократӣ ҳисоб мешаванд. | | |
| 13. Дар интихобот бояд зиёда аз як номзад иштирок намояд. | | |
| 14. Танҳо шахси сарватманд метавонад Раиси Ҷумҳур шавад. | | |
| 15. Дар бюллетени овоздиҳӣ бояд тарҷумаи ҳол ва расми номзад мавҷуд бошад. | | |
| 16. Дар бюллетен ҷое мавҷуд бошад, ки интихобкунанда муқобили ҳамаи номзадҳо овоз дода тавонад. | | |
| 17. Синну соли номзад бояд ҷавобгӯи талаботи қонун бошад. | | |
| 18. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд сабт шаванд. | | |

### Супориши 10. Ин пешниҳодот то чӣ андоза демократианд?

Бо шарикатон лоиҳаи қонунҳои пешниҳодшударо аз назар гузаронед ва ба ҳар кадоми он аз рӯи меъёри демократӣ баҳо диҳед. Аз баҳогузории панҷхола истифода баред. Адади 0 - мефаҳмонад, ки лоиҳаи қонун аз амалӣ буданаш дида демократитар аст, рақамҳои 1 - ниҳоят демократӣ, 2 - демократӣ, 3 - бетараф ва 4 - ғайридемократӣ, 5 - ниҳоят ғайридемократӣ буданро мефаҳмонанд.

| | Поиҳаи қонун | Баҳо |
|---|---|---|
| 1 | Раиси Ҷумҳур ҳамаи додрасҳоро таъин мекунад. | |
| 2 | Овозҳо баъди овоздиҳии ҳар як шахс як ба як санҷида мешаванд. | |
| 3 | Вазифаҳои ҳамаи роҳбарони ҳукумати маҳаллӣ интихобӣ мешаванд. | |
| 4 | Донишҷӯён барои интихоби муаллими худ овоз медиҳанд. | |
| 5 | Танҳо соҳибони моликият метавонанд овоз диҳанд. | |
| 6 | Ҷамоатҳо табиби худро интихоб мекунанд. | |
| 7 | Қонунҳое қабул мешаванд, ки мувофиқи онҳо васоити ахбори омма барои тӯҳмат ба додгоҳ кашида мешаванд. | |
| 8 | Андози нави 20% барои арзиши хонаҳои нав ҷорӣ мешавад. | |
| 9 | Раиси Ҷумҳурро парламент ба воситаи аксари овозҳо аз вазифа сабукдӯш карда метавонад. | |
| 10 | Шаҳодатномаи шахсии аксдор барои ҳамаи шахсони болиғ хатмист. | |
| 11 | Номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ бояд 50% даромади солонаашонро ба идораи андозгиранда супоранд. | |
| 12 | Баъзе ақаллиятҳои миллӣ ба шарте, ки аксарият ба тарафдории онҳо овоз диҳанд, камтар музд месупоранд. | |
| 13 | Номзадҳо ба интихоботи парламентӣ бисёр мешаванд, вале фақат аз як ҳизби сиёсӣ. | |
| 14 | Ҳизбҳои сиёсӣ манъ карда шудаанд. Ҳамаи номзадҳо бояд мустақил бошанд. | |
| 15 | Беш аз 10 ҳизби сиёсӣ бояд мавҷуд бошад. | |
| 16 | Аъзои парламент метавонанд қонунҳоро вайрон кунанд, вале ба додгоҳ кашида намешаванд. | |

## Супориши 10. Шумо то чӣ андоза демократед?

**Қадами якум:**

Мулоҳизаҳои зеринро мувофиқи фаҳмишатон мустақилона баҳогузорӣ кунед.




| | Мулоҳизаҳо | Баҳо |
|---|---|---|
| 0 | Дар рӯзномаҳо бояд танҳо хабарҳои хубро нависанд. | 4 |
| 1 | Ман ба рафиқонам нишон медиҳам, ки мо бояд чӣ кор кунем. Тоқати эътирозро надорам. | |
| 2 | Рафиқони ман аз миллатҳои гуногунанд ва муомилаи ман бо онҳо як хел аст. | |
| 3 | Ҳарчанд ки таҷрибаи ман нисбат ба хешони хурдсолам бештар аст, вале ақлу хиради онҳоро эҳтиром мекунам. | |
| 4 | Зиндагӣ беҳтар мебуд, агар ба фармонҳо итоат мекардем. | |
| 5 | Ба фикри ман, занҳо ҳам бо мардон бояд имконияҳои баробар дошта бошанд. | |
| 6 | Ба фикри ман, мо бояд барои ҳама қарорҳо овоз диҳем. | |
| 7 | Агар касе маро сахт ранҷонад, пас ман метавонам каме ба зӯроварӣ роҳ диҳам. | |
| 8 | Ман нуқтаи назарамро намегӯям, зеро фикр мекунам, ки он муҳим нест. | |
| 9 | Сарватмандон дар корҳо ҳамеша бобароранд, аз ин рӯ танҳо онҳо ҳуқуқи овоз додан доранд. | |
| 10 | Забони англисӣ беҳтарин забон аст. | |
| 11 | Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз аз қонун набояд боло бошад. | |
| 12 | Ман оқибатҳои қарореро, ки дар натиҷаи овоздиҳии озод ва адолатнок қабул шудааст, маъқул медонам. | |
| 13 | Озодӣ ба андешаи ман, ин ҳуқуқи қарор қабул карда тавонистан ва ҳамзамон масъул будан дар оқибатҳо мебошад. | |
| 14 | Роҳбари хуб ҳама чизро барои одамон таъмин мекунад ва оқибати онҳоро ба дӯши худ мегирад. | |
| 15 | Ба фикри ман, ба қадом қонунҳо итоат кардан ва ё накарданамонро мо бояд худамон ҳал кунем. | |

**Қадами дувум:**
Барои ҳар як баҳои гузоштаатон холҳоро ҳисоб кунед. Ба сифати намуна ба ҷадвали зер, тахти № 0 нигаред.

| | Ҷадвали холҳо | |
|---|---|---|
| 0 | Баҳои 1 = 5 хол, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | 2 |
| 1 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 2 | Баҳои 1=1, 2=2, 3=3, 4=4, 5=5 | |
| 3 | Баҳои 1=1, 2=2, 3=3, 4=4, 5=5 | |
| 4 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 5 | Баҳои 1=1, 2=2, 3=3, 4=4, 5=5 | |
| 6 | Баҳои 1=2, 2=1, 3=1, 4=2, 5=2 | |
| 7 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 8 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 9 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 10 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 11 | Баҳои 1=1, 2=2, 3=3, 4=4, 5=5 | |
| 12 | Баҳои 1=1, 2=2, 3=3, 4=4, 5=5 | |
| 13 | Баҳои 1=1, 2=2, 3=3, 4=4, 5=5 | |
| 14 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| 15 | Баҳои 1=5, 2=4, 3=3, 4=2, 5=1 | |
| | Ҷамъ: | |

**Қадами сеюм:**
Ҳисоби умумиро гирифта (ба истиснои рақами 0) онро ба 15 тақсим кунед.
Барои шумо ҳисоби:
- аз 1.0 то 2.0 нишон медиҳад, ки шумо дар ҳақиқат демократи асил ҳастед.
- аз 2.1 то 3.0 нишон медиҳад, ки шумо демократ ҳастед.
- аз 3.1 то 4.0 нишон медиҳад, ки шумо демократи асил нестед.
- аз 4.1 то 5.0 нишон медиҳад, ки тамоман демократ нестед.

### Супориши 12. Оё онҳо розианд?

Аз ягон нафар хоҳиш кунед, ки то чӣ андоза демократ будани шуморо баҳо диҳад. Натиҷаи тестро ба баҳои худатон муқоиса кунед. Онҳо яксела анд ё не?

### Супориши 13. Кадом мулоҳиза ба шумо наздик аст?

Дар поён саволҳое таҳия шудаанд, ки бисёр хонандагон ба онҳо таваҷҷӯҳ доранд. Бо рафиқатон онро муҳокима кунед ва гӯед, ки кадоме аз ақидаҳои овардашуда ба андешаи шумо мувофиқат мекунад. Агар андешаҳо пурра бо ҳам мувофиқат накунанд, нуктаи назари худро нависед. Барои шарҳ додани фикратон омода бошед.

***«Оё мавҷудияти демократия маънои ҳукумати хуб доштанро дорад?»***

**Доняр:** *Ман ба ин тамоман розӣ нестам. Демократия ин сарфи вақт аст. Демократия барои мамлакатҳои сарватманд чизи хуб аст, на барои мо. Баъзе мамлакатҳо роҳбарони бозаковат, иқтисодиёти тараққикарда ва ҳукумати хуб доранд. Малавӣ, ки яке аз давлатҳои Африка мебошад, намунаи чунин мамлакат шуда метавонад.*

**Бакит:** *Ман боварии пурра надорам. Мавҷудияти демократия маънои онро надорад, ки шумо соҳиби давлати хуб бошед. Одамон ба тарафдорони роҳбарони худ овоз медиҳанд ва баъдтар маълум мешавад, ки онҳо хуб нестанд. Нигаред ба давлати Филиппин, ки ба он чанд сол пеш чӣ ҳодиса рух дод? Бо вуҷуди ин, ба фикри ман, демократия яке аз шартҳои ҳукумати адолатнок аст, махсусан, агар он бошсофона ва бо роҳи оиладикин кушод ба амал омада бошад.*

**Альфия:** *Барои ман фарқ надорад. Агар одамон дар муҳити сулҳ зиндагӣ кунанду хӯроки кофӣ дошта бошанд, дар чӣ хел давлат зиндагӣ кардани онҳо аҳамияте надорад. Ягона коре, ки хизбҳо мекунанд, байни якдигар баҳс кардан аст. Ба фикри ман, беҳтар аст, ки тамоман ҳукуматҳо вуҷуд надошта бошанд. Ман мехоҳам дар ҷазираи тропикӣ зиндагӣ кунам... Танҳои танҳо.*

**Тамара:** *Шумо дуруст мегӯед. Сулҳ дар ҷаҳон бисёр муҳим аст. Бо вуҷуди ин, мо бояд ҳукуматро*

*мулоҳизакорона бунёд намоем. Ба фикри ман, демократия ҳамеша ба бунёди давлати беҳтарин бурда мерасонад. Демократия ҳар қадар бештар ҷорӣ шавад, ҳамон қадар хуб аст. Ба фикри ман, ҷомеаҳое, ки дар онҳо демократияи асил амал мекунад, онҳо давлатҳои беҳтаринанд. Равандҳои демократӣ мантиқан дуруст аст ва он ба қабули қарорҳои беҳтарин мусоидат мекунад. Он мулоҳизакориро дар одамон меомӯзонад.*

**Мурод:** *Биё, ин тавр нагӯй. Ба баъзе қарорҳои соддалавҳонае, ки давлатҳои демократӣ қабул кардаанд, нигаред. Шахсан ман фикр мекунам, ки демократия аз намудҳои мавҷудаи идораи давлатӣ беҳтарин роҳ аст, зеро дар ҳама намудҳои идора мушкилиҳо мавҷуданд. Дар ҳама намудҳои идора мушкилии ягона он аст, ки ҳар кас дар бораи худ фикр мекунад. Сустии мо дар он аст, ки сабабҳои зарурииро намедонем. Ҳол он ки мавҷудияти демократия имконияти аз сиёсатбозҳо халос шуданро фароҳам меоварад.*

**Ойнура:** *Ман дар он ҳолат тарафдори демократиям, ки агар интихобкунандагон ба одамони ӯҳдабаро овоз диҳанд. Ман дар назар дорам, ки овозҳо фақат ба сарватмандон дода шаванд, зеро онҳо давлатро ғанӣ мегардонанд.*

## Супориши 14. Шумо чӣ фикр доред?

Бо шарикатон саволҳои зериниро муҳокима кунед. Барои ба хонандагони синф пешниҳод намудани ҷавобҳои асоснок омода бошед.

***«Агар шаҳрвандони мамлакат дар ҳаёти ҳамарӯзаи худ низоми демократиро риоя накунанд, он кишвар пурра демократӣ буда метавонад?»***

# БОБИ 8

# Бартарии қонун

**Машғулият пеш аз хониши матн:**

### Супориши 01. Калимаҳо ва таърифҳо

Дунафарӣ кор карда, барои ҳар калима таърифи мувофиқ пайдо намоед.

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Раъйпурсӣ | а) Соҳиб будан ба ҳуқуқҳо ва эътибори (статуси) якхела. |
| (референдум) | б) Меъёрҳои ҳатмии ахлоқие, ки аз тарафи давлат муаян мегарданд. |
| 2. Қонунҳо | в) Тахсин ё иҷозати расмии ягон чиз; тасдиқи ягон чиз. |
| 3. Баробарӣ | г) Амал ё рӯйдоде, ки метавонад ба сифати намуна ҳангоми пайдо гардидани чунин |
| 4. Тасвиб | ҳолатҳо дар оянда истифода гардад. |
| (ратификация) | д) Давлате, ки аз дин ҷудо буда, дар он ягон дин эътибори (статуси) махсус |
| 5. Собиқа (прецедент) | надошта, ҳама динҳо баробар дониста мешаванд. |
| 6. Давлати дунявӣ | е) Овоздиҳии саросарӣ (умумихалқӣ) дар масъалае, ки дорои аҳамияти умумихалқист |

**Матн барои хониш**



*Бартарии қонун ё ба ҳама ҳақ дорад, ё ба ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад*

Вакте одамон низоми сиёсиеро эҷод мекунанд, ки ҳуқуқҳои инсонро эҳтиром менамоянд, онҳо мекӯшанд чунин ҷомеае бунёд созанд, ки самаранокии он зиёд гардад ва фоидаи он барои некӯаҳволии мардум тақсим шавад. Азбаски тақсимоти одилонаи он ҳамеша баҳснок аст, аз ин рӯ барои одамон ҳатман қонунҳо заруранд. Қонунҳо рафтори ҷамъиятро тавассути иҷозат ва манъ кардани амалҳои муаян нишон медиҳанд.

Сарчашмаҳои қонунҳо:

- Созишномаҳои байналмилалӣ
- Сарқонун
- Қонунҳои амалкунанда
- Қарорҳои муаяни додгоҳӣ
- Қарорҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ
- Расму одатҳо
- Арзишҳои ҷомеа

Низоми қонунҳо ҳамон вақт арзиш пайдо мекунанд, ки агар ҳама одамон онҳоро баробар риоя намоянд. Таъмини татбиқи ягонаи қонунҳо барои ҳамаи одамон дар он сурат имконпазир аст, ки агар талаботи қонун аз дарҳости ашхоси алоҳида боло бошад. Ин мафҳум ҳамчун Бартарии қонун (Ҳокимияти қонун) маънидод мешавад. Мо метавонем мафҳуми ин қоидаро ба шакли дигар баён намоем, яъне ягон шахси алоҳида (новобаста аз он ки ӯ ба чӣ кор машғул аст) аз қонун боло буда наметавонад ва рафтору кирдори ҳамаи одамон ба як қоида вобаста аст. Бартарии қонун ба одамон аз рӯи мақоми дар ҷомеа доштаашон, миллат ва ё дигар хусусиятҳояшон имтиёзҳои махсус намедиҳад. Бартарии қонун инчунин дар назар дорад, ки қарорҳо қонуниянд, яъне онҳо тавассути тартиби муаяне, ки дар қонунҳои то ин вақт амалкунанда таъин буданд, қабул карда шудаанд. Ҳуқуқи инсон ва озодии асосӣ бе бартарии қонун дар ҳудуди давлат вуҷуд дошта наметавонад.

Бартарии қонун дар ҳама гуна давлат аз рӯи омилҳои зерин муаян карда мешавад:

- Сарқонун
- Анъанаҳои ҳуқуқии давлати мушаххас
- Боварии шаҳрвандон ба усули бартарии қонун



*Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон*

## 1.0 Сарқонун

Қонуни асосии ҳар як давлат конститусия буда, дар асоси он хусусиятҳои давлат ва муносибатҳои мутақобилаи сохторҳои гуногуни қудратӣ муаян карда мешаванд. Вобаста ба ин ҳар як давлат бояд конститутсияи худро дошта бошад. Дар конститутсия ҳуқуқҳои асосӣ ва вазифаҳои шаҳрвандон муқаррар карда мешаванд ва асосҳои низоми сиёсии давлат дар он баён мегарданд. Ҳангоми тафсири низоми сиёсӣ Сарқонун, одатан, ҳудудҳои ваколати ҳокимиятро муқаррар менамояд.

Сарқонун ҳуҷҷати муҳимтарини ҳуқуқии мамлакат мебошад ва ягон қонуни дигар агар ба конститутсия мухолифат кунад, эътибор надорад. Бинобар ин конститутсия қонуни олӣ ба ҳисоб меравад. Сарқонун дар баробари бештар муаян намудани арзишҳои асосӣ ва сохтори давлатӣ дастовардҳои фарҳангиву сиёсии халқро низ инъикос мекунад. Агар ин ҳуҷҷат хуб тартиб дода шуда бошад, он метавонад барои ҳимояи давлат аз душманони дохилӣ ва берунӣ воситаи ҳаётан муҳим гардад.

## 1.1 Ман барои қабул кардани Сарқонун овоз надодаам. Агар Сарқонун ба мо маъқул набошад, оё метавонем онро тағйир диҳем?

Қабули конститутсия (Сарқонун) аз тарафи шаҳрвандон, ки дар аксар ҳолатҳо аз тарафи намояндагони онҳо ба тасвиб мерасад, раванди муҳими сиёсӣ аст. Хеле муҳим аст, ки мардум ҳуҷҷатеро, ки зиндагии онҳоро ба танзим медарорад, фаҳманд ва тасдиқ кунанд. Идеяи асосии тасдиқи конститусия исботи розигии одамон барои идора карда шудани онҳост, ба шарте, ки он дар зери асосҳои дар конститутсия баёншуда (ҳарчанд ки на ҳамаи одамон ба тамоми қисмҳои дар конститутсия баёншуда розианд) сурат гирад.

Вале ҷомеаҳои демократӣ гузаронидани интихоботи озод ва кушодро иҷозат медиҳанд ва ин маънои онро дорад, ки барои инъикоси талаботи имрӯзаи ҷомеа дар конститутсия ворид кардани тағирот имконпазир аст. Инро ба воситаи парламент ва ё овоздиҳии умумхалқӣ (референдум) ҳам амалӣ намудан мумкин аст.

Беш аз чор се ҳиссаи конститутсияи мамлакатҳои ҷаҳон баъди бори аввал қабул гардидан, пурра аз нав навишта шудаанд. Бо мақсади он ки дар як муддати кӯтоҳ ва ё фақат барои гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандон тағирот ба конститутсия ворид карда нашавад, муқарраротиони ҳамин тавр навишта шудааст, ки дигаргун карданашон мушкил аст. Вале мавриди тағир қарор додани конститутсия шарти муҳим аст. Мақсад ва арзишҳои ҳама гуна давлат бо мурури замон монанди қонунҳо тағир меёбанд. Баъзе тағироти конститутсия ҷузъӣ буда, қисми дигарашон ба куллӣ дигар намудани низоми сиёсиро дар бар мегиранд. Чунин вазъият дар кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омада буд.

Баъзе кишварҳо ба тағири Сарқонун иҷозат намедиҳанд. Вале барои тағири Сарқонун дар бештари кишварҳо ин роҳҳо истифода мешаванд:

а) онҳое, ки ба даровардани тағирот тавассути овоздиҳии умумихалқӣ иҷозат медиҳанд;

б) онҳое, ки даровардани тағйиротро ба таъхир мегузоранд;

в) онҳое, ки қарори дуюми тағироти пешниҳодшударо талаб мекунанд;

г) онҳое, ки даровардани тағиротро танҳо дар асоси пешниҳоди мутахассисони варзида (масалан дар парламент) талаб мекунанд;

д) онҳое, ки тасдиқи тағироти аз ҷониби ҳукуматҳои минтақавӣ пешниҳодшударо талаб мекунанд.



*Имзои Сарқонуни ИМА, 17-сентябри с. 1787*

Масалан, дар Австралия, ки аз воҳидҳои алоҳидаи маъмурие ташкил ёфтааст, тибқи конститутсия бояд аввал ҳокимияти

қонунбарор тағиротҳои ба он воридшавандаро омода созанд. Баъд аз он, овоздиҳии умумихалқӣ гузаронида мешавад ва ҳар як шаҳрванд мавқеъашро нисбат ба тағиротҳо муаян мекунад. Барои конститутсияро тағир додан зарур аст, ки аксарияти шаҳрвандони мамлакат ва бештари воҳидҳои маъмурӣ овоз диханд. (Ин маънои онро дорад, ки аз 6 воҳиди маъмурӣ бояд ҳадди ақал дар 4 воҳиди он аксарияти шаҳрвандон барои дохил кардани тағирот овоз диҳанд).

Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кӯҳантарин конститутсияи ҷаҳон аст, ки ба таври дастнавис таҳия гаштааст ва таърихи беш аз 200 сола дорад. То имрӯз ба ин конститутсия 27 тағирот ворид карда шудааст. Байни тағиротҳои асосии конститутсияи Амрикоислоҳи васеъ кардани озодиҳои шаҳрвандон, дақиқтараш иҷозати ҳуқуқи овоздиҳӣ ба сиёҳпӯстон ва баъдтар ба занон қабул шудааст.

## 1.2 Унсурҳои конститутсияи навишташуда

Моддаҳои конститутсияи навишташуда аз фаслҳои зерин иборат аст:

а) хусусияти давлат;
б) ҳуқуқҳои шахс;
в) ваколатҳои давлат;
г) раванди тағир додани конститутсия.

Конститутсияҳо бо қонуну қоидаҳои аз тарафи ҳокимияти давлатӣ таъиншуда, усулҳои тақсимоти ваколати онҳо ва масъулиятнокӣ, инчунин муносибати байни ин қонуну қоидаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Одатан, моддаҳои аввали конститутсия низоми кишвар, ягона, федеративӣ, дунявӣ будан ва ё набудани давлатро муаян мекунад. Давлати дунявӣ чунин низомест, ки дар он ҳеҷ гурӯҳи мазҳабӣ дорои ҳокимияти давлатӣ нест.

Ғайр аз ин, конститутсия, одатан, муносибати байни давлат ва шахсро тавассути номгӯи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ба танзим медарорад. Мутаассифона, ҳарчанд ки бисёрии кишварҳои рӯи дунё конститутсияи худро дошта бошанд ҳам, вале дар амал баъзеи ин кишварҳо ҳуқуқи башар ва ё дигар ҳуқуқҳои шаҳрвандонашонро ҳимоя намекунанд ва ё баръакс баъзеи ин кишварҳо худ ҳуқуқҳои шаҳрвандонро помол мекунанд.

Ҳангоми тайёр кардани конститутсия таҳиягарон бояд ҳуқуқҳои шахс ва ваколатҳои ҳукумати давлатиро дар мувозина нигоҳ доранд. Онҳо, инчунин, бояд ҳимояи ҳуқуқи ақалият (масалан, гурӯҳи начандон калони нажодӣ)-ро ба инобат гиранд. Инчунин, ба он роҳ додан лозим нест, ки ақаллият аз болои аксарияти аҳолӣ ҳукмравоӣ кунад.



Аломати ИМА

Муаян кардани ваколатҳои асосии давлат фасли дигари конститутсия мебошад. Ин чо одатан дар тақсимоти ҳокимияти давлатӣ се шохаро истифода мебаранд:

1. Ҳокимияти иҷроия (ваколати ҳокимият дар коркард ва қабули қарор мувофиқи қонунҳои кишвар. Мақомоте, ки чунин ваколатҳоро дорад, идораи иҷроия номида мешавад. Идораи иҷроия дар бисёр мамлакатҳо Раиси Ҷумҳур ва девони вазирон мебошанд).
2. Ҳокимияти қонунбарор (ҳуқуқ доштан ба таҳия ва қабули қонунҳо ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқии низоми мамлакат). Мақомоте, ки чунин ҳуқуқро дар даст дорад, онро идораи қонунбарор меноманд.

[1] *Дар ин боб маводҳо аз китоби "Конститутсияҳои хурд ва бузурги ҷаҳон." – Лейн Ян-Эрик. Конститутсияҳо ва назарияи сиёсӣ. Манчестер, Ню-Йорк, Манчестер Юниверсити Пресс, соли 1996, саҳ. 110-135*

3. Ҳокимияти додгоҳӣ (ҷиноят содир кардан ва ё накардани шахси айбдоршударо муаян намуда, дар мавриди гунаҳкор буданаш навъи ҷазоро дар асоси қонун муқаррар месозад).

Моддаҳои конститутсия асосан тавре навишта мешаванд, ки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ баробар бошанд ва як шохаи идораи ҳокимият ба шохаи дигари он набояд фармон диҳад.

Дар охир, одатан, қоидаҳо дар мавриди ворид сохтани тағйирот ба конститутсия оварда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо ин қоидаҳо конститутсияро аз тағйиротҳои фаврие, ки ҷараёни тӯлонӣ, иштироки одамони бисёр ва розигии идораҳои зиёдро талаб менамоянд, муҳофизат мекунанд.

Агар конститутсия ҳамчун шартномаи хаттӣ ба идора кардани халқ розигӣ диҳад, дар ин сурат дар коркард, тафсир ва амалигардонии қоидаҳои он бояд одамони зиёде ширкат варзанд. Аз ҷумла:

а) шаҳрвандон;
б) намояндагони халқ дар парламент (ҳокимияти қонунбарор);
в) аъзои ҳукумат;
г) роҳбари давлат (ҳокимияти иҷроия);
ғ) додрасҳо (ҳокимияти додгоҳӣ)

## 1.3 Дар давлатҳои авторитарӣ конститутсияро чӣ тавр истифода мебаранд?



Асосан давлатҳо ба ду навъ ҷудо мешаванд:

1. Давлатҳое, ки дар онҳо шаҳрвандон розигии худро барои идора кардан медиҳанд (инҳо давлатҳои демократӣ мебошанд).
2. Давлатҳое, ки онҳоро гурӯҳҳои алоҳида бе розигии идорашавандагон роҳбарӣ мекунанд.

Давлатҳои авторитарӣ, одатан, конститутсия доранд. Конститутсияи ин гуна давлатҳо ба таври кушоду равшан баъзе ҳуқуқҳои одамонро ба инобат намегирад, масалан, ҳуқуқи интихоб намудани роҳбарият аз рӯи конститутсия. Ба чунин вазъият дар давлатҳои монархие вохӯрдан мумкин аст, ки низоми яккаҳизбӣ доранд ва ё ягон гурӯҳи динӣ давлатро идора мекунанд.

Баъзан давлатҳои авторитарӣ метавонанд конститутсияе дошта бошанд, ки мутобиқи он бояд ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳимоя карда шаванд, вале дар ҳаёти ҳаррӯза он ҳуқуқҳо одатан ба инобат гирифта намешавад. Конститутсия барои соҳиб шудан ба боварии ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул карда мешавад, зеро аз ҷониби давлатҳои ҷаҳон чунин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар қабул шудааст. Конститутсия асосан бартарии гурӯҳи идоракунандаро қонунӣ мегардонад ва иҷозат намедиҳад, ки дигарон муқобили он эътироз кунанд. Конститутсияҳои гуногун дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (1936 ва 1977) ва Чин (1954 ва 1982) ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро ба таври ҷиддӣ аз ҷиҳати қонунӣ, озодии ақидаи сиёсӣ ва дахолатнопазирии зиндагии шахсиро ба эътибор мегирифтанд. Аммо, ҳамзамон, дар онҳо моддаи алоҳида дар бораи нақши роҳбарикунандаи ҳизби коммунистӣ ҷой дошт. Ин конститутсияҳо, ҳарчанд, зоҳиран ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ нигаронида шуда бошанд ҳам, дар асл ин ҳуқуқҳо ҳамон вақт амал мекарданд, ки агар онҳо ба манфиатҳои давлат ва ҳизб мухолиф набошанд.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки ҳеҷ гуна давлат хоҳ демократӣ бошад хоҳ ғайридемократӣ, он пурра мутобиқи ҳуҷҷатҳои навиштаи худ наметавонад амал кунад. Расму оинҳо дар ҳар як давлати ҷаҳон нақши асосиро иҷро мекунанд. Ин, махсусан, ба мамлакатҳои демократие тааллуқ дорад, ки агар конститутсияи онҳо собиқаи кӯҳна дошта бошад. Бинобар ин баъзе моддаҳои конститутсияи ин гуна давлатҳо ба талаботи замони ҳозира ҷавобгӯ нестанд. Бо вуҷуди ин, давлатҳое, ки конститутсияи худро ба наздикӣ қабул кардаанду ҳуқуқҳои инсон дар онҳо ба таври дақиқ дарҷ шуда бошанд ҳам, вале азбаски давлат пайваста ба қонунҳои худ эътибор намедиҳад, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба конститутсия бовар намекунад.

Азбаски ҳуқуқҳои асосии инсон дар тӯли солҳо тағйир наёфтаанд ва ҳимояи ин ҳуқуқҳо низ боқӣ мондаанд, бинобар ин, конститутсия ва роҳҳои татбиқи он набояд мувофиқи хоҳишҳои роҳбарони ҳозира дигаргун карда шаванд.

## 2.0 Татбиқи бартарии қонун



Дар мамлакатҳое, ки бартарии қонун амал мекунад, бештар оромӣ мушоҳида мешавад, зеро ҳукмронии ҳуқуқҳо боиси тақсими тартиби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мегардад ва қоидаҳои умумӣ, кушоду равшан, беғараз ва барои ҳама қобили қабул буда, пеши роҳи худсарии роҳбарон ва мардумро мегиранд.

Ғайр аз низоми тартиботи муқаррарӣ бартарии қонун, махсусан дар демократияи кишварҳои

Ғарб бо таври ниҳоӣ бо масъалаҳои озодии шахс, моликияти хусусӣ ва бозори озод алоқаманд аст. Тавре ки падари маънавии Инқилоби Амрико Ҷон Лок қайд карда буд: «Мақсади қонун барҳам додан ё манъ кардани озодӣ набуда, балки нигоҳ доштан ва васеъ кардани он мебошад. Дар ҷое, ки қонун нест, дар он ҷо озодӣ нест». Бартарии қонун ҳатто фаъолияти ходимони давлатиро маҳдуд намуда, озодиро аз худсарона идора кардани давлатро ғайримумкин месозад.

Дар таърихи инсоният халқҳои гуногун бо роҳҳои мухталиф бунёд ва мустаҳкам кардани бартарии қонунро дар заминаҳои гуногун ҷустуҷӯ карданд. Се усули умумӣ ва заминаҳои ба он наздикшавиро метавон ҷудо кард: динӣ, ҳуқуқи умумӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ (ҳарчанд байни онҳо тағироти ҷузъӣ мавҷуданд).

## 2.1 Анъанаҳои ҳуқуқии динӣ


Қуръон

Аз давраҳои қадим, халқҳо қонунҳои ҷомеаро дар асоси бартариву афзалиятҳои расму оинҳои динӣ (бе фарқгузорӣ дар байни онҳо) таҳия менамуданд. Онҳо анъанаҳои қонуни диниро на ҳамчун ҳукмронии инсон, балки чун ҳуқуқҳои амалкунандаи ҳукмрон (қонунҳои худо) маънидод мекарданд. Мутаассифона, на ҳама вақт чунин аст, зеро идоракунанда бештар тафсиркунандаи қонунҳо ба шумор меравад. Новобаста аз ақидаи қонуни олӣ, он хоҳ дар асоси дин ва хоҳ дар асоси ақл бунёд ёфтааст, огози ҳукмронии ҳуқуқ ба шумор меравад.

Мисолҳои анъанаҳои ҳуқуқи қонунияро, ки дар асоси эътиқоди динӣ ташкил ёфтаанд, дар Мисри қадим, Ҳиндустон, Аврупои асри миёна ва аксарияти мамлакатҳои исломӣ пайдо кардан мумкин аст. Имрӯз дар аксарияти халқҳо, ҳатто дар давлатҳои дунявӣ низ низомҳои ҳуқуқӣ баъзе нишонаҳои таърихии диниро нигоҳ доштаанд.

Ҳуқуқҳои анъанавии исломӣ ё шариат дар ҷаҳони мусулмонӣ омили ҳукмрон ба шумор меравад. Дар баъзе мамлакатҳо, ба монанди Эрон он мақоми расмӣ дорад. Дар дигар мамлакатҳо Шариат дар якҷоягӣ бо низоми қонунии дунявӣ вуҷуд дорад ва асосан муносибатҳоро дар чунин чабҳаҳо, ба мисли ҳуқуқҳои шахсӣ ва оилавӣ нигоҳ дошта бошад ҳам, вале нуфузи он аз болои ҳуқуқи тиҷорат ва ҷиноӣ камтар аст. Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳуқуқи исломӣ дар анъана ва оинҳо инъикос меёбад, вале он ҷузъи низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад. Ин тафовутҳо қисман бо таърихи сиёсии ин мамлакатҳо ва инчунин, ба мавҷуд будани мероси ҳуқуқии системаи Иттиҳоди Шӯравии собиқ, ки пештар аз Русияи шоҳӣ ва Урупои Ғарбӣ гирифта шудааст вобастаанд.

Ҳуқуқҳои аввалини дар ҷаҳони насронӣ низ асоси динӣ доштанд, вале онҳо дар навбати худ бисёр чизҳоро аз ҳуқуқи римии дунявӣ, ки дар империяи Рим таҳия шудааст, иқтибос карданд. Мубориза, ки дар байни калисо ва ҳукумат шурӯъ шуда буд, дар шохаҳои чароёни насронии шарқӣ ва ғарбӣ шаклҳои гуногунро гирифтанд. Ҳамин тавр, дар шарқ император патриархи Константинополро таъин мекард ва қудрати кам кардан ё аз ваколатҳояш озод карданро дошт. Ба ин восита афзалияти давлатро аз болои калисо, ки то ҳол идома дорад, нишон медод.

Дар Ғарб баръакс, мубориза байни калисо ва давлат садсолаҳо давом мекард ва он охиста-охиста ба тақсимшавии ҳокимият байни папаи Рим ва шоҳ оварда расонд. Ин низом баробари пайдошавии шаҳрҳои тиҷоратӣ дар Аврупо, ислоҳоти протестантӣ, зиёдшавии таваҷҷӯҳ ба шахсият ва ба мушаххас намудани ақидаҳо дар бораи бартарии қонун мусоидат намуд. Аз ин рӯ, ин равиш бо ду роҳ – иникшофи умумианъанавии ҳуқуқ дар Англия (баъдтар дар мамлакатҳои англисзабон) ва аз рӯи анъанаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар мамлакатҳои Аврупо пеш рафт.

**Фарқият дар анъанаҳои ҳуқуқҳои исломӣ**

Дар анъанаҳои ҳуқуқҳои исломӣ чунин тафовутҳо мавҷуданд. Баъзе аз онҳо зарур мешуморанд, ки доварҳо аз далелҳои худ – «фиқҳҳо» – барои ҳалли масъалаҳои муайяни шариат ҳангоми баррасии парванда истифода бурда метавонанд. Вале «аҳлул-ҳадисҳо», чунин шарҳ додани муносибатро қабул надоранд ва чунин мешуморанд, ки судҳо бояд аз Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбар Муҳаммад истифода баранд.

Баъзе дигарон чунин мешуморанд, ки таҷрибаҳои қаблиро низ ба инобат гирифтан мумкин аст, вале доварҳо ҳуқуқ надоранд, ки худашон қонунҳоро тафсир намоянд.

## 2.2 Анъанаҳои ҳуқуқи умумӣ

Ҳуқуқҳои умумӣ аз тарафи додрасҳо мураттаб шуда, барои ҳалли масъалаҳои баҳснок садсолаҳо инкишоф ёфтаанд. Ҳангоми ҳалли чунин низоъҳо додрасҳо аз ахлоқ, шуур ва ақли солим, ки дар асоси низоми дуруст ё нодуруст, инчунин таҷриба ё расму оин бармеояд, истифода намудаанд. Масалан, додрас метавонад:

- далелҳои тарафайнро оид ба масъала шунавад;
- аз рӯи қалом қонуни баррасӣ гаштани парвандаро муайян намояд;
- тасмим гирад, ки оё истифодаи он қонунҳо дар ҳамин ҳолат одилона аст ё не.

Дар гузашта ҳангоми рух додани ҳолатҳои шабеҳ қарорҳои ба ҳам монанде ба вуҷуд омадаанд, ки

онҳоро дар шакли қоидаҳо шарҳ додан мумкин аст ва ин қоидаҳо ҳукми қонунӣ гирифтаанд, зеро чунин қазоваткунӣ дар таҷрибаи бисёр додрасҳо такрор ба такрор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

## 2.3 Анъанаҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ

На дар Фаронса ва на дар дигар мамлакатҳои минтақа, аз ҷумла Руссия ҳеҷ анъанаи ҳуқуқие, дар ҷорӣ сохтани низоми бартарии қонун, ба мисли анъанаҳои ҳуқуқии англисӣ мавҷуд набуд. Пас аз пошхӯрии империяи Рим қонуне, ки дар Аврупо пайдо шуд, ин омезиши ҳуқуқи римӣ бо дигар қонунҳо буд. Ба ҷои интизор шудани парвандаи навбатӣ ва баъд ба ҳодисаҳои қаблӣ такя кардан, анъанаҳои қонуни шаҳрвандӣ то барпо гаштани мурофиаи додгоҳӣ кӯшиши бошууронаи танзими фаъолияти одамонро инъикос менамуданд.

Муаян намудани тафовути асосӣ байни низомҳо вазифаи додгоҳ аст. Дар низоми қонуни умумӣ додрасҳо имконияти зиёд доранд, ки парвандаҳои ҳуқуқиро мувофиқи хоҳиши худ ҳал намоянд. Қарори онҳо асос ва сарчашмаи қонун мегардад. Ин маънои онро надорад, ки дар додгоҳҳои зинаи поёнӣ, додрасҳо қонунҳои худро таҳия намоянд, зеро қарори онҳо бояд ба қарорҳои қаблӣ такя кунад.

Баръакси ин, додрасҳо дар додгоҳи ҳуқуқи шаҳрвандӣ камтар салоҳият доранд, зеро ҳукми онҳо танҳо ба шахсони муаян дахл дорад, ки дар парванда иштирок доранд ва қарорҳои онҳо ба парвандаҳои оянда ҳеҷ гуна таъсире нахоҳад дошт.

## 3.0 Системаи мусобиқаӣ ва тафтишотӣ

Дар ҷараёни тафтиши додгоҳии парвандаҳо низ фарқ вуҷуд дорад. Дар додгоҳҳои ҳуқуқҳои маъмулӣ мо дар бораи мусобиқаӣ будани раванд сӯҳбат мекунем, зеро ду ҳуқуқшинос, ки ду тарафи ба ҳам муқобилро (яке аз ин тарафҳо дар мавриди парвандаҳои ҷиноӣ давлат мебошад) намояндагӣ мекунанд, бо якдигар баҳс намуда, ҳақ будани муваккили (клиенти) худро нишон медиҳанд. Ҳуқуқшиносон масъули ҷамъовари далелҳо мебошанд. Нақши додрасҳо ва ё вакилони маҳкамаи додгоҳӣ аз он иборат аст, ки ҳақиқат ва далелҳои қонуниро маълум созанд ва муаян намоянд, ки кадом қонунҳоро бояд истифода баранд. (Вакилони маҳкамаи додгоҳӣ - гурӯҳи шаҳрвандоне ҳастанд, ки аз рӯи усули (принсипи) тасодуфӣ интихоб гардида, дар бораи гунаҳкор будан ё набудани айбдоршаванда тасмим мегиранд, додрас бошад ба он назорат мекунад, ки тартибу қоидаҳои додгоҳӣ дуруст риоя гарданд ва агар айбдоршаванда гунаҳкор дониста шавад, навъи ҷазоро муаян месозад).

Дар додгоҳҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ на ҳамеша, вале ба таври маъмулӣ системаи таҳқиқоти "инквизиторӣ" истифода мешавад, ки ба воситаи бозпурсӣ майян карда мешавад, ки оё далелҳои лозим барои вайрон сохтани қонун аз тарафи айбдоршаванда вуҷуд дорад ё не. Дар сурати кофӣ будани далел додрас дар бораи айбдоршаванда тибқи қонун ҳукм содир менамояд. (Дар амал далелҳоро барои додрас додситон (прокурор) ҷамъ мекунад). Нақши ҳимоятгар (адвокат) дар ин маврид камтар аст, зеро вай барои ҷамъовари далел масъул нест.

Фарқи дигари кори додгоҳҳо аз мавҷуд будан ё набудани эҳтимоли гунаҳкор набудан (презумпция) иборат аст. Ин он маъноро дорад, ки баъд аз айбдорсозӣ додгоҳ бо таваҷҷӯҳ ба эҳтимоли гунаҳкор будан ё набудани шахс амал мекунад. Дар бештари кишварҳо вазифаи тарафи айбдоркунанда (прокурор) исботи гуноҳи шахс ба воситаи далел аст, вале дар баъзе кишварҳои дигар айбдоршаванда то замоне, ки ҳимоятгараш (адвокаташ) бегуноҳии вайро исбот накунад, айбдор дониста мешавад.

---

### Машғулият баъд аз хониши матн

#### Супориши 02. Манбаъҳо

Дунафарӣ саволи зеринро муҳокима кунед:

*«Вақте кӯшиш мекунем, ки барои ҷомеаи худ қоидаҳо таҳия намоем, аз куҷо бояд маслиҳат ё дастур пайдо кунем?»*

#### Супориши 03. Бартарии қонун ё ҳукмронии шахсият

Бо шарикатон мулоҳизаҳои дар поён бударо аз назар гузаронед ва хулоса бароред, ки бартарии қонун ё ҳукмронии шахсият чиро мефаҳмонад. Мулоҳизаи якум ҳамчун намуна иҷро карда шудааст.

| | Мулоҳизаҳо | Қонун | Инсон |
|---|---|---|---|
| 1. | Аксарияти мамлакатҳои иқтисодиёти устувордошта ва мутараққӣ ин низомро риоя мекунанд. | ✓ | |
| 2. | Қарорҳо дар асоси ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳокимон қабул мешаванд. | | |
| 3. | Қонунҳо ба воситаи овоздиҳии аксарият дар парламент тартиб ва тағир дода мешаванд. | | |
| 4. | Барои мансабдорон шарҳи қонунҳо ба фоидаи онҳое, ки ҳокимият надоранд, ҳодисаи ғайримуқаррарӣ аст. | | |
| 5. | Ин тарзи қабули қарор дар он ҷойҳое сурат мегирад, ки он ҷо тақсимоти ҳокимият нест. | | |
| 6. | Қонунҳоро метавонанд ба осонӣ ба фоидаи шахсоне, ки онҳоро тахия мекунанд, қабул кунанд ё тағир диҳанд. | | |
| 7. | Дар ин низом ҳамаи одамон баробаранд ва қонун низ барои ҳама як хел аст. | | |
| 8. | Қонунро мувофиқи хоҳиши мансабдорон шарҳ медиҳанд. | | |
| 9. | Қарорҳо мутобиқи қонунҳо қабул мешаванд. | | |
| 10. | Қонунҳоро тез қабул карда ва ё тағир дода метавонанд. | | |
| 11. | Қонунҳоро мунтазам нодуруст шарҳ медиҳанд. | | |
| 12. | Қонунҳо ҳамон вақт татбиқ мешаванд, ки агар мухолифи ҳамдигар набошанд. | | |
| 13. | Баъди қабули қарорҳо дар бораи қонунҳо онҳо бояд эътироф карда шаванд. | | |
| 14. | Бо иваз шудани мансабдорон, қонунҳо тағир намеёбанд. | | |

### Супориши 04. Шумо чӣ фикр доред?

Дунафарӣ саволи зеринро муҳокима кунед: «Ба фикри шумо, барои чӣ бартарии қонун нисбат ба ҳукмронии шахсӣ бартарӣ дорад?»

### Супориши 05. Қонунҳо барои чӣ лозиманд?

Ба рӯйхати дар поён буда нигаред. Дар ин ҷо сабабҳои зарурияти қонунҳо оварда шудаанд. Дар ин ҷадвал сабабҳо бо шарҳашон мувофиқат намекунанд. Онҳоро мувофиқ кунонед.

| Асос барои қабули қонун | Шарҳу эзоҳ |
|---|---|
| 1. Меъёрҳои ахлоқӣ | а) Ҳимояи ҳуқуқҳои инсон. |
| 2. Расму оин | б) Гурӯҳи алоҳидаи одамон мақоми махсусро аз худ мекунанд. |
| 3. Эътиқоди динӣ | в) Ба таври расмӣ эътироф кардани тарзи рафтори одамоне, ки дар мӯҳлати дароз ҳамчун гурӯҳ амал мекарданд. |
| 4. Озодии шахсӣ | г) Эътироф кардани кори дуруст ва нодуруст. |
| 5. Ҷомеаи мӯътадил | д) Таъмин намудани некӯаҳволии одамон аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ақлӣ, молиявӣ ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои ба якдигар шеновар. |
| 6. Имтиёз | е) Нисбат ба таълимоти динӣ ва фалсафӣ боэътимод будан. |
| 7. Ҳифз | ж) Пешбурди ҷомеае, ки дар он одамон ахлоқи ҳамида доранд ва баҳсҳо бо роҳи осоишта ҳал мешаванд. |

### Супориши 06. Онҳо барои чӣ лозиманд?

Ба гурӯҳҳои се-чорнафарӣ ҷудо шуда, ақидаи худро дар бораи мақсадҳои конститутсия баён кунед.

### Супориши 07. Мо чӣ тавр ба Сарқонун баҳо медиҳем?

Дар гурӯҳҳои се-чорнафарӣ муҳокима кунед ва тавсияҳоятонро барои навиштани конститутсияи хуб пешниҳод намоед. Намунаи мисолҳо дар поён оварда шудаанд:

- Конститутсия бояд аз тарафи одамон тасдиқ шавад.
- Конститутсия бояд ҳокимиятро тақсим намояд ва дар мувозинат нигоҳ дорад.

## Супориши 08. Урфу одатҳо, анъанаҳо, қонунҳо ва дигар қоидаҳои рафтор

1. Ҳамроҳи шарикатон нақли зеринро хонед.

> Пӯлод ва Гулнор дар деҳаи аз шаҳр дур зиндагӣ мекунанд. Онҳо духтаре доранд, ки номи вай Ойнура мебошад. Онҳо ният карданд, ки вайро то 22 солагиаш шавҳар диҳанд. Волидон дар бораи ҷавоне ба Ойнура мегӯянд, вале вай мегӯяд, ки ҳоло намехоҳад дар бораи издивоҷ фикр кунад, зеро аввал мехоҳад хондаашро тамом кунад. Баъд аз чанд моҳ онҳо дубора дар ин бора, аммо дар бораи ҷавони дигар гап мезананд, вале вай боз ҳам мухолифати ин мавзӯъро рад мекунад. Билохира ба вай фишори зиёд меоранд, то ки ба номзади сеюм ба шавҳар барояд. Ин кор боиси ҷанҷоли калон байни Ойнура ва волидонаш мешавад ва вай мегӯяд, ки ба зӯрӣ ба шавҳар додани вай ғайриқонунист. Дар ҷавоб волидон мегӯянд, ки вай бо ин рафтораш анъанаро вайрон мекунад.

2. Саволи зеринро хонед ва ақидаи бароятон наздикро интихоб намоед.

***Вақте, ки қонун ва анъанаҳои кишвари мо бо ҳам мухолифат доранд, чӣ бояд кард?***

***Асел:*** *Баъзан чунин мешавад, ки мо ҳатто намедонем чӣ гуна қонунҳо вуҷуд доранд. Бинобар ин ман фикр мекунам, ки урфу одатҳои маҳаллӣ нисбат ба қонунҳои давлатӣ муҳимтаранд. Зеро урфу одатҳо ба зиндагии рӯзмарраи мо таъсир мегузоранд. Дар мисоли боло волидон бояд ба мақсади худашон расанд ва вайро маҷбур намоянд, ки ба шавҳар барояд. Агар одамон натавонанд ба урфу одатҳояшон пайравӣ намоянд, пас ба қаҳру ғазаб омада, умуман ҳеҷ гуна қонунро риоя намекунанд.*

***Александр:*** *Ман розӣ нестам. Агар ҳар авлод муайян намояд, ки чӣ дуруст асту чӣ нодуруст, ин кор боиси ҳарҷу марҷ мешавад. Масалан, тасаввур кунед, ки дар ин ҳолат додрас чӣ кор мекунад. Зани як маҳал ба марди маҳалли дигар ба шавҳар мебарояд. Баъд аз ду сол шавҳараш мехоҳад зани дуввум гирад. Хешовандони занаш бо ин розӣ намешаванд, зеро ин бо урфу одатҳои онҳо мухолиф аст. Дар натиҷа ҷанҷол сурат мегирад ва бароии лату кӯби мард милиса хешовандони ҳамсаршро ҳабс менамояд. Дар ин ҳолат як урфу одат бо урфу одати дигар бархӯрд мекунад, дар қонун бошад ҳама чиз дақиқ карда шудааст. Ин фикр мекунам, ки мо бояд урфу одатҳои қабилавиамонро фаромӯш намоем ва танҳо ба қонун пайравӣ кунем.*

***Карим:*** *Мо метавонем қонуне дошта бошем, ки бар асоси он дар сурати халалдор шудани манфиатҳои мардуми як маҳал, ба урфу одатҳо бартарӣ дода шавад.*

***Одил:*** *Бале, вале мисоли маро гиред. Модари ман аз Ош аст ва падарам аз Норин! Ман фикр мекунам, ки дар ин ҷо роҳи осон вуҷуд надорад, зеро урфу одатҳо ҳамеша боиси ба миён омадани мушкилот мегарданд. Ба ҷуз ин маро он чиз ба ташвиш овардааст, ки истифода аз урфу одат ва анъанаҳо ба одамоне, ки дар он манфиатдор ҳастанд, қудрати аз ҳад зиёд медиҳад. Мо бояд қабул намоем, ки дар масъалаҳои ҷиддӣ қарор бояд дар додгоҳ аз ба воситаи одамони бетараф қабул карда шавад.*

***Бермет:*** *Ман фикр мекунам, ки бояд роҳи созиш пайдо карда шавад. Фикр мекунам одамон бояд розӣ шаванд, ки дар мавриди ҷинояткориҳои ҷиддӣ, мисли куштор, ҳамеша қонун истифода гардад. Вале дар мавриди вайронсозиҳои хурд додрас бояд ба урфу одатҳо муроҷиат намуда, байни онҳо ва қонунҳои давлатӣ созиш пайдо кунад. Ба назари ман масъала ин нест, ки кадом як амал ҷиноят ҳисоб шуда метавонад ё не. Масъала ин аст, ки ҷиноят то чӣ ҳад ҷиддист ва чӣ гуна ҷазо бояд дода шавад. Дар баъзе кишварҳо дар мавридҳои алоҳида дар бораи вайронкориҳои начандон калон додгоҳ қарор қабул менамояд, вале ҳукми ҷамоат ҷазо медиҳад. Масалан, ҷои кори маҷбуриро муайян мекунад.*

***Санҷар:*** *Ман розӣ нестам. Агар мо хоҳем, ки одамон қонунро эҳтиром намоянд, мо бояд ба таври муратгаб аз онҳо истифода намоем. Дар ғайри он ин кор ба фикру ақидаи одамон дар мавриди ҳамаи қонунҳо таъсир мерасонад. Агар бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки қонун нодуруст аст, пас бояд равандҳи қонунӣ (ба воситаи маҷлис) истифода шавад, то ки вайро дубора баррасӣ намоянд ва дар сурати зарурат тағйир диҳанд. Ин кор вақт мехоҳад ва шояд натиҷае ба даст меояд, ки чандон мунтазираш*

*набуданд. Албатта аз набудани қонунҳо дида, бехтар он аст, ки харчанд конунхо хеле одилона хам набошанд, вучуд дошта бошанд, зеро тағир додани онхо имконпазир аст.*

## Супориши 09. Нуқтаи назари ақалият

Бо ҳамсинфатон тасаввур кунед, ки шумо намояндаи Қирғизистон дар Кумитаи Байналмилалии Олимпии мебошед. Пешниҳод шуд, ки давлати хурде бо номи Зифф аз бозиҳои ояндаи олимпӣ хориҷ карда шавад. Оид ба ин масъала дар ду давр овоздиҳӣ баргузор гашт. Баъд аз даври якум аксарият ба қароре меоянд, ки он давлатро аз бозиҳо хориҷ кунанд. Дар поён сабти муҳокимаи даври якум оварда шудааст.

**Дастурҳо:**

1. Суханрониҳоро хонед.
2. Якчанд мулоҳизаеро, ки қоидаҳоро шарҳ медиҳанд, аз назар гузаронед.
3. Хулоса намоед, ки баромадкунандагони 3 ва 4 кадом қоидаҳои дар поён зикршударо дар назар доранд.

**Баромадкунандаи якум:**

Дар низомномаи олимпиада омадааст, ки ҳамаи мамлакатхо дар мусобиқаҳо новобаста аз мансубияти нажодӣ, мазҳабӣ ва низоми сиёсиашон метавонанд ширкат намоянд. Бо вуҷуди ин, мо ба хориҷ намудани давлати Зифф овоз медиҳем. Мо барои ин корро кардан ҳуқуқ дорем, вале барои ин бояд далелҳои асоснок бошанд. Мо бояд фикр кунем, ки оқибатҳои он барои бозиҳои олимпии оянда чӣ хел таъсир мерасонад?

**Баромадкунандаи дуюм:**

Мо ваколатдорем давлатҳоеро, ки ба қоидаҳои ахлоқӣ риоя намекунанд аз бозӣ хориҷ намоем. Агар мо ин қудратро истифода карда натавонем, пас он ҳеҷ маъно надорад. Халқи Зифф ба ягон дине, ки иштирокчиёни давлатҳои бозиҳои олимпӣ эътиқод доранд, дохил намешаванд. Ба замми ин расму оин ва анъанаҳои онҳо барои мо қобили қабул нест. Онҳо демократӣ нестанд ва дар бозори ҷаҳонӣ маҳсулоташонро аз арзиши аслиаш пасттар мефурӯшанд. Онҳо бо мо ва мо низ бо онҳо дӯстӣ надорем. Дар ҳолати иҷозат додан барои иштирок дар бозиҳо, мо онҳоро табъи дилашон пазирой мекунем.

**Баромадкунандаи сеюм:**

Бале, ҳамаи гуфтаҳои шумо дурустанд. Ба таври ғайриқонунӣ фурӯхтани маҳсулоташон аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мамлакати мо таъсири бад мерасонад. Бо вуҷуди ин, агар қоидаҳои олимпӣ ягон қадру қиммат дошта бошанд, мо бояд онро риоя кунем. Қудрати хориҷ карданро, чӣ тавре ки дар қоидаҳо омадааст, дар он ҳолат метавон истифода бурд, ки агар давлат нисбат ба мардуми худ зулму ситамро раво бинад ва аъзои дастаи миллӣ аз рӯи лаёқат интихоб нашавад.

**Баромадкунандаи чорум:**

Ман меҳоҳам илова намоям, ки дар баробари салоҳияти хориҷкунии мамлакатҳо аз бозиҳои олимпӣ, мо инчунин бояд барои кори кардаамон ҳама баробар ҷавоб диҳем. Мо дақиқ намедонем, ки медали тилоро кӣ ва аз кадом мамлакат соҳиб мешавад. Бо манъ кардани мамлакат мо шояд ғолиби олимпиадаро хориҷ кунем. Бо ин рафторамон мо, инчунин, имконияти баланд бардоштани меъёрҳоро низ аз даст медиҳем.

**Қоидаҳо:**

1. Бартарии қонун болотар аз ҳукмронии шахсият.
2. Озодии мазҳаб.
3. Қарори аксарият на ҳама вақт хуб аст.
4. Ақалият бояд ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта бошад.
5. Ақалият ба ҳимояи аксарият ниёз дорад.
6. Ақалият метавонад ба аксарият чизеро пешниҳод кунад.

## Супориши 10. Кадом мақомот масъул аст?

Вазифаҳои дар поён овардашударо ба таври бояду шояд байни шохаҳои ҳокимияти иҷроия, қонунбарор ва додгоҳӣ тақсим кунед. Ба фикри шумо, шояд баъзе вазифаҳоро ду ё се мақомот иҷро кунанд. Агар чунин ҳолат бошад, пас ҷавоби худро шарҳ диҳед.

| Вазифаҳо | Ҳокимияти Иҷроия | Ҳокимияти Қонунгузор | Ҳокимияти Додгоҳӣ |
|---|---|---|---|
| 1. Интихоби додрасҳо барои таъин кардан. | | | |
| 2. Тасдиқи номзадии додрасҳо барои таъин кардан. | | | |
| 3. Хулоса баровардан дар мавриди он ки, оё шаҳрвандон қонунҳои мамлакатро вайрон мекунанд ё не. | | | |
| 4. Пешниҳоди қонунҳои нав. | | | |
| 5. Оё қонунҳои пешниҳодшуда эътибор пайдо мекунанд? | | | |
| 6. Чӣ тавр сарф кардани андозҳоро ҳал намудан. | | | |
| 7. Қонунҳои пешниҳодшударо таҳлил карда, хулоса намудан лозим аст, ки оё онҳо ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ки дар конститутсия омадааст, мувофиқат мекунанд. | | | |
| 8. Чӣ гуна ҷамъ овардани андозҳоро ҳал намудан. | | | |
| 9. Шахси расмиро аз кори ҳукумати иҷроя озод кардан. | | | |
| 10. Тасдиқи буҷет. | | | |
| 11. Эълон кардани ҷанг ба муқобили давлати дигар. | | | |
| 12. Намояндагони алоҳидаро ба таври муваққатӣ аз ҳокимияти қонунбарор озод кардан. | | | |
| 13. Таърихи гузаронидани интихоботро муаян намудан. | | | |

## Супориши 11. Таҳияи Сарқонун

Дар ин машқ мо бояд барои як гурӯҳи иборат аз 100 нафар, ки киштии онҳо дар ҷазираи беодам ба садама гирифтор шудааст, конститутсия нависем.

Пеш аз иҷрои машқ омӯзгор шуморо ба гурӯҳҳои хурд тақсим карда, сипас ба шумо дастур медиҳад. Тартиби навиштани конститутсия аз се марҳила иборат аст.

### Марҳилаи 1. Ғарқ шудани киштӣ

1) Ҳангоми сафар ба воситаи киштии мусофиркаш шумо ба тӯфон рӯ ба рӯ шудед. Киштӣ ғарқ шуд ва шумо бо ҳамроҳии 100 нафар ба ҷазираи беодам афтидед. Роҳи бозгашт ба хона нест. Гурӯҳи шуморо (аз рӯи интихоби муаллим) ҳамчун «роҳбар» ё намояндагон барои кор карда баромадани қонунҳо дар ҷазира ба хотири бо ҳам зистан интихоб намуданд. Баъди ғарқ шудани киштӣ ҳамагӣ якчанд асбоб (се корд, се бел ва як болға) ва каму беш ғизо (100 кило гандум ва 100 кило картошка) боқӣ мондааст.

2) Ҷазираро тасаввур кунед: он дар минтақаи субтропикӣ ҷойгир шудааст. Дар бораи чӣ хел будани ҷазира ва чӣ гуна будани он ба хаёлоти баланд рӯ оред (намуди зоҳирии иқлимӣ, наботот, ҳайвонот ва ҷиҳатҳои ҷуғрофии он). Фарз кардем, ки ҷазира аз роҳҳои баҳрӣ дар масофаи дур ҷойгир шудааст ва умеди наҷот додани шумо нест. Бо гурӯҳ хулоса намоед, ки он чӣ гуна ҷазира аст ва ба он ном гузоред.

3) Чӣ хел маҳорат доштани ҳар як узви гурӯҳро (100 нафар шаҳрванди оддӣ) муаян намуда, рӯйхат тартиб диҳед. (Шояд баъзеҳо деҳқониро медонанд, баъзеҳо не). Дар бораи чӣ гуна истифода бурдану тақсим кардани асбобҳо ва ғизои боқимонда қарор намоед. Ба чӣ қарор омаданатонро нависед.

4) Қоидахоеро муаян кунед, ки мувофиқи онҳо шумо дар ҷазира зиндагӣ хоҳед кард. Қоидаҳои аз ҳама асосӣ барои дар ин ҷазира зиндагӣ кардан кадомҳо бояд бошанд? Чаро ин қоидаҳо барои ба таври осоишта ва самаранок бо ҳам зиндагӣ кардан муҳиманд?

5) Саволҳои зеринро муҳокима кунед:

1. Барои қабули қарорҳо шумо кадом қоидаҳоро истифода мебаред?
2. Кӣ қудратро ба даст мегирад?
3. Он шахс ё шахсон чӣ гуна интихоб мешаванд?
4. Сокинони ҷазира кадом вазифа ва масъулиятҳоро доранд?
5. Низоъҳои дохилиро чӣ гуна бартараф мекунед?
6. Боз кадом ҳуқуқҳои муҳимро дохил кардан лозим аст?
7. Агар ягон кас қонунҳои шуморо вайрон кунад, чӣ мешавад?

Боварӣ ҳосил намоед, ки маҷмӯи қонунҳои таҳиянамудаи шумо тамоми ҷабҳаҳои муҳими барои фаъолияти ҷомеа мусоидро дар бар мегиранд.

6) Ба хуҷҷати тартибдодаатон, ки ба саволҳои мазкур ҷавоб медиҳанду иттилооти овардашударо дар бар

мегиранд, ном гузоред. Дар гурӯҳ нафареро интихоб кунед, ки ӯ созишномаи шуморо ба дигарон пешниҳод кунад.

**Марҳилаи 2. Баҳогузорӣ ба дигар гурӯҳҳо**

Акнун, ки шумо маҷмӯъи қонунҳоро тартиб додед, метавонед ба кори анҷомдодаи гурӯҳҳои дигар назар кунед.

Аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки ба ҳисоботи шифоҳии гурӯҳҳои дигар гӯш кунед ва ба кори онҳо баҳо диҳед. Саволҳои зеринро ба дафтаратон нависед. Ба гурӯҳҳо мувофиқи меъёри зерин баҳо гузоред (аз 0 то 5; 5- баҳои баландтарин аст).

1. Дар ҳолатҳои сар задани офатҳои табиӣ сокинони ҷазира чӣ имконот доранд?
   Ҷазираи № 1 ________ Ҷазираи № 3 ________ Ҷазираи № 5 ________
   Ҷазираи № 2 ________ Ҷазираи № 4 ________ Ҷазираи № 6 ________

2. Ҳаёти шахсии сокинон то чӣ андоза ҳимоя мешавад?
   Ҷазираи № 1 ________ Ҷазираи № 3 ________ Ҷазираи № 5 ________
   Ҷазираи № 2 ________ Ҷазираи № 4 ________ Ҷазираи № 6 ________

3. Тарзи зиндагӣ дар ҷазира бехатарии шахсии сокиновро то чӣ андоза таъмин мекунад?
   Ҷазираи № 1 ________ Ҷазираи № 3 ________ Ҷазираи № 5 ________
   Ҷазираи № 2 ________ Ҷазираи № 4 ________ Ҷазираи № 6 ________

4. Сокинони ҷазира то чӣ андоза ба қарорҳое, ки ба зиндагии онҳо дахл дорад, таъсир мерасонанд?
   Ҷазираи № 1 ________ Ҷазираи № 3 ________ Ҷазираи № 5 ________
   Ҷазираи № 2 ________ Ҷазираи № 4 ________ Ҷазираи № 6 ________

5. То кадом андоза сокинони ҷазира метавонанд мувофиқи хоҳишашон амал кунанд?
   Ҷазираи № 1 ________ Ҷазираи № 3 ________ Ҷазираи № 5 ________
   Ҷазираи № 2 ________ Ҷазираи № 4 ________ Ҷазираи № 6 ________

6. Қудрати роҳбарон то кадом андоза маҳдуд аст ва кӣ онҳоро назорат мекунад.
   Ҷазираи № 1 ________ Ҷазираи № 3 ________ Ҷазираи № 5 ________
   Ҷазираи № 2 ________ Ҷазираи № 4 ________ Ҷазираи № 6 ________

**Марҳилаи 3. Ҳалли масъала**

Тасаввур кунед, ки шумо дар вазъияти дар боло овардашуда қарор доред. Бо аъзои гурӯҳ роҳҳои ҳалли масъаларо кор карда бароед ва дар хотир гиред, ки шумо дар ҷазираи воқеӣ ҳастед ва касе ба шумо наметавонад ёрӣ расонад.

<u>Вазъияти 1</u>

Шахс (гурӯх)-и дар сари ҳокимият буда чунин қароре қабул кард: танҳо шахсоне ба вазифаҳои давлатӣ таъин мегарданд, ки агар аъзои иттиҳодияи «Ягона роҳи дуруст» бошанд. Барои ба ин иттиҳод узв шудан шахс бояд маблағи калони узвият дар шакли хӯрокворӣ супорад ва содиқ буданашро ба раиси иттиҳодия эълом дорад.

Одамоне, ки узви иттиҳодия нестанд, исбот карданӣ мешаванд, ки қарори мазкур хилофи ҳуқуқҳои дар конститутсияи ҷазираи онҳо муайяншуда мебошанд.

<u>Вазъияти 2</u>

Сохторҳое, ки бояд тартиботро дар ҷазира нигоҳ доранд, аз зиёдшавии сатҳи ҷинояткорӣ дар ташвишанд. Қароре қабул карданд, ки мувофиқи он одамони дар вайронкунии қонун гумонбаршударо ба мӯҳлати як сол ҳабс кунанд. Барои ҳабс кардан маълумоти пешниҳод кардани ҷабрдида ё шоҳидони ҷиноят кофист. Шарт нест, ки ба додгоҳ муроҷиат кунанд. Аз рӯи нуқтаи назари ҳукуматдорон аксуламали фаврӣ ва ҷазоҳои вазнин заминаҳои сулҳи ҷомеа ва тартибот мебошанд.

Баъзе шаҳрвандон бо низоми нав розӣ нестанд ва фикр мекунанд, ки ин низом ҳуқуқҳои асосии дар конститутсияи ҷазира омадаро поймол мекунанд.

**Супориши 12. Шумо чиро фаромӯш кардед?**

Дар гурӯҳе, ки тибқи супориши 11 Сарқонунро навиштед, кор карда, Сарқонуни худро бо Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон муқоиса намоед. 5 монандӣ ва 5 фарқиятро пайдо кунед.

# БОБИ 9

# Ташкили давлатдорӣ ва барқарории қонун дар Ҷумхурии Қирғизистон

**Машғулият пеш аз хондани матн:**

### Супориши 01. Калимаҳо ва таърифҳо

Дунафарӣ кор карда, калимаҳоеро интихоб намоед, ки бо ин таърифҳо мувофиканд.

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Мухторият<br>2. Фишору тазйиқ<br>3. Ҷиноят<br>4. Худкомагӣ (тоталитаризм)<br>5. Бюрократия<br>6. Эътилоф(коалиция) | а) Вайрон кардани қонун.<br>б) Роҳбарии идории давлат асосан ба воситаи бюроҳо ё шӯъбаҳо, ки таркиби он аз соҳибмансабони таъиншаванда иборат аст, на интихобшаванда.<br>в) Режими сиёсӣ, ки ба воситаи он давлат ҳама соҳаҳои ҳаётро комилан назорат менамояд.<br>г) Роҳ надодан ба амали сиёсии дигарон ба воситаи истифода аз чораҳои ҷазодиҳӣ.<br>д) Муттаҳидшавии ихтиёрии ду ташкилот ё зиёда аз он, масалан аҳзоби сиёсӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои муштарак.<br>е) Худидоракунӣ |

**Матн барои хониш**

Дар ин боб мавзуъҳои зерин баррасӣ мегардад:

- Ташкили давлатдории Қирғизистон
- Омодасозии Сарқонун
- Хусусиятҳои асосии Сарқонун
- Чӣ тавр бо кӯмаки системаи ҳуқуқӣ бояд бартарии қонун таъмин гардад

## 1.0 Ташкили давлатдории Қиргизистон

Ҳангоми кӯшиши муаян намудани замони пайдоиши ягон рӯйдод, мо бо ду масъала рӯ ба рӯ мешавем:

- чӣ гуна муаян намудани он, ки кадом амал гузариши одамон аз ҳаёти оддӣ ба ҳолати давлатдориро нишон медиҳад;
- масъалаи мавҷуд будани далелҳои чунин гузариш.

Бинобар ин ҳоло ба таври дақиқ муаян намудани ин, ки давлатдории қирғизҳо дар ҳақиқат кай оғоз гардидааст, мушкил мебошад


Кӯли Қирғиз Нур

Манбаъҳои чинӣ (хитоӣ) гувоҳӣ медиҳанд, ки тақрибан дар соли 200 то мелод қабилаҳои қирғиз, ки дар канори кӯли Қирғиз-Нур дар шимол - ғарби Муғулистон ва дар Тян-Шон зиндагӣ мекарданд, истиқлолияти муаян ба даст оварда, ҳокимии худро ташкил намуданд. Вале имрӯз

муайян намудани хусусият ва дараҷаи истиқлоли воқеии ин хоконӣ мушкил мебошад.

То асри 9 дар минтақаи дарёи Енисой, ки дар самти шимол ва хеле дур аз Қирғизистони имрӯзӣ мебошад, ба эҳтимоли зиёд давлати нисбатан мухтортари қирғизҳо ба миён омад. Дар он замон унсурҳои нисбатан муҳими системаи сиёсии қирғизҳо аз қабили ҳокимияти салтанатӣ (монархия) бар асоси қабилаӣ, дастгоҳи (аппарати) мансабдорон, системаи андозситонӣ, қушунҳои хуб таълимёфта ва ҳатто ҳайати (корпуси) дипломатӣ ташкил ёфтанд. Дертар байни асрҳои 12 ва 16 ин системаи каму беш мутараққӣ ва мутамаддини идоракунии давлатӣ ба Тян-Шон интиқол ёфт ва дар он ҷо ҳангоми ҳуҷуми Чингизхон аз байн рафт. Бо вуҷуди ин дар оянда қирғизҳо тавонистанд ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии худро барқарор намоянд.

Баъдҳо қабилаҳои қирғиз дар доираи нуфуз ва таъсири хонотҳи Бухоро ва Қӯқанд, Чин ва Руссия қарор гирифтанд, ки ин ҳама ваҳдати фарҳангӣ ва миллии қирғизҳоро таҳдид менамуд. Пешвоёне аз қабили Муҳаммал-қирғиз, Қубат-бий, Алымбек-додхоҳ ва шояд Ормон Ниёзбек-уулу (ё Ормон-хони (1790-1854)) нисбатан машҳур, зарурати андешидани чораҳои қатъӣ барои муттаҳидсозии халқро дарк менамуданд. Дар асри 19 Ормон-хон тавонист ба муддати кутоҳ (1842-1854) давлатдории қирғизҳоро эҳё созад, вале дере нагузашта бар асари задухӯрдҳои қабилаӣ аз байн рафт ва баъд аз марги вай орзуи давлатдорӣ барои замони дуру дароз аз ёд бурда шуд.

Пас аз мутеъ намудани аҳолии қирғиз аз тарафи хонии Қӯқанд, Қирғизистон ба қисме аз давлати мустабиди дорои ҳокимияти мутлақ табдил ёфт. Ашрофони нажоди қирғиз ворили муборизаи қудрат гардида дар хонияи Қӯқанд дохил шуданд. Баъзе намояндагони ашрофони қирғиз, масалан, Олимбек-додхоҳ тавонистанд вазифаҳои баланди давлатиро соҳиб шаванд. Аммо кӯшишҳои авлодони Олимбек-додхоҳ ва дигар бий-ҳои бонуфузи қирғиз барои муттаҳид намудани қирғизҳои шимолӣ ва ҷанубӣ ба натиҷае нарасид. То ҳадди зиёд ин кор ба оғози раванди пайвастани қабилаҳои қирғиз ба империя Рус вобаста буд. Дар шимол гурӯҳи калони қирғизҳо ба муқобили ҳукумати шоҳ, ки меҳост ҳукмронии худро барқарор




*Дар нақша кӯли Қирғиз Нур (Хиргис-Нур) ква қаламрави давлати қирғизҳо дар соҳили дарёи Енисой нишон дода шудааст.*

намоянд, қиём карда, аз ноумедӣ дар соли 1916 ба Чин муҳоҷират намуданд. Дар таърих ин муҳоҷират бо номи "Уркун" дохил гардидааст. Баъд аз соли 1917 кӯшишҳои ташкили Туркистони мустақил сурат гирифт, ки мақсад дошт тамоми қабилаҳо ва халқиятҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла баъзе зиёди масоҳатеро, ки имрӯз вилоятҳои ғарбии Чин-ноҳияҳои мухтори Синзиён-Уйғуристон номида мешавад, муттаҳид намоянд. Ба ин ҳаракат Анвар-Пошои турк роҳбарӣ мекард, ки дар соли 1921 аз тарафи артиши сурх, ки баъд аз инқилоб назорати худро дар ин минтақа таъмин менамуд, кушта шуд.

Дар солҳои 1921-1922, ҳангоме, ки Қиргизистон бахше аз Ҷумҳурии Шӯравии Сусиёлистии Федеративии Руссия (РСФСР) ва баъдан Иттиҳоди Шӯравӣ гардид, гурӯҳе аз ходимони ҳизби коммунисти Қиргизистон А. Сыдыков, Ю. Абдураҳмонов ва И. Арабоев кӯшиши ташкили Вилояти Кӯҳии Қиргизистонро намуданд. Усулан роҳбарияти Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Туркистон ин иддаоро дастгирӣ кард, вале анҷумане, ки дар он бояд бояд вилояти нави мухтор ташкил мешуд, дар моҳи июни соли 1922 аз тарафи Сталин барҳам дода шуд. (Сталин ба ҳеч кас боварӣ надошт ва ҳангоми роҳбарии хеш дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ даҳҳо миллион нафарро ба коми марг супурд. Инак далелҳои мӯътамад вуҷуд дорад, ки шумораи зиёди роҳбарони ватанпарасти қиргиз ба қатл расонда шудаанд).

Набояд чунин ҳисоб кард, ки дар ин давра ҳама қиргизҳо системаи нави сиёсиро бечуну чаро қабул намуданд. Ҳарчанд системаи нав чизҳои муфиди зиёде овард, вале мардум боз ҳам ба он муқовимат мекарданд. Ва танҳо ҳоло таърихшиносон нақши онҳоро дуруст арзёбӣ менамоянд, зеро онҳо бо таҳмили фарҳанг ва хоҷагидорие, ки бо одату анъанаҳояшон мухолиф буд, зиддият нишон медоданд. (Ҳатто дар охири соли 1980 мӯйсафедоне мавҷуд буданд, ки ба наберахои худ дар бораи мубориза ҳояшон бар зидди ҳукумати шӯравӣ нақл мекарданд).

## 2.0 Давлатдории қиргизҳо дар чорчӯби Иттиҳоди Шӯравии собиқ


*Бюрои ирои кумитаи вилоятии ВКП (б), соли 1927*

Дар соли 1924 вилояти мухтори Қаро-Қиргиз ташкил гардид, ки ба он дар соли 1925 номи вилояти мухтори Қиргизистон дода ва дар соли 1926 ба Ҷумҳурии мухтори Қиргизистон табдил ёфт. А.Орозбеков раиси олитарин ташкилоти ҳокимияти давлатӣ - Кумитаи иҷроияи марказӣ ва Ю.Абдураҳмонов раиси ҳукумат шуданд. 30 апрели 1929 аввалин Сарқонуни ҷумҳурӣ қабул гардид. Ҳамин тавр давлатдории Қиргизистон расмият пайдо кард, вале ин ҳаргиз он маъноро надошт, ки давлати мустақил ба вуҷуд омад. Қиргизистон ба системаи давлати худкома (тоталитарии) - Иттиҳоди Шӯравӣ дохил гардид, ки ягон ҷумҳурии он, ҳатто Руссия (РСФСР), ки аз ҳама калонтарини ҷумҳурӣ буд, истиқлоли комил надошт.

Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷои империяи Руссия ташкил шуд ва дар ин давлати навпайдо танҳо як ҳизб (ҳизби коммунист) ҳукмронӣ менамуд. Вай ҳама соҳаҳои ҳаёти тамоми халқҳои ин кишвари бузургро назорат менамуд. Амалан чӣ дар марказ ва чӣ дар маҳалҳо на шахсиятҳои давлатӣ, балки роҳбарони ҳизбӣ давлатро идора мекарданд. Буҷети Ҷумҳурии Шӯравии Сусиёлистии Қиргизистон (монанди ҳама ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ) ба таври зоҳирӣ дар худи ҷумҳурӣ тайёр мегардид, вале дар амал баъд аз гирифта шудани тасмими марбута дар Маскав аз ҳисоби буҷети умумии Иттиҳоди Шӯравӣ таъмини молӣ мешуд. Дар ҳама ҷо маҳдудиятҳо ба назар мерасид, зеро ҷумҳуриҳо ҳаққи бекор намудан ва манъ кардани қарорҳои ҳукумати Иттиҳоди Шӯравиро надоштанд.

Бо вуҷуди ин давлатдории халқҳои зиёд, ки қаблан дар империяи Руссия зиндагӣ мекарданд (ва акнун дар Иттиҳоди Шӯравӣ), аввалин бор дар ин давра расман қонунӣ гардиданд. 5 декабри соли 1936 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сусиёлистии Қиргизистон ба Ҷумҳурии ШС Қиргизистон табдил ёфт, ки нисбат ба ҷумҳурии мухтор дорои мустақилияти бештар буд. 20 марти соли 1937 нахустин Сарқонуни Ҷумҳурии ШС Қиргизистон қабул карда шуд, ки бо он ташкили давлатдории қиргизҳо дар чорчӯби Иттиҳоди Шӯравӣ ба поён расид.

Аз соли 1978 то соли 1993 шакли ислоҳшудаи Сарқонуни Ҷумҳурии ШС Қиргизистон амал менамуд. Ин як санад ва ҳуҷҷати бисёр зидду нақиз ва ихтилофнок буд. Аз як тараф вай ҳокимияти халқ, аз ҷумла ба воситаи интихоботи ҳама ташкилотҳои ҳокимияти давлатиро (шӯроҳоро) эълон менамуд, вале аз тарафи

дигар, ба воситаи як модда, ки ба ҳизби коммунист ҳокимияти катъӣ ва мутлақ медод, ин демократияро тақрибан аз байн мебурд. Ин он маъноро дошт, ки ҳизби коммунист болотар аз давлат ва истиклоли мардум (иродаи мардум) буд. Демократияе, ки Сарқонун эълон менамуд, ба таври ногузир тавассути режими саркӯбгаронаи яккаҳизбӣ ба "бозӣ бо демократия" табдил мешуд.

Танҳо дар соли 1985, ки бозсозӣ оғоз ёфт, дар сохтори давлатии ИЧШС (СССР) таҳаввулоти марбут ба васеъ гардидани ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳо шурӯъ гардид. Истиқлоли онҳо беш аз пеш таҳким меёфт ва ин бо сохтори мутамарказии ИЧШС мухолиф буд. Ниҳоятан дар моҳи августи соли 1991 бӯҳрони бозсозӣ фаро расид, ки сабаби фурӯпошии ИЧШС ва ташкили давлатҳои мустақил ба ҷои ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ гардид. Қирғизистон низ роҳи тараққии давлатдории мустақилонаи худро пеш гирифт.

15 декабри соли 1990 дар савумин иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии ШС Қирғизистон Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон қабул гардид. Дар ин Эъломия, аз ҷумла гуфта мешавад, ки мардум ягона манбаи ҳокимияти кишвар аст ва ҳокимият танҳо барои халқ вуҷуд дорад. Ин он маъноро дорад, ки ҳукумат ба халқ хизмат мекунад, на баръакс.

## 3.0 Таҳияи Сарқонуни Қирғизистон – соли 1993

Кишвар тақрибан ба таври ғайриинтизор истиқлолият ба даст оварда, Сарқонунеро бо худ дошт, ки ба институти ҳокимият ихтиёроти номаҳдуд медод ва он (институт) низ дигар амал намекард ва асосан қонунӣ будани худро низ аз даст дода буд. Бо вуҷуди ин аъзои ҳизб дар таркиби Шӯрои Олӣ буданд, ки акнун "Жогорку Кенеш" номида мешуд. Ин порлумон интихобӣ набуд. Порлумон аз чанд нафар номзад Аскар Акаевро Раиси Ҷумҳур интихоб намуд. Метавон гуфт, ки дар он замон ҳеҷ як аз ин иқдомот заминаи ҳуқуқӣ надошт, вале ин як давраи ғайриодӣ буд ва кори дигаре кардан ба гумон буд.



*Парчам ва герби ЧСС Қирғизистон*

Барои тайёр намудани Сарқонун бо кӯмаки коршиносон ва мутахассисони хориҷӣ комиссия ташкил гардид. Сипас лоиҳаи Сарқонун дар матбуот чоп шуд. Баъд аз ин комиссия аз ташкилотҳои давлатии вилоятҳо ва ноҳияҳо тақозо намуд, ки дар маҷлисҳои оммавии мардум лоиҳаи Сарқонун муҳокима карда шавад.

Мутаассифона бештари одамон дар ин маҷлисҳо иштирок накарданд, зеро бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи шӯравӣ бовар доштанд, ки ба фикри мардум аҳамият дода намешавад.

Билохира, дар 5 майи 1993 лоиҳаи Сарқонун аз тарафи маҷлис тасдиқ гардид. Дар соли 1994 бисёрии аъзои он ба истеъфо рафтанд ва дар сентябри ҳамон сол Раиси Ҷумҳурӣ маҷлисро барҳам дод ва интихоботи навро эълон кард. Раиси Ҷумҳурӣ дар бораи интихоботи парламент иборат аз ду маҷлис фармон содир намуд. Дар соли 1995 интихоботи умумихалқии вакилон барои ҳарду маҷлис ва баъд аз як сол интихоботи Раиси Ҷумҳурӣ баргузор шуд. Дар моҳи феврали соли 1996 барои дохил намудани тағирот ба Сарқонун раъйпурсии саросарӣ сурат гирифт. Танҳо дар ин марҳала гуфтан мумкин буд, ки мардум барои идоракунии худ розигӣ доданд. Яке аз тағирот ба ҷорӣ намудани парламенти думанзилаи [?] таааллуқ дошт.

Дар соли 1998 дуввумин раъйпурсии умумихалқӣ дар мавриди ислоҳи Сарқонун ва ба Раиси Ҷумҳурӣ додани ихтиёроти бузург анҷом гардид.



## 4.0 Хусусиятҳои асосии Сарқонуни соли 1993

Сарқонун Ҷумҳурии Қирғизистонро мустақил, муттаҳид (унитарӣ) ва демократӣ эълон намуд, ки бар асоси усули давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд таъсис ёфтааст. Ин сарқонун аз 8 боб, 12 фасл ва 97 модда иборат мебошад.

Сарқонун масъалаҳои зеринро муайян мекунад:

- Системаҳои асосии Сарқонун (конститутсионӣ)
- Эътибори шахсият (ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон)
- Сохтори ташкилотҳои давлатӣ, муносибатҳои байни ташкилотҳои ҳокимият, доираи салоҳиятҳои онҳо ва тақсими ҳокимият
- Асосҳои системаи додгоҳӣ, ташкилотҳои олии додгоҳӣ (Додгоҳи Сарқонун, Додгоҳи Олӣ ва Додгоҳи олии ҳакамият)

Боби 9

- Ташкили худидоракунии маҳаллӣ
- Тартиби тағири Сарқонун ва қабул намудани Қонуни Асосии Ҷумҳурии Қирғизистон

Сарқонун сарчашмаи аслии ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор рафта, асоси ҳамаи қонунҳо ва асноди расмиро ташкил медиҳад. Усулҳои дар Сарқонун баёншуда минбаъд дар қонунҳо шарҳу тафсир карда мешаванд.

## 5.0 Раъйпурсии соли 2003

Дар моҳи феврали соли 2003 раъйпурсӣ баргузор гардид, ки дар натиҷа тағирот ба Сарқонун ворид карда шуд. Муҳимтарин тағирот он аст, ки баъд аз интихоботи парламентӣ дар соли 2005 дар кишвар ба ҷои ду маҷлис як маҷлис вуҷуд хоҳад дошт.

## 6.0 Роҳҳои мухталифи тағйири Сарқонун

1. Сарқонун метавонад ба воситаи баргузории раъйпурсии саросарӣ, ки аз тарафи Раиси Ҷумҳурӣ эълон карда мешавад, тағир дода шавад.
2. Ислоҳот метавонад ба Сарқонун тавассути Маҷлиси қонунгузорӣ ва Маҷлиси вакилони мардумии Жогорку Кенеш ворид карда шавад. Вале ин ислоҳот аз тарафи Жогорку Кенеш дар сурате метавонад ба тасвиб бирасад, ки 2/3 ҳамаи вакилони ҳар ду маҷлис ба он овоз диҳанд. (Баъд аз соли 2005 дигар танҳо тасдиқи маҷлиси навтаъсис лозим асту бас).
3. Пешниҳодот дар мавриди тағири Сарқонун метавонад ба сурати дархост ва бо имзои ҳадди ақал 300 000 нафар интихобкунандагон ба Раиси Ҷумҳурӣ ё Жогорку Кенеш муаррифӣ гардад.

## 7.0 Асосҳои системаи Сарқонунии (конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон

Вуҷуд доштани Сарқонун дар давлат маънои амал кардани системаи конститутсионӣ ва идеалиро надорад. Барои ин лозим аст, ки ҳукумат бар асоси усулҳои сарқонун фаъолият анҷом диҳад. Усулҳои асосии системаи конститутсионии Ҷумҳурии Қирғизистон дар боби 1 Сарқонун нишон дода шудаанд, ки иборатанд аз:

- ҳокимияти мардум;
- шакли ҷумҳуриявии давлатдорӣ;
- ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандӣ ҳамчун арзишҳои олӣ;
- ҳифзи иҷтимоии мардум;
- тақсими ҳокимият;
- замонати худидоракунии маҳаллӣ;
- гуногунандешии (плюрализми) сиёсӣ ва идеологӣ;
- давлати дунявӣ;
- ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти хусусӣ.

## 8.0 Сарқонун – асоси бартарии қонун дар кишвари мо

Ҳамаи се шохаи ҳокимияти давлатӣ - иҷроӣ, қонунгузорӣ ва, муҳимтар аз ҳама, додгоҳӣ вазифаҳои худ барои таъмини бартарии қонунро иҷро мекунанд.

Ҳокимияти иҷроӣ бояд (нисбат ба ҳамаи шаҳрвандон) барои истифодаи содиқона ва одилонаи қонун бо кӯмаки ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳамаи вайронкунандагони қонунро ба масъулияти додгоҳӣ мекашанд, саъю кӯшиш намояд. Ба ҷуз ин вазифаҳои додситонӣ (прокурорӣ) бояд ба шакле анҷом дода шаванд, ки нисбат ба ҳамаи вайронкунандагон аз тарафи ҳокимият муносибати якхела сурат бигирад. Ташкилотҳои иҷроии ҳокимият бояд ба он боварӣ дошта бошанд, ки ҳокимияти қонунгузор дар чорчӯби қонун ва тартиботи конститутсионӣ амал мекунад (вагарна вай метавонад Сарқонунро вайрон карда, ташкилотҳои иҷроиро барканор намояд).

Ташкилоти қонунгузорӣ бояд мутмаин бошад, ки ҳамаи қонунҳои тайёр карда ва қабул намудаи онҳо одилона ва қобили иҷро мебошанд. Вай набояд дар судури қонунҳо маҳдуд бошад, агар чанде онҳо ба ташкилотҳои иҷроӣ таъсир гузоранд ё онҳоро маҳдуд намоянд (набояд хатари бартараф намудани ташкилоти қонунгузорӣ аз тарафи ташкилоти иҷроӣ вуҷуд дошта бошад).

Шохаи додгоҳии ҳокимият бояд иҷрои дурусту саҳеҳи тартиботи додгоҳӣ ва истифодаи яксони қонунро новобаста аз он, ки кӣ дар курсии айбдорӣ нишастааст, ҳатто агар он худи давлат, раиси ҷумҳурӣ, ҳукумати вай ё вакилони маҷлис бошанд, ки бар зидди онҳо парвандаи ҷиноӣ боз шудааст. (Аён аст, ки агар додрасҳо танҳо аз тарафи ташкилоти ҳокимияти иҷроӣ ё ҳокимияти қонунгузорӣ таъин карда шаванд, ин кор имконнопазир хоҳад буд, зеро дар сурати ба миён овардани хатар ба ин ташкилотҳо онҳоро метавонанд

аз вазифа бекор кунанд).

Ба эҳтимоли зиёд муҳимтарин ҷиҳати ҳифзи бартарии қонун новобастагии ҳамаи шохаҳои ҳокимият аз якдигар мебошанд. Агар яке аз онҳо аз ӯҳдаи иҷрои кор набарояд, як ё ду шохаи боқимонда метавонанд мавзӯи набудани имкони иҷрои вазифаҳояшонро ба миён гузоранд.

Агар мо сатҳи иҷрои ин усулҳоро таҳлил намоем, метавонем дар бораи то чӣ ҳад демократӣ будани давлатамон хулоса барорем. Маълум аст, ки мо ҳамчун шаҳрвандон вазифадорем, ки ё барои иваз гардидани ҳукумат ва ё барои тағири Сарқонун ва усулҳои он овоз диҳем, агар ин усулҳо дар ҳаёт татбиқ намегарданд. Бо чунин амал мо ба таъмини бартарии қонун бар ҳокимияти шахсӣ ёрӣ мерасонем.

**Машғулият баъд аз хондани матн:**

**Фасли I. Ташкили давлатдорӣ**

**Супориши 02. Таърихи мо**

Бо ҳамроҳи шарикатон хатти замониеро тартиб диҳед, ки рӯйдодҳои асосии таърихи тараққи Қирғизистонро ҳамчун давлати миллӣ нишон дода тавонад. Шумо метавонед тағиротеро, ки то ҳоли ҳозир дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон сурат гирифтааст, дохил намоед.

**Супориши 03. Рӯйдодҳо ва паёмадҳои онҳо**

Дар рӯйхате, ки ҳангоми супориши қаблӣ тайёр гардид, рӯйдодҳои то соли 1920 сурат гирифтаро нигоҳ кунед. Шумо чӣ фикр мекунед, оё ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ ба ташкили Қирғизистон ҳамчун давлати миллӣ таъсир гузоштанд? Дар гурӯҳҳои чорнафарӣ кор карда, дар дафтарҳои кории худ ҷадвали зеринро кашед ва онро пур намоед. Барои шумо як мисол нишон дода шудааст. Барои фаҳмондани ҷавобҳои худ ба аҳли синф омода бошед.

| Рӯйдод | Натиҷа |
|---|---|
| Пайдоиши давлатдории қирғизҳо дар асри 9 дар соҳили Енисой. | Пайдоиши муҳимтарин унсурҳои системаи сиёсӣ |
| | |
| | |
| | |

**Супориши 04. Таъсири мусбӣ ва манфии даврони шӯравӣ**

Дар дафтарҳои кории худ ҷадвали зеринро кашед. Дунафарӣ кор карда, ба шиносҳо ва ҳамсояҳои калонсолатон дар бораи таъсири мусбӣ ва манфии даврони шӯравӣ ба Қирғизистон дар ташаккули давлатдории қирғизҳо савол диҳед. Ҳама чизеро, ки гуфта мешавад, нависед ва сипас ҳар омилро ба мисоли зерин гурӯҳбандӣ намоед:

(1) қадами бисёр ҷиддӣ ба қафо/қадами бисёр ҷиддӣ ба пеш дар ҷиҳати ташаккули давлатдории миллии қирғизҳо;

(2) қадами ҷиддӣ ба қафо/қадаме ба пеш дар ҷиҳати ташаккули давлатдории миллии қирғизҳо;

(3) қадаме ба қафо/қадами начандон калон ба пеш дар ҷиҳати ташаккули давлатдории миллии қирғизҳо.

Намунаи омилҳои мусбӣ ва манфӣ барои шумо нишон дода шуд. (Ба ҳамин тартиб, нахустин омили мусбӣ ба гурӯҳи қадамҳои бисёр ҷиддӣ ба пеш дар ҷиҳати ташаккули давлатдории миллии қирғизҳо ворид карда шуд). Барои фаҳмондани ҷавобҳои худ ба аҳли синф омода бошед.

| Омилҳои мусбӣ | Гурӯҳ | Омилҳои манфӣ | Гурӯҳ |
|---|---|---|---|
| *1. Пардохти маоши баробар барои занону мардоне, ки дорои таҷрибаи якхелаи кор мебошанд.* | *1* | *1. Қирғизистон наметавонист сиёсати кориҷии худро дошта бошад.* | *1* |
| *2. Ҷорӣ намудани таҳсилоти умумии бепул.* | | *2.* | |
| *3.* | | *3.* | |
| *4.* | | *4.* | |

Боби 9

### Супориши 05. Тағйири Сарқонун

Дар гурӯҳҳои 3-4 нафарӣ кор карда, феҳристи тавсияҳо барои бо роҳи демократӣ тағир додани Сарқонунро тартиб диҳед.

### Супориши 06. Шаҳрванди ҳақиқӣ

Дар гурӯҳҳои 3-4 нафарӣ кор карда, баррасӣ намоед, ки фикри зерин чӣ маъно дорад:

> "Агар касе савол диҳад, ки "шумо кӣ ҳастед?" – шахси дорои шиносномаи қирғизӣ ҷавоб медиҳад: "Ман кориниам", ё ки "Ман ошиам", ё ки "Ман таласиам" ва ғайра... – ин жеп одамро наметавон шаҳрванди воқеии Ҷумҳурии Қирғизистон номид".

Шумо бо ин фикр розиед? Барои баёни ақидаи худ омода бошед.

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| Комилан розиам | Розиам | Намедонам | Розӣ нестам | Комилан норозиям |

### Супориши 07. Маҳали шумо

Бо шарикатон рӯйхати ақаллиятҳои миллиро, ки дар маҳали шумо зиндагӣ менамоянд, тартиб диҳед. Сипас роҳҳоеро номбар кунед, ки ба воситаи онҳо шумо метавонед:

а) нишон диҳед, ки арзиши анъана ва урфу одатҳои фарҳангии онҳоро медонед;

б) бо онҳо мубодилаи анъанаҳои фарҳангӣ ба амал оред.

### Супориши 08. Мадоро (Таҳаммул)

Дар гурӯҳи се-чорнафарӣ кор карда, ин мавзӯъро баррасӣ намоед, ки дар мавриди анъанаҳои фарҳангие, ки аз анъанаҳои фарҳангии шумо фарқ мекунанд ва қобили қабул нестанд, чӣ бояд кард. Барои дар назди аҳли синф баён намудани ҷавоби худ омода бошед.

### Супориши 09. Мувофиқ ва мухолиф

Тасаввур мекунем, ки шумо вакили маҷлисе ҳастед, ки аз гурӯҳи асосии мардуми кишвари Нур намояндагӣ мекунад. Бо ҳамроҳи шарикатон тасмим гиред, ки чӣ тавр овоз медиҳед: ба тарафдорӣ ё зидди лоиҳаи қонунҳо. Ба ёд дошта бошед, ки ин овоздиҳии пинҳонӣ нест ва аз шумо метавонанд пурсанд, ки чаро ин хел овоз додед. Ҷавоби аввал ба сифати мисол нишон дода шудааст.

| № | Лоиҳаи қонун | Бале | Не |
|---|---|---|---|
| 1 | Гузоштани айнаки сиёҳ дар дохили бино манъ аст. | | ✓ |
| 2 | Эълонҳои расмиро ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ навиштан мумкин нест. | | |
| 3 | Ҷудо кардани маблағ аз буҷет барои ҷашнвораи рақси ҳамаи фарҳангҳо дар давлати Нур. | | |
| 4 | Танҳо шаҳрвандони давлати Нур метавонанд соҳиби моликият бошанд. | | |
| 5 | Ҳама одамоне, ки аз миллати нур нестанд барои баргузор намудани маҷлисҳое, ки беш аз 20 нафар ширкат менамоянд, бояд номҳояшонро сабт кунанд. | | |
| 6 | Нуризм ба дини миллӣ-давлатӣ табдил меёбад. | | |
| 7 | Шаҳрвандоне, ки ба забони нурӣ гап намезананд, метавонанд узви маҷлис шаванд. | | |
| 8 | Ҷудо кардани пул аз буҷет барои чопи китобҳо ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ. | | |
| 9 | Маълумоти хатмии 8-сола барои духтарон ва 10-сола барои писарон. | | |
| 10 | Бекор намудани қонуни манъи пӯшидани кулоҳи суннатии минтақаи Баласагун. | | |



### Супориши 10. Кодак, БМВ, Майкрософт, ОРТ, Тойота, Кока–Кола

Мисли бисёри кишварҳо дар мағозаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон молҳое фурӯхта мешаванд, ки дар дигар кишварҳо истеҳсол шудаанд (пойафзол аз Чин, наворҳо ва дискҳои мусиқӣ аз Америка). Ба ҷуз ин одамон

аз саросари ҷаҳон ба Қиргизистон омада, дар ин ҷо кор мекунанд. Ин ҳама ҳаёти одамонро тағир дода, ба фарҳанги кишвар таъсир мегузорад.

Бо шарикатон саволҳои зеринро баррасӣ намоед (ва баъд аз он барои ҷавобҳои худро ба аҳли синф баён намудан тайёр шавед).

1. Шумо кадом калимаҳоеро медонед, ки аслан аз дигар кишварҳо ба забони муҳоварании қирғизӣ ва дигар забонҳо дохил шуда, дар тӯли 10 соли охир дар мамлакати мо истифода мегарданд.
2. Оё ҳамаи фарҳангҳо натиҷаи таъсири мухталифи хориҷӣ мебошанд, ё ки баъзеи онҳо натиҷаи омилҳои дохилӣ ҳастанд?
3. Кадом кишварҳо ба дигарон таъсири фарҳангии бештар мерасонанд: онҳое, ки барои таъсири хориҷӣ бозанд, ё онҳое, ки бастаанд? (Он кишварҳоеро баста меномем, ки бо дигар кишварҳо ба таври хеле маҳдуд мубодила анҷом медиҳанд, мисли Иттиҳоди Шӯравии собиқ).
4. Оё ҳамаи ин гуна таъсирҳо баланд ё барои рушди фарҳангии кишвар таъсири мусбӣ ҳам доранд?
5. Кадом 3 кишвар дар ҳоли ҳозир ба Ҷумҳурии Қирғизистон таъсири қавии фарҳангӣ мерасонанд?
6. Чӣ тавр шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамзамон бо ҳифзи фарҳангӣ ва хусусиятҳои хоси худ метавонанд аъзои фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ бошанд?

### Супориши 11. Чӣ ба чӣ таъсир мерасонад?

Нақли зеринро хонда, ба саволҳо ҷавоб диҳед.

> Дируз давандаи ҷангии амрикоӣ Роберт Ханифин дар бозиҳои солимии шишуми [illegible] марафонро ба даст овард.
> Вақте аз вай сирри муваффақиятащро пурсиданд, вай дар ҷавоб гуфт, ки нӯшобаи як ширкати ночандон маълумро истифода мекардааст. Ханифин гуфт, ки се сол пеш барои машқ намудан дар минтақаи баландкӯҳ аввалин бор аз ҷиниварм истеҳсолкунандаи ин нӯшоба боздид намуда буд ва акнун ду соли охир нӯшобаи "Шоро" истифода мекунад, ки ба вай қувваву дармон медиҳад.

SHORO
Ширкати "ШОРО"

1. Ба фикри шумо баъд аз ин дар мавриди ширкате, ки ба фурӯши нӯшобаи "Шоро" машғул аст, чӣ пеш хоҳад омад?
2. Ин рӯйдод ба фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон чӣ таъсире хоҳад гузошт?
3. Ин рӯйдод ба дигар фарҳангҳо чӣ таъсире хоҳад гузошт?

### Супориши 12. Саволҳои дар бораи оянда

Бо шарикатон кор карда: ин мавзӯъро муҳокима намоед ва иншо нависед, ки аз 200 калима зиёдтар набошад:

*Дар ҳоли ҳозир дар масъалаи ташаккул ва таҳкими миллат барои*
*Ҷумҳурии Қирғизистон кадом вазифаҳо вуҷуд доранд ва онҳоро чӣ тавр метавон ҳал кард?*

## Фасли 2. Бартарии қонун дар Ҷумҳурии Қирғизистон

### Супориши 13. Чаро бояд ташвиш кашид?

Бо шарикатон кӯшиш намоед ба саволи зерин ҷавобе нависед, ки аз 150 калима бештар набошад:

*Чаро барои мо Сарқонун лозим аст?*

### Супориши 14. Оё ин бо Сарқонун мувофиқ аст?

Ҳамроҳи шарикатон қонуни пешниҳодии зеринро баррасӣ намуда, гӯед, ки оё он бо Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон мутобиқат дорад? Ба таври кӯтоҳ фикри худро баён намоед ва шарҳ диҳед, ки чаро ин тавр фикр мекунед. (Ҷавоб набояд бештар аз 200 калима бошад).

*"Ҳамаи одамоне, ки шаҳрванди Австралия мебошанд, метавонанд дар Ҷумҳурии Қирғизистон замин харанд".*

**Супориши 15. Конвенсияи ИДМ ва Сарқонуни мо: онҳо чӣ тавр ҳуқуқҳои ақаллиятҳоро ҳимоя мекунанд?**

Бо шарикатон Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистонро дар мавриди ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон баррасӣ намоед. Ба таври кутоҳ дар бораи ҳуқуқҳои ақалиятҳо, ки дар онҳо нишон дода шудааст, нависед.

# БОБИ 10

# Сохтори ҳокимияти давлатӣ

**Машғулият то хондани матн:**

### Супориши 01. Мафҳумҳо ва таърифҳо

Дунафарӣ кор карда, истилоҳҳоро бо таърифҳо муқоиса намоед.

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Интихобот | а) Он чизе, ки барои ҳамаи шаҳрвандон фоида меорад, ҳатто агар баъзе аз онҳо ба ин муқобил бошад. Андозҳо метавонад мисол шавад. |
| 2. Ҳизби сиёсӣ | б) Созиши ду ҳизби сиёсӣ ва ё зиёдтар аз он дар бораи ҳамкорӣ ба манфиати ягон кори умумӣ |
| 3. Манфиати иҷтимоӣ | в) Раванде, ки дар ҷараёни он шаҳрвандони давлат ба воситаи интихоби вакилон ба парламент ва роҳбарони мақомоти иҷроӣ иродаи худро баён менамоянд. |
| 4. Эътилоф (коалитсия) | г) Раванде, ки дар ҷараёни он шаҳрвандон шахсан худашон, на намояндагонашон, барои намояндагони худ овоз медиҳанд. |
| 5. Интихоботи мустақим | д) Вазъияте, ки аксарияти парламенти кишвар дар мавриди самарбахшии фаъолияти ҳукумат изҳори шакку шубҳа менамояд. |
| 6. Шикоят (апеллятсия) | е) Гурӯҳи сиёсие, ки барои пешбурд ва ҳимояи принсипҳо ва номзадҳои худ ба мансабҳои давлатӣ расман ташкил гардидааст. |
| 7. Изҳори нобоварӣ | ж) Муроҷиат намудан ба мақоми олӣ бо хоҳиши аз нав баррасӣ намудани ягон парванда. |

**Матн барои хониш**

Дар ин боб мо сохтори умумии давлат ва баъзе мушкилотеро, ки рух медиҳанд, дида мебароем. Бинобар ин боби мазкур ба қисмҳои зерин тақсим карда мешавад:

1. Таносуби қудратҳо.
2. Ташкили хизматҳои давлатӣ.
3. Муносибати байни хизматҳои давлатӣ ва шаҳрвандон.
4. Хавфи монополия намудани қудрати давлатӣ.

## 1.0 Таносуби қудратҳо



Арасту

Яке аз аввалин ва бузургтарин мутафаккирони сиёсӣ Арасту буд, ки соли 384 то мелод таваллуд шудааст. Дар «Сиёсат» ном китоби ӯ се вазифаи асосии давлат қайд карда шудааст:

1. Таҳияи қонунҳо (ин аз ҷониби ҳокимияти қонунбарор амалӣ мегардад);
2. Қабули қарор оид ба идоракунии давлат дар асоси қонунҳо (ҳокимияти иҷроия);
3. Қабули қарор оид ба тафсир ва татбиқи қонунҳо (ҳокимияти додгоҳӣ).

Он чизҳое, ки Арасту навишта буд, то ҳанӯз аҳамияти худро гум накардаанд. Сарфи назар аз он ки ин вазифаҳоро метавон бо роҳҳои мухталиф дар низомҳои гуногуни ҳокимиятӣ иҷро намуд, вале онҳо на ҳамеша дақиқ муайян карда шудаанд. Масалан, қонунбаророн низ

метавонанд қонунҳоро татбиқ кунанд.

Чунин тақсимоти вазифаҳо ва ҳокимият зарур аст, зеро он барои пешгирӣ намудани муттамарказ-шавии ҳокимияти пуриқудрати гурӯҳи хурди одамон ёрӣ мерасонад. Агар се шохаи ҳокимияти давлатӣ ба якдигар вобаста набошад, мо гуфта метавонем, ки тақсимоти ҳокимият вуҷуд дорад. Чунин ташкили ҳокимият самарабахш аст, зеро ин маънои онро дорад, ки ҳар як ҷузъи он ваколати маҳдудкунӣ дорад ва воқеан, ҷузъҳои ҳокимияти дигарро маҳдуд мегардонад. Ваколатҳои ҳукуматӣ дар чунин вазъият дар натиҷаи ҳамкории шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меоянд ва имконияти амали онҳоро таъмин мекунад. Дар ин сурат ҳар як шохаи ҳокимият қудрати баробар дорад. Инро низоми назорат ва мувозина меноманд. Масалан, тасаввур кунед, ки Раиси Ҷумҳур (як қисми шохаи ҳокимияти иҷроия) мехоҳад, ки ҳамаи одамон шими кӯтоҳ пӯшанд. Барои ба ин кор ноил гаштан ӯ хоҳиш мекунад, ки қонуне таҳия шавад, ки пӯшидани шимҳои дарозро манъ намояд. Чунин қонун бояд аз тарафи идораҳои ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шавад. Барои танзими он қонун сохтори додгоҳӣ бояд хулосаҳои худро баён кунад, ки қонуни пешниҳодшуда то чӣ андоза бо қонуни амалкунанда мувофиқат мекунад. Дар сурате, ки идораи қонунбарор аз қабули чунин қонунҳо худдорӣ намояд ё сохтори додгоҳӣ қайд кунад, ки он бо қонунҳои дигар мувофиқат намекунад, Раиси Ҷумҳур бояд аз чунин мақсад даст кашад.



Се шохаи ҳокимият

Ҳатто қонун қабул шавад ҳам, дар ҷорӣ кардани он тақсими вазифаҳо мушоҳида мешавад. Ҳокимияти додгоҳӣ дар сурати аз тарафи шахс вайрон карда шудани қонун ба ҷинояткор ҷазо медиҳад. Ҳокимияти иҷроия вобаста ба низоми амалкунанда барои амали милиса, ки вайронкунандагони қонунро дастгир ва кори онҳоро тафтиш мекунанд, масъул аст.

Дар аксарияти конститутсияҳои имрӯза бунёди чунин ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки тақсимот ва баробарӣ асоси демократияи муосирро ташкил мекунад. Дар поён шарҳи тақсимоти ҳокимият оварда шудааст.

## 2.0 Идораҳои қонунбарор

Вазифаи асосии идораҳои қонунбарор бунёд намудани қонунҳо мебошад. Дар бисёр низомҳои давлатӣ ҳокимияти иҷроия низ баъзе вазифаҳои қонунгузоририро, ки онҳо бо роҳи баровардани фармонҳо ва дигар қоидаҳо амалӣ мегарданд, ба зимма мегирад. Ба ғайр аз ин, ҳокимияти қонунбарор истифодаи маблағҳои буҷети давлатиро муайян карда, шартномаҳои байнидавлатиро тасдиқ мекунад ва оид ба масъалаҳои гуногун вохӯриҳо мегузаронаду низоми интихоботро муайян намуда, баъзан додрасҳоро низ тасдиқ мекунад. Ҳокимияти додгоҳӣ дар мамлакатҳои гуногун бо хусусиятҳои зиёди худ фарқ мекунад. Чунончи:

1. шумораи вакилон;
2. тартибот ва муқарраротe, ки онҳо истифода мекунанд;
3. нақши ҳизбҳои сиёсӣ;
4. нақши онҳо дар давлат дар муқоиса бо ҳокимияти иҷроия.
5. ба воситаи ба даст овардани мансабҳо (интихоб ва ё дар баъзе ҳолатҳо таъини одамон ба вазифаҳо).

Аксарияти идораҳои қонунбарор аз ду шӯро иборатанд, ки баъзан онҳоро «палатаҳо» мегӯянд. Ин маънои онро дорад, ки сохтори онҳо болоие мавҷуд аст, ки одатан минтақаҳои калонро вакилӣ мекунад. Ҳамзамон палатаи поёнии нисбатан сершумор низ ҳаст, ки зерминтақаҳо ва ҳавзаҳои интихоботиро вакилӣ менамоянд. Ҳар яке аз ин ҳавзаҳои интихоботӣ вакили худро интихоб мекунад. Одатан, мақсади асосӣ тақсимоти минбаъдаи ҳокимият аст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе кишварҳои хурди демократӣ танҳо парламенти якпалатагӣ амал мекунад. Дар Қирғизистон пас аз соли 2005 як палата хоҳад монд.

| Кишвар | Аҳолӣ | Номи парламентҳо | Шумораи аъзо | Мӯҳлат | Роҳбари давлат | Шакли давлатдорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Англия | 49,5 млн | 1. Палатаи лордҳо* (болоӣ)<br>2. Палатаи ҷомеаҳо | 713<br>630 | якумрӣ<br>5 | Малика | Парлам. |
| Аморати Муттаҳидаи Араб | 2,219 млн | Маҷлиси Иттиҳоди Ватанӣ | 40 | 2 | Шайх | Парлам. |
| Туркия | 67 млн | Тюркие Бюйюк Миллет Меджлиси | 550 | 5 | Презид... | Парлам. |
| Федератсияи Россия | 141,364 млн | 1. Думаи давлатӣ<br>2. Шӯрои федератсия | 272<br>178 | 4<br>Мухталиф | Презид... | Презид... |
| ИМА | 250 млн | 1. Сенат<br>2. Палатаи намояндагон | 100<br>435 | 6<br>2 | Презид... | Презид... |
| Тувалу | 11,4 ҳазор | Паламене о Тувалу | 15 | 4 | Малика | Парлам. |
| Олмон | 81,904 млн | 1. Бундестаг<br>2. Бундесрат | 598** | 4 | Презид... | Презид... |
| Қазоқистон | 16,7 млн | 1. Сенат<br>2. Мажилис | 39<br>77 | 7 | Презид... | Презид... |
| Малайзия | 24,014 млн | 1. Диван Негара- Сенат<br>2. Диван Ракят | 69<br>193 | 3<br>5 | Ҳокими олӣ | Парлам. |

*92 нафар (намоянда) ба тарзи ворисӣ, 595 нафар ба тарзи якумрӣ, 26 усқуфи аъзам (архиепископ) ва усқуф (епископ)
** заминҳо (минтақаҳо) дорои намояндагӣ мебошанд, вале шумораи онҳо гуногун аст

Яке аз мушкилоти асосии парламентҳои кишварҳои иттиҳоди давлатҳои мустақил дар он аст, ки вакилони нав интихобшуда дар парламенти демократӣ таҷрибаи кор надоранд ва бо қоидаҳо ва тартиботи амалкунанда шинос нестанд. Барои бунёди гурӯҳҳои мухолифакида дар парламент, масалан, барои такмили қонунҳо вақти муаян лозим аст. Қонундонҳои хуб низ бояд чӣ гуна ба таври кушод бо интихобкунандагон ва воситаҳои ахбори умум муошират карданро омӯзанд. Агар қонундон аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифаҳои муҳим набарояд ё хоҳиши иҷро карданро надошта бошад, дар он ҳолат мамлакат ба мушкилиҳо дучор мегардад.

### 3.0 Идораҳои додгоҳӣ



Низоми додгоҳӣ ба татбиқи қонунҳо машғул буда, татбиқи қонунҳоро ба таври одилона, мувофиқи муқаррароти сарқонун ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, идораҳои додгоҳӣ бояд мустақил ва бетараф бошанд. Низоми додгоҳӣ, одатан, аз низоми мураккаби арзу шикоятҳо иборат аст. Агар қарорҳои қабулнамудаи додгоҳи зинаи поёнӣ бо сарқонун ё қонунҳои амалкунанда мухолифат кунанд ва ё ҷараёни додгоҳӣ хатогиҳо дошта бошад, додгоҳи зинаи балавдтар метавонад онҳоро бекор созад.

Асосан ду гурӯҳи қонунҳои додгоҳӣ вуҷуд доранд, ки онҳо масъалаҳои ҳуқуқиро баррасӣ менамоянд.

- **Ҳуқуқи шаҳрвандӣ** (маҷмӯи қонунҳоест, ки ба ҳукумат ва шаҳрвандон ҳуқуқи ҷанҷол додани амалҳои муайянро медиҳад). Дар натиҷа чунин масъалаҳо хусусӣ ба шумор мераванд, зеро парвандаҳои байни шаҳрвандони алоҳида ва давлат баррасӣ шуда, дар ҷараёни он ҳар як тараф иҷро гардидан ва ё иҷро нагардидани ӯҳдадориҳоро исбот мекунад (масалан агар ба қарордод дахл дошта бошад).
- **Кодекси ҷиноятӣ** (қонунҳое, ки сӯистеъмол ё вайрон кардани ҳуқук ва инчунин, барои он ҷазои мувофиқро, муаян мекунанд). Дар натиҷа ин парванда мақсади ҷамъиятиро ифода менамояд, зеро онҳо ҳамеша байни шаҳрванд ва давлат барои ҳимояи манфиати умум бурда мешавад.

Яке аз вазифаҳои мушкилтарини бозсозиҳои сиёсии давлатҳои соҳибистиқлол бунёди низоми додгоҳии мустақил аст, ки он набояд ҷузъи ҳокимияти иҷроия бошад. Таъини додрасҳои мустақил ва соҳибдониш, ки мардум нисбат ба онҳо эҳтиром ва боварӣ доранд, кори муҳим аст.

## 4.0 Идораи иҷроия

Идораи иҷроия дар сохтори ҳокимияти давлатӣ вазифаи идоракунандаро адо мекунад (ба ин идораҳои интихобӣ низ дохил мешаванд). Онҳо самти сиёсати давлатиро муаян мекунанд ва қонунҳоеро, ки парламент қабул мекунад, татбиқ менамоянд. Ба ҳайати он шахсони расмии мансабдори интихобшаванда, ба монанди Раиси Ҷумҳур, ё сарвазири таъингашта, девони вазирон, инчунин хизматчиёни давлатии таъиншуда, ки корҳои техникиро пеш мебаранд, дохил мешаванд.

Ҷиҳати фарккунанда дар сохтори иҷроия вобаста аз низоми кишвар аст. Яъне кишвар дорои низоми Раиси Ҷумҳурӣ ё парламентист.

Дар низоми Раиси Ҷумҳурӣ сардори ҳукумат Раиси Ҷумҳур ва инчунин, вакилони парламент, ба мӯҳлатҳои муаян интихоб карда мешаванд. Раиси Ҷумҳурро ба таври маҷбурӣ, ба истиснои ҳолатҳои фавкулодда ва аз рӯйи тартиботи мураккаб, наметавон ба истеъфо равон кард. Одатан, Раиси Ҷумҳурон низ наметавонанд парламентро пароканда созанд. (Ин маънои ҳуқуқи вакилии онҳоро бекор кардан аст. Ин ҳолат асосан танҳо пеш аз интихобот рух медиҳад). Дар бисёр системаҳои Раиси Ҷумҳурӣ вазифаи ноиби Раиси Ҷумҳурро дохил кардаанд, ки онҳоро ҳатто ба таври алоҳида интихоб мекунанд ва аз рӯи вазифаашон баъд аз Раиси Ҷумҳур қарор доранд. Дар сурати корношоямии Раиси Ҷумҳур, дар чунин низом, вазифаи ӯро ноиб ба ӯҳда мегирад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса ва кишварҳои шӯравии собиқ мисоли низоми Раиси Ҷумҳурӣ шуда метавонанд. Дар ҳар ду ҳолат, Раиси Ҷумҳур ҳам сардори давлат ва ҳам сардори ҳукумат ба ҳисоб меравад.

Дар низоми парламентӣ сардори ҳукуматро сарвазир ё канслер мегӯянд. Сарвазирро аз ҳисоби аъзои парламент интихоб мекунанд. Одатан, ӯ роҳбари ҳизби сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар интихоботи парламент ҷойҳои бештарро ба даст овардааст ва ҳукуматро ташкил мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳокимияти иҷроия қисман аз идораи қонунбарор иборат аст. Дар чунин низом сарвазир ва ҳукуматро ба воситаи аксарияти овозҳо дар шакли изҳори нобоварӣ ба истеъфо фиристодан мумкин аст. Аз тарафи дигар, сарвазир метавонад парламентро пароканда кунад ва интихоботи нави онро таъин намояд.

Низоми парламентӣ талаб мекунад, ки дар байни ҳокимияти иҷроия ва қонунбарор ҳамкории зич мавҷуд бошад, зеро онҳо метавонанд ба осонӣ якдигарро ба истеъфо фиристанд.

Дар низоми парламентӣ аз болои шохаҳои ҳокимияти иҷроия назорати ҷиддӣ мавҷуд аст, зеро вазифаҳои сардори давлат ва сардори ҳукумат дар ин ҷо аз ҳамдигар ҷудоянд. Сардори давлат шоҳ (монарх) ё сарвари интихобшуда аст, ки аз ин рӯ бояд, сухани охиринро гӯяд ва метавонад қонунҳои пешниҳодшударо қабул ё рад намояд. Ӯ баъзе лоиҳаҳоро таъин мекунад. Бо вуҷуди ин, Раиси Ҷумҳур дар низоми парламентӣ дар муқоиса бо низоми Раиси Ҷумҳурӣ ҳокимияти маҳдуд дорад. Дар Ҷопон, Испания, Британияи Кабир ва мамлакатҳои Скандинавия давлатҳои парламентии монархӣ амал мекунанд. Давлатҳои Италия, Олмон, Венгрия ва Чехия ҷумҳуриҳои парламентӣ буда, дар онҳо Раиси Ҷумҳур сардори давлат аст, на сардори ҳукумат.

Ҳам Раиси Ҷумҳур ва ҳам сарвазир давлатро бо ёрии вазирон идора мекунанд, ки онҳо дар низоми парламентӣ мустақилияти бештар доранд ва сарвазир дар байни онҳо ягона аст.

Натиҷаи кори чунин тартибот ду ҷиҳати муҳим дорад: якум, дар низоми Раиси Ҷумҳурӣ сардори давлатро бевосита мардум интихоб мекунад. Дар низоми нолумоӣ сардори ҳукумат (сарвазир)-ро вакилони парламент интихоб мекунанд. Ин интихоботи бавосита аст. Бо вуҷуди ин, интихобкунандагон аллакай медонанд, ки вазифаи сарвазирро кӣ ишғол мекунад, зеро ӯ роҳбари ҳизби сиёсӣ аст. Дуюм, дар низоми парламентӣ вазирони идораҳои гуногун аъзои парламентанд. Бинобар ин, онҳо дар як вақт интихобкунанда ба ҳисоб мераванд. Онҳо аз тарафи сарвазир ба вазифаҳо дар он вақт таъин карда мешаванд, ки агар вакилони халқ дар парламент бошанд. Дар низоми Раиси Ҷумҳурӣ вазиронро, ки ҳукумати иҷроияро ташкил медиҳанд, таъин мекунанд ва барои номзад шудан ба ин вазифа узви мақомоти интихобӣ будан шарт нест.

Азбаски ҳар ду низом демократӣ ба ҳисоб мераванд, гуфтан мушкил аст, ки кадоме аз инҳо демократтар аст. Муҳим он аст, ки дар низоми интихобшуда то кадом андоза конститутсия риоя мешавад ва то кадом андоза шохаҳои гуногуни ҳокимият баробар аст.

## 4.1 Сохтори хадамоти давлатӣ

Иҷрои қонунҳоро аз тарафи хизматчиёни давлатӣ ба амал бароварда мешавад, ки онҳо дар ташкилотҳои гуногун фаъолият мекунанд. Дар кишварҳои ғарб ин сохтор асосан дар чорчӯби раёсатҳои давлатӣ ва шӯъбаҳо маҳдуд карда шудааст.

Яке аз масъалаҳое, ки аз даврони Шӯравӣ мерос мондааст, мафҳуми хизмати давлатӣ новобаста аз сохтори ҳизбӣ мебошад. Давлатҳои нави мустақил хизмати давлатиеро ба мерос гирифтаанд, ки он вазифаи идоракунии давлат ва назорат аз болои ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Дар натиҷа, қариб ҳар як ташкилот дар ҷомеа аз милиса гирифта то донишгоҳҳо, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳатто бонкҳо дар

зери назорати идораҳои давлатӣ буд.

Ба наздикӣ идораи хизмати давлатӣ чунон тағир ёфт, ки баъзе вазифаҳои он ба сохторҳои тиҷоратӣ дода шуданд. Вале барои иҷрои баъзе вазифаҳое, ки зери назорати давлат қарор доранд, дар айни замон аз ҳад зиёд усулҳои идоракунии корхонаҳои шахсиро истифода мебаранд.

Дар давлатҳои ғарб шумораи хизматчиёни давлатӣ чандон зиёд нестанд ва низоми идоракунӣ тавре ба роҳ монда шудааст, ки ҳар як раёсат мустақилияти заруриро соҳиб аст.

Аксари давлатҳои собиқ Шӯравӣ ҳоло низ бинобар зиёд будани шумораи хизматчиёни давлатӣ, ки ба мушкилиҳои буҷетӣ оварда мерасонад, душворӣ мекашанд.

Ин масъала барои он мушкил аст, ки аз рӯйи анъана бисёр ашхоси мансабдор ба вазифаҳои худ дар асоси алоқаҳои сиёсӣ ва содиқ будан ба роҳбарони вазорату идораҳо таъин карда мешаванд, на ин ки аз рӯйи сифати кор, шахсият ва хизмати онҳо.

Ин низом сифати иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва давлатиро халалдор менамояд ва ба он оварда мерасонад, ки ашхоси мансабдор на ҳама вақт миёни назорати сиёсӣ, садоқати шахсӣ ва сифати кор муносибати дуруст мекунанд.

Ин масъалаҳо сифати кори хизмати давлатиро аз сабаби маоши ночиз, вуҷуд надоштани низоми интихоби мутахассисон ва ҳавасманд насохтани онҳо паст менамояд. Чунин усули кор барои ба вуҷуд омадани муҳити ҳукмравонии усулҳои идоракунӣ шароит фароҳам оварда ва дар ин гуна вазъият шавку рағбати мутахассисон бедор намешавад, ташаббуси онҳо кадр намегардад ва дар амал, баръакс, метавонад он ба ҷазо оварда расонад. Дар натиҷа кормандони идораҳои давлатӣ барои беҳбудии корҳои худ ҳавасманд намегарданд, зеро онҳо мустақилона, бе иҷозати сардор ягон масъаларо ҳал карда наметавонанд. Онҳо фақат метавонанд дар бораи шароити маҳал ахбори номукаммал дошта бошанд. Азбаски коркунони идораҳои давлатӣ имкониятҳои кам доранд ва барои такмили маҳорати маъмурӣ ва идоракунии онҳо шароити мусоид фароҳам оварда нашудааст, бинобар ин ҳуҷҷатҳои тайёр намудаи онҳо бесифат мебароянд.

## 4.2 Муносибати байни хадамоти давлатӣ ва шаҳрвандон



Дар баъзе мамлакатҳо шаҳрвандон аз идораҳои хадамоти давлатӣ дар ҳаросанд ва нисбат ба самаранок будани хизматрасониҳо боварии кам доранд (идораҳои ҳуқуқӣ, тиббӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра). Бо вуҷуди ин, идораҳои хизмати давлатӣ қудрати васеъи қонунӣ доранд, вале мутобиқи қонун амал намекунанд. Дар мамлакатҳои демократӣ шаҳрвандон аз ташкилотҳои давлатӣ хизмати сифатнокро интизоранд ва чунин мехисобанд, ки мақсади асосии онҳо таъмини талаботи мардум аст, на ин ки баръакси он. Ташкилотҳои хадамоти давлатӣ бояд барои сарфи маблағҳои андоз, ки аз ҳисоби шаҳрвандон ҷамъ мешавад, ҷавоб гӯянд. Аз ин рӯ, дар бисёр кишварҳо қонун «Дар бораи иттилоот» амал мекунад, ки шаҳрвандон метавонанд идораҳои давлатиро маҷбур созанд, то ба фаъолияти хадамоти давлатӣ рӯшанӣ андозанд. Агар маълум шавад, ки ташкилотҳои хадамоти давлатӣ ғайриканоатбахш фаъолият кардаанду сифати хизматрасониашон хеле паст аст ё сарфи беҳудаи маблағҳо ҷой дорад, шаҳрвандон имкон доранд, ки дар интихоботи навбатӣ бо роҳи аз нав интихобкунии роҳбариятро иваз кунанд.

## 5.0 Инҳисор (монополия)-и давлатӣ дар ҳокимият

Ҳама гуна низоми идораи давлатӣ метавонад хуб ё бад бошад, вале ҳаминаш маълум аст, ки ягон низоми идораи ҳукумати аз сӯиистеъмол озод нест. Қувваҳо дар ҳама гуна сохти давлатӣ зери инҳисори давлат аст (тавассути милиса, артиш ва додгоҳҳо).

Яке аз мақсадҳои асосии давлат ҳимояи шаҳрвандон аз ҷинояткорон бошад ҳам, вале ҳолатҳое ҳастанд, ки худи давлат ҳуқуқҳои шаҳрвандонро поймол месозад. Дар ин маврид, ҳимоятгар ба ҷинояткор табдил меёбад ва дар муқоиса бо таҷовузкори алоҳида хатарнок аст. Ҳамин тавр, давлат дар баробари барои мардум муҳим буданаш метавонад хатарнок низ бошад. Мегӯянд, ки дар чунин сурат он ба давлати мустабид (тирания) табдил меёбад.

Истибдод ё ҳукмронии мутлақро мумкин аст ҳамчун ҳокимияте муайян кард, ки дар натиҷаи он ба муқобили халқи худ амал намудан боварии мардумро аз даст додааст. Ҳукмфармоии золимона мебошад.

ки онҳо аҳолиро бо мақсади таъмини бойгарии худашон ғулом карда, ба даҳшат меандозанд. Ҳар як чузъи низоми давлатӣ ё мансабдорон аз ҳокимияти худ сӯиистеъмол мекунанд ва бинобар ин, ба боварӣ сазовор намешаванд. Золимон, инчунин, метавонанд мавқеи худро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тавассути қонуне, ки табиати ҳақиқии низоми идораи давлатиро рӯйпӯш мекунад, мустаҳкам намоянд. Дар чунин ҳолат нисбат ба амалиёти онҳо аҳолӣ ба ҳеҷ куҷо арзу шикоят карда наметавонад ва умуман, манфиати халқро ҳеҷ кас ба ҳисоб намегирад.

Агар воситаҳои бартараф кардани ин камбудиҳо мавҷуд набошад, низоми демократӣ ҳам золим шуда метавонад. Инчунин агар низоми демократӣ гурӯҳҳои ақаллиятро ҳимоя накунад, золимии гурӯҳҳои аксарият метавонад ҷой дошта бошад. Дар чунин ҳолат аксарият метавонад ақаллиятро ғулом гардонад, моликияташро ғорат ва несту нобуд кунад. Бинобар ин, тақсимоти қудрат ва кафолатҳои конститутсионӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои ақаллият заруранд.

Аз чунин низоми зӯроварона тавассути инқилоб раҳоӣ ёфтан мумкин аст. Эҳтимол, пеши роҳи золимиро тавассути роҳҳои осоишта гирифтан мумкин аст ва барои аз нав авҷ гирифтани он имконият додан лозим нест. Дар шароити мавҷуд будани бартарии қонун новобаста аз он, ки ӯ Раиси Ҷумҳур ё шаҳрванди қаторӣ аст, дар мамлакат ҳамеша имконияти ба додгоҳ кашидани мансабдорони қонуншикан вуҷуд дорад.

Албатта, роҳи дигари муҳими пешгирӣ намудани золимӣ тавассути интихобот иваз кардани роҳбарон аз тарафи шаҳрвандон аст. Интихобот имконият медиҳад, ки на танҳо шахсиятҳо, балки тамоми низоми сиёсӣ ба воситаи ворид кардани тағйирот ба конститутсия ё таҳияи нави он дигаргун карда шуда, низоми нави давлатдорӣ пешниҳод гардад. Интихобот чун воситаи ба тартиби муаян интихоб намудани вакилон бо мақсади иҷро кардани хоҳиши овоздиҳандагон гузаронида мешавад. Бо вуҷуди ин, вай наметавонад даъвое бошад, ки ҳамаи дардҳоро дармон бахшад.

Баъзан интихобот дар асоси қоидаҳои ноқис баргузор мегарданд. Бинобар ин, муҳим аст, ки қонунҳои интихоботӣ бо принсипҳои байналмилалӣ мувофиқат кунанд ва он вакили боадолат ва интихоботи озодро таъмин намоянд. Меъёрҳои дар коғаз навиштошуда барои озодона ва одилона гузаронидани интихобот кифоя нестанд. Масъалаҳои марбут ба доир кардани интихобот ва иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар қисми дуюми китоб оварда шудааст.

## Машғулият баъд аз хониши матн

### Супориши 02. Онҳо чӣ кор мекунанд?

Бо шарикатон вазифаҳои асосии давлатро аз рӯйи боби додашуда тартиб диҳед.

### Супориши 03. Сохторҳои давлатӣ

Дунафарӣ номгӯи қоидаҳоеро тартиб диҳед, ки ба фикри шумо, ҳангоми ташкил намудани сохтори давлатӣ асле муҳиманд.

### Супориши 04. Риоя кардани асли адолат

Омӯзгорон ҳангоми гузаронидани имтиҳоноти давлатӣ имкониятҳои васеъ доранд. Низоми имтиҳоноти давлатиро чӣ гуна бояд таҳия намуд, ки он ба ҳар кас имконияти баробар диҳад? Аз мудири мактаб ояд ба чӣ тавр амал кардани ин низом маълумот гиред. Саволҳои зеринро диҳед:

1. Кӣ барномаи имтиҳонотро тартиб медиҳад?
2. Саволҳои имтиҳонӣ чӣ гуна махфӣ нигоҳ дошта мешаванд?
3. Барои баҳои лоиқ гузоштан ба хонандагон дар имтиҳон, низоми баҳогузорӣ то чӣ андоза дақиқ кор мекунад?

### Супориши 05. Кафолатҳои Сарқонун

Бо шарикатон Сарқонуни Қирғизистонро аз назар гузаронида муаян намоед, ки дар шохаҳои ҳокимиятҳои иҷроия, додгоҳӣ ва қонунгузорӣ кадом қоидаҳои вобастагии мутақобилаи қудратӣ истифода бурда мешаванд. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Барои қонунҳои навро қабул кардан кадом монеаҳо садди роҳи Раиси Ҷумҳур мешаванд?
2. Барои пешниҳод ва қабули қонунҳо кадом монеаҳо садди роҳи палатаҳои парламент

мегарданд?

3. Барои қабули қароре, ки додрасҳо хоҳиш доранд, чӣ халал мерасонад?
4. Тартиботи таъин ва озод кардани додрасҳо аз вазифа дар сатҳи ноҳия чӣ гуна сурат мегирад?

### Супориши 06. Вобастагии мутақобила ва маҳдудиятҳо

Матни зеринро дар бораи он ки ба Раиси Ҷумҳури мамлакати хаёлии Зиф чӣ ҳодиса рух дод, хонед.

> Имрӯз Раиси Ҷумҳури давлати Зифф Зилдорф Хиггинсро, ки дар сафар буд, ба хиёнати давлатӣ гунаҳкор карданд. Якчанд рӯз пеш Раиси Ҷумҳур ба сафари корӣ баромад ва дар кишвар, бо ёрии артиш инқилоби халқӣ сурат гирифт. Инқилобчиён интихоботи нави Раиси Ҷумҳурро талаб намуданд. Мутаассифона, сабаби ин амали ғайриқонунӣ таҳияи нодурусти конститутсия буд, ки дар он вобастагии мутақобила ва маҳдудиятҳои қудрати Раиси Ҷумҳур ва фаъолияти ӯ ба инобат гирифта нашуда буданд. Раиси Ҷумҳур қонунеро эълон намуда буд, ки мутобиқи он ӯ метавонист дар ҳама гуна вазъияти фавқулодда маблағи лозимаро истифода намояд. Ӯ маблағи 2,000,000 доллари амрикоиро барои худаш ҷудо намуд. Парламент қонунро дастгирӣ накард, вале Раиси Ҷумҳур аз ҳуқуқҳои худ истифода намуда, пешниҳоди парламентро ба инобат нагирифт. Парламент имконе наёфт, ки 100% намояндагонро ҷамъ оварда ба тарафдории аз вазифа сабукдӯш кардани Раиси Ҷумҳур овоз диҳад. Ҳокимияти судӣ кӯшиш кард, ки ғайриконститутсионӣ будани қонунро собит созад, вале мувофиқи конститутсия Раиси Ҷумҳур ба суд итоат намекунад. Ӯ ҳуқуқ дорад, ки ҳама гуна қарорҳои суди конститутсиониро бекор созад, бинобар ин, илоҷи ягон кор кардан вуҷуд надорад.

Бо шарикатон дар ҳаҷми 200 калима матне нависед, ки дар он пешниҳодҳо барои конститутсияи давлати Зифф мавҷуд бошанд ва барои нигоҳ доштани мамлакат аз ғорат хизмат кунанд.

### Супориши 07. Суҳарто, Никсон ва Эстрада

Ҷамъият ҳамон вақт худро ҳимоя карда метавонад, ки агар Раиси Ҷумҳур ва шоҳ дар сурати вайрон кардани қонунҳо мутобиқи конститутсия аз мансаб сабукдӯш карда шаванд.

Бо шарикатон ҳамон банди Конститутсияи Қирғизистонро, ки ин гуна тартибот шарҳу эзоҳ ёфтааст, пайдо кунед. Муайян намоед, ки кадом гурӯҳи одамон метавонанд мувофиқи қонун шахси дар мақоми Раиси Ҷумҳур бударо аз вазифааш озод кунанд.

### Супориши 08. Чаро ҳокимият бояд тақсим шавад?

Бо шарикатон кор карда, ба саволи зерин ҷавобе нависед, ки аз 100 калима бештар набошад.

> ***«Чаро дар давлате, ки демократӣ ба шумор меравад, ҳокимият бояд байни шохаҳои гуногуни вай: иҷроя, қонунгузорӣ ва додгоҳӣ тақсим гардад?»***

### Супориши 09. Системаи Раиси Ҷумҳурӣ ё парламентӣ?

Бо шарикатон ҳал кунед:

(1) Ба кадом низом тааллуқ доштани онҳоро муайян намоед: парламентӣ, Раиси Ҷумҳурӣ ва ё ҳар ду низом.

(2) Муайян намоед, ки дар Қирғизистон кадом низом амал мекунад.

| Мулоҳизаҳо | Раиси Ҷумҳурӣ | Парламентӣ |
|---|---|---|
| 1. Ҳокимияти иҷроия аз вазирон иборат аст. | ✓ | ✓ |
| 2. Вакилон вазир буда наметавонанд. | | |
| 3. Миёни ҳокимиятҳои иҷроия ва додгоҳӣ тақсимоти дақиқ мавҷуд нест. | | |
| 4. Сардори ҳокимияти иҷроия сарвазир аст. | | |
| 5. Сардори ҳокимияти иҷроия Раиси Ҷумҳур аст. | | |
| 6. Вазифаи ҳокимияти қонунгузорӣ тасдиқи қонунҳо аст. | | |
| 7. Ваколати ҳокимияти иҷроия ба ваколатҳои мухолифин ва ҳокимияти додгоҳӣ дар мувозина қарор дорад. | | |

## Супориши 10. Таъинӣ ё интихобӣ?

Бо шарикатон баъзе афзалиятҳо ва камбудиҳои интихобӣ ё таъинотӣ будани шахсони мансабдорро номбар кунед.

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| Таъинӣ | Таъинӣ |
| Интихобӣ | Интихобӣ |

## Супориши 11. Кӣ чӣ кор мекунад?

Дар поён рӯйхат оварда шудааст:

а) Мулоҳизаҳои умумӣ, ки вазифаҳои ҳокимияти додгоҳӣ, иҷроия ва қонунбарорро шарҳу эзоҳ медиҳанд;

б) Мулоҳизаҳое, ки мақсадҳои мушаххаси ин ташкилотҳоро шарҳу эзоҳ медиҳанд

Бо шарикатон таснифи ҳар кадоме аз ин вазифаҳоро ва баъд мақсади идораҳое, ки чӣ корро анҷом медиҳанд, нишон диҳед.

**Мулоҳизаҳои умумӣ:**

1. Мақомоти мазкур қонунҳоро пешниҳод ва тавассути низоми овоздиҳӣ қабул мекунад. Чун қонда ин мақомот намояндагӣ дорад. Мақомоти мазкур ваколати ба вазифа таъин кардан ва ба дигар мақомот нобоварӣ изҳор карданро дорад.
2. Одатан, ин мақомот таъинотӣ буда, ду нақши асосӣ дорад. Мақсади асосии нақши якум назорат кардан аз болои қонунҳо буда наметузорад, ки қонунҳои қабулшаванда ба қонунҳои амалкунанда муҳолиф бошанд, махсусан, бо Конститутсия. Нақши дувум, татбиқи қонунҳо дар таҷрибаи додгоҳӣ вобаста ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон ва ташкилотҳо. Масалан, агар додгоҳ ҳал намояд, ки шумо гунаҳкоред ва ҷазоро муаян кунад, масъалаи иҷрои қарор ба ӯ дохил намешавад.
3. Ин мақомот маблағҳои захиравии пешниҳодшударо барои иҷрои барномаҳои худ истифода менамояд. Мақомоти мазкур мумкин қудрати таъин намудани додрасҳоро дошта бошад, инчунин пеши роҳи ба ҳукми қонун даромадани баъзе қонунҳои пешниҳодшударо гирад. Қарорҳои додгоҳро иҷро мекунад ва барои татбиқи қонунҳои давлатӣ ва идоракунии ҷомеа бевосита масъул аст.

| Ҳокимияти иҷроия | Ҳокимияти қонунбарор | Ҳокимияти додгоҳӣ |
|---|---|---|
| Вазифаҳои умумӣ: | Вазифаҳои умумӣ: | Вазифаҳои умумӣ: |
| Вазифаҳои мушаххас: | Вазифаҳои мушаххас: | Вазифаҳои мушаххас: |

**Вазифаҳои мушаххас:**

1. Муҳокима карда шуд, ки қонуни пешниҳодшуда бо моддаи 4- уми Сарқонун ихтилоф дорад.
2. Шахсеро барои дуздидани мошин ба мӯҳлати панҷ сол маҳкум карданд.
3. Барои мактабро аз нав сохтан 400 000 сомонӣ сарф кард.
4. Қонуни пешниҳодшуда оид ба манъ кардани фаъолияти корхонаи «Кока-Кола»-ро ду маротиба хонда пешниҳод намуд, ки аз нав тағир диҳанд.
5. Додрасеро Додгоҳи Олӣ таъин мекунад.
6. Маошҳои полисро пардохт.
7. Барои тасдиқи буҷети соли 2004 овоз дод.
8. Интихоботи парламентро таъин кард.
9. Раиси Ҷумҳурро аз вазифааш озод намуд. Ба ӯ изҳори нобоварӣ кард.
10. Вазири нави корҳои хориҷиро таъин намуд.

# БОБИ 11

# Сохтори давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон

**Машғулият пеш аз хондани матн:**

**Супориши 01. Истилоҳҳо ва таърифҳо**

Ду нафарӣ машғулият анҷом диҳед ва таърифҳои муносибро барои истилоҳҳо интихоб кунед.

| Истилоҳ | Таъриф |
|---|---|
| 1.Импичмент | а) Таъмини иҷрои ягон навъи ӯҳдадорӣ. |
| 2. Тазмин (гарантия) | б) Пайгирии кори додгоҳии ягон нафар ва ё ягон гурӯҳ. |
| 3. Спикер (раиси | в) Мукаррароти таъини гуноҳи раиси ҷумҳур барои аз вазифа дур кардани он. |
| маҷлис) | г) Шахсе ки маҷлис вайро интихоб кардааст то риояти ҳуқуқ ва озодии инсонҳо |
| 4.Эълони гувоҳ | ва шахрвандонро мувофиқи Сарконун назорат кунад. |
| 5. Аудитор | д) Касе, ки дурустии асноди пулиро тафтиш мекунад. |
| 6. Омбудсмен | е) Нафаре ки маҷлисҳои Парламентро раисӣ мекунад ва робитаи байни бахшҳои |
| (Ҳақиқатҷӯ) | Маҷлис ва давлатро таъмин менамояд. |

---

**Матн барои хондан**

Дар ин фасл баррасӣ мегардад, ки кадом навъи кудрати давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ташкил гардидааст ва чӣ тавр ба шоҳаҳои конунгузорӣ, иҷроӣ ва додгоҳӣ тақсим шудааст. Мо кӯшиш кардем, ки тавзеҳоти умумиро бидиҳем ва агар шумо биҳоҳед, ки дар бораи ташкили кудрати давлатӣ маълумоти бештар ва дақиқтар пайдо кунед, пас ба мукаррароти марбутаи Сарконун муроҷиат намоед, ки он дар охири китоби дарсӣ оварда шудааст ва ё бо конунҳои дигари марбута ошно шавед.

## 1.0 Раиси Ҷумҳур

Раиси Ҷумҳур дар системаи сарконунии давлати Ҷумҳурии Қирғизистон ҷои махсусро ишғол менамояд. Раиси ҷумҳур сардори мамлакат ва мақоми олии ҷумҳурӣ, тазминкунандаи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд мебошад. Раиси Ҷумҳур масъули таъини равияҳои асосии сиёсат дохилӣ ва хориҷии мамлакат ва ҳамчунин ҳамоҳангӣ, таъини сохтор ва ташкили ҳар се шохаи қудрати давлатӣ мебошад. Сарқонун ба Раиси Ҷумҳур салоҳиятҳои зиёд медиҳад, ки аз ин тариқ вай қудрати худро бар ҳамаи шоҳаҳои давлат амалӣ намояд.

Барои таъмини иҷрои ҳамаи ин салоҳиятҳо Дастгоҳи Раиси ҷумҳур ташкил мегардад. Раиси Ҷумҳур аз тариқи дастгоҳ, ки раёсати онро раиси дастгоҳ раҳбарӣ менамояд, бо давлат робита барқарор менамояд ва фаъолияти онро назорат мекунад, ҳамчунин бо системаи додгоҳӣ ва парламент ҳамкорӣ менамояд. Раиси ҷумҳур ва дастгоҳи он дар назди ҳеҷ як мақоми кудрати давлатӣ ҳисобот намедиҳанд.

## 1.1 Маҳдудсозии кудрати Раиси Ҷумҳур

Аммо кудрати Раиси Ҷумҳур маҳдуд мебошад. Аввалан мақоми раиси ҷумҳур интихобӣ мебошад, ба иборати дигар, ҳар панҷ сол мардум имкон дорад, ки Раиси ҷумҳури дигар интихоб намояд. Бар тибқи Сарқонуни ҷумҳурӣ Раиси Ҷумҳур наметавонад пай ҳам ду бор ба ин вазифа интихоб шавад. Номзади мақоми Раиси ҷумҳур бояд шаҳрванди Қирғизистон, синаш аз 35 сола боло ва аз 65 сола поинтар буда, забони давлатиро донад ва пеш аз пешбарӣ шуданаш ба мақоми Раиси Ҷумҳурӣ ҳадди аққал 15 сол дар Қирғизистон зиндагӣ карда бошад. Барои он ки дар ин мақом сабти ном шавид, зарур аст, ки ҳадди аққал

50 дарсади имзои шаҳрвандонро гирд биёранд. Он номзаде интихоб мегардад, ки беш аз 50% овозҳоро гирифта бошад, агар дар интихобот бештар аз нисфи ҳамаи шаҳрвандони дорои ҳаққи раъйдиҳӣ иштирок карда бошанд.

Мақоми қонунгузорӣ – Жогорку Кенеш – имкониятҳои муайянеро барои таъсир гузоштан ба сиёсати Раиси Ҷумҳур дорад. Он ҳақ дорад ки:

- номзадҳои аз сӯи Раиси Ҷумҳур пешниҳодшуда ба мақомҳои олии давлатиро тасдиқ накунад;
- буҷет ҷумҳурӣ ва барномаҳои умумии давлатиро тасдиқ накунад ва ё тағироти худро дар онҳо ворид созад.
- бартараф намудани ветои Раиси Ҷумҳурӣ дар мавриди қонунҳои аз тарафи парламент қабулшуда, ки вай онҳоро имзо намекунад (ва вай маҷбур мешавад, ки онҳоро имзо намояд);
- барканор намудани Раиси Ҷумҳурӣ аз вазифа бо роҳи тартиби хеле мураккаб ва тулонии эълон намудани нобоварӣ (импичмент).

## 2.0 Ҳокимияти иҷроӣ

Кабинети вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон, вазоратхонаҳо, комитетҳои давлатии тобеъи он, идораҳои маъмурӣ ва дастгоҳҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ ба ҳокимияти иҷроӣ дохил мешаванд. Ҳукумат бо дастури Раиси ҷумҳур сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дифоъиро танзим ва амалӣ менамояд. Вай ҳамчунин пешниҳодҳо дар хусуси барномаи фаъолиятҳои асосии худро танзим ва барои баррасӣ ба Раиси ҷумҳур пешниҳод менамояд.

Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон раиси ҳокимияти иҷроӣ ҳисоб намешавад, вале сохтори онро таин менамояд ва бо тасвиби парламент раиси ҳукумат - сарвазир ва бо ризояти вай ва мувофиқати парламент аъзои дигари ҳукуматро таъин менамояд. (дар ин бора дар Сарқонун маълумоти муфассалтар мавҷуд аст. Ғайр аз ин Раиси Ҷумҳур ҳақ дорад, ки дар ҷаласаҳои ҳукумат раисӣ кунад.

Кабинети вазирон иборат аст аз сарвазир, муовинҳои сарвазир, вазирон ва раисони комитетҳои давлатӣ.

Вақте ки сарвазир ба истеъфо меравад ва ё Раиси Ҷумҳури нав интихоб мешавад, ин боиси истеъфои ҳамаи аъзои ҳукумат мегардад. Барои истеъфои давлат ризояти Жогорку Кенеш лозим нест. Раиси Ҷумҳур бо фармони худ метавонад ҳам сарвазир ва ҳам аъзои дигари ҳукуматро аз вазифа барканор намояд. Парламент метавонад нисбат ба сарвазир нобоварӣ эълон кунад вале ҳукми охиринро Раиси Ҷумҳур мекунад.

Агар Раиси Ҷумҳур аз кори парламент норозӣ бошад, парламентро пароканда мекунад. Вале парламент ҳақ дорад, ки ба Раиси Ҷумҳур ҳам нобоварӣ эълон намояд.

Имконоти парламент барои пайгирии фаъолиятҳои ҳукумат маҳдуд бо он аст, ки ҳисоботи солонаи сарвазирро тасдиқ ва ё рад мекунад. Парламент ба ҳар яке аз аъзои метавонад нобоварӣ эълон намояд. Иқдомоти баъдӣ танҳо бо мувофиқати Раиси Ҷумҳур мумкин мебошад. (Дар соли 2003 Жогорку Кенеш истеъфои додситони вилояти Ҷалолободро дархост намуд ва Раиси Ҷумҳур ин дархостро қонеъ гардонид). Ба ғайр аз ин вакилон метавонанд аз ҳукумат дар бораи ҳар як фаъолияташ маълумот талаб кунанд, ё ба шакли хаттӣ ё ба таври ҳисоботи даҳонӣ дар парламент дар муддати «соати ҳукуматӣ» ҷавоб бигиранд.

Додситонии Ҷумҳурии Қирғизистон мақоми давлатӣ дар системаи ҳокимияти иҷроӣ мебошад. Вай манфиатҳои давлат ва шаҳрвандро дар бар гирифта, дар мавриди ҳамаи вайронкунандагони


*Аввалин Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон*

**Дастгоҳи Омбудсмен**

Дастгоҳи Омбудсмен (Акыйкатчы), ки чанде қабл ташкил гардида буд ба ҳеч кадоме аз се шохаи давлат дохил намегардад. Агарчи он аз ҳисоби буҷаи мамлакат бо пул таъмин мегардад, вазифаи он баррасии ариза ва шикоятҳои мардум аз ташкилоти давлатӣ мебошад. Дар сурати зарурат Омбудсмен баррасии додгоҳиро ташкил менамояд.

Дастгоҳи Омбудсмен ташкилоти мустақил мебошад, ки шаҳрвандонро муаррифӣ менамояд.

**Ҳукумат, кабинети вазирон... бесарусомонӣ?**

Қатъи назар аз он, ки ин истилоҳҳо маънои дақиқи қонунӣ доранд, дар ҳоле, ки мо аз як фарҳанг, забон ва системаи сиёсӣ ба фарҳанг, забон ва системаи сиёсии дигар мегузарем рӯз то рӯз онҳо номафҳумтар ва печидатар мегарданд.

Аъзои ҳукумат танҳо касоне метавонанд шаванд, ки сарварони мақомоти иҷроияи қудрат ҳастанд ва ҳамчунин ҳамаи касоне, ки дар сохтори давлат кор мекунанд ва ё ҳамаи ташкилотҳои ҳокимият, ки як қисми сохтори давлатӣ ҳастанд (ки ба таври гуногун таъбир мешавад, ҳатто ҳокимияти қонунгузорӣ ва додгоҳиро ҳам дохил мекунанд). Дар ҳар сурат мо дар ин китоби дарсӣ танҳо қудрати иҷроияро дар назар дорем (на ин ки ҳамаро).

Кабинет - ин танҳо ҷамъомади сарони ташкилоти ҳокимияти иҷроияи давлат мебошад. Кабинет одатан сохтори доимӣ нест ва вобаста ба масъалаи мавриди муҳокима метавонад бо ҳайатҳои гуногун ҷамъ бияд.

қонун (шахс ва ё ташкилот) аз номи давлат тафтишоти ҷиноӣ анҷом медиҳад. Ба чуз он додситонӣ аз болои истифодаи одилона ва яксони қонунҳо дар додгоҳҳо назорат мебарад.



Бинои ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон

## 2.1 Рафти қабули қарор аз сӯи шохаи иҷроии ҳокимият

Сарвазир, вазирон, раисони комитетҳои давлатӣ, мудирони агентиҳои маъмурӣ ва ё раҳбарони дастгоҳҳои маҳаллии давлатӣ шахсан барои ҳамаи қарорҳо ва фаъолиятҳои марбутаи мақомоти маъмурӣ ҷавоб медиҳанд, вале одатан ба таври мустақилона қарор қабул намекунанд. Мақомоти маъмурие, ки зери раҳбарии онҳо мебошад, дар заминаи анҷоми фаъолиятҳои ҳамоҳанг бо якдигар, ҳамаи қарорҳои худро пас аз баррасии муфассал онҳо бо кормандони расмӣ ва мувофиқати бештари аъзои ҳайати машваратӣ, ки ҳамаи раисони идораҳо ва бахшҳои ин мақомро дар бар дорад, қабул мекунанд. Ҳамаи қарорҳои онҳо бояд мувофиқ ба равиши сиёсати давлат, қонунҳо ва барномаҳои аз сӯи Раиси Ҷумҳур ва парламент тасдиқшудаи давлат бошад.

Қарор дар бораи ҳар яке аз масъала аз тарафи мақоми марбута гирифта мешавад, ки барои ин кор дорои салоҳиятҳои муаян шудааст. Масалан, барои гирифтани иҷозати боз кардани мағоза дар шаҳри худ лозим нест, ки ба сарвазир муроҷиат кунед. Ба ҷои ин шумо дархости худро ҳамроҳ бо асноди зарурӣ ба бахши марбутаи шаҳрдорӣ (мэрия) медиҳед.

Ҷаласаи ҳукумат мувофиқи зарурат баргузор мешавад, вале набояд камтар аз як бор дар се моҳ бошад. Дар ин ҷаласаҳо сарвазир раисӣ мекунад (ба истиснои вақтҳое, ки Раиси Ҷумҳур дар ҷаласа ширкат дошта бошад) ва дар сурате, ки сарвазир ҳузур надошта бошад, муовини аввали вай дар ҷаласа раисӣ мекунад. Дар ҷаласаҳои ҳукумат ба ғайр аз аъзои ҳукумат метавонанд мудирони агентиҳои маъмурӣ, раҳбарони идораҳо ва ташкилоти худидоракунии маҳаллӣ, коршиносон ва мутахассисони босалоҳияти дигар барои суханронӣ даъват карда шаванд. Дар ин ҷаласаҳо ҳамчунин барои инъикоси муфассали ахбор ва иттилооти он метавонанд намояндагони воситаҳои ахбори умум гурӯҳӣ ширкат намоянд. Қарорҳо вақте қабул карда мешаванд, ки агар дар ин маҷлисҳо бештар аз нисфи аъзои ҳукумат ва бештари онҳо ба тарафдории қабули қарорҳо овоз диҳанд. Агар овозҳо ба таври баробар тақсим шаванд, он қароре қабул мешавад, ки раисикунанда барои он овоз додааст (яъне вай амалан як овози изофӣ дорад).

Раиси маҷлис протоколи маҷлиси ҳукуматро имзо мекунад ва ин протокол асоси фаъолиятҳои ҳукумат мегардад. Пас аз ин қарор ба сурати қарори ҳукумат ва ё дастуре, ки иҷрои он барои ҳамаи мақомоти Ҷумҳурии Қирғизистон ҳатмӣ мебошад, содир мегардад. Ҳукумат ҳамчунин метавонад қарор ва ё дастуреро дар робита ба амалисозии фармонҳои Раиси Ҷумҳур ва ҳамчунин қарорҳои дигари сиёсиро ба воситаи ҳамоҳангӣ бо вазоратҳо ва идораҳои марбута ва бидуни баргузории ҷаласа қабул кунад. Ҳамин тариқ, агар ба шумо лозим шавад, ки қарори ягон идораро дарёфт кунед, шумо бояд муаян созед, ки ин идора бояд дар кадом сатҳ бошад ва ба куҷо бояд муроҷиат кунед. ва муқаррароти мавриди истифода барои қабули қарор дар ин сатҳро маълум намоед.

## 3.0 ҲОКИМИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ТО СОЛИ 2005

Ҳокимияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи парламент - Жогорку Кенеш амалӣ мегардад. Дар натиҷаи тағироте, ки пас аз ду ҳамапурсӣ (референдум) дар соли 1993 ба Сарқонун ворид карда шуд, парламент думатлисӣ шуд, баъдан шумораи аъзои он кам шуд ва аз баъзе салоҳиятҳои худ маҳрум гардид ва ин салоҳиятҳо ба Раиси Ҷумҳур вогузор шуданд. Ин чунин маъно дорад, ки парламент метавонад вазифаҳои намояндагӣ, қонунгузорӣ ва камтар аз он – назоратиро анҷом диҳад. То соли 2005 парламент иборат аз Маҷлиси Қонунгузорӣ (МҚ) доимо фаъол, дорои 60 вакил ва Маҷлиси Вакилони Мардум (МВМ) бо 45 вакил ва солона 2-5 бор ҷаласа иборат буд. Ҳар ду маҷлис вазифаҳои умумӣ ва ҳамчунин алоҳида доранд.



Жогорку Кенеш




## 3.1. Тағироте, ки дар ташкилоти қонунгузорӣ пас аз соли 2005 рӯй медиҳанд.

Дар соли 2005 Жогорку Кенеш ба парламенти якмаҷлисӣ табдил меёбад, ки он дорои 75 вакил мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки салоҳиятҳои ду маҷлис якҷоя мешавад. Аз ҷиҳати намояндагӣ тағйирот дар он зоҳир мегардад, ки аз соли 2005 ба баъд интихобот аз рӯи рӯйхати ҳизбҳо, яъне пешбарии баъзе вакилон аз тарафи ҳизбҳо ба унвони намояндаи ҳамаи ҷумҳурӣ, на ин ки намояндаи ҳавзаи (округи) алоҳида

амалӣ мегардад. (Системаи интихоботии мавҷуда дар боби 15 фасли дуюми китоб аз назар гузаронда мешавад).

Пас аз соли 2005 вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қиргизистон дорои ҳаққи масуният (дахлнопазирӣ) мегардад. Вобаста ба фаъолиятҳои намояндагӣ вайро тафтиш ва таъқиб кардан мумкин нест. (Агар вакил дар ҷои содир кардани ҷиноят дастгир шавад, мисли як шаҳрванди оддӣ масъули гуноҳ мегардад). Масуният чунин маъно дорад, ки вакилон метавонанд аз айбдоркуни натарсида масъалаҳоро дар ҷаласаи парламент гӯянд ва муҳокима кунанд.

## 3.2 Салоҳиятҳои ҳокимияти қонунгузорӣ пас аз соли 2005

Бо хондани моддаҳои Сарқонун метавонед ба ҳамаи салоҳиятҳои парламент ошно шавед:

- Ворид кардани тағирот ва изофаҳо дар сарқонуни Ҷумҳурии Қиргизистон, шарҳу тафсири расмии он.
- Тағири марзҳои (сарҳадҳои) Ҷумҳурии Қиргизистон. Ҳалли масъалаҳои сохтори маъмуриву ҳудудии Ҷумҳурии Қиргизистон.
- Эълони айбу ҷурми Раиси Ҷумҳур барои барканор кардани вай аз вазифа.
- Интихоб ва озодсозии Раиси Додгоҳи сарқонун, муовини вай ва додрасҳои (судяҳои) Додгоҳи сарқонун) бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳури Қиргизистон.
- Интихоби нисфи ҳайати Комиссияи марказии интихобот ва ҳамапурсӣ (референдум).
- Пазириши паёмҳо ва баёнияҳои раиси Ҷумҳури Қиргизистон ва баёнияҳои Раиси Ҷумҳури Қиргизистон ва суханрониҳои раҳбарон ва намояндагони дигари кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ.
- Тасдиқи буҷет ҷумҳурӣ ва ҳисобот дар бораи иҷрои он.
- Тасвиб (тасдиқ) ва барҳам задани Қарордодҳои байналмилалӣ, ба ғайр аз қарордодҳои байналмилалии пулӣ ва мувофиқатномаҳои қарзӣ.
- Эълони вазъияти фавқулодда, тасдиқ ё манъи фармонҳои Раиси Ҷумҳур дар ин бора.
- Ҳалли масъалаҳои ҷанг ва сулҳ; эълони вазъияти низомӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба истифодаи қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Қиргизистон дар хориҷ аз марзҳои он, дар сурати зарурати иҷрои муоҳидаҳои байналмилалӣ барои ҳифзи сулҳ ва амният.
- Таъини рутбаҳои низомӣ, дараҷаҳои дипломатӣ, дараҷаҳои мансабӣ ва рутбаҳои махсуси дигар.
- Таъини интихоботи Раиси Ҷумҳур.
- Мувофиқат ба таъини сарвазир, Додситони кулл, раиси бонки миллӣ.
- Интихоб ва фароҳонии (барканории) Омбудсмен (ҳақиқатҷӯ).

Мувофиқи Сарқонун ҳаққи ташаббуси қонунгузорӣ (пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо дар парламент) ба вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қиргизистон, ва ҳукумати Ҷумҳурии Қиргизистон тааллуқ дорад. Шаҳрвандон агар ба тарафдории ягон лоиҳаи қонун 30 ҳазор имзо ҷамъ карда тавонанд, он лоиҳаи қонунро метавонанд барои баррасии парламент пешниҳод кунанд. Дар ҳақиқат қисми бисёртари лоиҳаи қонунҳо аз тарафи давлат ва Раиси Ҷумҳур пешниҳод мешаванд. (Аз боби дигар метавонед дар бораи тартиби қабули қонунҳо маълумот гиред). Мувофиқи қонун номзади вакилии парламент бояд синну солаш болотар аз 25 бошад ва на камтар аз 5 сол дар мамлакати худ зиндагӣ карда бошад. Ба ғайр аз ин вакил наметавонад ҳамзамон бо вакилӣ, вазифаи узви ҳукуматро дошта бошад ва ё вакили шӯрои маҳаллӣ бошад. Баракси номзади Раиси Ҷумҳур, барои номзади вакилии парламент донистани забони қиргизӣ шарт нест, навбати вакилшавӣ (чанд бор) ва синну сол маҳдуд нест. Вакил метавонад бо далелҳои гуногуне ки, дар Сарқонун нишон дода шудааст, аз ҷои худ дар парламент маҳрум гардад.

## 4.0 Ҳокимияти додгоҳӣ

Ҳукми додгоҳи Ҷумҳурии Қиргизистон танҳо аз тарафи додгоҳ содир мегардад. Додгоҳи сарқонунӣ, Додгоҳи олӣ ва додгоҳҳои маҳаллӣ (поинтар аз Додгоҳи олӣ) системаи додгоҳии Ҷумҳурии Қиргизистонро ташкил медиҳанд. Додгоҳи сарқонунӣ мақоми олии қудрати додгоҳии Ҷумҳурии Қиргизистон мебошад. Раис, муовини раис ва ҳафт додрас вориди ҳайати он мешаванд. Он метавонад:

- Қонунҳо ва аснoди дигари меъёриро дар сурати мухолифати онҳо бо Сарқонун ғайриқонунӣ эълон кунад.
- Ихтилофоти марбут ба иҷро, истифода ва тафсири Сарқонунро ҳал кунад.
- Дар бораи қонунӣ будани интихоботи Раиси Ҷумҳур ҳукм барорад.
- Дар бораи барканор карданиРаиси Ҷумҳури Қиргизистон ва ҳамчунин барканории Додгоҳи Сарқонун ва Додгоҳи олии Ҷумҳурии Қиргизистон ҳукм содир кунад.
- Барои ба ҷавобгарии ҷиноӣ ҷалб намудани додрасҳои маҳаллӣ ризоят диҳад.

- Дар хусуси ворид кардани тағирот ва иловаҳо дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ҳукм содир кунад.
- Ҳукми ташкилоти худидоракунии маҳаллиро, ки бо Сарқонун мухолифат дорад бекор намояд.
- Масъалаи қонунӣ будани фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодҳои иҷтимоӣ ва ташкилоти диниро ҳал кунад.




Додгоҳи олӣ бояд бар фаъолиятҳои додгоҳӣ ва корҳои ҳамаи додгоҳҳои маҳаллӣ назорат кунад.

Додгоҳҳои вилоятӣ ва шаҳрии Бишкек парвандаҳоеро баррасӣ мекунанд, ки додгоҳҳои поинтар наметавонанд дар бораи онҳо ҳукм содир намоянд. Ба ҷуз ин коллегияҳои додгоҳии додгоҳҳои вилоятӣ ҳамчун додгоҳи дараҷаи дуввум ҳукмҳои додгоҳҳои ноҳияҳо ва дигар додгоҳҳои ба онҳо баробарро баррасӣ менамояд. (Дар сурате, ки шароит тағир ёбад, ё ки шумо фикр мекунед, ки нормаҳои тартиботи додгоҳӣ вайрон гардидаанд, метавонед дархост намоед то парвандаи шуморо дар додгоҳи дараҷаи олӣ баррасӣ намоянд (ба воситаи додани шикоят). Додгоҳҳо инчунин дорои дигар салоҳиятҳое ҳастанд, ки қонун пешбинӣ менамояд.

Додгоҳҳои ноҳияҳо ва дигар додгоҳҳои ба онҳо баробар ба истиснои он парвандаҳое, ки тибқи қонун бояд дар додгоҳҳои дараҷаи олӣ баррасӣ гарданд, дигар ҳамаи парвандаҳои шаҳрвандӣ, иқтисодӣ ва ҷиноиро баррасӣ менамоянд. Инҳо

**Додгоҳи оқсақолон**

Додгоҳои оқсақолон эътибори ба куллӣ дигаргун нисбат ба додгоҳҳои дигарро дорад.

Ин додгоҳҳо метавонанд бо қарори шӯроҳои маҳаллӣ ва ё худидоракунии маҳаллӣ дар ҳудуди деҳаҳо ва шаҳрҳо ташкил шаванд. Оқсақолҳо (калонсолони ҷомеа) ва шахсони мӯҳтарами дигар воридӣ ин шӯроҳо мешаванд. Ин додгоҳҳо танҳо даъвоҳои мулкӣ, хонаводагӣ ва аз ин қабилро расидагӣ мекунанд. Дар хусуси қарорҳои қабулшуда метавон ба додгоҳҳои марбутаи ноҳияҳо ва шаҳрҳо мурочиат кард.



*Нахустин ҳайъати Додгоҳи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон*

додгоҳҳои дараҷаи аввал мебошанд.

Сарқонун ҳадди ақали синну сол, маълумоти лозим ва тартиботи таъин намудани додрасҳоро пешбинӣ мекунад.

Мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон додрасҳо мустақил буда, танҳо тобеъи Сарқонун ва қонун мебошанд. Вале ҳануз мустақилияти пурраи додрасҳо амалӣ нашудааст ва ин вазъият аз рафти таин ва барканорсозии онҳо ва музди кори ками онҳо маълум мегардад. Барои ҳамин мақомоти иҷроия қудрат мисли пештара ба додрасҳо таъсир мерасонанд. Вале ислоҳоти системаи додгоҳӣ бояд ҳамаи ин камбудиҳоро бартараф намуда меъёрҳои умумии байналмиллалиро дар мавриди додгоҳҳо амалӣ созад.

---

**Ҳуқуқҳои шаҳрвандии шумо дар додгоҳ**

Зарур аст бидонед, ки ҳатто агар шуморо гунаҳгор ба содир кардани ҷиноят эълон кунанд, ин чунин маъно надорад, ки шуморо ҳатман бояд ҷинояткор ҳисоб кунанд. Додгоҳ мувофиқи Сарқонун бояд то замоне, ки додситон бо далелҳо ҷинояти шуморо исбот накунад (танҳо эътирофи шумо кофӣ нест) шумо бегуноҳ мебошед. Пеш аз он, ки додрас ҳукми гуноҳкор будани касеро содир намояд, бояд дар мавридҳои зайл эътимод ҳосил кунад:

- рафторе, ки барои он маҳкумшаванда гунаҳкор карда мешавад, дар ҳақиқат ғайриқонунӣ мебошад;
- далелҳои мавҷуд шаҳодат аз он медиҳанд, ки маҳкумшаванда худи ҳамон касе ҳаст, ки ин амали ғайриқонуниро содир кардааст.

Шумо вазифадор нестед, ки бегуноҳии худро исбот кунед, вале додситон вазифадор аст, ки гуноҳи шуморо исбот кунад. Агар далелҳо ва гувоҳиҳои гунаҳкорӣ ба воситаҳои ғайриқонунӣ ҳосил шуда бошанд, онҳо ғайримавҷуд ҳисоб шуда, ба онҳо такя кардан мумкин нест. То замоне, ки далелҳои боваринок ва бебаҳс оварда нашаванд, шуморо гунаҳкор шумурда наметавонанд.

Бе ордери марбута ва санадҳои лозимӣ, шуморо наметавонанд зиндонӣ ё боздошт кунанд. (Ба ғайр аз он, ки вазъияти фавқулодда бошад).

Аз замони боздошт шумо метавонед аз хадамоти ҳимоятгар (адвокат) истифода баред. Агар шаҳрванд натавонад, ки пули хадамоти ҳимоятгарро диҳад, ҳимояти қонунии вай бояд аз тарафи давлат таъмин гардад.

Ба ғайр аз ин шаҳрвандон ҳаққҳои дигаре ҳам доранд, ки шумо бо ҳуқуқдон машварат карда дар бораи онҳо метавонед маълумоти зиёдтар гиред.

---

## МАШҚ ПАС АЗ ХОНДАНИ МАТН

### Супориши 02. Системаи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон

Дунафарӣ машғулият анҷом диҳед, ин нуқтаи назарҳоро хонед ва қарор диҳед, ки онҳо барои Ҷумҳурии Қирғизистон қобили қабул ҳастанд ё не. Агар онҳо қобили қабул набошанд, ҷумлаҳоро тавре нависед, ки онҳо дуруст шаванд.

| № | Нуқтаи назар | Дуруст/ Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. | Ҳар касеро, ки зиндон мекунанд гунаҳкор аст. | |
| 2. | Пеш аз он, ки касеро ба додгоҳ ҷалб кунанд, бояд гуноҳи вай дар мавриди хилоф ба қонун эълон шавад. | |
| 3. | Мақсади муроҷиат ба додгоҳ ин аст, ки маълум карда шавад, ки далелҳои гуноҳи шахси айбдоршаванда басанда мебошад ё не? | |
| 4. | Ҳар нафаре, ки милиса вайро гунаҳкор ба содир кардани ҷиноят мекунад, ҳақ дорад, ки аз хадамоти ҳимоятгар истифода намояд. Вале айбдоршаванда бояд пули ин навъ хадамотро пардохт кунад. | |
| 5. | Вақте ки додрас касеро айбдор мекунад, тасмими худро мегирад ва оё Додгоҳи присяжниро лозим аст, ки ин парвандаро баррасӣ кунад? | |
| 6. | Айбдоршавандаро дар боздоштгоҳи бозрасӣ то замони шурӯъи баррасии парванда дар додгоҳ ба ҳар муддате, ки додгоҳ лозим мешуморад нигоҳ доштан мумкин аст. | |
| 7. | Барои баъзе аз одамон шарт нест, ки ба додгоҳ тобеъ бошанд. | |
| 8. | Танҳо додгоҳ ҳақ дорад, ки қонунҳоро бидонад. | |
| 9. | Додрас, агар бихоҳад, метавонад қонунро тағир диҳад. | |
| 10. | Додрас чӣ тавр маҳкум кардани айбдорро таин мекунад. | |

### Супориши 03. Бо намояндаи қонун ошно шавед

Ҳуқуқшинос ва ё додрасро даъват кунед, ки ба синфи шумо биёяд ва ба вай саволҳои зеринро диҳед:

1. Чӣ тавр шумо ҳуқуқшинос шудед?
2. Барои ин кадом донишҳо лозим аст?
3. Шумо дар бораи қонунҳои нав аз куҷо маълумот мегиред?
4. Дар байни ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҷиноӣ чӣ фарқ ҳаст?
5. Дар байни қонунҳои хуб тартибдодашуда ва бад тартибдодашуда чӣ фарқ ҳаст?
6. Хусусияти кори ҳимояткунанда (адвокат) дар чанд соли охир чӣ тавр тағир ёфт?

### Супориши 04. Оқсақолҳо

Дар гурӯҳҳои 3-нафарӣ машғул шавед ва мавзӯъи зеринро муҳокима кунед:

***«Оё лозим аст, ки додгоҳи оқсақолҳо танҳо иборат аз мардҳо бошад?»***

### Супориши 05. Кӣ кист?

Дар гурӯҳҳо машғулият анҷом диҳед ва рӯйхати вазифаҳо ва муассисаҳои зеринро хонед ва мувофиқи сарлавҳаҳои ҷадвалҳо онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. (Ишора кунед, ки пас аз соли 2005 дар парламент танҳо як раис (Торага) боқӣ мемонад).

Раиси (Торагаи) Маҷлиси Қонунгузорӣ, сарвазир, Жогорку Кенеш, додгоҳи сарқонун, ҳукумати деҳа (аил окмоту), вазирон, муовинони вазирон, раиси Маҷлиси вакилони мардум, додраси додгоҳи маҳаллӣ, додситон, раиси опозитсия.

| Иҷрой | Қонунгузорӣ | Додгоҳӣ |
|---|---|---|
| | | |

### Супориши 06. Парламент чӣ тавр кор мекунад?

Дунафарӣ машғулият анҷом диҳед ва ин ҷадвалро, ки дар он кори парламенти мамлакати хаёлии «Нур» тасвир гардидааст, аз назар гузаронед.

| | Парламенти мамлакати хаёлии Нур | Жогорку Кенеш |
|---|---|---|
| 1 | Дар парламент танҳо як маҷлис аст. Он «Баракат» ном дорад. | |
| 2 | Интихобот дар ҳар се сол баргузор мешавад. | |
| 3 | Ҳар шаҳрванде, ки 18 – сола шудааст, ҳаққи овоздиҳӣ дорад. | |
| 4 | Пас аз интихобот ҳизб ё иттиҳоди ҳизбҳое, ки бештари овозҳоро гирифтааст давлатро ташкил медиҳад. | |
| 5 | Ин давлат аз аъзои парламент сарвазирро интихоб мекунад. Сарвазир баъд вазирҳоро аз аъзои ҳизби худ интихоб мекунад. | |
| 6 | Раиси Ҷумҳур пас аз ҳар 5 сол интиҳоб мешавад ва агар 75% ё беш аз ин аъзои парламент ба вай нобоварӣ эълон кунад, аз вазифа барканор мегардад. | |
| 7 | РаисиҶумҳур метавонад қонуни навро пешниҳод кунад ва хак дорад, ки ҳар қонуни наверо, ки парламент пешниҳод мекунад, рад кунад. | |
| 8 | Ба парламент раиси он назорат мекунад, раиси парламент метавонад аъзои парламентро барои муддати то як ҳафта аз кор дур кунад, агар вай тартиби корро риоя накунад. | |
| 9 | Қонуни нав то замони тасвиб шудан аз тарафи комитети махсус тартиб дода мешавад. Одатан, намояндагони ҳамаи ҳизбҳо дар ҳайати ин комитетҳо дохил мешаванд. | |
| 10 | Намояндагони ҷомеа ҳар вақте, ки хоҳанд метавонанд ба парламент биёянд, вале ҳаққи суханронӣ надоранд, то вақте ки раиси парламент ба онҳо иҷозат надиҳад. | |
| 11 | Парламент додрасони чӣ Додгоҳи Сарқонунӣ ва чӣ Додгоҳи олиро таин мекунад. Раиси Ҷумҳур ҳақ дорад, ки 50% номзадҳо ба вазифаи додрасиро (ва на бештар аз ин) рад кунад. | |

### Супориши 07. Кӣ барои чӣ ҷавоб медиҳад?

Дунафарӣ ва ё ҳамроҳи гурӯҳ машғулият анҷом диҳед, вазифаҳоро байни шохаҳои иҷроӣ, қонунгузорӣ, ва додгоҳии давлат ба тавре, ки дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Қирғизистон тақсим шудаанд, тақсим кунед. Шумо метавонед эҳтимол диҳед, ки баъзе аз вазифаҳо бояд аз тарафи ҳамаи ин шохаҳо иҷро шаванд. Шарҳ диҳед, ки барои чӣ.

| № | Вазифаҳо | Қудрати иҷроӣ | Қудрати қонунгузорӣ | Қудрати додгоҳӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Додрасҳоро барои таин кардан интихоб мекунад. | | | |
| 2. | Таини додрасҳоро тасдиқ мекунад. | | | |
| 3. | Ин масъаларо муаян мекунад, ки оё одамон қонунро хилоф мекунанд. | | | |
| 4. | Қонунҳои навро пешниҳод мекунад. | | | |
| 5. | Ин мавзӯъро ҳал мекунад, ки оё қонунҳои пешниҳодӣ дорои эътибор метарданд. | | | |
| 6. | Масъалаи тарзи тақсими молиётро ҳал мекунад. | | | |
| 7. | Буҷетро пешниҳод мекунад. | | | |
| 8. | Қонунҳои пешниҳодиро баррасӣ мекунад ва мутобиқати онҳо бо Сарқонун ва ҳуқуқи башарро таин мекунад. | | | |
| 9. | Тарзи ҷамъ кардани андозҳоро муаян мекунад. | | | |
| 10. | Намояндаи қудрати иҷроиро аз вазифа барканор мекунад. | | | |
| 11. | Буҷетро тасдиқ менамояд. | | | |
| 12. | Ба кишварҳои дигар эълони ҷанг мекунад. | | | |
| 13. | Замони баргузории интихоботи Раиси Ҷумҳурро таин мекунад. | | | |

### Супориши 08. Чӣ тавр Раиси ҷумҳур шудан мумкин аст?

Дар гурӯҳҳо машғулият анҷом диҳед ва нақшаеро кашед, ки рафти интихоботи Раиси Ҷумҳурро дар Ҷумҳурии Қирғизистон нишон диҳад. (Шумо метавонед ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, ки дар охири китоб оварда шудааст, муроҷиат намоед).

### Супориши 09. Раиси Ҷумҳур чӣ тавр бояд бошад

Ҳамроҳи шарикатон он сифатҳоеро, ки ба назари шумо бояд Раиси Ҷумҳур дошта бошад, нависед.

### Супориши 10. Ман дар бораи вазифаи Раиси Ҷумҳур чиро медонам?

Ҳамроҳи шарикатон моддаҳои Сарқонунро аз назар гузаронед ва хулоса бароред, ки оё ақидаҳои зерин ба он мувофиқ ҳастанд ё не.

1. Раиси Ҷумҳур метавонад Раиси парламент (Торага) бошад.
2. Вай ҳақ дорад, ки ҳар қонунеро вайрон кунад.
3. Вай таини вазирҳоро қабул ё рад (вето) мекунад.
4. Вай қудрати интихоби додрасҳоро надорад.
5. Вай метавонад ба ҳар муддате, ки хоҳад Раиси Ҷумҳур бошад.
6. Зан метавонад Раиси Ҷумҳур шавад.

### Супориши 11. Чӣ тавр сарвазир шудан мумкин аст?

Дар кадом бахши Сарқонун дар бораи равиши гирифтани вазифаи сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон маълумот дода мешавад? Марҳалаҳои ин равишро тасвир кунед.

## Супориши 12. Сарвазир чӣ тавр кор мекунад?

Ҳамроҳи ҳамнишинатон (ва ё шарикатон) рӯйхати вазифаҳои асосии сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистонро тартиб диҳед.

## Супориши 13. Дар Жогорку Кенеш кӣ чӣ кор мекунад?

Ҳамроҳи шарикатон вазифаҳоеро интихоб кунед, ки ба ҳар яке аз мавридҳои дар ҷадвали зерин ишорашуда мувофиқат мекунад.

| Вазифа | Ӯҳдадориҳо ба асоси вазифа |
|---|---|
| 1. Афсарони хадамоти амниятӣ<br>2. Мухбири рӯзнома ва ё телевизион<br>3. Торагаи МҚ<br>4. Вакили МҚ<br>5.Раҳбари комиссияи парламентӣ<br>6. Раҳбари гурӯҳи парламентӣ | а) Ҳама чизер, ки дар ҷаласаҳо гуфта мешавад барои воситаҳои ахбори умум менависад.<br>б) Дар муҳокима ва қабули қонунҳо ба таври фаъол иштирок мекунад.<br>в) Фаъолияти гурӯҳи муаяни парламентиро ташкил ва сафарбар менамояд.<br>г) Ҷаласаҳои МҚ- ро раҳбарӣ мекунад, равиши кори онҳоро ташкил мекунад, диққат медиҳад, ки дар ҳар марҳалаи муаян як нафар суханронӣ кунад.<br>д) Ба тартиб додани лоиҳаи қонунҳо дар соҳаи муаян машғул мешавад.<br>е) тафтиш мекунад, ки ҳеҷ кас ба толор аслиҳа набарад. |

# БОБИ 12

# Мақомоти қонунгузорӣ - таърих ва ташкили онҳо

**Машғулият пеш аз хондани матн:**

**Супориши 01. Калимаҳо ва таърифҳо**

Дунафарӣ кор карда, барои истилоҳоти зер мафҳумҳои мувофиқ пайдо намоед:

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| 1. Лоиҳаи қонун | а) Тавъам будани назарҳо, фикрҳо ва мавзеъҳои мухталиф. |
| 2. Мухолифон | б) Гурӯҳе, ки дорои мавзеи мухолиф бо ҳукумат мебошад. |
| 3. Ташаббуси қонунгузорӣ | в) Маҷлиси оммавӣ ва саросарии вакилон. |
| 4. Ҳимоя аз мавзеъ (лоббирование) | г) Қонуне, ки барои баррасӣ ба парламент пешниҳод мегардад. |
| 5. Гуногунандешӣ | д) Амале, ки ба хотири исботи дурустии нуқтаи назари шумо ва пешбарии он анҷом мешавад. |
| 6. Форум | е) Табақаи одамони асосан сарватманд, ки бо асолати хос ва мартабаи худ аз дигарон фарқ мекунанд. |
| 7. Ашрофият (дворянҳо) | ж) Ҳуқуқ ва имконияти барои баррасӣ ва овоздиҳӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонун. |

**Матн барои хониш:**

Дар ин боб мо таърихи инкишофи мақомоти қонунгузор, сохтор ва тартиботи (протседураи) дар онҳо қабулшударо баррасӣ мекунем. Баъд аз ин сохтор ва тартиботи Жогорку Кенеш ва имконияти ширкати шумо дар он фаҳмонда мешаванд.

## 1.0 Қонунӣ будани мақомоти қонунгузор

Тахти мафҳуми мақомоти қонунгузор маҷлиси вакилон, ки аз ҳавзаҳои интихоботии минтақаӣ интихоб гардидаанд, фаҳмида мешавад. Ин вакилон салоҳияти қабул кардани қонунҳоро доранд ва ҳамчунин дар идоракунии давлат вазифаҳои дигареро низ иҷро менамоянд. Мақомоти қонунгузор, ки дар аксари кишварҳо парламент номида мешаванд, амалан дар ҳамаи системаҳои муосири сиёсӣ вуҷуд доранд, ҳарчанд онҳо бештар ба давлатҳои демократӣ хос мебошанд.

Салоҳиятҳои вакилони мақомоти қонунгузор бар он асос ёфтаанд, ки аз шаҳрвандон намояндагӣ мекунанд. Азбаски ҳар як узви парламент намояндаи шаҳрвандони дорои ҳуқуқи баробар ва якхела мебошанд, ҳамаи онҳо аз рӯи салоҳиятҳои расмӣ ва эътиборашон (статусашон) бо ҳам баробаранд.

Мураккабии ҷомеаи муосир муаян намудани манфиатҳои умумии ҳамаи интихобкунандагонро, ки парламент онҳоро намояндагӣ мекунад, мушкил мегардонад. Сохтори мақомоти қонунгузор ба вакилони мардумӣ кӯмак мекунад, ки байни талабот ва нуқтаи назари аксарият ва ақаллият мувозинат пайдо намоянд. Вобастагии вакилони мардумӣ аз мунтазам гузаронидани интихоботи навбатӣ онҳоро маҷбур мекунад, ки ба ҳамаи интихобкунандагон ва "гурӯҳҳои фишоровар" дар ҳавзаҳои интихоботии худ махсусан [illegible] намоянд.

Барои табдил додани нуқтаи назари устувор ва аксаран ба ҳам мухолифи шумораи [illegible] ба қарори дастҷамъӣ тартиботи махсус заруранд. Онҳо дар тӯли садсолаҳо аз таҷрибаи амалӣ гузашта, аз парламентҳои кӯҳна ба нав дода мешаванд.

## 2.0 Пайдоиши парламент

Парламентҳо қабл аз зуҳури шакли намояндагии демократӣ пайдо шудаанд. Онҳо дар Аврупои асримиёнагӣ ҳанӯз дар асри XII арзи вуҷуд карда буданд. Аксарияти тартиботи қонунгузории муосир натиҷаи таҷрибаи таърихии дурударoз мебошанд. Ин тартибот аз тарафи наслҳои гуногуни аъзои парламент дар шакли таҷриба ва собиқаҳои парламентӣ ҳифз шудаанд. Назарияи (консепсияи) намояндагӣ, ки ба он ваколатҳо ва сохтори мақомоти қонунгузор такя мекунанд, ҳамчунин дар асрҳои миёна пайдо шудааст.

Ҳафт аср пеш шакли анъанавии ҳокимият дар Аврупо монархия буд. Монархҳо ба мақсади нигоҳ доштани ҳокимияти худ гоҳ-гоҳ намояндагони бонуфузи гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро барои машварат онд ба масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, андозгузорӣ ва адлия ҷамъ менамуданд. Дар баъзе мамлакатҳо монархҳо бо аҳли дарбор вомехурданд, ки онҳо аз табақаҳои дигар фарқ мекарданд. Чунин модел ба системаи дупалатагӣ, яъне парламентҳое, ки аз ду палата иборатанд, оварда расонид. Ин маҷлисҳо дар аксарияти мамлакатҳои Аврупо, мавҷуд буданд ва чун қоида номунтазам гузаронида мешуданд. Истилоҳи "мақоми қонунгузор" хеле дертар- дар вақти инқилоби асри XVII англис, ҳангоме ки Маҷлиси (палатаи) Ҷамоатҳо кӯшиши табдил шудан ба мақоми қонунбарор ва ё қонунгузорро намуд, пайдо шудааст.

Ҳаракатҳои нахустини демократӣ дар Аврупо парламентро ҳамчун имконияти бо зӯр бор намудани иродаи халқ ба монарх ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, парламентҳо аз ниёзҳои ҷомеаи то демократӣ ва гуногуниаш, ки аз табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ иборат буданд, пайдо шуданд. Онҳо натиҷаи кӯшишҳои маҳдуд сохтани ҳокимияти олӣ буданд.

**Парламентҳои ибтидоӣ**

Дар соли 1275 шоҳи Англия Эдуарди 1 аввалин бор парламентро ташкил намуд, то ки барои ҷамъоварии андоз барои эҳтиёҷоти низомӣ иҷозат бигирад. То соли 1286 дар як сол ду бор ҷаласаҳои парламентро баргузор менамуд. (Калимаи "парламент" аз калимаи "parley" гирифта шудааст). Дар соли 1295 вай намояндагони калисо (рӯҳонияти масеҳӣ), заминдорон (ритсарҳо) ва сокинони шаҳрҳоро ҷамъ кард. Баъдан ин ҷаласа ё худ ҷамъомад номи "модели парламентиро" гирифт, зеро дар он бештар мардуми оддӣ ҳозир буданд. Дертар он "Маҷлиси ҷамоатҳо" гуфта шуд (аъзои Маҷлиси ҷамоатҳо хешу табори хонаводаи шоҳ набуданд ва бо он алоқамандие надоштанд).

Қаблан шоҳҳо фақат бо парламент машварат менамуданд, ки аз роҳбарони динӣ ва сардорони хонаводаҳои дворянӣ, ки маъмулан бо оилаи шоҳ алоқаи хуб ва хешутаборӣ доштанд, иборат буд. Ин маҷлис "Маҷлиси Лордҳо" номида мешуд.

Интихобот барои вакилони Маҷлиси ҷамоатҳо дар минтақаҳои аз назари аҳолӣ баробар сурат намегирифт ва овоздиҳии пинҳонӣ низ вуҷуд надошт. Ин кор ба воситаи овоздиҳӣ дар ҷаласаҳои иҷро мешуд, ки дар онҳо танҳо одамоне ширкат мекарданд, ки қудрат ва таъсир доштанд. Онҳо номзадҳоро муҳокима намуда, аз байни худашон вакилонро интихоб мекарданд.

## 3.0 Имрӯз мақомоти қонунгузор ба чӣ кор машғуланд?

Ҳамаи мақомоти қонунгузор чунин форуми ҷамъиятие мебошанд, ки проблемаҳои асосии мамлакати худро муҳокима намуда, ба ҳамин минвол вазифаи муҳимтарини демократиро иҷро мекунанд. Нақши асоситарини мақомоти қонунгузор аз баррасии лоиҳаи қонунҳо, дохил намудани тағйирот ба қонунҳо, қабул ва ё рад намудани онҳо иборат мебошад. Вале дар аксарияти мамлакатҳо шохаи иҷроияи ҳокимият ҳуқуқ дорад, ки ҳам қонун барорад ва ҳам ба таври ниҳоӣ хулоса барорад, ки лоиҳа метавонад ба қонун мубаддал гардад ва ё ба қабули он вето гузошта шавад. Яке аз муҳимтарин қонунҳое, ки ба таври доимӣ мавриди муҳокимаҳои тезу тунд қарор мегирад, қонуни буҷети давлатӣ мебошад, ки ба имкониятҳои ҳокимияти иҷроӣ дар мавриди ҷамъоварӣ ва истифодаи андозҳо алоқаманд аст.

Дар кишварҳои дорои системаи идоракунии парламентӣ (масалан Британияи Кабир) мақомоти қонунгузор метавонанд дар ташкили ҳукумат ва интихоби сардори ҳокимияти иҷроия иштирок намоянд. Вай маъмулан аз ҳисоби роҳбарони ҳизби ҳоким ва ё аҳзобе, ки дар парламент аксариятро ташкил медиҳанд, интихоб мегардад.

Дар системаҳои Раиси Ҷумҳурӣ қонунгузорон асосан одатан танҳо аъзои мақомоти иҷроиро тасдиқ менамоянд. Танҳо вазифаҳо аз тарафи роҳбари ҳукумати иҷроӣ, ки одатан Раиси Ҷумҳурӣ аст, сурат мегирад. Аммо ба баъзе вазифаҳо дар ин система одамон аз тарафи вакилони парламент интихоб мешаванд. Дар аксарияти чунин системаҳо мақомоти қонунгузор бо роҳҳои мухталиф бар фаъолияти шохаи иҷроии ҳокимият назорат мекунанд. Ҳамин тавр онҳо вазифаи назоратии худро ба амал мебароранд ва муросо кардан ё муқобил ниҳодани мавқеъҳои мухталифро таъмин месозанд. Масалан, қонунгузорон метавонанд ҳисоботро дар бораи пардохтҳои андоз талаб намоянд, то бубинанд, ки андозҳо ба кадом мақсад ва чӣ гуна сарф шудаанд.

Қарорҳои мақомоти қонунгузор ба таври дастаҷамъӣ, на ба шакли амри шахсони болоӣ, қабул мегарданд. Қобилияти чандсад нафар мард ва зан барои қабули қарорҳои дастаҷамъӣ аз системаи мураккаби амалҳои мутақобила, ки дар байни аъзои мақоми қонунгузор ташаккул меёбанд ва аз тартиботи дар ин раванд истифодашаванда вобаста аст.

## 4.0 Аъзои парламент чӣ гуна амал мекунанд?

Қарорҳои парламент қисман тавассути тартиботи парламентии он муаян карда мешаванд. Маҳз тартибот се ҷанбаи муҳимми кори парламентро муаян месозанд:

1) ҷараёни қонунбарорӣ ва ташаккули буҷет;
2) ҳалли зиддиятҳое, ки байни палатаҳо дар парламентҳои дупалатагӣ ба вуҷуд меоянд;
3) гузаронидани музокираҳои оммавӣ (мубоҳиса, муҳокима).

Тартибот қисман бо қоидаҳои хаттӣ, қисман бо тафсирҳо ва таҷрибаи асосёфта бар қоидаҳои протсесуалии ба таври хаттӣ сабтшуда ва қисман бо меъёрҳои ғайрирасмии рафтор муқаррар карда мешаванд. Мақомоти қонунгузоре, ки нав ташкил шудаанд, одатан тартиботи парламентҳои аллакай дар мамлакатҳои дигар мавҷудбударо қабул менамоянд. Агарчи тартиботи мақомоти қонунгузор дар мамлакатҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунанд, вале аксарияти вариантҳои муосири чунин қоидаҳо аз тартиботи парламенти Британияи даврони феодализм реша мегиранд.

Қоидаҳо ба қарорҳо таъсир мерасонанд, зеро ҷараёни муҳокимаи афкори мутақобиларо муаян мекунанд ва аз ин сабаб онҳо аз рӯи имконоти доҳилӣ фавқулодда ва беш аз ҳад бо ҳам зиддият доранд. Онҳо ваколатҳоро байни кумитаҳо ва тамоми палата, байни аксарият ва ақаллият тақсим мекунанд, ба қарорҳои дар вақтҳои гуногун қабулшуда, эътибори сазовор медиҳанд. Дар системаҳои идоракунии парламентӣ бошад, ин қоидаҳо ҳуқуқи сарварони парламент – аъзои девони вазирон ва ҷонибдорони онҳоро муаян месозанд. Қоидаҳо тартиби амалро муаян мекунанд – масалан, тартиби қабули лоиҳаи қонунҳо ва ворид намудани тағйирот ба онҳо.

Ҷараёни қонунбарорӣ аз пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо оғоз мешавад. Онҳо бо яке аз роҳҳои зер пешниҳод мешаванд:

- аз ҷониби вакилони алоҳида;
- аз ҷониби девони вазирон (ҳукумат);
- дар давлатҳои федеративӣ – аз ҷониби иёлат (штат) ва ё минтақаи ба ҳайати он дохилбуда, масалан чун дар Олмон;
- аз ҷониби худи интихобкунандагон – дар шакли ташаббуси қонунгузорӣ;
- аз ҷониби кумитаҳои парламент.

Баъд аз он ки лоиҳаи қонун пешниҳод гардид, он марҳалаҳои гуногуни хониш, муҳокима ва тағйиротро, чуноне ки дар Жогорку Кенеш қабул шудааст, мегузарад.

Ба мақсади иҷрои ин кор ва кӯшиш кардан барои ба ҳадди аксар инъикос кардани манфиатҳои шаҳрвандон, аъзои парламент аксаран дар кумитаҳо вобаста ба масъалаҳои махсус муттаҳид мегарданд. Дар аксари ҳолатҳо гурӯҳи мутахассисони ҳамин соҳа ба онҳо ёрӣ мерасонанд. Ё худ, мумкин аст аъзои парламент ба шахсоне муроҷиат намоянд, ки берун аз парламент кор мекунанд, то муваққатан бо онҳо ҳамкорӣ карда, дар таҳия ва танзими лоиҳаи қонунҳо қабл аз пешниҳоди онҳо ба муҳокимаи тамоми маҷлис (палата), кӯмак намоянд. Онҳо ҳаққи қонунии талаб кардани ҳисоботи мансабдорони ҳукуматиро доранд.

Тартиботи гузаронидани мубоҳисаҳо имконияти муҳокимаи оммавиро муаян месозад ва миқдори вақтро барои ҳар як баромад муқаррар менамояд. Муҳокимаҳо, ки мақсади асосиашон таъсир расонидан ба мақоми иҷроияи ҳокимият ва ё ҷамъият аст, шаклҳои ниҳоят гуногун гирифта метавонанд. Соати саволу ҷавоб бо сарвазир ва аъзои девони вазирон, ки мунтазам гузаронида мешавад, ба яке аз шаклҳои дӯстдоштаи пурсиши парламентии аъзои ҳукумат мубаддал гаштааст. Як сабабро дар он дидан мумкин аст, ки ин соат ба вазирон имконият медиҳад дар бораи ҷараёни кори худ онд ба проблемаҳои гуногун ҳикоят кунанд. Ин то андозае конференсияҳои матбуотии Раиси Ҷумҳури ИМА ё баррасиҳоро дар кумитаҳои аксарияти кишварҳо хотиррасон месозад. Ин гуна тартибот одатан диққати телевизионро ҷалб сохта, таъсироти пешбинишудаи ҷаласаҳоро ба ҷамъият боло мебарад. Аксарияти парламентҳо ҳамчунин ба аъзои худ имконият медиҳанд, ки масъалаҳои умумии сиёсати давлатиро бе вобаста намудани ин мубоҳисаҳо ба ягон мавзӯи рӯзномаи маҷлис, муҳокима намоянд. Мақсади ин гуна ҷаласаҳо бештар бовар кунонидани интихобкунандагон аст, на аъзои мақомоти қонунгузор ё иҷроияи ҳокимият.

## 5.0 Мақомоти қонунгузор дар мамлакатҳои демократии навташкилёфта

Одамоне, ки дар давлатҳои Африка ва Осиё баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва [illegible]

демократии Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ зиндагӣ ба сар мебаранд, дар аксари ҳолатҳо чашмдошти ғайривоқеӣ нисбат ба демократия ва инчунин, нисбат ба нақши парламентҳо доштанд. Ин интизориҳо амалӣ нагардиданд, зеро дар марҳалаи гузариш душвориҳои иқтисодӣ ногузир буданд. Оҳир бояд ба назар гирифт, ки дар ин кишварҳо барои ба иқтисоди ҷаҳонӣ ворид гаштан, гузаронидани таҳаввулоти куллӣ зарур буд. Таҷрибаи кишварҳои демократии ҳам кӯҳна ва ҳам нав нишон медиҳад, ки мавҷудияти парламентҳо ҳатман ба пайдоиши шаҳрвандони аз нигоҳи сиёсӣ бомаърифат ва ҳукуматҳои масъул намеоварад. Вале, дар ҳар сурат, дар системаҳои муосири сиёсӣ мақомоти қонунгузорӣ вазифаҳои хеле муҳимро иҷро мекунанд - онҳо диққати ҷамъиятро ба сиёсат ҷалб мекунанд. Онҳо:

- сарварони сиёсиро пайдо намуда, тарбия мекунанд;
- ҳукуматро бо иттилои зарурӣ дар бораи талботи аҳли ҷомеа ва ин, ки аҳли ҷомеа чиро афзал медонад, таъмин месозанд, ки ба ташаккули сиёсати давлатӣ ва буҷет таъсир мерасонанд;
- ба худмуайянкунии миллат мусоидат мекунанд.

**Онҳо аз кӣ намояндагӣ мекунанд?**

Аксаран вакили маҷлис (парламент) ба таври зоҳирӣ метавонад аз интихобкунандагони минтақаи муайян намояндагӣ кунад, вале вай ба таври ғайрирасмӣ дигар қишрҳои ҷомеаро низ, ки бо онҳо манфиатҳои муштарак доранд, муаррифӣ менамояд. Масалан, агар ин намояндаи парламент маъюб аст, пас вай кӯшиш мекунад, ки аз манфиатҳои ҳамаи маъюбон дар давлат ҳимоя намояд.

Вазифаҳои охирин зикргашта, дар нимаи дуюми асри XX барои давлатҳои нави мустақили Африка ва Осиё ва баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчунин барои мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ махсусан муҳим шуданд. Вақте ки ин давлатҳо истиқлолият ба даст оварданд, бо зарурати ёфтани қарори муштарак дар бораи институтҳои давлат ва ҳалли проблемаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар шароити нав рӯ ба рӯ гаштанд. Дар вазъи ба амаломада мақомоти қонунгузор дар ташаккули давлат, муайян сохтани ҳавзаҳои интихоботии мамлакат, алоқаи ин ҳавзаҳо бо ҳукумати марказӣ, тарбияи сарварони сиёсӣ ва ҳамзамон мухолифон ва дар тайёр кардани рамзҳои давлати нав нақши худро бозиданд. Қабл аз ин парламентҳо дар таърихи Аврупо чунин нақшро дар ҷараёни ташаккули давлатҳо бозида буданд.

## 6.0 Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон

Дар поён тартиботи қабул намудани қонунҳо нишон дода шудааст, ки парламент баъд аз муттаҳид гардидани ду маҷлис (палата) дар соли 2005 тибқи он фаъолият хоҳад намуд. Инчунин имконияти иштироки шаҳрвандон дар ин раванд нишон дода шудааст. Жогорку Кенеш муҳимтарин вазифаи худ дар робита бо таҳия ва қабул намудани қонунҳоро иҷро мекунад. (Дар назар бигиред, ки тартибот вобаста ба он, ки кадом қонун муҳокима ва баррасӣ мешавад, фарқ мекунад. Тартиботе, ки дар поён оварда мешавад, танҳо ба шакли умумӣ мебошад ва агар шумо мехоҳед дар бораи раванди қабули қонуни мушаххас маълумоти бештар ба даст биёред, ба моддаҳои Сарқонун муроҷиат кунед).

## 6.1 Пешниҳоди лоиҳаи қонун

Бештари мақомот ва ташкилотҳо, ҳатто шаҳрвандони алоҳида метавонанд ба парламент лоиҳаҳои қонунҳоро пешниҳод кунанд. Лоиҳаи омодашуда метавонад ба шӯъбаи умумии Жогорку Кенеш вогузор гардад. Сипас он ба раиси Жогорку Кенеш пешниҳод мегардад, ки онро ба кумитаи даххлдор мефиристад. Вале беҳтарин роҳи муаррифии лоиҳаи қонун розӣ сохтани вакили Жогорку Кенеш аст, то онро барои муҳокимаи парламент гузорад. Баъдан ба раиси кумитаи марбута вогузор кардани лоиҳаи қонун мувофиқтар аст. Баррасии лоиҳаи қонун дар Жогорку Кенеш ҳолати асосист, зеро кумитаҳо унсурҳои аслие ҳастанд, ки дар раванди қонунгузорӣ фаъолият анҷом медиҳанд.

## 6.2 Муҳокимаи муқаддимотӣ (пешакӣ) дар кумита

Аъзои кумита лоиҳаи қонунро дар ҳузури ташаббускор ё худ пешниҳодкунандаи он муҳокима менамоянд. Ташаббускори лоиҳаи қонун ва аъзои кумита қабл аз пешниҳод кардан ба Жогорку Кенеш метавонанд ба он тағирот ворид намоянд. Сипас раисони кумитаҳо ва раиси маҷлис таърихи ба муҳокима муаррифӣ гардидани лоиҳаро муайян мекунанд.

Муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳо дар кумитаҳо ба таври озод ва ошкор сурат мегиранд ва васоили ахбори умум онро метавонанд инъикос кунанд. Намояндагони Раиси Ҷумҳурӣ, сарвазир, ҳукумат ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо ва созмонҳое, ки нисбат ба ин лоиҳаи қонун манфиатдоранд, ҳаққи иштирок дар ҷаласаҳои кумитаро доранд.

### 6.2.1 Шаҳрванди ташаббускор чӣ кор карда метавонад?







Назорат бар ҷараёни баррасӣ дар кумита барои фаҳмидани фикру мулоҳизаи аввалини вакилон дар бораи масъала ва ё лоиҳаи қонун муфид мебошад. Ин кор ба шумо имконият медиҳад то фаҳмед, ки барои пеш бурдани лоиҳаи қонун бояд бо кӣ бештар ҳамкорӣ намоед. Шумо метавонед ба аъзои кумита гузориши ҳамаҷониба омодашуда ва нуктаи назари худро ба таври хулоса пешниҳод намоед ва масъалаҳои асосиеро, ки бояд дар баромад инъикос карда шаванд ишора кунед ва ҳатто пешниҳод намоед то матни баромадҳояшонро тайёр созед. Ин кор онҳоро водор менамояд то нуктаи назари шуморо муҳокима кунанд ва дар ҷараёни баҳсу баррасии мавзӯъ мутмаин ва бо боварӣ сухан бигӯянд.

Номаҳо аз тарафи аъзои гурӯҳи шумо ва дигар шаҳрвандон, ки аз вакилон талаб мекунанд то нуктаи назари шуморо ба ниобат гиранд, васеъ будани тарафдории ништихобкунандагонро нишон медиҳанд. Ин тарафдорӣ ба манфиати қонунгузор мебошад, зеро вай агар хоҳад дар интихоботи баъдӣ ғалаба намояд, ба он эҳтиёҷ дорад. Бештари вақт робита бо шӯъбаҳои кумита муфид мебошад, зеро онҳо дар мавриди лоиҳаи қонун кори асосиро иҷро менамоянд ва метавонанд ба фикру ақидаи вакил таъсир гузоранд.

### 6.3 Ташаббуси муҳокимаи лоиҳа дар иҷлосия ва қироати аввал

Вакилони Жогорку Кенеш чигуна муҳокима намудани лоиҳаи қонун дар иҷлосияро баррасӣ мекунанд. Дар ҷараёни ин раванд ва баъд аз он вакиле, ки лоиҳаи қонунро пешниҳод мекунад, бояд дигар вакилонро моил созад то онро дастгирӣ кунанд. Дар ҷараёни ин иҷлосия:

1. Лоиҳаи қонун пешниҳод мешавад ва мавзӯи ба таври умум қабул кардан ё накардани он ҳал мегардад. Дар сурати ҷонибдории лоиҳа аз тарафи аксарияти вакилон (бо шумораи лозими овозҳо), он барои имзои Раиси Ҷумҳурӣ вогузор мегардад.

2. Агар лоиҳаи қонун аз тарафи аксарияти вакилон ҷонибдорӣ нагардад, пас мавзӯи модда ба модда муҳокима намудани он ба миён гузошта мешавад (вакилон дар мавриди ҳар як модда овоз медиҳанд, ки қабул карда шавад ё не). Дар сурати розӣ будани аксарияти вакилон бо ин тарзи муҳокима, ба тарафдорӣ ё муқобили ҳар модда овоз дода мешавад. Танҳо он моддаҳое қабул гардида, барои имзо ба Раиси Ҷумҳурӣ пешниҳод мешаванд, ки аз тарафи аксарияти вакилон ҳамоҳанг ва ҷонибдорӣ шуда бошанд.

3. Агар вакилон бо аксарияти овозҳо қабули қонун ба воситаи муҳокимаи модда ба моддаро напазиранд, пас Жогорку Кенеш овоз медиҳад, ки оё дар ҷараёни қироат муҳокима намудани лоиҳа лозим аст ё не. Дар сурате, ки аксарияти вакилон ба тарафдории он овоз диҳанд, пас қироати аввал баргузор

мегардад. Дар чараёни ин раванд лоиҳаи қонун модда ба модда муҳокима мешавад ва моддаҳои мавриди баҳсу мунозира барои омодасозии бештар ба кумита баргардонида мешаванд. Онҳоро дар қироати дуввум муҳокима менамоянд. Агар барои чунин раванди баррасии лоиҳаи қонун аксарияти вакилон овоз надиҳанд, лоиҳа радшуда ҳисоб меёбад ва қабл аз шаш моҳи оянда наметавонад дубора аз тарафи парламент муҳокима гардад. (Дар назар бигиред, ки баъзе лоиҳаҳои қонун бояд аз ду қироат гузаранд ва дар амал низ ҳамин тавр аст. (моддаи 65 Сарқонунро нигоҳ кунед) Ба чуз ин баъзе қонунҳо бояд нисбат ба аксарияти оддӣ овози бештар ба даст оранд).

### *6.3.1 Шаҳрванд чӣ кор карда метавонад?*

Агар қонунгузорон лоиҳаи қонунро барои такмил намудан ва омода сохтан барои қироати дуввум ба кумита баргардонанд, шумо ва гурӯҳи шумо бояд хуб кор кунед то раиси кумитаро розӣ кунонед, ки барои ин кор дар барномаи тақвимӣ вақт дар назар бигирад. Гап дар сари он аст, ки нақшаи кори кумитаҳо пур аст ва онҳо бояд муҳокимаи масъалаҳои асосиро афзалтар шуморанд. Шумо метавонед ба кумита барои пайдо кардани иттилои лозимӣ кӯмак намоед ва дар сурати зарурӣ гузоришҳои худро пешниҳод кунед.

## 6.4 Истимоъ (гӯш кардани) лоиҳа

Дар истимоъи (гӯш кардани) лоиҳа кумитаҳо, зеркумитаҳо ва тамоми парламент ширкат мекунанд ва ба чуз онҳо раиси маҷлис ва бароmадкунандагони манфиатдор ё дорои таҷрибаи кор дар мавзӯи лоиҳаи қонун даъват мешаванд ва онҳо иттилоъ дода, фикру мулоҳизаи худро баён мекунанд.

Истимоъи парламентӣ асосан барои воситаҳои ахбори умум ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ озод мебошанд. Вале кумитае, ки онро омода мекунад, дар сурати ҷанбаи маҳрамона (конфеденсиалӣ) доштани мавзӯъ ё дорои сирри давлатӣ будани он, ки аз тарафи қонун ҳифз мешавад, метавонад истимоъро ба тарзи пӯшида баргузор намояд. Тавсияҳои истимоъи парламентӣ тавассути дастгирии бештари вакилон ва дигар ширкаткунандагонӣ истимоъ қабул карда мешаванд.

### *6.4.1 Шаҳрванд чӣ кор карда метавонад?*

Шумо ва ё гурӯҳи шумо метавонед ба кумита дар баргузории истимоъ ёрии худро пешниҳод намоед ё агар истимоъ ташкил шуда бошад, омодагии худ барои сухангӯӣ ва баромад карданро ба миён гузоред. Далелҳои худро дар чараёни истимоъ ба миён гузошта, шумо метавонед фикру мулоҳизаҳои худро ба ҷамъи (аудиторияи) ашхоси бонуфуз расонед ва кӯшиш намоед, ки вакилон ва ҷомеа лоиҳаи қонуни шуморо ҷонибдорӣ кунанд. Намояндагони воситаҳои ахбори умум, ки барои ширкат дар чараёни истимоъ даъват шудаанд, дар бораи лоиҳаи қонун ба шаҳрвандон хабар медиҳанд, то ки онҳо низ тавонанд дар чараёни қонунгузорӣ ширкат кунанд. Ёдовар бишавед, ки дар истимоъ шумо низ метавонед овоз бидиҳед.

Шумо чӣ фикр мекунед: чаро бештари парламентҳо қабл аз пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо барои овоздиҳӣ дар парламент дар мавриди омодасозии лоиҳаҳои қонунҳо кумитаҳои махсус ташкил менамоянд?

## 6.5 Қироати дуввум

Кумитае, ки бо лоиҳаи қонуни шумо машғул аст, онро такмил намуда, бо мулоҳизаҳои худ ба Жогорку Кенеш мефиристад. (Ба ҳамин вакилон рӯйхати қонунҳое дода мешавад, ки баъди қабули қонуни нав бекор мегарданд). Замони муҳокимаи лоиҳа аз тарафи вакилонро раиси маҷлис муайян мекунад, бинобар ин ҷонибдории вайро соҳиб шудан муфид аст. Дар қироати дуввум танҳо он мавридҳои лоиҳа баррасӣ мегардад, ки тағйирот ворид гардидааст. Ҳамин тавр, раиси маҷлис ҷаласаи парламентро аз рӯи нақшае анҷом медиҳад, ки қаблан нақшаи ба он монанд нишон дода шуд.

### *6.5.1 Шаҳрванд чӣ кор карда метавонад?*

Ба чуз ёрӣ додан ба аъзои кумитае, ки лоиҳаи қонуни шумо ба он марбут мебошад, шумо бояд ҷонибдории дигар вакилонро ҳам ба даст биёред. То он,

**Фаъолияти парламенти мо**

19 январ Раиси Маҷлиси Қонунгузорӣ Абдыганӣ Эркебаев дар мавриди фаъолияти маҷлис дар соли 2003 ва нақшаҳои соли 2004 конференсияи матбуотӣ баргузор намуд. Дар соли 2003 -ум 127 ҷаласаи умумӣ сурат гирифт, ки дар он вакилон 284 лоиҳаи қонунро муҳокима намуданд, 257 лоиҳаи қонун, аз ҷумла қонун "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ", "Дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон" ва қонуни интихобот тасдиқ карда шуд. Дар ҳоли ҳозир дар Маҷлиси қонунгузорӣ 399 лоиҳаи қонун бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

(Аз ахбори Маркази матбуотии Маҷлиси қонунгузории Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, 19 январи соли 2004)

ки химояи парламентӣ самарбахш бошад, шумо бояд ба воситаи мактуб, маводи чопӣ, тамосҳои телефонӣ ва сӯҳбатҳои шахсӣ ба вакилон маълумоти лозимиро вогузор кунед. Шумо бояд боварӣ хосил намоед, ки қабл аз огози музокира дар маҷлис вакилони ҷонибдори шумо ва онхое, ки ҳануз мавқеи худашонро муаян накардаанд, хамаи иттилои тайёр намудаи шуморо дарёфт кардаанд. Лозим аст, ки муҳимтарин далелҳо барои музокира танҳо дар ихтиёри дӯстони шумо қарор дошта бошад ва ҳарифони шумо қабл аз мӯҳлат натавонанд онҳоро ошкор созанд.

## 6.6 Овоздиҳии ниҳоӣ: қироати сеюм

Баъд аз қироати дуввум ва кори кумита дар заминаи беҳбуд ва шарҳи лоиҳаи қонун, кумита онро охирин бор ба ҳамаи таркиби парламент барои муҳокима ва овоздиҳӣ дар қироати сеюм пешниҳод менамояд. Қироати сеюм имкони муҳокимаи ниҳоӣ ва овоздиҳӣ барои қабули лоиҳаро ба сифати қонун фароҳам менамояд (ба шарте, ки Раиси Ҷумҳурӣ розӣ шавад). Дар қироати сеюм вакилон наметавонанд ба лоиҳаи қонун тағйирот ворид намоянд.

### *6.6.1 Шаҳрванд чӣ кор карда метавонад?*

Тактикаи бисёр самарбахши ҷонибдорӣ (лоббирование), ки метавонад овоздиҳиро ба фоидаи лоиҳаи қонуни шумо ҳал намояд, розӣ сохтани вакилон барои суханронӣ ва баромад кардан дар ҷаласаи умумӣ ба тарафдории лоиҳаи шумо мебошад. Агар онҳо розӣ шаванд, шумо хеле зудтар аз ҷаласаи пешбинишуда бояд ба онҳо дар бораи лоиҳаи қонун маълумоти лозимӣ ва дорои далелҳои қатъиро вогузор намоед. Шумо инчунин бояд бо аъзои кумита, ки ба мавзӯи шумо машғуланд ҳамкорӣ кунед, зеро онҳо ба ҷараёни музокираи ҷаласаи умумии маҷлис метавонанд таъсири хос расонанд. Шумо метавонед ба дигар вакилон нома нависед ва бо онҳо мулоқотҳои шахсӣ баргузор намоед, то ки аз лоиҳаи қонуни шумо ҷонибдорӣ кунанд.

## 6.7 Рафъи вето

Дар тамоми раванди қонунгузорӣ аз тарафи ҳокимияти иҷроия дастгирӣ пайдо кардан ҳамеша муфид мебошад. Махсусан ин кор аз он ҷиҳат муҳим аст, ки агар шумо хоҳед имконияти ветои Раиси Ҷумҳуриро бартараф намоед. Агар Раиси Ҷумҳурӣ лоиҳаи қонунро вето кунад, вай метавонад аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар замони муайяншуда дубора баррасӣ гардад. Дар сурати муҳокимаи такрорӣ агар лоиҳаи қонун боз ҳам аз тарафи вакилони Жогорку Кенеш тасдиқ шавад, Раиси Ҷумҳур ҳаққи вето карданро надошта, баъд аз дарёфти он дар тӯли як моҳ бояд онро имзо намояд. Вале Раиси Ҷумҳур метавонад тамоми лоиҳаро рад накарда, балки вайро бо шарҳу тафсир ва тавсияҳо дар бораи баъзе моддаҳо пас гардонад. Сипас Жогорку Кенеш тасмим мегирад, ки бо эътирози Раиси Ҷумҳур розӣ шавад ё не.

## 6.8 Қабули лоиҳа ва таваллуди қонун

Лоиҳаи қонуни шумо баъд аз он, ки онро парламент қабул кард ва Раиси Ҷумҳури Қирғизистон имзо намуд, ба қонун мубаддал мешавад. (Раиси Ҷумҳур бояд қонунро дар тӯли як моҳ имзо намояд, агар онро парламент қабул карда бошад ва Раиси Ҷумҳур онро вето накарда бошад ё натавонад вето намояд). Баъд аз ин раванди қонунгузорӣ дар ин масъала ба поён мерасад.

### 6.8.1 Шаҳрванд чӣ кор карда метавонад?

Сиёсатгузорӣ аз вакилон, коршиносон (экспертҳо), мушовирон, дастерон ва инчунин ҳамаи кормандони мақомоти иҷроияро, ки ба шумо ёрӣ додаанд ва ё аз мавқеи шумо ҷонибдорӣ намудаанд, фаромӯш накунед. Ба шумо лозим аст барои ҷудо кардани маблағҳои молӣ ва эҳтимолан ҷонибдории дастгоҳи Раиси Ҷумҳур мубориза намоед, то ки барномаи шумо аз тарафи буҷети солонаи ҷумҳурӣ, ки ба парламент пешниҳод мегардад, дар назар гирифта шавад. Шумо бояд тарафдории вазоратҳои марбутаро ба даст оред, то ки онҳо вобаста ба қонуни нав фармону дастурамалҳои заруриро содир кунанд.

---

**Машғулият баъд аз хондани матн:**

### Супориши 02. Ташкили ҷараёни дарс

Ба мақсади роҳ надодан ба мубоҳисаи доимии вакилони мардумӣ кори парламент чӣ гуна ташкил карда мешавад? Се-чор нафарӣ кор карда, барои пешгирии ихтилофот дар парламент қоидаҳо тартиб диҳед.

### Супориши 03. Ғайричашмдошт

Яке аз проблемаҳо дар қонунгузорӣ аз он иборат аст, ки баъзан, ҳатто бар хилофи он, ки шумо мехостед натиҷаҳои хуб ба даст оред, ба оқибатҳои ғайричашмдошт рӯ ба рӯ мешавед. Қонунҳои дар поин пешниҳодшударо баррасӣ намоед ва фикр кунед, ки онҳо чӣ гуна натиҷа дошта метавонанд. Сатри аввали ҷадвал барои шумо ҳамчун намуна аллакай пур карда шудааст.

| № | Қонунҳои пешниҳодшаванда | Натиҷаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Андозҳо барои ҳама то 95 % зиёд карда шаванд. | Тамоми соҳибкорӣ муфлис мешавад, ҷамъоварии андозҳо кам мегардад. |
| 2. | Шумораи аъзои парламент ду баробар зиёд карда шавад. | |
| 3. | Ворид намудани молҳо аз тамоми мамлакатҳо, ба истиснои Япония манъ карда шавад. | |
| 4. | Алифбои миллӣ ба алифбои кореягӣ иваз карда шавад. | |
| 5. | Ҳама корхонаҳо бояд давлатӣ карда шаванд. | |
| 6. | Дар мактабҳо тамокукашӣ иҷозат дода шавад. | |
| 7. | Ба мардум ронданӣ мошини вовобаста аз ҳолати техникии он иҷозат дода шавад. | |
| 8. | Маҷбур карда шавад, ки мардум чӯҷа парвариш кунанд. | |
| 9. | Ба мардум иҷозат дода шавад, ки пули худро чоп кунанд. | |
| 10. | Ширкатҳо маҷбур карда шаванд, ки ба ҳамаи кормандон ҳадди ақал 5 доллар дар як рӯз музд диҳанд. | |

### Супориши 04. Қонунҳои нав

Ҳамроҳ бо шарикатон рӯйхати се қонуни наверо тартиб диҳед, ки татбиқи онро дар ҳаёт дидан мехостед. Мундариҷа ва маънии қонунҳоро ба таври амиқ фикр карда бароед, зеро баъдтар имкон дорад онҳо барои муҳокима интихоб шаванд.

Дар бораи нуктаҳои зерин фикр кунед:

- Қонун ба кӣ таъсир мерасонад?
- Оё қонун одилона аст?
- Қонун ба Сарқонун мутобиқат дорад?
- Кӣ қонунро дар ҳаёт татбиқ хоҳад кард?
- Оё имкон дорад, ки қонун дар амал татбиқ гардад?
- Натиҷаи ин қонуни нав чӣ гуна хоҳад буд?

### Супориши 05. Онҳо чӣ тавр метавонанд кӯмак намоянд?

Ҳамроҳ бо шарикатон тавсиф намоед, ки чӣ гуна вуқӯи ҳолати зерин имкон дорад (тавсиф набояд аз 150 калима зиёд бошад)? Мухолифон дар парламенти мо аксар вақт бо мо розӣ намешаванд, вале онҳо ба мо дар коркарди қонунҳои беҳтарин кӯмак менамоянд.

### Супориши 06. Ин ҳамкориҳо чӣ гунаанд?

Ҳамроҳ бо шарикатон кӯшиш намоед бифаҳмонед - чаро шумо чунин меҳисобед, ки барои ҳукумат мухолифони пуркувват лозим аст. Нуктаи назари худро дар иншое, ки на зиёда аз 150 калима бошад, асоснок намоед.

### Супориши 07. Лоиҳаҳои қонун чӣ тавр қонун мешаванд?

Нақшаеро кашед, ки тарзи пешниҳод, қабул гардидани қонунҳо ва ба бахше аз қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон табдил шудани онҳоро нишон диҳад.

## РАВАНДИ ҚАБУЛ НАМУДАНИ ҚОНУН



### Супориши 08. Ҳуқуқҳои системаи додгоҳӣ

Ба ҳамроҳи шарикатон Сарқонунро аз назар гузаронида, иншое нависед, ки ҳаҷми он аз 150 калима бештар набошад ва шарҳ диҳед, ки кай ва чӣ тавр системаи додгоҳӣ метавонад қонуни қабулшударо беэътибор намояд.

### Супориши 09. Таҳқиқи (экспертизаи) ҳуқуқӣ

Тасаввур кунед, ки шумо дар кишваре зиндагӣ доред, ки қонун хеле кам вуҷуд дорад. Бо шарикатон кор карда, дар мавриди масъалаҳои зерин лоиҳаи қонунҳоро омода созед. Баъдан ҳуқуқшинос ё додрасро ба сифати даъват намуда фикри вайро дар бораи лоиҳаҳои тайёр кардаатон фаҳмед.

Масъалаҳо:

1. Сагҳо аксаран шабҳо аккос зада, хоби шуморо халалдор мекунанд.
2. Шумо оламонеро медонед, ки маводи мухаддир (наркотик) истеъмол менамоянд.
3. Шумо мебинед, ки гови ҳамсоятон дар замини шумо мечарад.

### Супориши 10. Як рӯз аз ҳаёти вакил

Мулоҳизоти дар поёномадаро аз дафтари қайдҳо бихонед ва сипас дунафарӣ кор карда, вазифаҳои муҳими демократиеро, ки вакили мардумӣ иҷро намудааст, номбар намоед.

8:00 *Ба парламент омадам. Бо ёвари худ вохӯрда, барномаи рӯзро муҳокима намудам. Ба ду мактубе, ки тавассути почтаи электронӣ омада буданд, ҷавоб додам. Як мактуб аз дигар вакили мардумӣ омада буд, дуюм – аз ҳавзаи интихоботӣ.*

8:30 *Ба ҷаласаи кумитаи ислоҳоти замин рафтам. Моддаи 32-умро муҳокима намудем.*

10:30 *Ба идораи худ ба парламент баргаштам, якчанд мактубро бо ёварам муҳокима намуда, таъкид кардам, ки ба онҳо чӣ гуна ҷавоб диҳад.*

11:15 *Ба идораи ҳавзавии худ рафтам, ки тахминан дар масофаи як соат роҳ бо мошин аз Бишкек ҷойгир аст. Мактуберо хондам, ки аз ҳукумати ноҳия омад ба халли проблемаҳои обтаъминкунӣ бо шарҳу мулоҳизот дар мавзӯи барномаи пешниҳодшуда фиристода шуда буд.*

12:15 *Ҳамроҳ бо ёварам ва сарвари ассотсиатсияи маҳаллии фермерҳо хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдем. Мо тағйироти пешниҳодшударо дар ташкили коллеҷи кишоварзӣ муҳокима кардем.*

13:30 *Ба хайси меҳмон ва эксперти маҳаллӣ (ман муҳандис-гидромелиоратор будам) дар маҷлиси кумитаи ноҳиявии барқароркунии шабакаи обтаъминкунӣ иштирок намудам.*

15:30 *Дар расми кушодани мағозаи савдои молҳои кооперативи занон ширкат варзидам.*

16:15 *Ба мактаби рақами 8 рафтам ва бо хонандагони кумитаи мактаб вохӯрдам. Онҳо мехостанд бидонанд, ки дар ободонии шаҳри худ чӣ тавр метавонанд иштирок намоянд. Хонандагон ҳамчунин сарвари ҳукумати маҳаллиро даъват карда буданд.*

16:45 *Ба идораи худ дар ҳавза баргашта, бо интихобкунандагон вохӯрдам. Ман кӯшиш мекунам, ки барои ҳар интихобкунанда то 30 дақиқа вақт ҷудо намоям.*

18:15 *Ба маҷлиси аҳолии як деҳаи хурд рафтам. Онҳо нисбат ба баста шудани поликлиникаи назди тарин ба ташвиш афтоданд.*

19:30 *Ба идора барои гирифтани ҳуҷҷатҳо дар бораи буҷети пешниҳодшуда баргашта, баъзе амрҳоро вобаста ба чанд мактуб ва масъалаҳои бархоста ба ёварам навиштам.*

20:30 *Ба хона ба назди аҳли оилаам баргаштам.*

21:30 *Ислоҳоти пешниҳодшударо оид ба моддаҳои 38 ва 62-уми буҷет хондам, зеро фардо пагоҳӣ ба ман лозим меомад ба Бишкек баргашта, дар овоздиҳӣ дар парламент (ба тарафдорӣ ва ё зидди қонун дар бораи буҷет) иштирок менамудам.*

23:00 *Хоб кардам.*

### Супориши 11. "Вакили мӯҳтарам..."

Ҳамроҳ бо шарикатон ба вакили парламент ё маҷлиси маҳаллӣ (вилоятӣ ё ноҳиявӣ) мактуб нависед ва аз ӯ хоҳиш намоед, ки ба Шумо ба таври хаттӣ ҷавоб гӯяд ё ба мактабатон биёяд. Шумо бояд аз ӯ хоҳиш намоед, ки дар мавзӯи

*"Проблемаҳое, ки бо онҳо ҷавонон дар Ҷумҳурии Қирғизистон рӯ ба рӯ мешаванд" баромад намояд.*



### Супориши 12. Бозӣ бо иҷрои нақш – "Парламент"

Шумо имкон доред, ки дар парламенти мамлакати Нур аъзо шавед. Муаллим нақшҳоро барои ҳар як талаба дар синф тақсим мекунад. Дар хотир дошта бошед, ки ин парламент ва қоидаҳои он аз парламенти Ҷумҳурии

Қирғизистон фарқ доранд ва дар ин парламент ҳизбҳо вуҷуд надоранд. Дар ибтидо ваколатҳои Раис (спикер) ва сипас тартиботро барои аъзои парламент бихонед.

> **Ваколатҳои раис**
>
> Ҳамаи тавзеҳот танҳо баъди гирифтани иҷозат аз раис гуфта мешаванд. Гирифтани иҷозат барои баромад кардан ба тариқи зер анҷом мегирад:
> Узви парламент Шарифов даст мебардорад.
> **Раис:** *Лаббай, ҷаноби Шарифов (Вақте ки раис сухан мегӯяд, дигарҳо хомӯш меистанд).*
> **Шарифов:** *Ҷаноби раис, иҷозати сухан гуфтан диҳед.*
> **Раис:** *Сухан ба … дода мешавад.*
>
> Агар раис ҳис намояд, ки узви парламент дар мавзӯи дигар сухан мегӯяд ё тавзеҳоте медиҳад, ки ба шахсияти кас мерасанд, вай метавонад аз сухан додан худдорӣ намояд ё баромадро қатъ кунад. Вақти баромад - на зиёда аз 2 дақиқа. Ҳеҷ кас, ғайр аз раис, ҳуқуқи буридани сухани дигаронро надорад.
>
> Дар хотир нигоҳ доред, ки дар ҳолати риоя накардани дастурҳои раис, вай метавонад, шуморо аз ҳуқуқи овоз додан маҳрум кунад. Вале дар ҳар сурат раис НАМЕТАВОНАД шуморо маҷбур намояд, ки ба шакли муайяне овоз диҳед. Раис танҳо дар сурате овоз медиҳад, ки овозҳо баробар тақсим шаванд. (Дар Жогорку Кенеш тибқи тартибот раис мисли ҳамаи вакилон овоз медиҳад, аммо баъд аз ҳама).
>
> Раис танҳо дар он вақт овоз медиҳад, ки агар овозҳои зид ва тарафдор баробар бошанд. Овози раис дар чунин ҳолат ҳалкунанда аст.

**Нақшҳо:**

- Як нафар – раиси парламент.
- Боқимондаҳо дар синф – аъзои парламент (баъзе аз шумо карточка мегиред. Дар он ишора шудааст, ки шумо ба ғайр аз узви парламент будан кӣ ҳастед ва ба чӣ машғулед. Дигарон – фақат аъзои парламент бе ягон манфиатҳои иловагӣ).

**Карточкаҳо:**

1. Шумо истеҳсолкунандаи либос ҳастед, вале мағоза надоред.
2. Шумо волид ҳастед ва ду фарзанд доред.
3. Шумо соҳиби мағозаи либосфурӯшӣ ҳастед.
4. Шумо дар мағозаи шахсии худ тамоку мефурӯшед.
5. Шумо тамоку намекашед.
6. Шумо соҳиби ду дӯкон ҳастед.
7. Шумо дар Универмаги марказӣ шӯъба доред.
8. Шумо тамоку мекашед.
9. Шумо рониандаи автобус будед, вале тамоку намекашед.
10. Шумо соҳиби киштзори тамокупарварӣ ҳастед.
11. Шумо духтуред.
12. Шумо иқтисодчиён ҳастед.

**Тартибот барои раис:**

1. Мавқеъи худро нисбат ба проблемаҳои дар поён тавсифшуда муайян намоед.
2. Аз аъзои парламент бипурсед, ки ба "тарафдорӣ" ё "зиддӣ" моҳияти масъалаи аввал даст бардоранд.
3. Ба аъзои парламент, ки тағйироти қонуни ҷорӣ ё тайёр намудани қонуни навро маъқул медонанд, дастур диҳед. Онҳо бояд, ки дар як ҷо ҷамъ шуда, дар давоми 15 дақиқа лоиҳаи қонунро тайёр намоянд ва роҳбарро таъин кунанд.
4. Онҳое, ки меҳоҳанд вазъи мавҷударо чуноне ки ҳаст боқӣ монанд, бояд ҷамъ шаванд ва сабабҳоеро, ки ба хотири онҳо вазъият бояд тағир наёбад, тавсиф намоянд.
5. Ҳамон вақт, ки гурӯҳ лоиҳаи нави қонунро тайёр менамояд, аз сарвар бипурсед, ки онро бо овози баланд қироат кунад.
6. Сипас бипурсед, ки онро шарҳ диҳанд, яъне бифаҳмонанд, ки чаро онҳо ин лоиҳаи қонунро зарурӣ мешуморанд.
7. Онҳое, ки ба ин гурӯҳ дохил нестанд, ҳамчунин метавонанд фикри худро баён кунанд. Ҳар ду гурӯҳро қатъиян назорат кунед. Аз ҳар як тараф аз 5 шарҳ бештар набошад.
8. Вақте ки тарафҳо фикри худро баён сохтанд, лоиҳаи қонунро ба овоз монед. Таъкид намоед, ки аъзои парламент метавонанд тартиботи овоздиҳиро тағир диҳанд. Дар хотир дошта бошед, ки шумо метавонед танҳо дар сурати баробар будани овозҳои дигарон дар овоздиҳӣ иштирок намоед.

9. Агар аксарияти овозҳо ба "тарафдорӣ" лоиҳаи қонун бошад, он гоҳ шумо метавонед эълон кунед, ки лоиҳаи қонун ба Раиси Ҷумҳурӣ барои тасдиқ пешниҳод мегардад.
10. Агар аксарияти овозҳо ба "муқобили" лоиҳаи қонун бошад, он гоҳ ҳамаи онҳое, ки овоз додаанд, дубора ҷамъ мешаванд ва ба лоиҳа барои қабули он тағйирот медароранд. Барои ин кор онҳо 7 дақиқа вақт доранд. Дар ин муддат аъзои дигари парламент дар бораи он бояд фикр кунанд, ки кадом тавсияҳоро барои ҳалли созишномез тайёр намоянд.
11. Лоиҳаи ислоҳшудаи қонун ба ҳамаи ҳайати парламент дода мешавад.
12. Раис дар бораи шарҳҳо мепурсад.
13. Овоздиҳии такрорӣ эълон карда мешавад.
14. Агар аксарияти овозҳо ба "тарафдорӣ" лоиҳаи қонун бошад, онро ба Раиси Ҷумҳурӣ равона месозанд.
15. Агар аксарияти овозҳо ба "муқобили" лоиҳаи қонун бошад, он то соли оянда дида баромада намешавад.
16. Аз аъзои парламент бипурсед, ки ба "тарафдорӣ" ё "муқобили" моҳияти масъалаи дуюм овоз диҳанд.
17. Акнун қадамҳои 3-15-ро такрор намоед.
18. Аз аъзои парламент бипурсед, ки ба "тарафдорӣ" ё "муқобили" моҳияти масъалаи сеюм даст бардоранд.
19. Акнун қадамҳои 3-15-ро такрор намоед.

**Тартибот барои аъзои парламент:**

1. Ба тарзи мустақилона дар бораи мавқеъи худ аз рӯи ҳар 3 масъала қарор қабул намоед (нит. ба дараҷабандии зер).




2. Дастурҳои раисро риоя намоед.
Ҳамин онҳое, ки ба лоиҳаи қонуни нав аз рӯи ин проблемаҳо овоз додаанд, баъдан ҳамчун як даста барои пешниҳоди ин қонун кор мекунанд. Онҳо бояд чизҳоеро, ки пешниҳод мекунанд ва кадом ҷаримаҳо дар ҳолати қонуншиканӣ ситонида мешаванд, дақиқан муҳокима намоянд. Барои ин кор ба онҳо 15 дақиқа ҷудо карда мешавад.

**Саволҳо барои муҳокима:**

1. Дар бораи манъ кардани тамокукашӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ.
   *Дар марҳилаи кунунӣ дар бораи назорат аз болои тамокукашӣ ва фурӯши сигарет ягон қонун вуҷуд надорад.*
2. Маҳдуд сохтани вақти кории мағозаҳо бо мақсади он, ки ҳамаи мағозаҳо то соати 17 ва танҳо дар рӯзҳои корӣ кор кунанд. Аз ин қоида Фурӯшгоҳи марказӣ истисност.
   *Дар айни ҳол ягон қонун тартиби кории мағозаҳоро танзим намекунад.*
3. Манъ кардани фурӯш ва ё воридоти либосҳое, ки метавонанд ба истеҳсолоти маҳаллӣ рақобат ба вуҷуд оранд.
   *Дар айни ҳол қонунҳо дар бораи андоз ситонидан аз воридот вуҷуд доранд, вале воридот ғайриқонунӣ нест ва фурӯши либосҳои воридотӣ манъ нашудааст.*

## Супориши 13. Шаҳрвандон ба сифати қонунгузорон

Дар гузаронидани раъйпурсӣ маҳз шаҳрвандон қонун қабул мекунанд. Ҳамин тавр ҳамаи аҳолии овоздиҳанда чун парламент мешавад. Ҳамроҳ бо шарикатон рӯйхати амалҳои заруриеро тартиб диҳед, ки аз рӯи онҳо гузаронидани раъйпурсӣ ҳаққонӣ ва одилона ҳисобида шавад.

# РАМЗҲОИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН




Герби Ҷумҳурии Қирғизистон

Аз тарафи Жогорку Кенеш январи соли 1994 тасдиқ шудааст.

Муаллифон: Асейин Абдраев – мудири мактаби ҳунарии шаҳри Норин, Содирбек Дубанаев – раиси шӯъбаи корҳои дохилии Норин.

Герби давлатӣ

Дар рамзи давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон – дар герб тасвир шудааст: уқоби кӯҳистонӣ – саховат ва тезбинӣ, баландии фикри қирғизистониҳои муқими кишвари кӯҳистонӣ. Оинаи обии кӯл – рамзи зебоии табиат, сарчашмаи зиндагӣ ва неру.

Мусоҳиба бо генерал-майор Содирбек Дубанаев, муовини раиси хадамоти марзбонии Ҷумҳурии Қирғизистон, барандаи медали «Манас-1000», медали «Эрдик», ифтихорномаи Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҷоизаҳои дигари ифтихорӣ)

***ФБСИ: Лутфан, дар бораи равиши ин кори эҷодӣ нақл кунед.***

Дар соли 1991 дар Жогорку Кенеш комиссияи тартибдиҳии рамзҳои давлатӣ ташкил гардид, ки он барои иҷрои нусхаҳои герби миллӣ мусобиқа эълон кард. Дар давоми ду сол ба комиссия 2234 нусха ворид шуд ва аз ин шумора 6-то барои баррасӣ дар Жогорку Кенеш интихоб гардид. Дар моҳи декабри соли 1993 нусхаҳои интихобшуда бо нишонаҳои рамзӣ ба вакилон пешниҳод гардиданд. Нусхаи мо зери аломати рамзии «Нур-19» ба вакилон пешниҳод гардида буд. Ба ҳамин тариқ он 14 январи соли 1994 ба унвони герби милии Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб карда шуд.

***ФБСИ: Шумо танҳо як вариантро барои баррасӣ пешниҳод кардед?***

Не, тими мо 53 вариантро таёр ва пешниҳод кард. Дар рафти кор мо бодиққат донишномаи (энсиклопедияи) ҷаҳонии гербҳоро омӯхтем. Мо маълум кардем, ки гербҳо аз рӯи кадом меъёрҳо таёр карда мешаванд, дар онҳо чӣ чизро дарҷ кардан лозим аст.

***ФБСИ: Чӣ чиз дар рафти таёр кардани герб аз ҳама душвортар буд?***

Барои мо муаян кардан душвор буд, ки арзишҳои мушаххаси илмии мо кадомҳо мебошанд. Ҳамаи кор аз идеяи тасвири уқоб шурӯъ шуд.

***ФБСИ: Шумо илҳоми ин корҳоро аз куҷо мегиред?***

Ман аз замони кӯдакӣ дӯст медоштам сурати табиат, ҳайвонот, паррандагонро бигирам. Баъзан ин суратҳоро ба рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо мефиристодам. Ба ғайр аз ин ихтисоси ман коршиноси ҷурмшиносӣ (криминалист) аст. Вақте ки мусобиқаи тартиб додани герб эълон шуд, ман гуфтам, ки «биё, як бахтозмоӣ мекунам».

***ФБСИ: Оё инро варианти дӯстдоштаи шумо номидан мумкин аст ва агар шумо имкон медоштед, ҳоло мехостед, ки чизеро дар он тағир диҳед?***

Бале, ман аз тахти дил қабул шудани ҳамин вариантро мехостам, барои он ки рӯи он кору талоши бисёр карда будам. Барои он ки ранги ҳарчи муносибтари оби кӯл интихоб шавад, мо ҳамроҳи Асейин Абдраев чанд бор ба соҳили Иссиқ-Кӯл рафтем ва ҳамон тобишеро интихоб кардем, ки дақиқан ранги табииву зебои кӯли нилии моро медиҳад. Ҳамчунин тулӯъи офтобро зери назар гирифтем: ба хусус ҳамон лаҳзае ҷолиб буд, ки аввалин нурҳои офтоб аз паси кӯҳ пайдо мешавад. Мо кӯшиш кардем, ки ин зебоиро дар герб нақш кунем. Вале барои он ки уқоб дуруст тасвир карда шавад, мо ҳамон қисми достони милии «Манас»-ро, ки «Оқ-Шумқор» (Уқоби Сафед) тасвир мешавад, дубора хондем. Ба ғайр аз ин ба бозори паррандагон рафтем, тарзи нишасту истоди укобҳоро мушоҳида кардем, ҳатто ба чунин ҷузъиёт, мисли он ки-вақте уқоб нишастааст чанд нохуни чанголаш аз пеш намоён мебошад, диққат додем. Мо қарор кардем, ки танҳо аз се ранг истифода барем: сафед, кабуд ва зард.

Танҳо чизе, ки маро ғамгин мекунад, ҳамин аст, ки баъзан рамзҳо дар шакли таҳрифшуда пешниҳод мешаванд: гоҳе ранг на он ранг аст, гоҳе ба ҷои, масалан, ҳафт парри уқоб сето ё панҷторо тасвир мекунанд ва ғайра. Дар натиҷа он идеяҳое, ки барои баёни онҳо мо бисёр вақту заҳмат харҷ кардем, гум мешаванд. Мехостам, ки дар сатҳи давлатӣ шакли ягонаи герб тасдиқ шавад, то ки аз ҳар навъ чопҳои таҳрифшудаи он пешгирӣ карда шавад.

Ва умуман агар ман имкон медоштам, ҳеҷ чизро тағир намедодам. Вақте тағир додан мумкин аст, ки агар ҷомеа тағир ёбад, арзишҳо ва анъанаҳои он ба таври қатъӣ тағир ёбанд.



Парчами Ҷумҳурии Қирғизистон

Рӯзи 3 марти соли 1992 дар иҷлоси 8-уми Жогорку Кенеш қабул ва 5 март ботантана дар болои Бинои Давлат насб шудааст.

Муаллифон: Э. Ҳайдарбеков, Б. Ҷойчибеков, С. Иптаров, Ж. Матаев, М. Сыдыков.

Парчами давлатӣ Ранги якрӯи сурх-рамзи шарофат ва диловарист, офтоби тиллоии гарқи нурҳои худ-рамзи осудагӣ ва дороист, тундук (чорчӯби сақфи юрт)-рамзи хонаи аҷдодист ва маънои умумитари он-дунё ва кайҳон аст.

Мусоҳиба бо Собир Иптаров, аълочии маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон, мудири Маркази такмили ихтисос, омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони педагогии Академияи Омӯзиши Қирғизистон, ҳаммуаллифи Парчами давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон ва герби пойтахт – шаҳри Бишкек.

***ФБСИ: Лутфан дар бораи рафти таёр кардани нусхаҳои парчам нақл кунед.***

Вақте ки мусобиқаи бози умумиҷумҳурӣ барои таер кардани нусхаҳои парчами давлатии Қирғизистон, герб, Суруди миллӣ эълон шуд ва комиссияи махсуси интихоби тарҳҳои рамзҳо ташкил гардид, мо ҳамроҳи рассом Б. Ҷойчибеков чанд варианти нусхаҳои парчам ва гербро таёр кардем. Ба ғайр аз ин ман матни Суруди милии (гимни) ҷумҳуриро навиштам. Вақти таҳияи ин рамзҳо мо ба суннатҳои фарҳангиву таърихӣ, бадеиву эстетикӣ ва маънавиву ҷаҳонбинии суннатии мардуми Қирғизистон такя кардем. Ҳамин тавр, аз шумори беш аз 400 кори пешниҳодӣ 4 варианти нусхаҳо интихоб гардид ва муаллифони онҳо рӯи варианти қатъии парчам кор карданд.

***ФБСИ: Мушкилтар аз ҳама дар ин кор чӣ буд?***

Аз ҳама мушкилтар барои мо пайдо кардани асосе буд, ки ба он ба таври боварибахш такя кунем ва баъд аз он ба беҳтарин сурат вазифаи қарордодиро иҷро кунем. Ин чиз ҳам ба ранги парчам, ҳам аломатҳо (эмблема) ва ҳамчунин унсурҳои дигари он: сарнайза, дастачӯб ва ғайра муносибат дорад.

***ФБСИ: Чӣ чиз ба шумо дар ин кори душвор илҳом мебахшад?***

Дар ин кори пурмасъулият пеш аз ҳама худи зиндагии воқеӣ, ки ба мо имкон дод иштирокчии руҳдоди таърихӣ шавем, илҳом бахшид. Дуюм, таърихи пурифтихори халқи қадими мо, ки ба ҳар касе бо азамат ва асрори амиқи худ илҳом мебахшад. Сеюм, мероси маънавии гузаштагон, ки албатта бояд дар ҳама ҳол поя, меҳвар ва меъёр бошад.ҳамин тавр, ранги парчам (сурх)-ранги парчами Манас, қаҳрамони достонӣ, ҳомӣ ва пуштбони мардуми қирғиз мебошад. Дар рӯи парчам офтоб ва тундук тасвир шудааст. Офтоб- яке аз илоҳаҳои қирғизҳои қадимӣ мебошад. Офтоб-инсон, яъне тасвири инсон ба сурате, ки офтоб ба ҷои сари он мебошад, дар наққошиҳои рӯи харсангҳои Саймалитош, мансуб ба ҳазорсолаи дуюми пеш аз мелод, мавҷуд аст. Чил нури офтоб рамзи 40 қабилае мебошанд, ки асоси миллати қирғизро ташкил додаанд. Маънои номи миллати қирғиз аз ду калима «қирқ»-чил ва «огуз»-қабила, авлод баромадааст.Тундук – ин офаридаи нодири гузаштагони қадимӣ аст: рамзи ягонагии вақт (доира) ва масоҳат (салиб). Чор кунҷи доира маънои низоми ҷаҳон, кайҳонро дорад. Ва дар ниҳоят, тундук – сақфи юрта мебошад. Он рамзи ваҳдат ва ягонагӣ, эҳё ва азамат, шоҳиди фарҳанги кӯчӣ ва таърихи қадими қирғизҳо мебошад.

***ФБСИ: Оё метавон ин вариантро беҳтарин номид. Агар имкон медоштед ҳеҷ чизро тағир намедодед?***

Барои муаллиф ҳар офаридаи он азиз аст. Вале ин вариант боз аз он ҷиҳат барои мо азиз аст, ки он дар он вақт тавонист на танҳо қирғизҳо, балки халқҳои дигари муқими қирғизистонро низ муттаҳид кунад. Албатта камол ниҳоят надорад. Вале рамзҳои давлатӣ – арзишҳое ҳастанд, ки Сарқонун онҳоро «дахолатнопазир» эълон кардааст. Онҳо танҳо дар сурати тағир ёфтани низоми сиёсии кишвар, тағири меҳварҳои иҷтимоиву қтисодӣ ва ё маънавиву ҷаҳонбинии мамлакат метавонанд тағир ёбанд. Вале ба назари ман ҳанӯз чунин чизе ба мо таҳдид намекунад.

***ФБСИ: Боз ба ин гуфтаҳои худ чӣ чизро мехоҳед изофа кунед?***

Аввалан, таер кардани рамзҳои давлатӣ бояд дар сатҳи бисёр боло бошад, барои ин ки онҳо шиносномаи асосии мамлакат ҳастанд. Онҳо на танҳо аломатҳои ҳокимият, балки ҳиссаи ҷудонашавандаи таърих ва фарҳанги маънавии мо ҳастанд.

## КЫРГЫЗ РЕСПУБЛИКАСЫНЫН МАМЛЕКЕТТИК ГИМНИ

Сөзү: Ж. Садыков менен менен Ш. Кулуевдики
Музыкасы: Н. Давлесов К. Молдобасановдуку

Ак мөңгүлүү аска зоолор, талаалар
Элибиздин жаны менен барабар.
Сансыз кылым Ала-Тоосун мекендеп,
Сактап келди биздин ата-бабалар.

**Кайырмасы:**
Алгалай бер, кыргыз эл,
Азаттыктын жолунда.
Өркүндөй бер, өсө бер,
Өз тагдырың колуңда.

Байыртадан бүткөн мүнөз элиме,
Досторуна даяр дилин бергүгө.
Бул ынтымак эл бирдигин ширетип,
Бейкуттукту берет кыргыз жерине.

**Кайырмасы:**
Алгалай бер, кыргыз эл,
Азаттыктын жолунда.
Өркүндөй бер, өсө бер,
Өз тагдырың колуңда.

Аткарылып элдин үмүт, тилеги,
Желбиреди эркиндиктин желеги.
Бизге жеткен ата салтын, мурасын
Ыйык сактап урпактарга берели.

**Кайырмасы:**
Алгалай бер, кыргыз эл,
Азаттыктын жолунда.
Өркүндөй бер, өсө бер,
Өз тагдырың колуңда.

Мусоҳиба бо Молдобасанов Калий Молдобасанович, қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ, ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ, Барандаи ҷоизаи давлатии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ, оҳангсоз, профессор.

***ФБСИ: Лутфан дар бораи рафти кор рӯи мусиқии гимн нақл кунед.***

Дар солҳои 90, вақте ки ҳанӯз ман намояндаи Шӯрои Олии ИҶШС будам, наздикии фурӯпошии Шӯравӣ эҳсос мешуд. Пас аз истиқлол идеяи эҷоди гимни нав ба миён омад. Ман исрор мекардам, ки мусиқии Суруди милли пешина боқӣ монад. Фикр мекунам, ки идеяи ватанпарастӣ дилҳои ҳамаи моро ба ҷӯш оварда буд ва Шӯрои Олии ҷумҳурӣ пешниҳод кард, ки Суруди миллӣ, парчам ва герби нави кишвари мо сохта шавад.

***ФБСИ: Дар рафти эҷоди мусиқии Суруди миллӣ чӣ чиз аз ҳама душвортар буд?***

Ҳар яке аз оҳангсозон мувофиқи салоҳдиди эҷодии худ матни бароиш маъқули Суруди миллиро интихоб мекард, оҳангашро эҷод мекард ва пас аз он кори худро ба комиссияи босалоҳият нишон медод. Комиссия, пас аз шунидан, асарҳои 3-4 оҳангсозро тавсия кард. Пас аз он комиссия матнҳо ва сурудҳои милии пешниҳодиро дар иҷрои гурӯҳи мусиқии симфонӣ ва ҳамхонӣ (хор) шунид. Раъйҳои аъзои Жогорку Кенеш дар тасдиқи вариантҳои оҳангсозон К. Молдобасанов ва Н. Давлесов баробар тақсим шуд. Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ М. Шеримқулов ба мо, Н. Давлесов ва ман, пешниҳод кард, ки бо ҳамкорӣ оҳанги Суруди миллиро эҷод кунем. Чандин сол аст, ки ман Н. Давлесовй оҳангсозро мешиносам. Вақти навиштани оҳанги Суруди миллӣ вариантҳои Н. Давлесов ва аз они манро асос қарор додем.

***ФБСИ: Чӣ чиз ба Шумо дар ин кор илҳом мебахшад?***

Меҳани ман – Қирғизистон. Эҷоди Суруди миллӣ – ин супориши ҳамаи умумихалқӣ аст, барои ҳамин ман бо ҷону дил ба ин даъват ҷавоб додам.

***ФБСИ: Оё варианти интихобкардаи Шуморо метавон варианти мақбул номид ва агар имрӯз чунин имкон медоштед, чизеро дар он тағир медодед?***

Ман ҳам мисли Н. Давлесов ба аҳамияти иҷтимоиву шаҳрвандии ин варианти Суруди миллӣ боварӣ дорам.

***ФБСИ: Боз дар бораи кадом мавридҳои ҷолиб, далелҳо, воқеаҳои рӯйдода дар рафти эҷоди оҳанги Суруди миллӣ мехоҳед нақл кунед?***

Вақте ки мо Суруди миллии Ҷумҳурии Қирғизистонро менавиштем ба хубӣ ба аҳамияти ин кори ҳунарӣ барои кишварамон пай мебурдем. Вақте ки варианти қатъии Суруди миллӣ қабул шуд, мо ба Қазоқистон, ба шаҳри Алма-Ато рафтем, то ки ҳамроҳи гурӯҳи мусиқии симфонии Ҷумҳурии Қазоқистон ва гурӯҳи ҳамхонии мо аз Театри миллии академии ба номи А. Малдыбаева Қирғизистон онро сабт кунем. Дар пушти дастгоҳи дирижёрӣ ман истода будам ва сабт ду рӯз давом кард. То ҳануз ин Суруди милии Ҷумҳурии Қирғизистон дар мамлакати мо ва хориҷ аз он садо медиҳад.

# САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

Дар дувоздаҳумин иҷлоси Жогорку Кенеши
Ҷумҳурии Қирғизистон, даъвати дувоздаҳум,
5 май соли 1993 тасдиқ шудааст

Тағирот ва иловаҳо мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ворид кардани тағирот ва иловаҳо дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон» аз таърихи 16 феврали соли 1996, ки дар Раъйпурсии (Референдуми) 10 феврали соли 1996 ворид карда шуд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ворид кардани тағирот ва иловаҳо дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 21 октябри соли 1998, тасдиқ гардида дар Ҳамапурсии 17 октябри соли 1998,

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ворид кардани тағирот дар моддаи 5 Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 24 декабри соли 2001 шумораи №112,

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи таҳрири нави Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 18 феврали соли 2003 №40.

(банди 2 моддаи 54, банди 3 моддаи 55, банди 1 моддаҳои 60,65 Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, ки то замони қабули Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон аз 18 феврали соли 2003 №40 фаъол мебошад, аз рӯзи нахустин иҷлоси Жогорку Кенеши ҶҚ даъвати нав эътибори худро гум мекунад)

**БОБИ ЯКУМ. Ҷумҳурии Қирғизстон**
Бахши якум. Асլҳои (принсипҳои) умумӣ
Бахши дуюм. Низом ва фаъолияти давлат

**БОБИ ДУЮМ. Шаҳрвандон**
Бахши якум. Шаҳрвандӣ
Бахши дуюм. Ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрванд

**БОБИ СЕЮМ. Раиси Ҷумҳури Қирғизистон**
Бахши якум. Интихоби Раиси Ҷумҳури Қирғизистон
Бахши дуюм. Салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳури Қирғизистон

**БОБИ ЧОРУМ. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон**
Бахши якум. Салоҳиятҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳури Қирғизистон
Бахши дуюм. Фаъолиятҳои қонунгузорӣ

**БОБИ ПАНҶУМ. Додгоҳҳо ва додрасӣ дар Ҷумҳури Қирғизистон**
Бахши якум. Ҳукумати Ҷумҳури Қирғизистон
Бахши дуюм. Дастгоҳи маҳаллии давлатӣ
Бахши сеюм. Додситонӣ

**БОБИ ШАШУМ. Додгоҳ ва додрасӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон**

**БОБИ ҲАШТУМ.Тартиби тағир ва иловаи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон**

***Мо, мардуми Ҷумҳурии Қирғизистон бо талоши барои таъмини эҳёи миллии қирғизҳо, ҳифз ва тараққии манофеъи ҳамаи миллатҳо, ки ҳамроҳ бо қирғизҳо мардуми Қирғизистонро ташкил медиҳанд;***

***бо таваҷҷӯҳ ба васиятҳои гузаштагон дар ин бора, ки бояд бо сулҳу осоиш зиндагӣ кунем;***

***бо тасдиқи садоқати худ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ғояи ҳокимияти давлатӣ;***

***бо қатъият дар ҷиҳати тараққии фарҳанг, иқтисод, ниҳодҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ;***

***бо эълони садоқати худ ба аслҳои ахлоқи умумибашарӣ ва арзишҳои ахлоқиву суннатҳои миллӣ;***

***бо хоҳиши тасдиқи худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҷомеаи озод ва демократии маданӣ,***

***бо намояндагии намояндагони босалоҳияти худ ин Сарқонунро қабул мекунем.***

## БОБИ АВВАЛ. ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

### Фасли аввал. Принсипҳои умумӣ

**Моддаи 1**

1. Ҷумҳурии Қирғизистон (Қирғизистон) - ҷумҳурии мустақил, муттаҳид ва демократист, ки бар асоси давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таъсис ёфтааст.

2. Истиқлолияти Ҷумҳурии Қирғизистон номаҳдуд буда, дар тамоми қаламрави он татбиқ меёбад.

3. Халқи Қирғизистон соҳиби истиқлолият ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

Халқи Қирғизистон ҳокимияти худро бевосита, аз тариқи системаи мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, бар асоси ин Сарқонун ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ менамояд.

Аз номи халқи Қирғизистон фақат Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва Жогорку Кенеш, ки аз тарафи вай интихоб шудаанд, ҳаққи сухан гуфтан доранд.

5. Ворид намудани тағирот ва иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар масъалаҳои муҳимми ҳаёти давлатӣ аз роҳи баргузории раъйпурсӣ (овоздиҳии умумихалқӣ) сурат мегиранд. Тартиби баргузории раъйпурсӣ аз тарафи қонуни конститутсионӣ танзим мегардад.

6. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон Раиси Ҷумҳурӣ, вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ва намояндагони худро ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ интихоб мекунанд.

Интихобот озод буда, бар асоси ҳуқуқи умумии баробар ва мустақими интихоботӣ ба тарзи пинҳонӣ баргузор мегардад. Дар он шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон, ки синнашон ба 18 расида аст, ҳаққи иштирок кардан доранд.

**Моддаи 2**

1. Давлат ва мақомоти (органҳои) он ба тамоми ҷамъият, на ба қисме аз он хизмат мерасонад.

2. Ҳеҷ як бахше аз халқ, иттиҳодия ва ё фарди ҷудогонае ҳақ надорад ҳокимияти давлатиро тасарруф намояд. Ғасби ҳокимияти давлатӣ вазнинтарин ҷиноят аст.

**Моддаи 3**

1. Ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон дар марзҳои мавҷудааш дахлнопазир ва тақсимнашаванда мебошад.

2. Ба манзури ташкили идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон бар асоси қонун ба воҳидҳои идорӣ - минтақавӣ тақсим мешавад.

3. Шаҳрҳои Бишкек ва Ош шаҳрҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ буда, эътибори (статуси) онҳо аз тарафи қонуни муаян карда мешавад.

**Моддаи 4**

1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон моликияти хусусӣ, давлатӣ, маҳаллӣ (муниципалӣ) ва дигар шаклҳои моликият эътироф ва ҳимоя мешавад.

Ҷумҳурии Қирғизистон гуногунии шаклҳои моликият ва ҳимояи ҳуқуқии яксони онҳоро таъмин мекунад.

2. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон замин, сарватҳои зери замин, обҳо, ҷангалҳо, олами ҳайвоноту рустанӣ, дигар захираҳои табиӣ моликияти Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор рафта, ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти халқи Қирғизистон истифода гардида, таҳти муҳофизати махсуси давлат мебошанд.

3. Замин метавонад ба шакли моликияти хусусӣ, маҳаллӣ (муниципалӣ) ва дигар шаклҳои моликият вуҷуд дошта бошад.

Ҳудуд ва тартиби иҷрои ҳуқуқи моликони замин ва кафолати ҳимояи онҳо аз тарафи қонуни муаян карда мешавад.

4. Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқии худ ва ҳамчунин амволи онҳо ва моликияти худро, ки дар қаламрави давлатҳои дигар воқеъ гардидаанд, ҳимоя менамояд.

**Моддаи 5**

1. Забони давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон забони қирғизӣ аст.

2. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон забони русӣ ба сифати забони расмӣ истифода мешавад.

3. Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҳамаи намояндагони миллатҳо, ки халқи Қирғизистонро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ҳифзи забони модарӣ ва фароҳам намудани шароити омӯзиш ва рушди онро кафолат медиҳад.

4. Надонистани забони давлатӣ ва ё расмӣ наметавонад боиси поймол гаштани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон гардад.

**Моддаи 6**

1. Ҷумҳурии Қирғизистон дорои рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ мебошад. Тасвири онҳо ва тартиби истифодаи расмӣ аз тарафи қонуни муаян мешавад.

2. Пойтахти Ҷумҳурии Қирғизистон шаҳри Бишкек аст.

3. Воҳиди пули Ҷумҳурии Қирғизистон сом мебошад.

## Фасли дуввум. Сохтор ва фаъолияти давлат

### Моддаи 7

1. Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон бар асоси принсипҳои зерин таъсис ёфта аст:
- бартарии ҳокимияти халқ аз тарафи роҳбари давлат - Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, ки ба таври умумихалқӣ интихоб гардидаст, муаррифӣ ва амалӣ мегардад;
- тақсими ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷрой ва додгоҳӣ, фаъолияти ҳамоҳанг ва ҳамкории онҳо;
- масъулияти мақомоти давлатӣ дар назди мардум ва иҷрои салоҳиятҳои онҳо ба манфиати мардум;
- тақсими вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

2. Дар ҳудуди салоҳиятҳое, ки тавассути ин Сарқонун таъин гардидаанд, ҳокимияти давлатиро дар Ҷумҳурии Қирғизистон инҳо муаррифӣ ва амалӣ менамоянд:
- Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон;
- Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ;
- Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва идораҳои ҳокимияти иҷроии тобеи он;
- Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон, Додгоҳи олии Ҷумҳурии Қирғизистон, додгоҳҳои маҳаллӣ ва додгоҳҳои Ҷумҳурии Қирғизистон.

### Моддаи 8

1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон метавонанд ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ бар асоси изҳори ақидаи озод ва манфиатҳои умумӣ таъсис ёбанд. Давлат риояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии ташкилотҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд.

2. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд дар корҳои давлатӣ ба шакли зерин иштирок намоянд:
- пешниҳоди номзадҳои худ барои интихоб гардидан ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, ба вазифаҳои давлатӣ ва ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
- ташкили фраксияҳо дар мақомоти намояндагӣ (интихобӣ).

3. Дин ва ҳамаи ҷараёноти динӣ аз давлат ҷудо мебошанд.

4. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон чунин фаъолиятҳо манъ карда мешаванд:
- муттаҳид (якҷоя) намудани муассисаҳои (институтҳои) давлатӣ ва ҳизбӣ ва тобеъ сохтани кори давлатӣ ба барномаҳо ва тасмимоти (қарорҳои) ҳизбӣ;
- таъсис ва пешбурди фаъолияти созмонҳои ҳизбӣ дар идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳо. Кормандони давлатӣ метавонанд фаъолияти ҳизбии худро хориҷ аз кори расмиашон амалӣ созанд;
- узвият дар ҳизбҳо ва тарафдорӣ аз ҳар гуна ҳизби сиёсӣ аз ҷониби хидматчиёни ҳарбӣ, кормандони назорати дохила, амнияти миллӣ, адлия, додситонӣ (прокуратура) ва додгоҳо;
- ташкили ҳизбҳои сиёсӣ бар асоси дин. Ташкилотҳои динӣ набояд ҳадафҳо ва вазифаи сиёсӣ дошта бошанд;
- дахолати ходимони ташкилотҳои динӣ ва мазҳабӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ;
- фаъолияти ҳизбҳои сиёсии хориҷӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, намояндагӣ ва шӯъбаҳои онҳо, ки ҳадафҳои сиёсӣ доранд;
- ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва дигар созмонҳо, ки ба низоми конститутсионӣ, амнияти давлатӣ ва умумимиллӣ зарар мерасонанд.

### Моддаи 9

1. Ҷумҳурии Қирғизистон мақсадҳои истилогарӣ, таҷовуз ва даъвои марзиро, ки бо роҳи ҷанг ҳал мешаванд, надорад. Низомисозии (милитаризатсияи) ҳаёти давлатӣ ва тобеи вазифаҳои ҷангӣ намудани давлат ва фаъолиятҳои онро рад мекунад. Қувваҳои мусаллаҳи Қирғизистон ба асоси усули (принсипҳои) худмудофиавӣ ва басандагии дифоъӣ бунёд мегарданд.

2. Ҳаққи пеш бурдани ҷанг, ба истиснои ҳолатҳои таҷовуз ба Қирғизистон ва дигар давлатҳо, ки бо онҳо ӯҳдадориҳои мудофиаи дастҷамъӣ имзо шудааст, мамнӯъ аст. Иҷозати равона сохтани қувваҳои мусаллаҳ ба хориҷи кишвар дар ҳар мавриди алоҳида бо овоздиҳии аз се ду ҳиссаи вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дода мешавад.

3. Истифодаи қувваҳои мусаллаҳ барои ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсии дохилии давлат манъ мебошад. Истифодаи хидматчиёни ҳарбӣ дар бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулъода тибқи пешбурдошти қонун имконпазир мебошад.

4. Ҷумҳурии Қирғизистон усули (принсипҳои) пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалиро риоя намуда, барои сулҳи саросарӣ ва одилона, ҳамкориҳои мутақобилан судманд, ҳаллу фасли сулҳомези масъалаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мекӯшад.

Фаъолиятҳое, ки боиси халалдор шудани ҳаёти осоишта ва муштараки халқҳо гарданд, таблиғ ва низои байни миллатҳо ва диниҳо мухолиф бо қонун шумурида мешавад.

**Моддаи 10**

1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон вазъияти фавқулодда дар сурати сар задани фалокатҳои табиӣ, таҳдиди бевосита ба сохти конститутсионӣ, бетартибиҳои оммавӣ, ки метавонанд боиси зӯроварӣ ва таҳдид ба ҳаёти одамон гардад, ҳамчунин дар ҳолатҳо ва чорчӯби мӯҳлатҳои дар қонун таъиншуда ҷорӣ мегардад.

2. Вазъияти фавқулоддаро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон танҳо Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад ҷорӣ созад. Дар робита бо минтақаҳои ҷудогона, ки андешидани чораҳои фавриро тақозо мекунад, Раиси Ҷумҳурӣ вазъияти фавқулодда ҷорӣ намуда, ҳамон рӯз дар ин бора ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон иттилоъ медиҳад, ки вай ин фармони Раиси Ҷумҳурро на дертар аз се рӯз бояд тасдиқ кунад. Дар сурати тасдиқ нашудан дар мӯҳлати ишорашуда, вазъияти фавқулодда бекор карда мешавад.

3. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон вазъияти ҳарбӣ танҳо дар сурати таҷовуз ба муқобили Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад ҷорӣ гардад.

4. Ҳангоми ҷорӣ шудани вазъияти фавқулодда ва ё вазъияти ҳарбӣ фаъолияти Жогорку Кенеш қатъ намегардад. Дар сурате, ки иҷлосияи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор нагардад, вале Раиси Ҷумҳурӣ вазъияти фавқулодда ҷорӣ намояд, Жогорку Кенеш бе эълони даъват на дертар аз як рӯзи оғози вазъияти фавқулодда ба кор шурӯъ мекунад.

5. Ҳангоми вазъияти фавқулодда ва ё ҳолати ҳарбӣ баргузории раъйпурсӣ ва ё интихобот, тағйири сохтор, вазифаҳо ва салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ, ки аз тарафи Сарқонун таъин гардидааст, иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 11**

1. Буҷети давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон аз буҷети ҷумҳурӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ташкил ёфта, даромад ва хароҷоти давлатро дар бар мегирад. Буҷети ҷумҳурӣ бо пешниҳоди ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷониби Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ мегардад.

2. Даромадҳои буҷети ҷумҳурӣ аз ҳисоби андоз, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, суди ба даст омада аз моликияти давлатӣ ва дигар даромадҳо ташкил меёбанд.

3. Дар қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон системаи ягонаи андозамал мекунад. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуқуқи таъин намудани андозро дорад. Қонунҳое, ки андозҳои навро муаян мекунанд ё ки вазъияти андоздиҳандагонро мушкилтар месозанд, қобили истифода намебошанд.

4. Дар ҳолатҳои истисноӣ ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи ҷорӣ намудани чораҳои муваққатӣ дар бахши андозҳо ба воситаи тағир додани миқдори андозҳои алоҳида ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро дорад ва дар ин бора бояд фавран ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон хабар бидиҳад.

5. Ҳисобот дар мавриди иҷрои буҷети ҷумҳурӣ аз ҷониби Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ мегардад.

**Моддаи 12**

1. Сарқонун дорои қувваи олии ҳуқуқӣ ва таъсири мустақим дар Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

2. Дар асоси Сарқонун қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии (нормативии) ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд.

3. Қарордодҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Қирғизистон иштирокчии онон мебошад ва тибқи тартиби аз тарафи қонун муайяншуда эътибор пайдо мекунанд, инчунин усулҳо (принсипҳо) ва меъёрҳои (нормаҳои) пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ қисми таркибии қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон ҳисоб меёбанд.

## БОБИ ДУВВУМ. ШАҲРВАНДОН

### Фасли аввал. Шаҳрвандӣ

**Моддаи 13**

1. Тааллуқ доштани шахс ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва эътибори (статуси) вай бо шаҳрвандиаш муаян мешавад. Шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон ӯҳдадор аст, ки Сарқонун ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро риоя карда, ҳуқуқ, озодиҳо, шараф ва шоистагии дигар шахсонро эҳтиром намояд.

2. Шахсоне, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон мебошанд, ҳаққи шаҳрванди дигар давлатҳо будапро надоранд.

3. Ҳеҷ як шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад аз шаҳрвандии худ ва ҳаққи тағир додани шаҳрвандӣ маҳрум гардад.

4. Ҷумҳурии Қирғизистон ҳимоят ва пуштибонии шаҳрвандони худро дар хориҷи кишвар таъмин мекунад.

**Моддаи 14**

1. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон бо назардошти шаҳрвандии [illegible]

мебошад.

2. Хориҷиҳо ва шахсони мақоми шаҳрвандӣ надошта дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ бархурдор буда, бар асоси шароит ва тартиби аз тарафи қонунҳо, карордодҳо ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинишуда ӯҳдадориҳои муайянеро ба душ доранд.

## Фасли дуввум. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон

### Моддаи 15

1. Шаъну шарафи инсонӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон мутлақ ва дахлнопазир аст.

2. Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз рӯзи таваллудаш ба ҳар кас тааллуқ дорад. Онҳо ба сифати мутлақ ва мусодиранашаванда эътироф гардида, дар муқобили таҷовузи ҳар касе аз тарафи қонун ва додгоҳ ҳимоя мешаванд.

3. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳама дар назди қонун ва додгоҳ баробаранд. Ҳеҷ касро наметавон бо далели насаб, ҷинс, нажод, миллат, забон, дин, эътиқодоти ҳизбию сиёсӣ ва ё ҳолату шароити дигари шахсӣ ё иҷтимоӣ мавриди табъиз, поймолсозии ҳуқуқ ва озодиҳо қарор дод.

4. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҷорӣ мебошад. Онҳо маъно, мундариҷа ва истифодаи қонунҳоро муайян сохта, ҳокимиятҳои қонунгузорӣ, иҷроӣ, худидоракунии маҳаллиро ӯҳдадор менамоянд ва бо адолати додгоҳӣ таъмин мегарданд.

5. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон урфу одат ва анъанаҳои мардумие, ки мухолифи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нестанд, аз ҷониби давлат пуштибонӣ меёбанд.

### Моддаи 16

1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон тибқи усул ва меъёрҳои назируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, қарордодҳо ва созишномаҳои байнидавлатӣ дар мавриди ҳуқуқи инсон, ки эътибор пайдо кардаанд, эътироф мегарданд ва кафолат дода мешаванд.

2. Ҳар шахс дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи дахлнопазири ҳаётро дорад. Ҳеҷ кас наметавонад ба майли худ аз ҳаёт маҳрум гардад. Ҳар кас ҳақ дорад дар муқобили дастдарозиҳои зиддиқонунӣ ҳаёти худ ва саломатиаш, ҳаёт ва саломатии дигаронро ҳимоя созад.

3. Ҳар шахс дорои ҳаққи озодӣ ва масунияти шахсӣ мебошад. Дар мавриди боздошт, ҳабс ва маҳрум намудан аз озодӣ аз тариқи додгоҳ метавон эътироз намуд.

Ба ҳар маҳбус ё боздоштшуда бояд ба таври фаврӣ дар бораи сабабҳои ҳабс ё боздошт хабар дода, ҳуқуқҳои вай фаҳмонда шавад ва имконият дода шавад, ки аз лаҳзаи боздошт худашро ҳимоя намояд ва ё аз ёрии ҳуқуқии адвокат баҳраманд гардад.

4. Ҳар шахс ҳақ дорад товони зиёнеро, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони масъули онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматиашон расонда шудааст, аз тарафи давлат дарёфт намояд.

5. Ҳар шахс ҳақ дорад мукотибаҳояш, гуфтугӯҳои телефониаш, хабарҳои телеграфӣ, почтаӣ ва ғайрааш махфӣ монад. Ин ҳақ танҳо тибқи қонун метавонад маҳдуд карда шавад.

6. Ҳар шахс ҳақ дорад ҳаёти шахсиаш дахлнопазир бошад ва обрӯ ва шоистагиаш эҳтиром ва ҳимоя шавад.

Ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, истифода ва паҳн кардани иттилои махфӣ дар бораи шахс бе розигии вай, ба ҷуз ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, иҷозат дода намешавад.

Ҳар шахс ҳақ дорад дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо бо маълумоте, ки дар бораи вай вуҷуд дорад, ваle сирри давлатӣ ва ё сирри мавриди ҳимояи қонун ҳисоб намеёбад, ошно шавад.

Ба ҳар кас ҳимояи додгоҳии ҳаққи рад кардани маълумоти нодуруст дар бораи худ, аъзои оилаи худ ва ҳуқуқи гирифтани ҳар гуна иттилоъ, инчунин ҳуқуқи додани товони зиёни моддӣ ва маънавӣ, ки дар натиҷаи ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, истифода ва паҳн кардани иттилои нодуруст ба амал омадааст, кафолат дода мешавад.

7. Манзил дахлнопазир аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад бе розигии онҳое, ки дар манзил зиндагӣ мекунанд, ба он дохил шавад. Кофтуков ва дигар амалҳое, ки ҳангоми дохил шудан ба манзил сурат мегиранд, танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода мешаванд, ки қонун пешбинӣ кардааст ва ба шахс ҳаққи ба додгоҳ шикоят кардан дар мавриди қонунӣ будани ин амалҳоро медиҳад.

8. Ҳар шахс ҳаққи ҳаракати озод, интихоби макон ва ҷои истиқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистонро дорад.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон ҳақ дорад ба таври озодона ба хориҷи Ҷумҳурии Қирғизистон биравад ва бемамоният баргардад. Маҳдуд сохтани ин ҳуқуқҳо танҳо бар асоси қонун имконпазир мебошад.

9. Ҳар шахс ҳаққи озодии андеша, калом ва ҷоп, инчунин баёни бемамониати ин андеша ва фикрҳоро дорад. Ҳеҷ кас барои баёни фикру ақидаҳои худ наметавонад маҷбур карда шавад.

Ҳар шахс ҳаққи ҷамъоварии озод, нигаҳдорӣ ва истифода маълумот ва ба таври шифоҳӣ (даҳонӣ), хаттӣ

ва ё тарзи дигар паҳн кардани онро дорад.

Таблиғ ва ташвиқе, ки боиси бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ мегардад, иҷозат дода намешавад. Таблиғи бартарии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забонӣ мамнӯъ дониста мешавад.

10. Сензура дар Ҷумҳурии Қирғизистон мамнуъ мебошад.

11. Ба ҳар шахс озодии виҷдон, дин, фаъолияти динӣ ва ё бединӣ (атеистӣ) кафолат дода мешавад. Ҳар шахс ҳақ дорад ба тарзи озод ҳар динеро, ки бихоҳад парастиш намояд ва ё ба ҳеҷ дин ихлос надошта бошад, эътиқодоти динӣ ва ё бединиро интихоб намояд, дошта бошад ё паҳн намояд.

12. Ҳар шахс ҳақ дорад ба таври озод мансубияти миллии худро муаян намояд. Ҳеҷ кас набояд барои муаян кардан ва ё ишора намудани мансубияти миллии худ маҷбур карда шавад.

Таҳқири шаъну эътибори миллии шахс аз тарафи конун таъқиб мешавад.

13. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуқуқи озодии иттиҳодияро доранд.

Ҳамаи иттиҳодияҳои шаҳрвандон дар назди конун баробаранд.

Ҳеҷ кас наметавонад ба тарзи маҷбурӣ ба ҳар гуна иттиҳодияи шаҳрвандон ворид карда шавад ва ё барои мансуб буданаш ё мансуб набуданаш ба иттиҳодия ҳуқуқҳояш маҳдуд гардонда шаванд.

Барои иттиҳодияҳои шаҳрвандон ташкили гурӯҳҳои низомӣ мамнуъ мебошад.

Ташкили иттиҳодияҳои махфӣ иҷозат дода намешавад.

14. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳақ доранд ба таври сулҳомез, беаслиҳа ҷамъ шаванд, ҷамъомад, митинг, роҳпаймоӣ, тазоҳурот ва намоиш ташкил намоянд, ба шарте, ки қаблан ба мақомоти ҳокимияти иҷроӣ ва ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ хабар дода бошанд.

15. Ҳама ҳақ доранд мурочиатномаҳои шахсӣ ва дастҷамъии худро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони масъул, ки дар чорчӯби салоҳиятҳои худ вазифадоранд ин мурочиатномаҳоро баррасӣ намуда ва дар замони аз тарафи конун муаяншуда ҷавобҳои далелнок диҳанд, бифиристанд.

16. Ба ҳар шахс озодии адабиёт, эҷодиёти бадеӣ, илмӣ ва фаннӣ (техникӣ) ва ҳимояи моликияти маънавӣ кафолат дода мешавад.

17. Ҳар шахс ҳақ дорад аз моликият, натиҷаҳои фаъолиятҳои фикрӣ ва эҷодии худ истифода намояд ва онро идора кунад. Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои конунии дигар шахсон, манфиатҳои ҷомеа, замин, муҳити зист ва захираҳои табиӣ зиён расонад.

18. Ҳар шахс ҳаққи озодии иқтисодӣ, истифодаи озоди қобилият ва моликият барои ҳар гуна фаъолияти иқтисодиеро дорад, ки аз тарафи конун манъ нагардидааст.

19. Ҳар шахс ҳаққи озодии кор, инчунин ҳаққи истифодаи қобилияти худ дар мавриди кор ва интихоби ихтисос ва шуғлро дорад.

20. Ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар Сарконуни Ҷумҳурии Қирғизистон ишора шудаанд, нишонаи набуда, набояд ҳамчун рад намудан ва ё камаҳамият донистани дигар ҳуқуқ ва озодиҳои мавриди қабули умум дониста шаванд.

21. Истифодаи ҳуқуқ ва озодиҳо аз тарафи шахс ва шаҳрванд набояд ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигарро халалдор намояд.

22. Истифодаи ҳуқуқ ва озодиҳо барои тағири зӯроваронаи сохти конститутсионӣ, нифоқ ва бадбинии нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ, таблиғи зӯроварӣ ва ҷанг манъ карда мешавад.

**Моддаи 17**

1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон конунҳое, ки ҳуқуқ, озодиҳои инсонро сарфи назар ва ё маҳдуд месозанд набояд содир гарданд.

2. Маҳдудият дар иҷрои ҳуқуқу озодиҳо аз тариқи Сарконун ва конунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигар шахсон, амният ва тартиботи иҷтимоӣ, тамомияти арзӣ ва ҳимояи сохти конститутсионӣ имконнапазир мебошад. Зимни он моҳияти ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ наметавонад тағир ёбад.

**Моддаи 18**

1. Маҳдудият дар масунияти (дахлнопазирии) ҷисмонӣ ва ахлоқӣ танҳо дар асоси конун ва ҳукми додгоҳ чун ҷазо барои ҷинояти содиркарда ноимконпазир аст. Ҳеҷ кас набояд зери азобу шиканҷа, ҷазои бераҳмонаи таҳқиромез қарор гирад.

2. Гузаронидани таҷрибаҳои тиббӣ, биологӣ, равоншиносӣ (психологӣ) бо одамон бе ризоӣ ва тасдиқи ихтиёрии онҳо манъ аст.

3. Ҳеҷ кас наметавонад ҳабс ё зиндонӣ гардад, магар бар асоси конун. Ҳар гуна амале, ки масъулияти содир кардани ҷиноятро то эълони ҳукми додгоҳ ба шахс нисбат медиҳад, ғайри қобили қабул буда, барои ба воситаи додгоҳ ба вай баргардонидани зиёни молӣ ва маънавӣ асос мебошад.

4. Ҳукми қатл ҳамчун ҷазои истисноӣ барои ҷиноятҳои бахусус вазнин аз тарафи конун муқаррар ва додгоҳ таъин мегардад.

Шахси ба ҳукми қатл маҳкумгашта ҳаққи дархости афвро дорад

**Моддаи 19**

1. Моликияти хусусӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун ҳуқуқи ҷудонопазири инсон, манбаи табиии осудагӣ, фаъолияти тиҷорӣ ва эҷодӣ, кафолати истиқлоли иқтисодӣ ва шахсии вай эътироф ва таъмин мегардад.

2. Моликият дахлнопазир аст. Ҳеҷ касро наметавон худсарона аз моликияташ маҳрум кард, маҳрум намудан бар хилофи иродаи молик танҳо бо ҳукми додгоҳ имкон дорад.

3. Мусодираи моликият барои талабот ва ниёзҳои давлат дар ҳолатҳои истисноӣ, ки аз тарафи қонун пешбинӣ шудааст, дар сурати пардохти пешакии товони барбар имконпазир мебошад.

4. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи мерос гузоштан аз тариқи қонун ҳифозат ва ҳимоя мешавад.

**Моддаи 20**

Ҷумҳурии Қирғизистон бо далели вайрон намудани ҳуқуқи инсон метавонад ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд, паноҳгоҳ диҳад.

## Фасли сеюм. Ҳуқуқҳо ва вазифаҳои шаҳрванд

**Моддаи 21**

1. Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон, иттиҳодияҳои онҳо анҷоми ҳама гуна амал ва фаъолиятҳо, ба ҷуз фаъолиятҳое, ки дар ин Сарқонун ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон манъ ва ё маҳдуд карда шудаанд, иҷозат дода мешаванд.

2. Амалӣ кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон аз вазифаҳои вай, ки иҷрои он барои таъмини манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ зарур дониста мешавад, ҷудо нест.

**Моддаи 22**

1. Қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандон бояд дар мавриди ҳама шаҳрвандон як хел амалӣ шаванд ва барои ҳеҷ касоне аз онҳо бартариву имтиёзҳо фароҳам наоваранд, ба истиснои мавридҳое, ки дар Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар қонунҳои вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд.

2. Давлат, мақомоти вай, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони масъули он наметавонанд аз чорчӯби салоҳиятҳои аз тарафи Сарқонун ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон муайяншуда, хориҷ гарданд.

**Моддаи 23**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи бевоситаи иштирок дар идоракунии давлат ва аз тариқи намояндагонашонро доранд.

2. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи иштирок дар муҳокима ва қабули қонун ва қарорҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро доранд.

3. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва инчунин иштирок дар раъйпурсиро (референдумро) доранд.

4. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон метавонанд ба таври баробар ба хидмати давлатӣ ва маҳаллӣ (муниципалӣ) соҳиб шаванд.

**Моддаи 24**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон дорои ҳуқуқ ва вазифаи муҳофизати Ватан ҳастанд.

2. Шаҳрвандон хизмати ҳарбиро дар чорчӯб ва шакли аз тарафи қонун муайяншуда анҷом медиҳанд. Асос ва тартиби озод шудан аз хизмати ҳарбӣ ва ё иваз намудани он ба хизмати алтернативӣ аз тарафи қонун муайян карда мешавад.

**Моддаи 25**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон вазифадоранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон андозҳо ва пардохтҳои дигарро супоранд.

**Моддаи 26**

1. Оила - ячейкаи аввалини ҷомеа аст; оила, падарон, модарон ва кӯдакон - мавриди ғамхории тамоми ҷомеа ва ҳимояи муқаддами қонун мебошад; ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдакон, тарбияи онҳо - ҳаққи табиӣ ва вазифаи шаҳрвандии падару модарон аст. Фарзандони қобили кор ӯҳдадоранд, ки дар ҳаққи волидайнашон ғамхорӣ намоянд.



2. Давлат нигаҳбонӣ, тарбият, таълими кӯдакони ятиму бесарпарастро таъмин месозад.

3. Эҳтироми бузургсолон, ғамхорӣ нисбати наздикону хешовандон анъанаи муқаддаси халқи Қирғизистон мебошад.

**Моддаи 27**

1. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон таъминоти иҷтимоии пиронсолон ва онҳое, ки бемор мешаванд, кобилияти кории худро аз даст медиҳанд ва ё бесаробон мемонанд, аз ҳисоби давлат тазмин карда мешавад.

2. Нафақапулӣ ва кӯмакҳои иҷтимоӣ тибқи имконоти иқтисодии ҷомеа бояд аз сатҳи хароҷоти ҳадди ақали зиндагӣ, ки аз тарафи қонун муаян карда мешавад, поинтар набошад.

3. Суғуртаи ихтиёрии иҷтимоӣ, таъсиси шаклҳои такмилии таъминот ва корҳои хайрия ташвиқу тарғиб мешавад.

**Моддаи 28**

1. Шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон дорои ҳуқуқи муҳофизати кор дар тамоми шаклҳои он, шароити кори ҷавобгӯи талаботи бехатарӣ ва беҳдоштӣ (гигиенӣ), инчунин ҳимояи иҷтимоӣ аз бекорӣ мебошанд.

2. Давлат дар мавриди баланд бурдани сатҳи тахассусии шаҳрвандон ғамхорӣ карда, ба қарордодҳои байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки ҳалафи таҳким ва устувор намудани ҳуқуқи корро доранд, мусоидат менамояд.

3. Ҷалби маҷбурии шаҳрвандон ба кор мамнуъ аст, ба истиснои замони ҷанг, ҳангоми бартараф сохтани оқибатҳои офатҳои табиӣ, эпидемия ва ё дигар ҳолатҳои фавкулода, ҳамчунин дар ҳолати иҷрои ҷазо, ки бо ҳукми додгоҳ амалӣ мешавад.

**Моддаи 29.**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон, ки дар асоси қарордод (контракт) кор мекунанд, ҳаққи дарёфти подошро доранд, ки аз сатҳи хароҷоти ҳадди ақали зиндагии аз тарафи давлат муайяншуда набояд камтар бошад.

**Моддаи 30.**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи корпартоиро доранд. Тартиб ва шароити баргузории корпартоӣ аз тарафи қонун муаян карда мешавад.

**Моддаи 31**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи истироҳатро дорад.

2. Ҳадди аксари муддати соати корӣ, ақаллияти истироҳати ҳафтагӣ ва рухсатии меҳнатии пардохтшаванда инчунин дигар шароити асосии иҷрои ҳуқуқ ба истироҳат бар асоси қонунӣ таъин мешавад.

**Моддаи 32**

1. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи маълумотро дорад.

2. Маълумоти умумӣ ҳатмӣ ва маҷонӣ (бепул) буда, ҳар шахс метавонад онро дар таълимгоҳҳои давлатӣ ва муниципалӣ ба даст оварад.

Дар таълимгоҳҳои давлатӣ ва ё муниципалӣ ҳар як шаҳрванд хақ дорад бе пардохти маблағ бо маълумоти миёнаи умумӣ фаро гирифта шавад.

3. Давлат бар асоси лаёқат барои ҳар шахс имконоти дарёфти маълумоти касбӣ, миёнаи махсус ва олиро фароҳам месозад.

4. Маълумоти пулии шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва дигар таълимгоҳҳо бар асос ва тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон муаян намудааст, иҷозат дода шудааст.

5. Давлат бар асоси шароите, ки қонун муаян намудааст, бар фаъолияти муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ва дигар муассисаҳои омӯзишӣ назорат мебарад.

**Моддаи 33**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуқуқи дарёфти манзилро доранд. Ин ҳуқук ба воситаи таквият намудани бунёди (фонди) манзили давлатӣ, муниципалӣ ва инфиродӣ (индивидуалӣ), мусоидат ба шаҳрвандон дар хариди манзил бар асос ва шароити аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон муаян гардида, таъмин карда мешавад.

**Моддаи 34**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон хақи муҳофизати саломатӣ ва истифодаи маҷҷонӣ аз шабакаи муассисаҳои тиббӣ ва муниципалиро доранд.

2. Хизматрасонии пулии тиббии шаҳрвандон бар асос ва тартиби аз тарафи қонун муаян гардида, иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 35**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи истифодаи муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатӣ мусоидро доранд ва дар сурате, ки ба саломатии онҳо ё молкиятaшон дар робита бо фаъолиятҳои истифодаи табиат зиён расонида шавад, ҳаққи талаб кардани ҷуброни онро доранд.

2. Муносибати ғамхорона ба муҳити атроф, захираҳои табиӣ ва ёдгориҳои таърихӣ вазифаи муқаддаси

ҳар як шаҳрванд мебошад.

**Моддаи 36**

1. Фарҳанг, санъат, адабиёт илм ва воситаҳои ахбори умум озод мебошанд.

2. Давлат ёдгориҳои таърихиро ҳифз ва барои инкишофи адабиёт, санъат, илм, воситаҳои ахбори умум ва варзиш ғамхорӣ зоҳир намуда, шароитҳои лозимаро муҳайё месозад.

3. Шаҳрвандон ҳуқуқи дастёбӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва машғул шудан ба санъат ва илмро доранд.

**Моддаи 37**

Фаъолиятҳои иҷтимоии давлат набояд ба сарпарастии давлат аз озодӣ ва фаъол будани иқтисодии шаҳрванд ва имкони ба даст овардани рифоҳ ва беҳбудии иқтисодии вай барои худаш ва аҳли оилааш иваз гардад.

**Моддаи 38**

1. Ҳимояи комил, қатъӣ ва бетаъхири ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, пешгирии халалдорсозии қонун дар ин арса ва барқарории вазъияти халалдоршуда вазифаи давлат, ҳамаи мақомоти он ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони масъул мебошад.

2. Ҷумҳурии Қирғизистон ҳимояи ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро, ки дар Сарқонун ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ гаштаанд, ба воситаи додгоҳ кафолат медиҳад.

**Моддаи 39**

1. Шаҳрванд то замоне, ки ҳукми додгоҳ дар мавриди содир намудани ҷиноят аз тарафи вай ҷорӣ нагардад, бегуноҳ шуморида мешавад.

2. Давлат ҳимояи ҳар як шахсро дар мавриди мудохилаи худсарона ва ё ғайриқонунӣ ба зиндагии шахсӣ ва оилавӣ, дастдарозӣ ба шаъну шараф ва эътибор ва махфӣ нигоҳ доштани мукотибаҳо ва сӯҳбатҳои телефонии вайро таъмин менамояд.

3. Ҳеч кас ҳақ надорад ба истиснои ҳолатҳои анҷоми тафтишоти иҷозатдодашуда, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, дастгирии ҷинояткор, наҷоти ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки шахс, вориди манзили одамон гардад.

**Моддаи 40**

1. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон бо ёрии тахассусии ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои аз тарафи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон кафолатшуда таъмин мегардад. Дар ҳолатҳои аз тарафи қонун пешбинишуда ёрии ҳуқуқӣ ба таври маҷҷонӣ анҷом дода мешавад.

2. Назорати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба дӯши Омбудсмен (ҳақиқатчии) Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

3. Тартиби интихоб ва салоҳиятҳои Омбудсмени (ҳақиқатчии) Ҷумҳурии Қирғизистон ва тарзи иҷрои онҳо аз тарафи қонуни муайян карда мешавад.

**Моддаи 41**

Интишори қонунҳо ва дигар асноди ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба мавзуи ҳуқуқ, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои шахс ва шаҳрванд дахл доранд, шарти ҳатмии иҷрои онҳо ба шумор меравад.

## БОБИ СЕЮМ. РАИСИ ҶУМҲУРИИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**Моддаи 42**

1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон роҳбари давлат ва мақоми олии расмии Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор меравад.

2. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон рамзи ягонагии мардум ва ҳокимияти давлатӣ ва ҳомии (кафили) Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мебошад.

3. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян намуда, аз Ҷумҳурии Қирғизистон дар дохили кишвар ва муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад, барои ҳифзи истиқлол ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Қирғизистон иқдом намуда, ягонагӣ ва таловуми (муттасилии) ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти ҳамоҳанг ва ҳамкории мақомоти давлатӣ ва масъулияти онҳоро таъмин мекунад.

### Фасли аввал. Интихоби Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон

**Моддаи 43**

1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба мӯҳлати панҷ сол интихоб мешавад.

2. Як шахс наметавонад бештар аз ду давра пай ҳам Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб гардад.

3. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб гардад, ки на

камтар аз 35 сол ва на бештар аз 65 сол умр дошта, забони давлатиро донад ва дар Ҷумҳурӣ на камтар аз 15 сол аз замони пешбариаш ба мақоми Раиси Ҷумҳурӣ зиндагӣ карда бошад.

4. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад вакили Жогорку Кенеш бошад, ягон мақоми дигареро ишғол намояд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул бошад.

5. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар давраи иҷрои салоҳиятҳояш бояд фаъолияти худро дар ҳизбу созмонҳои сиёсӣ то замони оғози интихоботи нави Раиси Ҷумҳурӣ қатъ намояд.

## Моддаи 44

1. Интихоботи навбатии Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар якшанбеи охири моҳи октябри соли панҷуми салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии мавҷуди Қирғизистон баргузор мешавад.

Интихоботи бармаҳали Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар охирин якшанбеи пеш аз ба поён расидани се моҳ аз замони қатъи бармаҳали салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор мегардад.

2. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон бар асоси ҳуқуқи умумии баробар ва мустақими интихоботӣ ва ба воситаи овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешавад.

3. Шумораи номзадҳо ба мақоми Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон маҳдуд намебошад. Шахсе, ки на камтар аз 50 ҳазор имзои интихобкунандагонро ҷамъоварӣ менамояд, метавонад ҳамчун номзад ба мақоми Раиси Ҷумҳурӣ номнавис гардад.

4. Интихоби Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар сурати иштироки бештар аз 50 дарсади интихобкунандагони Ҷумҳурии Қирғизистон қонунӣ ҳисобида мешавад. Номзаде, ки дар даври аввали овоздиҳӣ бештар аз нисфи овозҳои ҳамаи интихобкунандагони дар интихобот ширкат намударо ба даст оварда бошад, Раиси Ҷумҳурӣ интихобгардида ҳисоб меёбад.

Агар дар даври якуми овоздиҳӣ ҳеҷ як аз номзадҳо бештар аз нисфи овозҳоро ба даст наоварад, пас дар даври дуввум ду нафар номзаде, ки аз ҳама бештар овоз ба даст овардаанд, иштирок менамоянд. Дар сурати овоздиҳии такрорӣ он номзаде интихобшуда ҳисоб меёбад, ки бештар аз нисфи овозҳоро ба даст оварад ва дар он на камтар аз 50 фоизи ҳамаи интихобкунандагон ширкат карда бошанд.

## Моддаи 45

1. Натиҷаи интихоботи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон бояд аз ҷониби Додгоҳи Сарқонунии (Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон на дертар аз ҳафт рӯзи баргузории он тасдиқ гардонад.

2. Пас аз эълони натиҷаи овоздиҳӣ аз тарафи раиси Додгоҳи Сарқонунии (Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон дар муддати сӣ рӯз Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳузури вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қасам ёд мекунад.

3. Ҳангоми қабули вазифа Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба халқи Қирғизистон қасам ёд мекунад:

*"Ман... бо оғози вазифаи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, назди халқам ва ватани муқаддаси Ала-Тоо савганд меёрам: Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро ба тавri муқаддас риоя ва ҳимоя менамоям; мустақилият ва соҳибихтиёрии давлати Қирғизистонро эҳтиром мекунам, ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистонро эҳтиром ва таъмин месозам; ба таври шоиста ва хастагинопазир масъулияти олии Раиси Ҷумҳурии Қирғизистонро, ки бо эътимоди ҳамаи мардум ба ман супурда шудааст, ба ҷо меорам!"*

4. Иҷрои ваколатҳои Раиси Ҷумҳурӣ аз замони ёд кардани савганд шурӯъ меёбад. Салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз лаҳзаи ба мақоми худ ворид гардидани Раиси Ҷумҳурии нав интихобшуда хотима меёбад.

### Фасли дуввум. Салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон

## Моддаи 46

**1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон:**

1) сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро муайян ва барои тасдиқ ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод менамояд;

2) бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин мекунад;

3) бо пешниҳоди сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон ва розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин мекунад; бо пешниҳоди сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон роҳбарони ташкилотҳои идориро таъин ва инчунин аз вазифа озод менамояд;

4) дархости истеъфои сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё аъзои алоҳидаи онро қабул менамояд; дар бораи истеъфои сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон қарор қабул менамояд; бо ташаббуси худ ва ё бо пешниҳоди сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи озод намудани роҳбари ташкилоти идориро дорад.

5) бо пешниҳоди сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон ва розигии шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллии марбута роҳбарони идораҳои давлатии маҳаллиро таъин ва аз вазифа озод мекунад;

6) Котиби Давлатии Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин карда, мақом ва салоҳиятҳои вайро муайян менамояд

Идораи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистонро, ки фаъолияти вайро таъмин менамояд, ташкил мекунад;

7) Хадамоти амнияти миллиро ташкил ва барҳам медиҳад;

8) Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар мақомоти ҳамоҳангкунандаро ташкил ва роҳбарӣ мекунад;

9) хадамоти Муҳофизати давлатӣ ва Горди миллиро, ки ба вай тобеъ мебошанд, ташкил мекунад;

10) мақомоти иҷроияро, ки дар ҳайати Ҳукумат нестанд, ташкил мекунад ва барҳам медиҳад;

11) бо машварати сарвазир системаи ягонаи омодасозӣ ва интихоби кадрҳоро барои мақомоте, ки аз ҳисоби буҷети давлат таъмин мегарданд ва маблағгузории мақомоти давлатӣ ва пардохти музди кори кормандони давлатиро тасдиқ менамояд.

**2. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон:**

1) ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон номзадҳо барои интихоб ба вазифаи раиси Додгоҳи Сарқонунии (Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон, ҷонишини вай ва додрасҳои Додгоҳи Сарқонунии (Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистонро пешбарӣ мекунад;

2) ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон номзадҳо барои интихоб ба вазифаи раиси Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон, ҷонишини вай ва ва додрасҳои Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистонро пешбарӣ менамояд;

3) бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон Додситони кулли (генералии) Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин мекунад; бо пешниҳоди Додситони кулли Ҷумҳурии Қирғизистон ҷонишинони Додситони кулли Ҷумҳурии Қирғизистон; додситони ҳарбии Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин менамояд ва аз вазифа озод мекунад;

4) бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон раиси Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин менамояд; бо пешниҳоди раиси Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон ҷонишинони раис ва аъзои раёсати Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин мекунад ва аз вазифа озод менамояд;

5) бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон раисон, ҷонишинони онҳо ва додрасҳои додгоҳҳои маҳаллии Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин менамояд ва дар ҳолатҳои дар Сарқонун ва дигар қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ гардида, онҳоро аз вазифа озод мекунад.

**3. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон:**

1) роҳбарии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистонро анҷом медиҳад;

2) музокира намуда, қарордодҳои байналмилалии Ҷумҳурии Қирғизистонро ба имзо мерасонад;

3) санадҳои тасвибшударо имзо мекунад;

4) баъд аз машвара бо кумитаи марбутаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон намояндагони дипломатии Ҷумҳурии Қирғизистон дар давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалиро таъин мекунад; онҳоро бозхост менамояд; эътиборномаҳо ва асноди бозхости роҳбарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро, ки дар назди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба сабт расидаанд, дарёфт мекунад.

5) масъалаҳои додани ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ва ё хориҷ шудан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Қирғизистон ва додани паноҳгоҳи сиёсиро ҳал менамояд.

**4. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон:**

1) бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон сарфароз мегардонад;

2) унвонҳои ифтихории Ҷумҳурии Қирғизистонро ато мекунад;

3) рутбаҳои олии низомӣ, дипломатӣ, ходимони додситонӣ ва дигар унвонҳои махсусро ато мекунад;

4) афв мекунад.

**5. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон:**

1) лоиҳаҳои қонунҳоро ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод менамояд;

2) қонунҳоро имзо ва интишор мекунад; қонунҳоро бо пешниҳодоти худ ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон барои баррасии дубора боз мегардонад;

3) бо паёмҳои солона дар мавриди вазъияти умури кишвар дар ҷаласаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба мардуми Қирғизистон муроҷиат мекунад;

4) ҳақ дорад амали қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроияро манъ кунад ё барҳам диҳад;

5) ҳақ дорад масъалаи таъмини маблағгузории чорабиниҳои таъхирнопазирро аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ҳал намояд;

6) дар ҳолатҳое, ки дар моддаи 68 ин Сарқонун пешбинӣ шудааст, салоҳиятҳои қонунгузориро амалӣ месозад.

**6. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон:**

1) ҳақ дорад пеш аз мӯҳлат ҷаласаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро даъват намуда, масъалаҳои мавриди баррасиро муаян созад;

2) бо ташаббуси худ раъйпурсӣ (референдум) таъин кунад; бо ташаббуси на камтар аз 300 ҳазор нафар интихобкунандагон ва ё бо аксарияти овози вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди баргузории раъйпурсӣ (референдум) қарор қабул менамояд;

3) интихоботи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин карда, қабл аз мӯҳлат Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро дар мавридҳое, ки ин Сарқонун пешбинӣ кардааст, пароканда менамояд;

4) интихоботи шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллиро таъин ва дар мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ намудааст, пароканда месозад;

5) бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон раиси Комиссияи марказии интихобот ва баргузории референдумҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин мекунад; нисфи аъзои Комиссияи марказии интихобот ва баргузории референдумҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин менамояд; онҳоро бар асоси тартиб ва ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ гардидааст, аз вазифа озод месозад;

6) бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон раиси Палатаи ҳисобрасии Ҷумҳурии Қирғизистон таъин менамояд; нисфи ҳайати вазирони молӣ (аудиторҳои) Созмони (Палатаи) ҳисобрасии Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин ва аз вазифа озод мекунад;

7) Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар сурати мавҷудияти асосҳои аз тарафи қонун пешбинишуда, эҳтимоли ҷорӣ кардани вазъияти фавқулоддаро эълон менамояд ва дар сурати лозим дар баъзе аз ҷойҳо бе эълони пешакӣ онро ҷорӣ мекунад ва дар ин бора фавран ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон хабар медиҳад;

8) Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон сафарбаркунии умумӣ ва ё ҷузъиро эълон медорад, дар сурати таҷовуз ва ё хатари бевоситаи таҷовуз ба Ҷумҳурии Қирғизистон ҳолати ҷангиро эълон намуда, бетаъхир ин масъаларо барои муҳокима ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мекунад; барои муҳофизати кишвар ва бехатарии шаҳрвандони он вазъияти ҳарбиро ҷорӣ карда, фавран ин масъаларо барои баррасӣ ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мекунад;

9) Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ шумор рафта, фармондеҳони олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин ва озод месозад.

## Моддаи 47

1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон фармонҳо ва дастурҳоро содир мекунад.

2. Иҷрои фармонҳо ва дастурҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон ҳатмӣ мебошад.

3. Фармонҳое, ки Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи зербанди шашуми банди панҷуми моддаи 46 Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди салоҳиятҳои худ содир менамояд, ҳукми қонунро доранд.

## Моддаи 48

Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад салоҳиятҳоеро, ки дар зербанди 2, банди 3, моддаи 46 ин Сарқонун дар назар гирифта шудаанд, ба сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар шахсони мансабдор вогузор намояд, ҳамчунин қарордодҳои байналмилалии молиявӣ ва солиномаҳои эътиборӣро (кредитиро), ки онҳо ба имзо расонидаанд, тасвиб намояд.

## Моддаи 49

1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҳаққи масуният ва дахлнопазирӣ бархурдор аст. Шаъну шарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи қонун ҳимоя мешавад.

2. Таъмин, хизматрасонӣ ва ҳифозати Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳамчунин оилаи вай аз ҳисоби давлат амалӣ мегардад.

## Моддаи 50

1. Салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурӣ бар асоси аризаи истеъфояш, ки дар ҷаласаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон эълон мегардад, метавонад хотима ёбад, ё баркинор намудани вай аз вазифа тибқи тартиби дар ин Сарқонун пешбинишуда амалӣ гардад, инчунин дар сурати имкон надоштани иҷрои салоҳиятҳояш бо сабаби беморӣ ва ё вафоташ қатъ гардад.

2. Дар сурати номумкин будани иҷрои вазифаҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба сабаби беморӣ Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бар асоси хулосаи комиссияи давлатии тиббӣ, ки худаш таъин менамояд, дар бораи пеш аз мӯҳлат озод кардани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз мақомаш бо овоздиҳии аз се ду ҳиссаи ҳамаи вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қарор қабул менамояд.

## Моддаи 51

1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон танҳо бар асоси айбдор дониста шудани вай аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба хиёнати давлатӣ ва ё ҷиноятҳои вазнини дигар, ки тавассути Додгоҳи Сарқонунӣ

(Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ гардад, аз вазифааш метавонад барканор гардад.

2. Қарори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди айбдор донистани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон барои аз вазифа озод кардани вай бо овози на камтар аз се ду ҳиссаи ҳамаи вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ва бо ташаббуси бештари вакилони он ва дарёфти хулосаи комиссияи махсусе, ки аз ҷониби Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон таъсис ёфтааст, амалӣ мегардад.

3. Дар сурате, ки Додгоҳи Сарқонуни (Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон айбномаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро дар мавриди аз вазифа озод намудани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон рад намояд, Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пароканда карда мешавад.

4. Дар сурати хулосаи мусбии Додгоҳи Сарқонунии (Конститутсионии) Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди айбномаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон барои аз вазифа озод намудани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, қарори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бояд бо овози на камтар аз панҷ чор ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон на дертар аз ду моҳ аз замони эълони айбномаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул гардад. Агар дар ин муддат қарори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул нагардад, айбнома рад карда мешавад.

**Моддаи 52**

1. Дар сурате, ки Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон бо сабабҳои дар моддаи 50-и ин Сарқонун зикршуда аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳояш набарояд, то замони интихоби Раиси нави Ҷумҳурии Қирғизистон салоҳиятҳои вайро сарвазир анҷом медиҳад. Интихоботи Раиси Ҷумҳурии нави Қирғизистон бояд дар муддати се моҳи пас аз қатъ гардидани салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шавад.

2. Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон дар замони иҷрои вазифаи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ҳақ надорад Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро пароканда кунад, раъйпурсӣ (референдум) таъин намояд, салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро қатъ кунад, инчунин вай наметавонад дар мавриди тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод диҳад.

**Моддаи 53**

1. Ҳамаи раисони собиқи Ҷумҳурии Қирғизистон, ба ҷуз онҳое, ки тибқи тартиби пешбинӣ намудаи моддаи 51-и ин Сарқонун аз вазифаашон барканор шудаанд, дорои унвони Раиси Ҷумҳурии собиқи Қирғизистон мебошанд.

2. Раиси Ҷумҳурии собиқи Қирғизистон аз масуният (дахлнопазирӣ) бархурдор аст. Вай наметавонад барои фаъолият ва ё бефаъолиятиаш дар замони иҷрои салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба масъулияти ҷиноӣ ё идорӣ ҷалб карда шавад, инчунин ҳабс гардад, кофтуков, бозпурсӣ карда шавад ва ё мавриди тафтиши шахсӣ қарор гирад.

3. Масунияти (дахлнопазирии) Раиси собиқи Ҷумҳурии Қирғизистон ба манзил, биноҳои хизматӣ, воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, бойгониҳои (архивҳои) вай, ҳуҷҷатҳо, бори сафар ва дигар моликият, инчунин мукотибаҳои вай дахл дорад.

4. Таъминот, хизматрасонӣ ва ҳифозати Раиси Ҷумҳурии собиқи Қирғизистон, ҳамсар, кӯдакони ноболиғ ва дигар аъзои оилааш, ки тахти сарпарастии вай мебошанд, тибқи тартиби аз тарафи қонун пешбинишуда аз ҳисоби давлат сурат мегирад.

## БОБИ ЧОРУМ. ЖОГОРКУ КЕНЕШИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**Моддаи 54**

1. Жогорку Кенеш - парламенти Ҷумҳурии Қирғизистон мақоми намояндагиест, ки дар чорчӯби салоҳиятҳои худ ҳокимияти қонунгузорӣ ва вазифаҳои назоратиро анҷом медиҳад.

2. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз 75 вакил иборат аст, ки аз ҳавзаҳои якнамояндагии (якмандатии) минтақаӣ интихоб мегарданд.

Ҳаққи пешниҳод намудани номзадҳо ба вакилии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҳизбҳои сиёсӣ ва инчунин шаҳрвандон аз тариқи худмуаррифӣ тааллуқ дорад.

3. Вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бар асоси ҳаққи умумии баробар ва мустақими интихоботӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегарданд. Тартиби интихоби вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи қонун муқаррар мегардад.

4. Интихоботи навбатии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар охирин якшанбеи моҳи феврали соли панҷуми салоҳиятҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор мегардад.

**Моддаи 55**

1. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон баъд аз интихоб гардидани аз се ду ҳиссаи ҳайати қонунии (конститутсионии) худ на дертар аз 30 рӯзи баъд аз интишори натиҷаҳои интихобот аввалин ҷаласаи худро баргузор менамояд.

2. Аввалин ҷаласаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро кухансолтарини вакили Жогорку Кенеши

Ҷумҳурии Қирғизистон мекушояд.

3. Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар назди Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон савганд ёд мекунад:

*"Ман … , ичрои салоҳиятҳои вакилии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро шурӯъ намуда, ба вафодориам ба Ҷумҳурии Қирғизистон савганд мехурам ва касам ёд мекунам, ки:*

Сарконун ва конунҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро риоя намоям, ба манфиати тамоми мардум вазифаҳоямро ичро кунам, хокимият ва истиклоли давлати Қирғизистонро ҳимоя намоям".

Салоҳиятҳои вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз рӯзи ёд кардани савганд шурӯъ мешавад.

4. Аз рӯзи аввалини ичлосияи даъвати нави Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон салоҳиятҳои даъвати каблии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба поён мерасанд.

**Моддаи 56**

1. Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон шуда метавонад, ки дар рӯзи интихобот 25 солро пур карда бошад, ҳакки ширкат дар интихоботро дошта бошад ва то замони пешбариаш на камтар аз 5 сол дар ҷумҳурӣ зиндагӣ карда бошад.

2. Шаҳрванде, ки дар робита бо содир намудани ҷиноят собикаи маҳбусӣ (доғи судӣ) дорад ва агар ин собикаи маҳкумӣ (доғи судӣ) ба поён нарасида ва аз вай соқит нашуда бошад, наметавонад вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб гардад.

3. Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон намояндаи мардуми Қирғизистон буда, тобеи Сарконун ва конунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

4. Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дорои ҳукуки масуният (дахлнопазирӣ) мебошад. Вай барои фикру мулоҳизаҳое, ки дар робита бо фаъолияти вакилӣ баён менамояд ва ё барои натиҷаи овоздиҳӣ дар Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад таъкиб шавад. Вакил ба истинои ҳолатҳое, ки дар сари ҷиноят дастгир мегардад, наметавонад боздошт ва ё зиндонӣ шавад, мавриди кофтуков ва ё тафтиши шахсӣ карор гирад. Ба масъулияти ҷиноӣ ва инчунин маъмурӣ кашидани вакил танҳо бо ризояти Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон имконпазир мебошад.

5. Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад ҳамзамон вазифаи узви Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ичро намояд ва ё вакили шӯрои (кенеши) маҳаллӣ бошад.

Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад вазифаи додрас, додситонро ичро кунад ва инчунин наметавонад дар хизмати дигари давлатӣ бошад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ба ҳайати роҳбарӣ ва ё шӯрои нозирони ташкилоти тиҷорӣ дохил гардад.

Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад ба фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва дигар фаъолиятҳои эчодкорӣ машғул шавад, ба шарте, ки ин гуна фаъолият ба ичрои вазифаҳои вакилии вай халал нарасонад.

6. Салоҳиятҳои вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамзамон бо катъ гардидани салоҳиятҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба поён мерасад.

7. Салоҳиятҳои вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар сурати аризаи хаттии вай дар бораи пеш аз мӯҳлат катъ намудани салоҳиятҳои вакилиаш, парокanda шудани Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, аз тарафи додгоҳ корношоям шинохта шудани вакил, эътибори конунӣ пайдо кардани карори додгоҳ дар бораи бедарак шудан ё мурдани вай, инчунин марги вакил пеш аз мӯҳлат ба поён мерасад.

Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар сурати эътибори конунӣ пайдо кардани ҳукми додгоҳ дар бораи айбдории вай, ба кори дигар гузаштан ё аз кори худ, ки бо ичрои салоҳиятҳои вакили созгор нест, даст накашидан, беэътибор эълон шудани интихобот, барои зиндагии доимӣ ба хориҷи Ҷумҳурии Қирғизистон рафтан, аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Қирғизистон хориҷ шудан ва ё аз даст додани шаҳрвандии Ҷумҳурии Қирғизистон аз салоҳиятҳои худ маҳрум мегардад.

8. Қатъи салоҳиятҳои вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин аз салоҳиятҳо маҳрум намудани вай бо карори Комиссияи марказии интихобот ва баргузории раъйпурсиҳои (референдумҳои) Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ мегардад.

9. Дар сурате, ки вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба таври беасос дар як даврai ичлосияҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок нанамояд, бо карорe, ки аз тарафи аксарияти вакилон кабул мегардад, аз салоҳиятҳои худ маҳрум карда мешавад.

10. Тартиби интихоб намудани вакили дигар ба ҷои вакили салоҳиятҳояш пеш аз мӯҳлат катъ гардида, аз тарафи конуни муайян карда мешавад.

**Моддаи 57.**

Вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ҳак дорад ба макомоти ичроия, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо дархост диҳад ва онҳо вазифадоранд дар мӯҳлати ҳадди аксар як моҳ ба он посух гӯянд.

## Фасли аввал. Салоҳиятҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон

**Моддаи 58**

1. Ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаҳои зерин марбут аст:

1) ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи тартиби дар Сарқонун пешбинишуда;

2) қабули қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон;

3) тафсири расмии Сарқонун ва қонунҳое, ки худаш қабул мекунад;

4) тағйири марзҳои Ҷумҳурии Қирғизистон;

5) тасдиқи буҷети ҷумҳурӣ ва ҳисоботи иҷрои он, барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод гардидааст;

6) ҳаллу фасли масъалаҳои сохти идорӣ-минтақавии Ҷумҳурии Қирғизистон;

7) таъйини интихоботи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон;

8) тасдиқи сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон;

9) эълони ризоият бо таъйини сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон;

10) эълони нобоварӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон тавассути на камтар аз аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон дар ҳолатҳои дар Сарқонун пешбинӣ гардида;

11) бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб ва аз вазифа озод намудани Раиси Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон, ҷонишини вай ва додрасҳои Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон;

12) бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб ва аз вазифа озод намудани Раиси Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон, ҷонишинони вай ва додрасҳои Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон;

13) эълони ризоият дар мавриди таъйини додрасҳои додгоҳҳои маҳаллӣ;

14) эълони ризоият дар мавриди таъйини Додситони кулли (генералии) Ҷумҳурии Қирғизистон;

15) эълони ризоият дар мавриди таъйини раиси Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон;

16) эълони ризоият дар мавриди таъйини раиси Комиссияи марказии интихобот ва баргузории раъйпурсиҳои Ҷумҳурии Қирғизистон;

17) интихоби нисфи ҳайати Комиссияи марказии интихобот ва баргузории раъйпурсиҳои Ҷумҳурии Қирғизистон;

18) эълони ризоият дар мавриди таъйини раиси Созмони (Палатаи) ҳисобрасии Ҷумҳурии Қирғизистон;

19) таъйини нисфи ҳайати нозирони молии (аудиторҳои) Созмони (Палатаи) ҳисобрасии Ҷумҳурии Қирғизистон;

20) интихоб ва аз вазифа озод намудани Омбудсмени (ҳақиқатчии) Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҷонишинони вай;

21) тасвиб ва фасхи (аз эътибор соқит кардани) қарордодҳои байналмилалӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар моддаи 48 ин Сарқонун пешбинӣ шудааст;

22) ҷорӣ намудани ҳолати фавқулода, тасдиқ ё бекор кардани фармонҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар ин мавзӯъ;

23) ҳалли масъалаи ҷангу сулҳ; ҷорӣ кардани вазъияти низомӣ; эълони ҳолати ҷанг, тасдиқ ва ё бекор кардани фармонҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар ин мавзӯъ;

24) ҳалли масъалаи имкони истифода аз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Қирғизистон хориҷ аз кишвар дар сурати зарурати иҷрои ӯҳдадориҳои байнидавлатӣ ба хотири ҳимояи сулҳ ва амният;

25) таъйини рутбаҳои низомӣ, дипломатӣ, ходимони додситонӣ ва дигар рутбаҳои махсуси Ҷумҳурии Қирғизистон;

26) таъсиси мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Ҷумҳурии Қирғизистон;

27) интишори қарорҳо оид афв;

28) истимоъи (шунидани) паёмҳо ва изҳороти Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, суханрониҳои роҳбарон ва дигар намояндагони давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ;

29) истимоъи (шунидани) гузоришҳои солонаи Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди қонуният конститутсионӣ дар кишвар, Омбудсмени (Ҳақиқатчии) Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди вазъи кишвар оид риояи ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

30) истимоъи (шунидани) гузоришҳои солонаи сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, Додситони кулли (генералии) Ҷумҳурии Қирғизистон, раиси Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон, раиси Созмони (Палатаи) ҳисобрасии Ҷумҳурии Қирғизистон;

31) аз вазифа озод намудани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон.

Истимоъи (шунидани) ҳисобот ва гузоришҳои солонаи шахсони мансабдор, ки дар ин банд ишора шудаанд, бо дар назар гирифтани шароити ин Сарқонун ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди мустақил ва нобобаста будани мақомоти марбутаи давлатӣ ва шахсони мансабдор амалӣ карда мешавад.

2. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди масъалаҳое, ки дар зербандҳои (зерпунктҳои) 2,

7, 9-20, 28-31 банди 1 ин модда ишора гардидаанд, инчунин дар мавриди амалӣ намудани назорат бар иҷрои қонунҳо қарор қабул менамояд.

3. Қонунҳо ва қарорҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо овози аксарияти шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул карда мешаванд, ба шарте, ки дар ин Сарқонун тартиби дигари қабули онҳо дар назар нагирифта шуда бошад.

## Моддаи 59

1. Масъалаҳое, ки ба феҳристи (рӯйхати) дар банди 2 моддаи 58 нишон додашуда дохил нагардидаанд, инчунин дигар масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ва иҷтимоӣ тавассути қонунҳо танзим мегарданд.

2. Қонун нametавонад бе имзои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон мавриди иҷро қарор дода шавад ва интишор ёбад.

3. Бо дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон иҷозат диҳад, то дар масъалаҳои ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тааллуқдошта қарорҳо қабул намояд.

## Моддаи 60

1. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҳайати худ Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҷонишинони вайро интихоб намуда, бозхост мекунад.

2. Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон:

1) ҷаласаҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро роҳбарӣ мекунад;

2) раҳбарии умумии омода намудани масъалаҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро анҷом медиҳад;

3) қарорҳои аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул гардидаро ба имзо мерасонад;

4) аз Жогорку Кенеш дар дохили Ҷумҳурии Қирғизистон ва берун аз он намояндагӣ мекунад, ҳамкории мутақобили Жогорку Кенеш бо Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, мақомоти шохаи иҷроия ва додгоҳии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллиро таъмин менамояд;

5) назорат бар фаъолияти дастгоҳи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро анҷом медиҳад;

6) дигар салоҳиятҳоеро, ки аз тарафи Қонун дар бораи тартиби кори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба зиммаи вай гузошта шудаанд, иҷро менамояд;

3. Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ва бо овози аксарияти шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон интихоб мегардад.

Раис тобеи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон буда, бо тасмими Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, ки бо аз се ду ҳиссаи овози аксарияти вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон гирифта шудааст, метавонад бозхост шавад.

4. Ҷонишинони Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардида, бо дастури Раис баъзе вазифаҳои вайро иҷро мекунанд ва дар сурати набудани вай вазифаҳояшро ба ҷо меоранд. Ҷонишинони Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи тартибе, ки аз тарафи Қонун дар бораи тартиби кори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ шудааст, бозхост мешаванд.

## Моддаи 61

1. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҳисоби вакилони худ на бештар аз ҳафт кумита, инчунин комиссияҳои муваққатӣ ташкил карда, раисони онҳоро интихоб менамояд.

Вакили Жогорку Кенеш метавонад танҳо узви як кумита ё комиссия бошад.

2. Кумитаҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаҳоеро, ки ба салоҳиятҳои Жогорку Кенеш марбутанд, омода ва ба таври муқаддимотӣ баррасӣ мекунад, дар ҳаёт татбиқ гардидани қонунҳо ва қарорҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро назорат менамояд.

3. Қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон баъд аз баррасии муқаддимотии лоиҳаҳои онҳо аз тарафи кумитаҳои марбутаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул карда мешаванд.

4. Таъин ва интихоби шахсони мансабдори ба салоҳиятҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон марбут буда, мувофиқати Жогорку Кенеш барои таъин намудан ба вазифаи давлатӣ ва озод намудан аз вазифа дар сурати вуҷуд доштани хулосаи кумитаҳои марбутаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон имконпазир аст.

## Моддаи 62

1. Иҷлосияи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба шакли ҷаласа сурат гирифта, аз аввалин рӯзи кории моҳи сентябр шурӯъ намуда, то рӯзи охирини кории моҳи июни соли оянда дар як сол як бор баргузор мешавад.

2. Иҷлосияи ғайринавбатии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо даъвати Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ва пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё на камтар аз се яки вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор мегардад.

3. Ҷаласаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар сурати ҳаққи қонунӣ баргузор шуданаш ... [illegible]

ки дар он аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ширкат намояд.

4. Қарорҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди масъалаҳое, ки аз тарафи Сарқонун дар ихтиёри вай қарор дода шудаанд, танҳо дар ҷаласаҳо ва бо роҳи овоздиҳии вакилон қабул карда мешаванд. Овоздиҳӣ дар ҷаласаҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон шахсан аз тарафи вакили Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон сурат мегирад. Саркашӣ аз овоздиҳӣ иҷозат дода намешавад.

5. Ташкил ва тартиби фаъолияти Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, сохтор ва шумораи хайати дастгоҳи (аппарати) вай аз тарафи Қонун дар бораи тартиби кори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон муаян карда мешавад.

**Моддаи 63**

1. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад пеш аз мўҳлат бо қароре, ки дар бораи пароканда эълон кардани худ тавассути аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул гардидааст, пароканда шавад.

2. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад дар холатҳои зер пеш аз мўҳлат аз ҷониби Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон пароканда шавад: дар натиҷаи баргузории раъйпурсӣ; дар сурати се дафъа рад намудани номзади сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон; дар сурати сар задани бўҳрони халнашаванда байни Жогорку Кенеш бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ.

3. Дар ҳолатҳое, ки дар банди 3, моддаи 51 ин Сарқонун оварда шудааст, Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз лаҳзаи эълони ҳукми Додгоҳи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон пароканда ҳисоб меёбад.

4. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонанд дар ҳолатҳои зер пароканда эълон гардонд: дар замони ҷорӣ будани вазъияти фавқулодда ва ё ҳарбӣ; дар ҳолати баррасии масъалаи аз вазифа озод намудани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон; ва замоне, ки то поён ёфтани салоҳиятҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон камтар аз 6 моҳ боқӣ мондааст.

5. Дар ҳолати пароканда шудани Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон интихоботи нави вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро тавре таъин мекунад, ки Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҷаласаи нахустини худ на дертар аз 6 моҳи пароканда шудан ҷамъ биёяд.

## Фасли дуввум. Фаъолияти қонунгузорӣ

**Моддаи 64**

Ҳақи ташаббуси қонунгузориро инҳо доранд:

- 30 ҳазор интихобкунандагон (ташаббуси мардумӣ);
- Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон;
- вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон;
- Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон.

**Моддаи 65**

1. Лоиҳаи қонунҳо ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мегарданд.

2. Лоиҳаи қонунҳое, ки аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон таъхирнопазир дониста мешаванд, Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба таври ғайринавбатӣ баррасӣ менамояд.

3. Лоиҳаи қонунеро, ки ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мегардад, Раиси Жогорку Кенеш ба кумитаи марбутаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон мефиристад. Кумита дар мўҳлати на камтар аз як моҳ вазифадор аст лоиҳаи қонунро бо хулосаи худ барои баррасӣ ба ҷаласаи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод намояд.

4. Ислоҳи лоиҳаи қонун дар бораи буҷети ҷумҳурӣ танҳо бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон имконпазир аст.

5. Тағйироти лоиҳаи қонун дар бораи буҷети ҷумҳурӣ, лоиҳаи қонунҳо дар бораи ҷорӣ кардан ва ё бекор намудани андозҳо, озод намудан аз пардохти онҳо, дигаргун шудани ўҳдадориҳои молии давлат, дигар лоиҳаи қонунҳо, ки афзоиши хароҷот аз ҳисоби буҷети давлатиро пешбинӣ мекунад ва ё бахши даромади вайро ихтисор менамояд, танҳо бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод ва қабул гардад.

6. Қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо дар бораи тафсири Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ва қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо дар бораи тағйири марзҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ҳадди ақал баъд аз ду қироат ва аз се ду ҳиссаи овози шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул мегарданд.

7. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, қонунҳои конститутсионӣ

дар замони вазъияти фавқулодда ва ҳарбӣ мамнуъ аст.

8. Қабули қонунҳое, ки озодии сухан ва матбуотро маҳдуд менамояд, мамнуъ аст.

**Моддаи 66**

1. Қонуни аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабулшуда дар як моҳ барои имзо ба Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мегардад.

2. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон на дертар аз як моҳ аз замони дарёфти қонун онро ба имзо мерасонад ва ё бо мулоҳизаҳои барои баррасии дубора ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бар мегардонад.

Қонун метавонад на зудтар аз шаш моҳи пас аз рӯзи дарёфти мулоҳизаҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон мавриди баррасии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дода шавад. Агар Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо мулоҳизаҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон розӣ гардад ин қонда ба кор бурда намешавад. Дар сурати розӣ будани бо таҳрири аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод гардида, қонун дар мӯҳлате, ки дар банди 2 ин модда пешбинӣ шудааст, тавассути Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон бояд ба имзо расад.

3. Агар дар сурати баррасии такрорӣ қонун дар таҳрири қаблиаш бо овози на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ гардад, бояд дар тӯли як моҳи баъд аз пешниҳод ба Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расад.

4. Қонуне, ки тибқи банди 6 моддаи 65 ин Сарқонун барои баррасии такрорӣ тавассути Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон баргардонда мешавад, аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон на зудтар аз як сол мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Агар Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо мулоҳизаҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон розӣ гардад ин қонда ба кор бурда намешавад. Дар сурати розӣ будани бо таҳрири аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод гардида, қонун дар мӯҳлате, ки дар банди 2 ин модда пешбинӣ шудааст, тавассути Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон бояд ба имзо расад.

5. Агар қонуни дар банди 6 моддаи 65 ин Сарқонун ишорашуда тавассути баррасии такрорӣ, ки на на зудтар аз як сол сурат мегирад, дар таҳрири қаблиаш бо овози на камтар аз панҷ чор ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ гардад, пас бояд дар тӯли як моҳ аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расад.

**Моддаи 67**

Қонун пас аз даҳ рӯзи нашр гаштанаш эътибор пайдо мекунад, ба шарте, ки дар худи қонун ё қонуни таъини тартиби иҷрои он чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 68**

1. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад салоҳиятҳои қонунгузории худро ба муддати на бештар аз як сол ба Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон вогузор намояд.

2. Дар сурати пароканда шудани Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон салоҳиятҳои қонунгузории вай ба Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон вогузор мегардонд.

3. Салоҳиятҳои қонунгузориро Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ба воситаи қабули фармонҳо, ки ҳукми қонунро доранд, амалӣ месозад.

## БОБИ ПАНҶУМ. ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**Моддаи 69**

Ҳокимияти иҷроиро дар Ҷумҳурии Қирғизистон Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои маъмурии тобеи вай ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроӣ ва идораҳои давлатии маҳаллӣ амалӣ месозад.

### Фасли аввал. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон

**Моддаи 70**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон мақоми олӣи иҷроии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор меравад.

2. Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон роҳбарӣ мекунад. Ҳукумат аз сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, ҷонишинони сарвазир, вазирон ва раисони кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон иборат аст.

Бо пешниҳоди сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон муайян шуда, аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ мегардад.

3. Ба мақоми худ ворид гардидани Раиси нави Ҷумҳурии Қирғизистон боиси қатъи салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон мегардад.

4. Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё узви алоҳидаи он ҳақ дорад

дархости истеъфо намояд, ки аз ҷониби Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад қабул гардад ё рад шавад.

5. Дар сурати қабули истеъфои сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Ҳукумат ва роҳбарони ташкилотҳои идорӣ ба истеъфо мераванд. Дар сурати қабули истеъфо, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва роҳбарони ташкилотҳои идорӣ метавонанд бо дастури Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон то замони таъсиси Ҳукумати нави Ҷумҳурии Қирғизистон ва таъини роҳбарони ташкилотҳои идорӣ фаъолияти худро идома диҳанд.

**Моддаи 71**

1. Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон бо розигии аксарияти вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин менамояд.

2. Пешниҳоди номзадии сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон на дертар аз ду ҳафтаи рӯзи ба мақоми худ ворид гардидани Раиси нави Ҷумҳурии Қирғизистон, пас аз истеъфои сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё дар тӯли як ҳафта аз рӯзи рад гардидани номзади сарвазирии Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон сурат мегирад.

3. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон на дертар аз ҳафт рӯзи пешниҳоди номзад дар мавриди эълони ризояти худ бо таъини сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон қарор қабул мекунад.

4. Пас аз се бор рад гардидани номзадҳои сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистонро таъин намуда, Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро пароканда месозад.

5. Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон, қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва фармонҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро муаян менамояд, кори онро созмон медиҳад ва барои фаъолияти Ҳукумат шахсан ҷавоб медиҳад.

**Моддаи 72**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар фаъолияти худ дар назди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон масъулият дошта, дар чорчӯбе, ки ин моддаи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ намудааст, аз Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тобеият менамояд.

Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ҳақ дорад дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон раёсат намояд.

2. Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамасола ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон гузориш медиҳад.

3. Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар натиҷаи баррасии гузориши солонаи сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон бо ташаббуси бештари шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад масъалаи эълони нобоварӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро ба миён гузорад.

4. Қарори эълони нобоварӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон бо овози аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон қабул карда мешавад.

5. Масъалаи нобоварӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон беш аз як бор дар тӯли як давраи иҷлосия; дар тӯли як соли баъд аз тасдиқи Барномаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, шаш моҳ қабл аз интихоботи навбатии Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, баррасӣ гардад.

6. Баъд аз нобоварӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ҳақ дорад истеъфои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро қабул намояд ва ё бо қарори Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон розӣ нашавад.

7. Дар сурате, ки Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар тӯли се моҳ такроран қарори эълони нобоварӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро қабул намояд, Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон истеъфои Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистонро эълон менамояд ва ё Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистонро пароканда месозад.

**Моддаи 73**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, ба истиснои салоҳиятҳое, ки тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ба Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон вогузор гаштаанд, тамоми масъалаҳои идории давлатиро ҳаллу фасл мекунад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон:

1) иҷрои Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон; иҷрои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро таъмин менамояд;

2) иқдомоти таъмини қонуният, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткориро иҷро медиҳад;

3) сиёсати марбут ба бахшҳои молия, нархҳо, тарифҳо, сармоягузорӣ ва андозҳоро таъмин менамояд;

4) буҷети ҷумҳуриро таҳия намуда, ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мекунад ва иҷрои онро таъмин месозад, ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи иҷрои буҷети ҷумҳурӣ

гузориш медиҳад;

5) сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илм, маориф, тандурустӣ, кору иштиғол, таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи табиат, амнияти экологӣ ва истифода аз табиатро таъмин менамояд;

6) барномаҳои умумидавлатии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ-фаннӣ (техникӣ) ва рушди фарҳангиро омода ва амалӣ месозад;

7) иқдомот барои таъмини шароити баробари рушди ҳама шаклҳои моликияти хусусӣ ва ҳимояи онҳо, инчунин идоракунии воҳидҳои (объектҳои) моликияти давлатиро иҷро менамояд;

8) иқдомот барои таъмини истиқлолияти давлатӣ, қобилияти дифоӣ ва амнияти миллиро иҷро мекунад;

9) фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва умури гумрукиро ташкил ва таъмин менамояд;

10) фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, ташкилотҳои идорӣ, комиссияҳо ва бунёдҳои (фондҳои) давлатӣ, идораҳои давлатии маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳои ҳокимияти иҷроиро ҳидоят ва ҳамоҳанг менамояд;

11) ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин месозад;

12) дигар салоҳиятҳоеро, ки аз тарафи Сарконуни Ҷумҳурии Қирғизистон, конунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва фармонҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон дар ихтиёри вай қарор дода шудаанд, иҷро менамояд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон иҷрои сиёсати ягонаи пулӣ-эътиборӣ (кредитӣ) ва асъориро таъмин менамоянд.

4. Ташкил ва тартиби фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи қонуни конститутсионии муаян карда мешавад.

**Моддаи 74**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон бар асоси Сарконуни Ҷумҳурии Қирғизистон, қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва ба хотири иҷрои онҳо қарорҳо ва дастурот содир намуда, амалӣ гардидани онҳоро тафтиш ва таъмин месозад.

2. Иҷрои қарорҳо ва дастуроти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар саросари Ҷумҳурии Қирғизистон ҳатмӣ мебошад.

Иҷро нагардидан ва ё иҷрои номуносиби ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи қонун масъулият дорад.

**Моддаи 75**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ба фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои маъмурӣ ва мақомоти дигари ҳокимияти иҷроӣ ва мақомоти идораҳои давлатии маҳаллӣ роҳбарӣ мекунад.

2. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои маъмурӣ ва мақомоти дигари ҳокимияти иҷроӣ дар чорчӯби салоҳиятҳои худ бар асос ва ба хотири иҷрои Сарконуни Ҷумҳурии Қирғизистон, қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, фармонҳои Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, қарорҳои Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, қарорҳо ва дастуроти Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон фармонҳо ва дастурот содир карда, таъмини иҷрои онҳоро созмон медиҳад ва тафтиш мекунад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ҳисоботи роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои маъмурӣ, мақомоти дигари ҳокимияти иҷроӣ, инчунин роҳбарони идораҳои давлатии маҳаллиро шунида, қарорҳои онро, ки мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон мебошанд, бекор ва беэътибор мекунад.

## Фасли дуввум. Идораҳои давлатии маҳаллӣ

**Моддаи 76**

1. Ҳокимияти иҷроӣ дар ҳудуди воҳиди идорӣ-минтақаии марбута аз тарафи идораи давлатии маҳаллӣ амалӣ мегардад.

2. Салоҳиятҳо, ташкил ва тартиби фаъолияти идораи давлатии маҳаллӣ аз тарафи қонун муаян карда мешавад.

**Моддаи 77**

1. Идораҳои давлатии маҳаллӣ бар асоси Сарконуни Ҷумҳурии Қирғизистон, конунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва фармонҳои меъёрии ҳуқуқии Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият менамоянд.

2. Иҷрои қарорҳои идораи давлатии маҳаллӣ, ки дар доираи салоҳиятҳояш қабул намудааст, дар ҳудуди марбута ҳатмӣ мебошад.

## Фасли сеюм. Додситонӣ (прократура)

**Моддаи 78**

Назорат бар иҷрои дақиқ ва ва яксони ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ таҳассути Додситонии (прокуратураи) Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи салоҳиятҳои он сурат мегирад. Мақомоти додситонӣ таъқиботи ҷиноиро анҷом дода, дар муҳокимаи додгоҳии парвандаҳо дар ҳолатҳо ва тартибе, ки қонун пешбинӣ кардааст, иштирок менамоянд.

Конститутсия

## БОБИ ШАШУМ. ДОДГОҲҲО ВА АДЛИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

### Моддаи 79

1. Адлия дар Ҷумҳурии Қирғизистон танҳо ба воситаи додгоҳҳо сурат мегирад. Дар ҳолатҳо ва тартибе, ки қонун пешбинӣ менамояд шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаққи ширкат дар таъмини адолати додгоҳиро доранд.

2. Ҳокимияти додгоҳӣ ба воситаи мурофиаи додгоҳии конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноӣ, маъмурӣ ва дигар шаклҳои он амалӣ мегардад.

3. Ҳокимияти додгоҳии Ҷумҳурии Қирғизистон ба воситаи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон барқарор гардида, аз Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон, Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ва додгоҳҳои маҳаллӣ иборат мебошад. Тавассути қонуни конститутсионӣ метавонанд додгоҳҳои махсус ташкил ёбанд.

Ташкили додгоҳҳои фавқулода иҷозат дода намешавад.

4. Ташкил ва тартиби фаъолияти додгоҳҳо аз тарафи қонун муаян карда мешавад.

### Моддаи 80

1. Додрас танҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон итоат менамояд.

2. Додрас дорои ҳаққи масуният (дахлнопазирӣ) буда, ба истисноӣ ҳолатҳои дар сари ҷиноят дастгир шудан, наметавонад боздошт ва ё ҳабс шавад, мавриди кофтуков ва тафтиши шахсӣ қарор гирад.

Ба ҷавобгарии ҷиноӣ ва инчунин идорӣ ҷалб намудани додраси Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи тартиботи додгоҳӣ танҳо бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон имконпазир мебошад.

Масунияти додрас ба манзил, бинои хизматӣ, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, мукотибот, моликият ва ҳуҷҷатҳои вай низ дахл дорад.

3. Ҳеҷ кас ҳақ надорад аз додрас дар бораи дар робита бо парвандаи мушаххаси додгоҳӣ ҳисобот талаб намояд.

4. Додрас бо таваҷҷӯҳ ба эътибори (статуси) худ барои новобаста буданаш бо кафолатҳои иҷтимоӣ, моддӣ ва ғайра таъмин мегардад.

5. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон, ки синнаш на камтар аз 35 сол ва на бештар аз 70 сол буда, дорои маълумоти олии ҳуқуқӣ ва собиқаи на камтар аз 10 соли кор ҳамчун мутахассиси ҳуқуқшиносӣ мебошад, метавонад додраси Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ва ё Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон бошад.

Додраси Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба муддати 10 сол интихоб мегардад.

6. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон, ки синнашон на камтар аз 25 сол ва на бештар аз 65 сол буда, дорои маълумоти олии ҳуқуқӣ ва собиқаи на камтар аз панҷ соли кор ҳамчун мутахассиси ҳуқуқшиносӣ мебошанд, метавонанд додрасҳои додгоҳҳои маҳаллӣ бошанд.

Додрасҳои додгоҳҳои маҳаллӣ аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва бо розигии Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ба муддати 7 сол таъин мегарданд.

7. Эътибори (статуси) додрасҳои Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи қонуни конститутсионӣ муаян мегардад.

### Моддаи 81

1. Додрасҳо аз вазифа бо хоҳиши худ, бо сабаби вазъи саломатӣ, эътибор пайдо кардани айбномаи додгоҳ барои содир намудани ҷиноят, инчунин дигар далелҳои аз тарафи қонуни конститутсионӣ пешбинишуда озод карда мешаванд.

2. Додраси Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон метавонад бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон ва бо овози аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон аз вазифа озод карда шавад.

3. Қонуни конститутсионӣ метавонад тартиби дигари озод намудани додрасҳои Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон, Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистонро дар ҳолатҳои истеъфои онҳо бо хоҳиши худ ва ё бо сабаби вазъи саломатӣ дар назар гирад.

4. Тартиби пешбарии номзадҳо ба вазифаи додрасҳо, таъин, иваз ва озод гардидани додрасҳои додгоҳҳои маҳаллӣ ва дигар масъалаҳои фаъолияти додгоҳҳои маҳаллӣ аз тарафи қонуни конститутсионӣ таъин мегардад.

### Моддаи 82

1. Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон дар робита бо ҳимояи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон

олитарин мақоми ҳокимияти додгоҳӣ ба шумор меравад.

2. Додгоҳи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон аз Раис, ҷонишини вай ва ҳафт нафар додраси Додгоҳи Сарқонунӣ иборат аст.

3. Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон:

1) қонун ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро дар сурати муховифати онҳо бо Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ғайриконститутсионӣ эълон менамояд;

2) баҳсҳо дар мавриди амалӣ гардидан, истифода намудан ва тафсири Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистонро ҳаллу фасл мекунад;

3) ҳукми қонунӣ будани интихоботи Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон эълон менамояд;

4) дар масъалаи аз вазифа озод намудани Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин барканор кардани додрасҳои Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳукм содир мекунад;

5) дар мавриди ба ҷавобгарии ҷиноӣ ҷалб намудани додрасҳои додгоҳҳои маҳаллӣ розигии худро эълон менамояд;

6) тибқи шароити банди 2 моддаи 96 ин Сарқонун дар мавриди масъалаи ворид намудани тағирот ва иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ҳукм содир мекунад;

7) қарорҳои мақомоти худидоракунии маҳаллиро, ки бо Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон муховифат доранд, бекор мекунад;

8) масъалаи қонунӣ будани фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои диниро ҳаллу фасл менамояд;

4. Қарори Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон ниҳоӣ буда, наметавонад мавриди эътироз қарор гирад.

Дар сурате, ки Додгоҳи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои тибқи ин модда пешбинишударо ғайриқонунӣ эълон намояд, амалӣ гардидани онҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон манъ карда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ғайри онро, ки бар асоси ҳуҷҷати ғайриқонунӣ содир шудаанд, ба истиснои ҳуҷҷатҳои додгоҳӣ, бекор менамояд. Мӯҳлат ва тартиби беэътибор намудани ҳуҷҷатҳои додгоҳӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба беэътибор намудан, тибқи қонуне, ки аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳар мавриди ғайриқонунӣ донистани қонун ва ё ҳар ҳуҷҷати дигар қабул карда мешавад, муаян мегардад.

5. Тартиби иҷро ва дигар масъалаҳои мурофиаи конститутсионии додгоҳӣ тавассути қонун танзим карда мешаванд.

**Моддаи 83**

1. Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди мурофиаи додгоҳии шаҳрвандӣ, ҷиноӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳои аз тарафи қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинишуда олитарин мақоми ҳокимияти додгоҳӣ ба шумор меравад.

2. Дар Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон коллегия, ҳайати додгоҳӣ ва раёсат ташкил мегардад, ки салоҳиятҳои онҳо аз тарафи қонун муаян карда мешавад.

Мақомоти додгоҳие, ки дар Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ташкил мегарданд, дар чорчӯби аз тарафи қонун барои тартиботи додгоҳӣ пешбинишуда ҳукми додгоҳҳои поёниро баррасӣ намуда, дар бораи онҳо қарори ниҳоӣ содир мекунад.

3. Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон дар шакли аз нав баррасӣ намудани ҳукмҳои додгоҳӣ бар асоси шикояти ширкаткунандагони мурофиа, ба фаъолияти додгоҳҳои маҳаллӣ назорат мекунад. Салоҳиятҳои Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди пазируфтани ҳукми додгоҳҳои маҳаллӣ, тағири онҳо ва ё қабули қарори нав дар мавриди парванда, аз тарафи қонун муаян карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои назоратии аз тарафи Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон қабул шуда наметавонанд мавриди эътироз қарор дода шаванд.

4. Ҷаласаи умумии (пленуми) Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳайати ҳамаи додрасҳои Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳақ дорад ба додгоҳҳои поёнӣ дар масъалаи таҷрибаи додгоҳӣ шарҳу тафсири роҳнамоӣ диҳад, ки иҷрои он ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 84**

Давлат барои фаъолияти додгоҳҳо ва додрасҳо таъмини молӣ ва шароити муносиб фароҳам менамояд.

Таъмини молии додгоҳҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ сурат гирифта, тибқи қонун имкони иҷрои комил ва мустақилонаи адолати додгоҳиро фароҳам намояд.

**Моддаи 85**

1. Муҳокимаи парвандаҳо дар ҳама додгоҳҳо озод аст. Шунидани парванда дар мурофиаи пӯшида танҳо дар ҳолатҳои аз тарафи қонун пешбинишуда иҷозат дода мешавад. Ҳукми додгоҳ расман эълон мешавад.

2. Ба истиснои ҳолатҳои аз тарафи қонун пешбинишуда, мурофиаи ғоибонаи додгоҳии парвандаҳои ҷиноӣ ва парвандаҳои дигар иҷозат дода намешавад.

Конститутсия

3. Мурофиаи додгоҳ бар асоси ширкати фаъол ва ҳуқуқи баробари тарафҳо сурат мегирад.

4. Танҳо додгоҳ бар асоси тартиби аз тарафи қонун муаян гардида метавонад ҳукми додгоҳро бекор намояд, тағир диҳад ва ё манъ кунад.

5. Айбдоршаванда бар асоси парвандаи ҷиноӣ вазифадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд. Шакку шубҳаи бартарафнашаванда дар мавриди айбдорӣ ба фоидаи айбдошаванда маънидод мегардад.

6. Ҳеҷ кас наметавонад танҳо бар асоси эътирофи вай дар содир кардани ҷиноят ҳабс гардад.

7. Ҳар як нафари барои ҷиноят маҳкумшуда ҳақ дорад тибқи тартиби аз тарафи қонун пешбинӣ гардида барои баррасии такрорӣ ба мақомоти болоии додгоҳӣ мурочиат намояд, инчунин ҳақ дорад афв ва ё сабук кардани ҷазоро талаб намояд.

8. Ҳеҷ кас набояд барои як қонуншиканӣ ду бор ба масъулияти ҷиноӣ ҷалб гардад.

9. Истифодаи қонуни ҷиноӣ бар асоси шабоҳат (аналогия) иҷозат дода намешавад.

10. Қонуне, ки ҷавобгарии шахсро муаян ё вазнинтар менамояд, таъсири баръакс надорад. Ҳеҷ кас наметавонад барои амале, ки дар замони содир гардидани он қонуншиканӣ дониста намешуд, ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Агар баъд аз содир кардани қонуншиканӣ масъулияти он рафъ ва ё сабук карда шавад, қонуни нав қабул карда мешавад.

11. Ҳеҷ кас вазифадор нест ба муқобили худаш, ҳамсараш ва ҳешовандони наздикаш, ки доираи онҳо аз тарафи қонун муаян мегардад, шаҳодат диҳад. Қонун метавонад ҳолатҳои дигари озод сохтан аз масъулияти додани шаҳодатро муаян намояд.

12. Ҳар шахси боздоштшуда, ҳабс гардида ва ё барои содир кардани ҷиноят айбдоршуда ҳақ дорад аз замони боздошт гардидан, ҳабс шудан ва ё айбдоршавӣ аз ёрии адвокат (ҳимоятгар) истифода намояд.

13. Ҳуқуқҳои онҳое, ки қурбонии ҷиноят ва суистифода аз ҳокимият гардидаанд, аз тарафи қонун ҳимоя мегардад.

**Моддаи 86**

1. Ҳукми додгоҳҳои Ҷумҳурии Қирғизистон аз замони эътибор пайдо намуданашон барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои хоҷагӣ, иттиҳодияҳои иҷтимоӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ буда, дар саросари ҷумҳурӣ иҷро мегардад.

2. Иҷро нагардидан, иҷрои номуносиб ва ё мамоният намудан ба иҷрои ҳукми додгоҳ, инчунин даҳолат ба фаъолияти додгоҳҳо тибқи қонун ҷавобгарӣ дорад.

**Моддаи 87**

1. Додгоҳ ҳақ надорад ҳукми (акти) меъёрии ҳуқуқиеро содир намояд, ки мухолифи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон бошад.

2. Агар дар ҷараёни баррасии парванда дар ҳар додгоҳе масъалаи конститутсионӣ будани қонун ё ҳукми (акти) меъёрии ҳуқуқии дигар сар занад, ки қарори додгоҳ ба он вобаста бошад, додгоҳ дархостро ба Додгоҳи Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон мефиристад.

**Моддаи 87**

1. Дар сурати айбдоршавии кулли ва ҳар гуна айбдоршавии дигар шаҳрванд ҳаққи ҳимоя аз шаъну шараф, шоистагӣ ва обрӯи касбиро дошта, аз ҳуқуқ дар додгоҳ бархурдор аст; дар ҳеҷ ҳолат ин гуна ҳимояи додгоҳӣ манъ карда намешавад.

2. Ҳимоя ҳаққи халалдоршавандаи шахс дар ҳар дараҷаи раванди баррасии парвандаи додгоҳ мебошад. Дар сурати надоштани имкони молӣ, шаҳрванд аз ҳисоби давлат бо ёрӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ таъмин мегардад.

3. Ҳуқуқҳои мурофиавии раванди додгоҳ, аз ҷумла ҳаққи эътироз аз қарор, ҳукм ва дигар ҳуҷҷатҳои додгоҳ, инчунин тартиби амалӣ намудани онҳо аз тарафи қонун муаян мегардад.

**Моддаи 89**

1. Бори исботи гуноҳ доир ба парвандаҳои ҷиноӣ ва илорӣ ба дӯши айбдоркунанда мебошад.

2. Далелҳое, ки бо вайрон кардани қонун ба даст оварда шудаанд, номавҷуд ҳисоб гардида, дар додгоҳ ба онҳо истинод оварда намешавад.

**Моддаи 90**

Усули (принсипҳои) адлия барои ҳама додгоҳҳо ва додрасҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон, ки дар ин Сарқонун зикр нагардидаанд, аз тарафи қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон муаян мегарданд.

## БОБИ ҲАФТУМ. ХУДИДОРАИ МАҲАЛЛӢ

**Моддаи 91**

Худидораи маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи ҷамъиятҳои маҳаллӣ, ки дар чорчӯби қонун ва масъулияти худ ба корҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ роҳбарӣ менамоянд, амалӣ карда мешавад.



**Моддаи 92**

1. Идора кардани корҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ба воситаи шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ ва дигар

макомоте, ки аз ҷониби худи аҳолӣ тибқи қонун ташкил мешаванд, амалӣ мегарданд.

Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ метавонанд дар ихтиёри худ моликияти маҳаллӣ (муниципиалӣ) дошта бошанд, онро идора кунанд ва истифода намоянд.

2. Бо қарори ҷаласаи шаҳрвандон, воситаи шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ ва ё мақоми дигари намояндагии худидораи маҳаллӣ, дар ҳудуди деҳаҳо, шаҳракҳо, шаҳрҳо аз ҳисоби ришсафедон (оқсақолон) ва дигар шаҳрвандон, ки соҳиби эҳтиром ва обурӯ мебошанд, метавонад додгоҳҳои ришсафедон (оқсақолон) ташкил гардад.

3. Додгоҳҳои ришсафедон (оқсақолон) масъалаҳои баҳсангезеро, ки бо розигии тарафҳо дар мавриди моликият, оила ва дигар корҳои аз тарафи қонун пешбинишуда ба онҳо дода мешавад, баррасӣ намуда, барои оштӣ додани тарафҳо ҳукми одилонае, содир менамоянд, ки бо қонун мухолифат надошта бошад.

4. Қарори додгоҳҳои ришсафедон (оқсақолон) метавонад бо тартиби аз тарафи қонунгузорӣ пешбинӣ гардида, мавриди эътироз қарор дода шавад.

**Моддаи 93**

Қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллиро муаян намуда, муносибати онҳо бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатиро танзим мекунанд.

**Моддаи 94**

Ба мақомоти худидораи маҳаллӣ метавонанд салоҳиятҳои ҷудогонаи давлатӣ вогузор шуда, барои ин ба онҳо имконоти лозими пулӣ ва молӣ фароҳам гардад. Дар мавриди салоҳиятҳои вогузоршуда мақомоти худидораи маҳаллӣ тобеи мақомоти давлатӣ мебошанд.

**Моддаи 95**

1. Шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ:

- барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва ҳимояи иҷтимоии аҳолиро тасдиқ ва назорат менамоянд.
- буҷети маҳаллӣ ва гузориши иҷрои онро тасдиқ менамоянд, инчунин дар бораи истифодаи фондҳои ғайрибуҷетӣ маълумотро дарёфт мекунад.

2. Шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ ҳақ доранд бо аз се ду ҳиссаи овози шумораи умумии вакилон ба роҳбари идораи давлатии маҳаллии воҳиди марбутаи минтақаӣ нобоварӣ баён намоянд.

3. Шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ новобаста аз идораҳои давлатии маҳаллӣ фаъолият мекунанд.

4. Шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ ва мақомоти иҷроии онҳо дар ҳудуди салоҳиятҳои худ, ки тавассути Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Қирғизистон муайян гардидаанд, ҳуҷҷатҳоеро қабул мекунанд, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди ин шӯроҳо ҳатмист.

5. Шӯроҳои (кенешҳои) маҳаллӣ ва дигар мақомоти худидораи маҳаллӣ дар назди давлат дар мавриди риоя ва иҷрои қонунҳо ва дар назди ҷамъияти маҳаллӣ барои натиҷаҳои фаъолияти худ масъулият доранд.

6. Вакили шӯрои (кенеши) маҳаллӣ ба мӯҳлати 4 сол интихоб гардида, наметавонад барои изҳори фикру ақида ва натиҷаи овоздиҳӣ дар Шӯрои (кенеши) маҳаллӣ мавриди таъқиб қарор дода шавад.

## БОБИ ҲАШТУМ. ТАРТИБИ ТАҒИРОТ ВА ТАКМИЛИ САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**Моддаи 96**

1. Тағироту иловаҳо ба ин Сарқонун аз тариқи раъйпурсӣ, ки Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон таъин менамояд, ворид карда мешавад.

2. Тағироту иловаҳо метавонанд бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо аксарияти овози вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ё бо ташаббуси на камтар аз 300 ҳазор интихобкунанда қабул гарданд.

3. Пешниҳод дар мавриди тағиру иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷониби Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон бо назардошти хулосаи Додгоҳи Сарқонунии Ҷумҳурии Қирғизистон на зудтар аз се моҳ ва на дертар аз шаш моҳи ворид шуданашон ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон баррасӣ мегарданд.

4. Матни лоиҳаи қонун дар мавриди тағироту иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Қирғизистон наметавонад дар ҷараёни баррасии онҳо дар Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон тағир дода шавад.

**Моддаи 97**

1. Тағироту иловаҳо ба ин Сарқонун аз тарафи Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон вақте қабул мегардад, ки ба тарафдории онҳо на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон овоз диҳанд.

2. Пешниҳоде, ки рад гардидааст наметавонад зудтар аз аз як сол дубора ба Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод гардад.

*Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон*
*А. Акаев*

Конститутсия

# КОНВЕНСИЯИ

## Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон

Давлатҳои-иштироккунандаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, минбаъд Тарафҳои Аҳдкунанда, бо назардошти Эъломияи ҳуқуқи башар, Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва Протоколи факултативӣ ба ин аҳднома, инчунин ӯҳдадориҳои байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки дар доираи САҲА (ШАҲА) ба қабул расидаанд, бо назардошти он, ки ҳуҷҷатҳои зикргардида мақсади таъмин намудани эътирофи умумибашарию самаранок ва риояи ҳуқуқҳои дар онҳо эълонгардидаро доранд, бо назардошти Эъломияи сарони давлатҳои иштироккунандаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ӯҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, бо эътирофи он, ки аз тарафи тамоми давлатҳои иштироккунандаи ИДМ риоя шудани стандартҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, такмилу баланд бардоштани эҳтиром нисбат ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, новобаста аз нажод, ҷинс, забон, ақоиди сиёсӣ, мазҳаб ва насаби иҷтимоӣ ба тақвияти дигаргуниҳои демократӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва тартибот мусоидат мекунанд, барои иҷрои босамаронаи ӯҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ чиддӣ ҷаҳд намуда, бо саъю кӯшиши дастаҷамъонаи Тарафҳои Аҳдкунанда дар таҳкими идеалҳои озодӣ ва волояти қонун, пешгирии поймолкунии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, анъанаҳои таҳаммул ва дӯстии башарият (халқҳо), таҳкими сулҳи шаҳрвандӣ ва ваҳдат, бо эҳтимолияи он, ки ин саъю кӯшишҳо барои эҳтироми умумибашарӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ тибқи ҳуҷҷатҳои байналмилалию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон мусоидат мекунанд, ба мувофиқаи зайл расиданд.

**Моддаи 1**

Тарафҳои Аҳдкунанда ҳар як шахсеро, ки дар ихтиёроти ҳуқуқии онҳо мебошад, бо ҳуқуқу озодиҳои дар Конвенсияи мазкур изҳоршуда таъмин мекунанд.

**Моддаи 2**

1. Қонун ҳуқуқи ҳар як шахсро ба зиндагӣ ҳифз менамояд. Ҳеҷ касро қасдан аз ҳаёт маҳрум кардан мумкин нест. Ҳукми қатл, ки ҳоло бeэътибор карда нашудааст, танҳо бо ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин истифода мегардад.

2. Ҳукми қатл, чун қоида, нисбат ба занҳо бароварда намешавад, нисбат ба занҳое, ки ҳангоми баровардани ҳукм ҳомиладоранд, ҳукми қатл баровардан мумкин нест ва ҳукми қатлро нисбат ба занҳое, ки ҳангоми иҷрои ҳукм ҳомиладоранд, ба иҷро расонидан мумкин нест.

3. нисбат ба шахсе, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ба синни 18-солагӣ нарасидааст, ҳукми қатл баровардан мумкин нест.

4. Аз ҳаёт маҳрум намудан, агар он дар натиҷаи истифода бурдани қувва танҳо дар ҳолатҳои ниҳоятан зарур ва барои ҳифз намудани худ, ки қонунгузории миллӣ пешбинӣ намудааст, содир шуда бошад, вайронкунии муқаррароти моддаи мазкур ҳисобида намешавад.

**Моддаи 3**

Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ё муносибати бераҳмонаю izzati нафсашро поймолкунанда қарор гирад. Ҳеҷ кас набояд бе розигии озодонаи худ таҳти ғажӯҳиши тиббӣ ва ё илмӣ қарор гирад.

**Моддаи 4**

1. Ҳеҷ кас набояд ба ғуломӣ гирифтор карда шавад ва ё ҷабран дар асорат нигоҳ дошта шавад.
2. Ҳеҷ кас набояд таҳти меҳнати иҷборию ҳатмӣ қарор гирад.
3. Дар моддаи мазкур ба мафҳуми «меҳнати иҷборию ҳатмӣ» инҳо дахл надоранд:

а) ҳар гуна коре, ки ҳангоми тибқи муқаррароти моддаи Конвенсияи мазкур ҳабс гардидан ва ё дар давраи аз чунин маҳбас шартан озод шудан одатан бояд иҷро шавад;

б) ҳар гуна хизмати хусусияти ҳарбидошта, нисбат ба Тарафҳои Аҳдкунанда бошад, хизмате, ки иҷрои он ба ҷои хизмати ҳарбии ҳатмӣ бо сабабҳои сиёсӣ ва ё динию қавмӣ аз ин гуна хизмат рӯй гардонидани одамон талаб карда мешавад;

в) ҳар гуна хизмати ҳатмӣ ҳангоми вазъи фавқулодда ва ё рӯй додани офатҳои ба ҳаёт ё саломатии аҳолӣ таҳдидкунанда;

г) ҳар гуна кор ё хизмате, ки ба ӯҳдадориҳои муқаррарии шаҳрвандӣ дохил мешавад;

д) аз тарафи волидони иҷро шудани вазифаҳояшон оид ба фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои кӯдаконашон ва аз тарафи фарзандони болиғ иҷро шудани вазифаҳояшон оид ба нигоҳубини волидони корношоями ба кӯмаки онҳо муҳтоҷ.



**Моддаи 5**

1. Ҳар як фард ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ маҳрум карда

шавад, ба истиснои ҳолатҳое ва мутобиқи қоидахое, ки қонунгузории миллӣ муқаррар кардааст:

а) нигоҳдории қонунии шахс дар ҳабс баъди аз тарафи суди салоҳиятдор бароварда шудани ҳукм;

б) ҳабси қонунӣ ё боздошт шудани шахс;

в) қонунан боздошт шудани ноболиғ бо мақсади таҳвили парванда барои тафтиш, баровардани қарор дар бораи ҷазо ё ба суд.

2. Ба ҳар шахси ҳабсшуда бо забони ба вай фаҳмо сабаби ҳабсшавиаш фаҳмонида мешавад.

3. Ҳар як шахси дар натиҷаи ҳабс ё боздошт шудан аз озодӣ маҳрумгашта, тибқи қонунгузории миллӣ ҳуқуқ дорад, ки нисбат ба парвандаи ӯ дар бораи қонунӣ будани ҳабс шуданаш тафтишоти судӣ гузаронида шавад.

4. Ҳамаи шахсоне, ки аз озодӣ маҳрум гаштаанд, ба муносибати одамдӯстонаю эҳтироми иззати нафси ба шахсияти инсон хос ҳуқуқ доранд. Шахсони ғайриқонунӣ ҳабсшуда тибқи қонунгузории миллӣ ба ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда ҳуқуқ доранд.

### Моддаи 6

1. Ҳамаи шахсон дар назди суд баробаранд.

Ҳангоми баррасии ҳар гуна парванда ҳар шахс ба тафтишоти одилонаю ошкоро, дар мӯҳлати муқаррар ва аз тарафи суди бегараз ҳуқуқ дорад. Қарор ва ё ҳукми суд ошкоро бароварда мешавад, вале тафтишоти судӣ ё қисме аз он метавонад барои нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, сирри давлатӣ ва ё агар ниро манфиатҳои наврасон ё ҳифзи тарафҳои ниҳонии ҳаёти шахсони дар парванда иштироккунанда талаб кунанд, хусусияти пӯшида дошта бошад.

2. Ҳар як шахси дар содир намудани ҷиноят айбдоршаванда то тибқи қонун исбот шудани гуноҳаш бегуноҳ ҳисобида мешавад.

3. Ҳар як шахси дар содир намудани ҷиноят айбдоршаванда ба ҳадди ақалл ҳуқуқҳои зайл дорад:

а) фавран, батафсил ва бо забони ба ӯ фаҳмо оид ба хусусият ва асоси айбдоргардиаш огоҳонида шавад;

б) барои худро ҳимоя намудан вақт ва имконияти кофӣ дошта бошад;

в) шахсан ё ба воситаи ҳимоятгари интихобнамудааш худро ҳимоя кунад ва ё, агар манфиати адлия инро талаб намояд, ҳимоятгари ба ӯ таъйиншударо дошта бошад, инчунин дар ҳолатҳои бо қонунгузории миллӣ муайяншуда кӯмаки ройгони ҳимоятгарро истифода барад.

г) ба суд бо илтимоснома дар бораи гузаронидани истинтоқи (бозпурсии) шоҳидон, муоина, талаб намудани ҳуҷҷатҳо, таъйин намудани экспертиза ва амалиёти дигари тафтишотӣ муроҷиат намояд;

д) кӯмаки ройгони тарҷумонро истифода барад, агар забони дар суд истифодашавандаро нафаҳмад ё бо он забон гап назанад;

е) барои бар зидди худ маълумот додан ё худро гунаҳкор донистан маҷбур карда нашавад.

### Моддаи 7

1. Касе барои рафторе, ки тибқи қонунгузории миллӣ ё ҳуқуқи байналмилалии ҳангоми содир шуданаш амалкунанда ҷиноят ҳисоб намешуд, ҷавобгӯ шуда наметавонад. Ҳамчунин ҷазои вазнинтаре таъйин шуда наметавонад ба ғайр аз оне, ки дар лаҳзаи содир шудани ҷиноят мавриди татбиқ буд. Агар баъди содир шудани ҷиноят қонун ҷазои сабуктаре муқаррар намояд ва ё ҷавобгарӣ барои он бартараф шуда бошад, қонуни нав татбиқ мегардад.

2. Касе, ки барои ҷинояти содирнамудааш дар асоси қонунгузории миллӣ маҳкум шудааст ё ҷазо дидааст, наметавонад барои ин ҷиноят дубора маҳкум шавад ё ҷазо бинад. Ҳар маҳкумшуда мутобиқи қонун ба баррасии дубораи ҳукми суд аз тарафи зинаи болоии судӣ, инчунин барои талаб намудани афв ё сабук гардонидани ҷазо ҳуқуқ дорад.

### Моддаи 8

Касе дар асоси оне, ки қобилияти иҷро намудани ягон ӯҳдадории шартномавиро надорад, аз озодӣ маҳрум шуда наметавонад.

### Моддаи 9

1. Ҳар як кас ба ҳурмату эҳтиром нисбат ба ҳаёти шахсию оилавӣ, дахлнопазирии манзил ва сирри мукотиботаш ҳуқуқ дорад.

2. Ягон мақоми давлатӣ набояд ба истифодаи ин ҳуқуқ дахолат кунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин гуна дахолатро қонун пешбинӣ намудааст ва он дар ҷомеаи демократӣ барои таъмини бехатарии давлатию ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар зарур бошад.

### Моддаи 10

1. Ҳар як шахс ба озодии фикр, виҷдон ва эътиқоди динӣ ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ аз интихоби озодонаи дин ё ақоид, аз омӯзиши озодонаи дин ва ақоиди худ ҳам ба таври фардию ҳам якҷоя бо дигарон, аз иҷрои маросимҳои динӣ, риоя ва пайравӣ намудан ба расму оинҳои динӣ ва мувофиқи он амал кардан иборат аст.

2. Озодии омӯзиши дин ё ақоид танҳо он маҳдудиятҳоеро дорад, ки қонун пешбинӣ намудааст ва он...

Конвенсия

дар ҷомеаи демократӣ барои таъмини бехатарии давлату ҷамъият, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ ё барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсони дигар зарур мебошанд.

**Моддаи 11**

1. Ҳар кас ҳуқуқ дорад фикру ақоиди худро озодона баён намояд. Ин ҳуқуқ аз озодии пайравӣ намудан ба ақоиди худ, бе дахолати ҳокимияти давлатӣ ва бевосита аз сарҳадоти давлатӣ бо роҳи қонунӣ дастрас намудану паҳн кардани иттилоот ва ақоид иборат аст.

2. Азбаски истифодаи ин озодиҳо ӯҳдадорию масъулият вогузор менамояд, он мумкин аст бо расмиятҳо, шартҳо ва маҳдудиятҳои барои таъмини бехатарии давлату ҷамъият, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ ё барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсони дигар зарурӣ, ки қонун пешбинӣ намудааст, вобаста бошад.

**Моддаи 12**

Ҳар шахс ҳуқуқи озодона гузаронидани ҷаласаҳои мусолиҳавӣ ва озодии созмони иттиҳодияҳои муштарак, аз ҷумла, созмон додани иттифоқҳои касаба ва ҳуқуқи узвияти чунин ташкилотро дорад.

2. Истифодаи чунин ҳуқуқҳо ягон маҳдудияте надорад, ба истисноси ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст ва он дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати бехатарии давлатию ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар зарур бошад. Моддаи мазкур ба муқаррар намудани маҳдудияти қонунии истифодаи чунин ҳуқуқҳои он шахсоне, ки дар ҳайати қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи тартибот ё маъмурии давлат мебошанд, монеият намекунад.

**Моддаи 13**

Марду зане, ки ба синну соли хонадоршавӣ расидаанд, метавонанд издивоҷ кунанд ва тибқи қонунгузории миллии танзимкунандаи ин ҳуқуқ оила барпо намоянд.

2. Ақди никоҳ танҳо дар мавриди озодона ва пурра розӣ будани издивоҷкунандагон баста мешавад.

3. Бо мақсади таъмин намудани шароитҳои зарурӣ барои рушди оила, ки қисми асосии таркиботии ҷомеа мебошад, Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, тавассути додани ҷубронпулиҳои иҷтимоию оилавӣ, имтиёзҳои андозбандӣ, бо манзил таъмин намудани оила, ҷубронпулиҳо барои оилаҳои навбунёд ва воситаҳои дигари зарурӣ ба ҳифзи иқтисодию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҳаёти оилавӣ мусоидат намоянд.

**Моддаи 14**

1. Ҳар шахс ба меҳнат, ҳимоя аз бекорӣ, инчунин ба подоши баробари хизмат барои кори баробарқимат, аз ҷумла ба гирифтани имтиёзҳо, ба шароити якхела нисбат ба меҳнати баробарқимат ва муомилаи якхела ҳангоми баҳодиҳӣ ба сифати кораш ҳуқуқ дорад.

2. Бо мақсади таъмини амалигардии пурраи ҳуқуқҳои коргаргарзанҳо Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд:

а) ба занҳое, ки то ва баъди таваллуд шудани кӯдак тибқи қонунгузории миллӣ рухсатии пардохтшаванда мегиранд, аз фондҳои таъминоти иҷтимоӣ ё махзанҳои ҷамъиятӣ ҷубронпулиҳои кофӣ диҳанд;

б) агар соҳибкор занеро дар бораи аз кор озод намудани ӯ ҳангоми рухсатӣ бо сабаби ҳомиладорӣ ба кор наомаданаш огоҳонад ё ӯро дар бораи аз кор озод шуданаш баъди ба охир расидани мӯҳлати огоҳинома ҳангоми набуданаш огоҳ созад, ин амалро ғайриқонунӣ ҳисобанд;

в) модаронеро, ки кӯдаки ширхора доранд, барои ширдодан ба кӯдакашон бо вақти холӣ ба таври кофӣ таъмин намоянд;

г) қабули занҳоро ба кори шабона дар саноат танзим намоянд;

д) қабул намудани занҳоро ба корҳои зеризаминӣ барои истихроҷи маъдан ва мутобиқан ба корҳои дигари ба ин монанде, ки бо сабаби хавфнок ва ба саломатӣ зараровар ё вазнин буданашон ба онҳо мувофиқ нестанд, танзим кунанд.

**Моддаи 15**

Бо мақсади таъмини амалигардии босамараи ҳуқуқ ва ҳифзи саломатӣ Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, ки бевосита ва ё дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ё хусусӣ чораҳои мувофиқ андешанд, алалхусус чораҳое, ки ба таъмини:

а) дараҷаи баландтарини бартараф намудани сабабҳои бадшавии саломатӣ;

б) хизматҳои машваратӣ ва асосҳои таълимӣ барои таҳкими саломатӣ ва ҳавасмандкунӣ ба масъулиятноки шахсӣ дар масоили саломатӣ;

в) шароитҳои санитарию гигиенӣ, ки пайдоиши бемориҳои сирояткунанда, вогир ва бемориҳои дигарро пешгирӣ мекунанд, равона шуда бошанд.

**Моддаи 16**

1. Ҳар шахс ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла таъминоти иҷтимоӣ мувофиқи синну сол, дар ҳолати беморӣ, маъюбӣ, бесаробонӣ монданм, тарбияи кӯдакон ва дигар ҳолатҳои бо қонунгузории миллӣ муқарраршуда ҳуқуқ дорад.

2. Бо мақсади таъмини амалигардии босамари ҳуқуқҳо ба кӯмаки иҷтимоӣ ва тиббӣ Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, ба ҳар шахсе, ки маблағи кофӣ надорад ва чунин маблағро бо кӯшишҳои худ ё аз манбаъҳои дигар, чунончи, аз ҳисоби имтиёзҳо дар доираи системаи таъминоти иҷтимоӣ ба даст оварда наметавонад, шароит таъмин созанд, то ӯ кӯмаки зарурӣ гирад ва дар ҳолати беморӣ нигоҳубини зарурӣ ёбад.

3. Бо мақсади таъмини амалигардии босамари ҳуқуқи модарону кӯдакон ба ҳифзи иҷтимоию иқтисодӣ Тарафҳои Аҳдкунанда дар ин самт тамоми чораҳои зарурӣ, аз ҷумла ташкилу таъмини институтҳо ё хадамоти даххлдорро меандешанд.

**Моддаи 17**

Ҳар ноболиғ ба чораҳои махсуси ҳифз, ки вазъи ӯ аз тарафи оила, ҷомеа ва давлат онро тақозо менамояд, ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 18**

Бо мақсади таъмини амалигардии босамари ҳуқуқи шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ақлонӣ корношоям ба барқарор намудани коршоямӣ, тайёрии касбӣ ва бозгашт ба ҳаёти ҷамъиятӣ Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, ки:

а) оид ба ташкил намудани муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, ҳангоми зарурат, муассисаҳои давлатӣ ё хусусии махсусгардонидашуда;
б) барои бо кор таъмин намудани шахсони корношоям, аз ҷумла ташаккул додани хадамоти махсусгардонидашуда оид ба таъмини кор, муассисаҳои барои меҳнат шароити махсусдошта ва чораҳои ҳавасмандгардонии кордиҳандагоне, ки маъюбонро бо кор таъмин мекунанд, чораҳои зарурӣ андешанд.

**Моддаи 19**

Ҳар касе, ки ҳуқуқу озодиҳояш поймол гардидаанд, барои он ҳуқуқ дорад, ки ҳуқуқу озодиҳояш тибқи қонунгузории миллӣ пурра барқароркарда шаванд.

**Моддаи 20**

1. Ҳама дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳар гуна поймолкуниҳои ҳуқуқи (маҳдудият) ба ҳимояи баробари қонун ҳуқуқ доранд.

2. Истифодаи ҳуқуқу озодиҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ба ҳама, новобаста аз ҷинс, нажод, ранги пӯст, забон, мазҳаб, ақоиди сиёсӣ ё ақидаҳои дигар, мансубияти миллӣ, иҷтимоӣ, мансубият ба ақаллияти миллӣ, вазъи амволӣ ва мансаб, ҷои таваллуд ё ҷиҳати дигар бе поймолкунии ҳуқуқӣ (бе маҳдудият) кафолат дода мешаванд.

**Моддаи 21**

Ҳуқуқи шахсони ба ақаллияти миллӣ мансуббуда барои ба тарзи инфиродӣ, дастаҷамъӣ ва бе мамоният изҳор намудан, нигоҳ доштан ва такмил додани махсусияти нажодӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва мазҳабияшон набояд рад шавад.

**Моддаи 22**

1. Ҳар касе, ки дар ҳудуди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда қарор дорад, ҳуқуқ дорад дар ин ҳудуд озодона рафтуомад кунад ва маҳалли иқомат интихоб намояд.

2. Ҳар кас ҳуқуқи тарк кардани ҳар кадом мамлакат, аз ҷумла мамлакати худро дорад.

3. Ҳуқуқҳои дар бандҳои 1 ва 2 моддаи мазкур ифодаёфта мавзӯи ягон маҳдудият шуда наметавонанд, ба ғайр аз онҳое, ки қонун барои таъмини бехатарии давлатӣ ё ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, барои ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар пешбинӣ намудааст.

4. Ҳуқуқҳое, ки дар банди 1 моддаи мазкур ифода ёфтаанд, метавонанд дар ноҳияҳои муайяншуда низ тибқи қонун ва ба манфиати ҷомеа маҳдуд карда шаванд.

**Моддаи 23**

Ҳар кас, дар куҷое набошад, ҳуқуқ дорад ҳамчун шахси дорои ҳуқуқу озодиҳо шинохта шавад.

**Моддаи 24**

1. Ҳар шахс ҳуқуқи шаҳрвандӣ дорад.

2. Ҳеҷ касро аз шаҳрвандиаш ё аз ҳуқуқи тағйири шаҳрвандиаш худсарона маҳрум кардан мумкин нест.

**Моддаи 25**

1. Ҳеҷ касро аз ҳудуди давлате, ки ӯ шаҳрванди он мебошад, ба тарзи инфиродӣ ё дар натиҷаи ихроҷи дастаҷамъӣ рондан мумкин нест.

2. Ҳеҷ касро аз ҳуқуқи воридшавӣ ба ҳудуди давлате, ки ӯ шаҳрванди он мебошад, маҳрум намудан мумкин нест.

3. Шахси хориҷиеро, ки ба таври қонунӣ дар ҳудуди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда қарор дорад, танҳо ба

Конвенсия

мақсади иҷрои қарори қонунӣ қабулшуда ронидан равост ва ӯ бояд нисбат ба нодурустии бадарга имконияти пешниҳод намудани далелҳоро дошта бошад.

4. Бадаргаи дастаҷамъи хориҷиён манъ аст.

### Моддаи 26

1. Ҳар як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқи соҳибмулк будаиро дорад. Ҳеҷ касро аз амволаш маҳрум кардан мумкин нест ба истиснои ҳолатҳое, ки ба манфиати ҷамъиятӣ, ба тариқи суд ва бо риояи шартҳои тибқи қонунгузории миллӣ пешбинишуда ва принсипҳои маъмули ҳуқуқи байналмилалӣ бошанд.

2. Муқаррароти дар боло зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Тарафи Аҳдкунанда дар қабул намудани қонунҳое, ки вай барои назорати истифодаи чисмҳои ба манфиати давлатию ҷамъиятии аз муомилоти умумӣ хориҷшуда зарур медонад, тааллуқ надорад.

### Моддаи 27

1. Ба ҳеҷ кас ҳуқуқи таҳсилро манъ кардан мумкин нест. Ҳангоми амалисозии ҳар гуна вазифаҳое, ки Тарафи Аҳдкунанда нисбат ба маориф ва таълим ба ӯҳда гирифтааст, вай бояд ҳуқуқи волидонро дар таъмин намудани фарзандонашон бо он маълумоте, ки ба ақидаи худи онҳо ва анъанаҳои миллӣ мувофиқат дорад, эҳтиром намояд.

2. Таълими ибтидоӣ, таълими асосии ҳамагонӣ ҳатмӣ ва ройгон мебошанд.

3. Ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда он ҳадди ақалли синну солро муқаррар мекунад, ки таълим то ба он расидан ҳатмист ва он наметавонад аз синну соле, ки бо қонун тибқи стандартҳои маъмули байналмилалӣ оид ба синни ақалӣ ҳангоми ба кор қабул намудан муқаррар шудааст, паст бошад.

### Моддаи 28

Бо мақсади таъмини амалигардии босамари ҳуқуқ ба таҳсили касбӣ Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, ки:

1. Таълими техникӣ ё касбии ҳамагонӣ, аз ҷумла маъюбонро ба қадри зарурӣ таъмин ва ҳавасманд гардонанд, дар мувофиқа бо иттиҳодияҳои касаба барои гирифтани маълумоти олӣ танҳо дар асоси қобилияти инфиродӣ имконият пешниҳод намоянд.

2. Барои ташкили:

а) асосҳои воҷибу васеи таълимии барои коргарон дастрас;

б) марказҳои махсуси азнавтайёркунии коргарон, ки рушди техникӣ ё тамоюлоти нав дар соҳаи шуғл боиси он гардидааст,

ба қадри зарурӣ мусоидат намоянд ё шароит фароҳам оваранд.

3. Барои истифодаи пурраи имтиёзҳое, ки вобаста ба чораҳои даҳлдор дода мешаванд, мусоидат кунанд, аз он ҷумла барои:

а) ихтисор ё барҳамдиҳии ҳар гуна боҷу пардохтҳо;

б) дар ҳолатҳои даҳлдор расонидани кӯмаки моддӣ;

в) бо хоҳиши кордиҳанда ба рӯзи кории одӣ дохил кардани вақте, ки ба азнавтайёркунии иловагии коргар сарф шудааст;

г) таъмини самаранокии тайёрии шогирдон ва чорабиниҳои дигари таълимӣ барои коргарони ҷавон, инчунин ҳифзи кулли манфиатҳои коргарони ҷавон, дар сурати мавҷуд будани назорати даҳлдори бо иттиҳодияҳои иттифоқи касаба мувофиқашуда.

### Моддаи 29

Ҳар шахс мутобиқи қонунгузории миллӣ дар давлате, ки шаҳрванди он мебошад, ҳуқуқ ва имкониятҳо дорад:

а) дар идора ва бурдани корҳои давлатӣ бевосита ва ё тавассути намояндаҳое, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат варзад;

б) дар интихоботе, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробарона бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад ва изҳори озодонаи иродаи интихобкунандагонро таъмин месозад, овоз диҳад ва интихоб гардад;

в) дар мамлакати худ дар асоси шартҳои баробарӣ ба хизмати давлатӣ роҳ дода шавад.

### Моддаи 30

Дар моддаҳои 11, 12 ва 20 барои он, ки Тарафҳои Аҳдкунанда нисбат ба фаъолияти сиёсии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа маҳдудиятҳо татбиқ намоянд, чизе ҳамчун монеа баррасӣ намешавад.

### Моддаи 31

Чизеро дар Конвенсияи мазкур ҳамчун имконияти кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда, гурӯҳи шахсон ё шахси алоҳидае барои машғул шудан бо ягон фаъолият ё содир намудани амале, ки ба маҳви ҳуқуқу озодиҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта равона шуда бошад, шарҳ додан мумкин нест.

**Моддаи 32**

Маҳдудиятҳое, ки тибқи Конвенсияи мазкур нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои ифода..., набояд барои мақсадҳои дигар татбиқ гарданд, ба истиснои мақсадҳое, ки барояшон пеш...

**Моддаи 33**

Чизеро дар Конвенсияи мазкур ҳамчун маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, ки ... конунгузории Тарафи Аҳдкунандаи дахлдор, инчунин бо ҳуҷҷати байналмилалии умда дар соҳаи ҳуқуқи инсон эътироф гардидаанд ё кафолат дода шудаанд, шарҳ додан мумкин нест.

**Моддаи 34**

Назорати иҷрои Конвенсияи мазкурро Комиссияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки Низомномаи он қисми ҷудонопазири Конвенсияи мазкур аст, амалӣ метардонад.

**Моддаи 35**

1. Дар давраи ҷанг ё вазъи фавқулоддаи дигаре, ки ба манфиатҳои волои ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда таҳдид мекунад, ҳар кадоми онҳо метавонанд оид ба даст кашидан аз ӯҳдадориҳои худ, ки тибқи Конвенсияи мазкур қабул намудаанд, чораҳо бинанд, танҳо ба он дараҷае, ки вазъият тақозо менамояд ва ба шарте, ки ин чораҳо ба ӯҳдадориҳои дигари онҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ зиддият надошта бошанд ва ба поймолкунии он тибқи аломатҳои дар моддаи 20 Конвенсияи мазкур зикргардида оварда нарасонанд.

2. Ягон даст кашӣ аз моддаи 2 Конвенсияи мазкур, ба истиснои ҳолатҳое, ки одамон дар натиҷаи амалиёти ҳарбии қонунӣ ба ҳалокат расидаанд, ё дасткашӣ аз моддаи 3, банди 1 моддаи 4 ва моддаи 7 Конвенсияи мазкур дар асоси банди 1 моддаи мазкур мумкин нест.

3. Ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ҳуқуқи дасткашӣ аз ӯҳдадориро истифода бурдааст, ҳифзкунандаро (депозитарийро) дар бораи чораю сабабҳои ин амал огоҳ менамояд. Вай ҳифзкунандаро (депозитарийро) инчунин ҳангоми қатъ намудани амали ин чораҳо ва аз нав бақуллӣ иҷро шудани муқарраротӣ Конвенсия меогоҳонад.

**Моддаи 36**

Ҳар кадом аз Тарафи Аҳдкунанда ҳангоми имзо намудани Конвенсияи мазкур ё барои нигоҳдорӣ ирсол намудани тасдиқнома нисбат ба ҳар кадом муқаррароти мушаххаси Конвенсия метавонад дар бораи ба кадом муқарраротат мутобиқат надоштани ин ё он қонуни дар ин давра дар ҳудудаш амалкунанда тазаккурот диҳад. Тибқи моддаи мазкур додани тазаккуроти хусусияти умумидошта манъ аст.

2. Дар ҳар кадом тазаккуроте, ки тибқи моддаи мазкур дода мешавад, бояд мазмуни мухтасари қонуни дахлдор ифода ёбад.

**Моддаи 37**

1. Ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда баъди гузаштани шаш моҳ аз ирсоли огоҳинома ба ҳифзкунанда (депозитарий), ки онро ба маълумоти Тарафҳои Аҳдкунандаи дигар мерасонад, метавонад Конвенсияи мазкурро бекор кунад.

2. Чунин бекоркунии Тарафи Аҳдкунандаро, ки дар бораи бекор намудани Конвенсияи мазкур арз кардааст, аз ӯҳдадориҳои тибқи он нисбат ба ҳар гуна амале, ки метавонист ин ӯҳдадориҳоро шиканад ва то мавриди амал қарор ёфтани бекоркунӣ содир шавад, озод намекунад.

**Моддаи 38**

1. Конвенсияи мазкур, ҳамчунин Низомнома оид ба Комиссияи ҳуқуқҳои инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз рӯзи ба ҳифзкунанда (депозитарий) супоридани огоҳиномаи сеюм дар бораи ба иҷро расидани амалиёти дохилидавлатии зарурӣ аз тарафи Тарафҳои Аҳдкунанда, эътибор пайдо мекунад.

2. Барои Тарафҳои Аҳдкунандаи дигар Конвенсияи мазкур аз санаи аз тарафи ҳифзкунанда (депозитарий) гирифта шудани огоҳинома дар бораи ба иҷро расидани амалиёти дохилидавлатии дар банди 1 моддаи мазкур зикргардида аз тарафи онҳо эътибор пайдо мекунад.

**Моддаи 39**

Ба Конвенсияи мазкур баъди эътибор пайдо намуданаш давлатҳои дигаре, ки ҳамроҳшавии мақсаду принсипҳои он мебошанд, бо роҳи ба ҳифзкунанда (депозитарий) супоридани огоҳиномае, ки аз тарафи онҳо ба иҷро расидани амалиёти дохилидавлатии дар банди 1 моддаи 38 Конвенсияи мазкур зикргардидаро тасдиқ мекунад, ҳамроҳ шуда метавонанд.

Санаи аз тарафи ҳифзкунанда (депозитарий) гирифта шудани огоҳинома санаи эътибор пайдо намудани Конвенсияи мазкур барои ин гуна давлат ҳисобида мешавад.

*Дар шаҳри Минск 26 майи соли 1995 дар як нусхаи аслӣ ба забони русӣ таҳия гардид. Нусхаи аслӣ дар Котиботи Иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки он ба ҳар кадом давлати Конвенсияи мазкурро имзонамуда нусхаи тасдиқшударо мефиристонад, нигоҳ дошта мешавад.*

*Конвенсияро Озарбойҷон, Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Украина имзо накардаанд.*

максади и
пешних
4. Б

**Мод**

му
к

Подписано в печать 25.08.2006 г. Печать офсетная.
Заказ № 146. Тираж 300 экз.

Отпечатано в типографии ОсОО "Издательство "Турар"
720054, г. Бишкек, пр. Жибек-Жолу 466.

## Бунёди Байналхалқии Системаҳои Интихоботӣ (ББСИ)

Бунёди Байналхалқии Системаҳои Интихоботӣ (ББСИ) ба унвони лоиҳаи барномаи Ожонси Штатҳои Муттаҳида дар умури тараққиёти байналхалқӣ маҳсуб шуда ва аз имкони ширкат дар раванди бунёди арзишҳои демократӣ дар Осиёи Марказӣ изҳори хурсандӣ менамояд. Бунёди Байналхалқии Системаҳои Интихоботӣ (ББСИ) кӯмакҳои лозимии техникиро ба сурати ҳадафмандона барои кишварҳо мерасонад. Бунёди Байналхалқии Системаҳои Интихоботӣ (ББСИ) аз соли 1987 то кунун дар беш аз 120 кишвари дунё ташаббусҳои демократиро ҳимоят ва пуштибонӣ мекунад. Лоиҳаи мазкур дар ин муддат лоиқи боварии созмонҳои баргузоркунандаи интихоботҳо, ҳукуматҳо, ниҳодҳои кӯмаккунанда ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ гардидааст.

Вазифаи Бунёди Байналхалқии Системаҳои Интихоботӣ аз мусоидат ҷиҳати густариши демократия дар тамоми дунё иборат буда ва ба унвони сарчашмаи иттилоотӣ дар умури пешрафтҳои демократӣ ва баргузории интихоботҳо хидмат мекунад. ББСИ талошҳои худро дар роҳи пирӯзии демократия дар сар-сари ҷаҳон равона кардааст.

Бунёди Байналхалқии Системаҳои Интихоботӣ соли 1997 дафтари худро дар Ҷумҳурии Қирғизистон боз кард ва асосан аз тариқи расонидани кӯмакҳои техникӣ ба Комиссияи Марказии Интихоботӣ дар баргузории референдумҳо ва интихоботҳои озоду содиқона дар ин раванд саҳми шоистаро мегузорад. Вале марҳалаи кунунии тараққиёти Ҷумҳурии Қирғизистон нишон медиҳад, ки омӯзиши шаҳрвандӣ бояд ба унвони омили муҳими таълимоти мактабӣ баррасӣ гардад. Омӯзиши шаҳрвандӣ, ки дар ҳоли ҳозир амалӣ мегардад ба пешрафт ва тараққиёти тамоми ҷомеъа таъсиргузор хоҳад буд.

http://www.ifescentralasia.kg

## Ожонси Штатҳои Муттаҳида дар умури тараққиёти байналхалқӣ (ЮСАИД)

Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз тариқи Ожонси тараққиёти байналхалқӣ аз соли 1992 то имрӯз ба Қирғизистон кӯмакҳои хешро мерасонад. Ҳадафҳои асосии барномаҳои Ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Америка мусоидат ба тараққиёти сулҳомез ва шукуфоии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Дар чорчӯби ин барномаҳо мероси фарҳангии ин сарзамин ҳифз мегардад. Дафтари минтақавии ЮСАИД дар Осиёи Марказӣ таҳти сарпарастии сафири Штатҳои Муттаҳида дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба ин манзур фаъолияти худро амалӣ месозад.

Ҳадафи ЮСАИД дар Ҷумҳурии Қирғизистон густариши имконоти шаҳрвандон ҷиҳати ширкат дар беҳбуди роҳбарӣ, афзоиши даромадҳо ва боло бурдани сатҳи зиндагӣ эълом шуда аст. ЮСАИД талош мекунад вазифаҳои зеринро ҷомаи амал бипӯшонад: густариши соҳибкорӣ ва тиҷорат, беҳбуди идораи молӣ ва худидораи маҳаллӣ, таъсиси фарҳанги бози демократӣ, мусоидат ҷиҳати пешрафти хизматрасонии тиббӣ ва инчунин боло бурдани таъсири истифодаи захираҳои об ва энергетика.

ЮСАИД дар як вақт аз соири фаъолиятҳо, ба монанди таҳияи китобҳои дарсӣ дар бахши таҳсилоти шаҳрвандӣ, созмондиҳии лагерҳои демократӣ ва баргузории годгоҳҳои омӯзиширо ҳимоят мекунад. Чунин иқдомот имкон медиҳад, ки насли ҷавон бо арзишҳои демократӣ ошноӣ пайдо кунад.

http://www.usaid.gov/regions/europe_eurasia/car

## Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА)

Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) ба унвони ташкилоти амниятӣ баррасӣ мегардад, ки бо талошҳои муштарак ва ҳузури ҳамаҷониба масоили бехатариро ҳаллу фасл менамояд. Дафтари марказии САҲА дар Бишкек ва шӯъбаи он дар шаҳри Ош дар чаҳорчӯби салоҳиятҳои таъиншуда ҷиҳати иҷрои принсипҳои САҲА ва ӯҳдадориҳои вай талош ба харҷ медиҳанд. Масъулони ин ташкилот инчунин дар роҳи таҳкими ҳамкориҳои байни САҲА ва Қирғизистон саҳм мегиранд. Дафтари марказии САҲА дар Бишкек таҳти раёсати Булғористон ба масоили омӯзишӣ таваҷҷуҳи махсус карда ва аз соли 2004 дар чопи ин китоби таълимӣ кӯмак мерасонад. Зеро таълимоти шаҳрвандӣ ба унвони асоси ҳузури бомасъулиятонаи шаҳрвандон дар корҳои ҷамъиятӣ баррасӣ мегардад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки шаҳрвандон бо дарки ҷойгоҳи хеш, нақш ва имконоти худ дар ҷомеъаи демократӣ, донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунии худ, салоҳиятҳои худ ба унвони инсон ва шаҳрванд масъулияти худро афзоиш медиҳанд. Онҳо бо донистани ниҳодҳои демократӣ ва ҳамкории мутақобили ин ниҳодҳо бо шаҳрвандон, инчунин дарки имконоти ширкат дар фаъолияти соторҳои мазкур ҷиҳати ҳузур дар равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ алоқа нишон медиҳанд. Дар чунин ҳолат шаҳрвандон эҳсос мекунанд, ки метавонанд ба ин равандҳо таъсир гузоранд ва чун афроди масъули ватани хеш амал менамоянд.

http://www.osce.org http://www.osce.org/bishkek/